Немаловажное значение имела комбинации трёх цветов, или же триада, которая была представлена в обрядах посредством некоторых предметов. Комбинации чёрное-белое-красное и белое-красное как символ смены одного состояния другим встречаются в памирской народной культуре и особенно в заговорах и обрядах, связанных с болезнью или же исцелением. Например, при болезни «ком» использовали кровь(красное) из уха чёрной кошки (чёрное), а против болезни «*хурусак»* использовали кровь, полученную из гребня чёрного петуха [11]. Возможно, смена состояний отражает обращение к духам болезни и нечистой силе.

В современном мире одним из самых перспективных и надёжных методов лечения и оздоровления с помощью цвета является цветотерапия. И следовательно, с помощью методов цветотерапии оказывают воздействие на организм человека и в основном на его психоэмоциональное физиологическое состояние.

В заключение следует сказать, что цвет играл определённые целительские функции в процессе врачевания в народной медицине таджиков Памира. Цветовая символика была полностью подчинена прагматической цели обряда. Цветовые эпитеты содержат определённое семантическое значение и ярче выделяют мысль. Хотя множество примеров, приведённых в этой работе, относятся к иррациональным методом лечения, но они также несут определённую семантическую нагрузку и имеют научную трактовку. В настоящее время, ссылаясь на эти знания, можно применять их на практике для лучшего исхода лечения, в чём также заключается актуальность данной работы.

**Рецензент:Сайнаков С.П.-к.и.н., доцент ТГПУ имени С.Айни**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Амударьи) / М.С. Андреев. Выпуск II. Сталинабад: АН Таджикской ССР, 1958. 522 с.
2. Варќа Охониёзов. Мафҳум ва рамзи рангҳо дар назми классикии форсу тоҷикӣ. -Душанбе,2010. С. 243
3. Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии и заметки горных таджиков. Долина Бартанга. Отдельный оттиск из V тома «Сборник Музея Антропологии и Этнографии при Российской Академии наук».Пг.,1917. -С.97-148
4. Зарубин И.И. Рождение Шугнанского ребёнка и его первые шаги / В. В. Бартольд. -Ташкент,1927. -С.361-373.
5. Каландаров Т. С. Шугнанцы (историко-этнографическое исследование) / Т. С. Каландаров. -Москва, 2004. -474 с.
6. Раденкович Л. Символика цвета в славянских заговорах//Славянский и Балканский фольклор / Л. Раденкович. -Москва,1989. -28 с.
7. Шакармамадов Н. Фольклор Памира. Том 2. Мифы,легенды и сказания / Н. Шакармамадов. - Душанбе,2005. -432 с.
8. Юсуфбекова З.Семья и семейный быт шугнанцев (конец XIX - начало XX в.) / З.Юсуфбекова. - Душанбе, 2001. -С.93.

**Устные сведения:**

9. Информант: Мавджуда Мавлоназарова.1972 г.р., г. Хорог, запись от 18 июля 2022
10. Информант: Давлатбеков Худоназарбек, 1958 г.р.,к. Спинз, Шугнан, запись от 5 января 2023
11. Информант: Хубоншоева Силсиламо, 1937.г.р.Хорог.. запись от 19 декабря 2022
12. Информант: Джумахонова Хаятбегим,1943 г.р., к..Нуд,Ишкашим запись от 2 января 2022

## МАФҲУМИ РАМЗИИ РАНГҲО ДАР ТИББИ МАРДУМИИ ТОҶИКОНИ ПОМИР

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи мавқеи консепсияи ранг дар соҳаи тибби мардумии тоҷикони Помир бахшида шудааст. Мақсади мақолаи мазкур омӯзиши масъалаи семантикаи мафҳумии ранг ва аҳаммияти он дар раванди муолиҷа дар истифода аз усулҳои ратсионалӣ ва иррасионалӣ мебошад. Мақола дар асоси маълумотҳои фолклорӣ, далелҳои этнографӣ, маводҳои ҷамъшудаи муаллиф ҳангоми корҳои саҳроӣ ва мушоҳидаҳои худи муаллиф навишта шудааст. Маводи гирдоварда шуда муҳиммияти мафҳуми рамзии рангҳо дар тибби мардумӣ ва дар анъанаю маросимҳои мардумии тоҷикони Помирро чун қисми мероси фарҳангии мардум инъикос мекунад. Дар мақола масъалаи мазкур ба тариқи муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва мафҳуми рамзии ранг дар тибби мардумии халқҳои дигар низ аз назар гузаронида шудааст.

**Калидвожаҳо**: ранг, маросим, мафҳуми рамзии ранг, тоҷикони Помир, чашм кардан, таъвиз, ҳифз кардан, табобат кардан, инъикос.

## СИМВОЛИКА ЦВЕТА В НАРОДНОЙ МЕДИЦИНЕ ТАДЖИКОВ ПАМИРА

Данная статья посвящена исследованию роли концепции цвета в сфере народной медицины таджиков Памира. Цель данной статьи - изучение вопроса семантики цветового значения и его важности в процессе врачевания в рациональном и иррациональном методе лечения. Статья написана на основании фольклорных материалов, информации этнографов, полевых материалов, собранных автором и наблюдений самого автора. Собранный материал демонстрирует актуальность цветового символизма в народной медицине и в традиционных верованиях и обрядах таджиков Памира как части культурного наследия народа. В статье данный вопрос рассматривается в сравнительном аспекте, также рассматриваются значения символики цвета в народной медицине других народов.

**Ключевые слова:** цвет, обряд, семантика , таджики Памира, сглаз, оберег, защищает, исцеляет, отражение .

## COLOR SYMBOLISM IN THE FOLK MEDICINE OF THE TAJIKS OF PAMIR

This article is devoted to the study of the role of the concept of color in the field of traditional medicine of the Tajiks Pamirs. The main aim of this article is the studying of the question of semantics and color meaning and its importance in the process of healing in a rational and irrational treatment method. The article was written on the basis of folkloric data, information from ethnographers, field materials collected by the author and analysis of the author himself. Assembly material demonstrates the relevance of color symbolism in traditional medicine, traditional beliefs and rites of the Tajiks of the Pamirs as a part of cultural heritage of Tajiks.

**Key words:** colors, rite, ethnography, pamirian Tajik, malefic, fire, water, disease, fright

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Занҷирбекова Гулноз Исломбековна*** - Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқ, муаллими калон. **Суроға:**736000, шаҳри Хоруғ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, кӯчаи Шириншо Шотемур, 28. Телефон: **992939551188**. E-mail: **mdikh@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Занджирбекова Гулноз Исломбековна*** - Хорогский государственный университета им.М.Назаршоева, кафедра истории таджикского народа, факультета истории и права, старший преподаватель. **Адрес:**736000, город Хорог, Республика Таджикистан, Горно-Бадахшанская автономная область, улица Ширииншо Шотемура, 28. Телефон: **992939551188**. E-mail: **mdikh@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zanjirbekova Gulnoz Islombekovna***- Khorog State University named after M. Nazarshoev, Department of History of the Tajik People, Faculty of History and Law, senior lecturer. **Address:** 736000, Khorog city, Republic of Tajikistan, Gorno-Badakhshan Autonomous Region, Shirinsho Shotemura street, 28. Phone: **992939551188**. E-mail: **mdikh@mail.ru**

ТДУ:930.85(575.3)

# «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

*Масъудов М.Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абулқосим Фирдавсӣ дар таърихи Эрон яке аз бузургтарин ва барҷастатарин шоирон ва донишмандон ба ҳисоб меравад. Нақши Абулқосим Фирдавсӣ дар эҳё намудани таърихи Эрони бостон ва ҳамзамон, ҳамосаи миллии он хеле барҷаста ва муассир мебошад.

Зиндагии ин донишманди маъруф аз ҷониби як қатор муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва таърих мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки омӯзиши дигар паҳлуҳои зиндагӣ ва осори ин донишманди маъруф аз ҷиҳати илмӣ аз аҳаммият холӣ нест ва хеле бамаврид низ мебошад.

Дар тазкираҳо ва матнҳои таърихие, ки то охирҳои қарни XIII-ум таълиф шудаанд, матолиби қобили таваҷҷуҳе, ки моро аз назари таҳқиқ дар зиндагиномаи Фирдавсӣ қонеъ созад бисёр кам аст ва ин дар навбати худ таҳқиқотро аз бисёр ҷиҳат мушкил месозад.

Бо такя ва бар асоси асари машҳури «Чаҳор мақола»-и Низоми Арузии Самарқандӣ, ки қадимтарин манбаи таърихӣ аз ҷиҳати наздикӣ ба замони ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳисоб меравад, зикр карда мешавад, ки Фирдавсӣ аз хонадони деҳқони эронӣ будааст ва дар он замон деҳқонон аз заминдорони кӯчак ба ҳисоб мерафтаанд [8, с.190].

Дар бораи таърихи таваллуди Абулқосим Фирдавсӣ ривоёт, тазкираҳо ва таърихи парешон то ба замони мо омада расидааст. Дар сарчашмаҳои муътабари «Шоҳнома» солҳои умри Фирдавсӣ то ҳафтоду шаш ва наздик ба ҳаштод ёдовар шудааст ва бо таваҷҷуҳ ба соли вафоти ин донишманди маъруф таърихи нисбатан дақиқеро барои таваллуди ӯ метавон дарёфт намуд. Агар ба «Шоҳнома» назар афканем, худи Фирдавсӣ дар ҷойе мегӯяд:

*Кунун солам омад ба ҳафтоду шаш,*
*Ғунуда чашму бемор фаш [12, с.489].*
*ва дар робита бо ин масъала дар ҷойи дигаре мегӯяд:*
*Кунун умр наздики ҳаштод шуд,*
*Умедам ба якборагӣ барбод шуд [12, с.490].*

Соҳибназарони муосир бар он муътақиданд, ки байти охир пас аз ба итмом расидани «Шоҳнома» бар он илова карда шудааст, зеро дар тамоми нусхаҳои хаттии «Шоҳнома» ин байт вуҷуд надорад ва зоҳиран пас аз соли 400-и ҳиҷрӣ, ки ин муодил ба 1022-и милодӣ рост меояд, Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» таҷдиди назар карда абётеро ба он илова намудааст.

Бинобар бештари нусхаҳои «Шоҳнома» Фирдавсӣ дар соли 400-и ҳиҷрӣ ҳафтоду як сол доштааст ва дар ин сурат ҳафтоду як сол аз соли чаҳорсади ҳиҷрӣ ба қафо баргардем таваллуди ин донишманди маъруф соли 329-и ҳиҷрӣ ва баробар ба соли даргузашти Рӯдакӣ мешавад [3, с.151].

Ин таърихро далелҳои зиёде низ тайъид менамоянд. Бинобар гуфтаи худи Абулқосим Фирдавсӣ ҳангоме, ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба сари қудрат меояд, ӯ панҷоҳуҳаштсола будааст, зеро дар ҷойе чунин мегӯяд:

*Бад он гаҳ, ки буд сол ба панҷоҳу ҳашт,*
*Ҷавон будаму чун ҷавонӣ гузашт.*
*Хуруше шунидам зи гетӣ баланд,*
*Ки андеша пир ва ман бегазанд.*
*Ки ай номдорону гарданкашон,*
*Ки ҷуст аз Фаридун Фаррух нишон.*
*Фаридун бедордил зинда шуд,*
*Замину замон пеши ӯ банда шуд.*
*Бипайвастам ин нома ба номи ӯй,*
*Ҳама меҳтар бод фарҷоми ӯй.*

Соли ба тахт нишастани Султон Маҳмуд ба 389-и қамарӣ баробар аст, вале ду сол пеш аз он, яъне соли 387 мутобиқ бо ғалабаи Маҳмуд бар Нуҳ бинни Абдумалики Сомонӣ ва сипаҳсолори ӯ дар Хуросон аст. Агар аз ин таърих 58 сол ба қафо баргардем боз соли таваллуди Фирдавсӣ 329 хоҳад шуд ва ташбеҳи Маҳмуд ба Фаридун низ мерасонад, ки абёти боло марбут ба оғози шуҳрати ӯст [3, с.152].

Масъалаи дигар, ки сари он бояд андеша намуд, ин дар робита бо масъалаи кунияти ин донишманди маъруф аст. Кунияти Фирдавсӣ дар тамоми адабиёти нашршуда Абулқосим омадааст, вале бояд қайд намуд, ки сурати дурусти номи худ ва падараш норавшан аст, ки таҳқиқоти амиқро дар ин самт тақозо менамояд.

Номи Фирдавсӣ дар ҳама самчашмаҳое, ки то ба замони мо омада расидааст, Абулқосим омадааст, вале сурати дурусти номи падараш равшан нест.

Дар робита бо ин масъала як тан муҳаққиқи эронӣ Бадеҳузамони Фурузонфар дар асараш зери унвони «Сухан ва суханварон» дар мавриди кунияти Фирдавсӣ чунин мегӯяд: «Кунят ва тахаллуси ӯ мусаллам аст, лекин дар исми худ ва падараш хилоф аст, баривоёти мухталиф номи ӯ Ҳасан ва Аҳмад ва Мансур ва номи падараш Алӣ ва Исҳоқ бинни Шарифшоҳ ва Аҳмад бинни Фаррух сабт шудааст ва аз ин дида далели беҳтаре дар даст нест» [13, с.45].

Номи ӯро манобеи қадимтаре амсоли «Аҷоиб-ул-махлуқот» ва «Таърихи гузида» (Ҳамидуллоҳи Муставфӣ) ҳамчун Ҳасан ёдовар шудаанд. Номи падараш низ дар манобеи фавқуззикр ҳамчун Алӣ омадааст.

Муҳаммад Амини Риёҳӣ, ки яке аз фирдавсишиносони муосир ба ҳисоб меравад, номи Ҳасан бинни Алиро ба хотири дар мазҳаби шиа будани Фирдавсӣ муносиб диниста аст. Вале бояд тазаккур дод, ки масъалаи дар кадом ё худ пайрави кадом мазҳаб будани Абулқосим Фирдавсӣ худ як масъалаи бисёр печида ва баҳсталаб дар улуми таърих ба ҳисоб меравад, ки он таҳқиқи амиқ ва ҷиддиро дар ин самт аз ҷониби муҳаққиқон, олимону соҳибназарон ва бахусус фирдавсишиносон тақозо менамояд.

Муқаддимаи Бойсунқурӣ, ки аз нигоҳи муҳаққиқони илми таърих камарзиштарин манобеъ ё худ сарчашма ба ҳисоб меравад, дар хусуси номи падари Фирдавсӣ номи Мавлоно, Аҳмад бинни Мавлоно ва Фаррухро ёдовар шудааст.

Ҳамзамон, дар «Ҳафт иқлим» исмҳои Фахриддин бинни Ҳаким Мавлоно низ ёдовар шудаанд. Вале ба он хотир, ки манобеи зикршуда аз ҷиҳати илмӣ арзиши хеле камеро доро мебошанд барои мо далели боэътимод дар мавриди муайянсозии исм ё худ кунияти аслии Фирдавсӣ шуда наметавонанд.

Яке аз муҳаққиқони бузурги аврупоӣ Теодор Неледеки дар китоби «Ҳамосаи миллии Эрон» дар масъалаи номи Фахриддин навиштааст, ки дар он номҳое, ки лақабаи дин ҳамроҳ шудааст дар замони булуғи Фирдавсӣ анъана шуда буд ва ин махсус ба амирони муқтадир будааст. Аз ин ҷиҳат ин олими маъруф далели ба падари Фирдавсӣ мансуб донистани чунин лақабро қотеона рад менамояд.

Бо вуҷуди ҳамаи ақоиди тазкиранависон аз тарафи дигар куниаи «Абулқосим», ки дар ривоётҳо бисёр зикр шудааст, ба таври яқин саҳеҳ мебошад.

Дар тахаллуси Фирдавсӣ низ зоҳиран шакке вуҷуд надорад, зеро худи шоир дар «Шоҳнома» ба он ишора намудааст, вале дар мавриди баргузидани тахаллуси «Фирдавсӣ» боз ривоётҳои мухталифе вуҷуд дорад. Ва ақидае низ вуҷуд дорад, ки ин тахаллус аз номи боғе мутааллиқ ба «умеди Хуросон», ки падари Фирдавсӣ дар он боғбонӣ менамуд, гирифта шудааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар ин радиф менависад: «Бинни Абумаъшар, ки ӯро умеди Хуросон гуфтаанд, дар рустои Тӯс корезе ва чаҳор боғе дошта «Фирдавс» ном ва падари Фирдавсӣ боғбони он мазраъ буда ва ваҷҳи тахаллуси Фирдавсӣ он аст» [7, с.40].

То ҳанӯз олимону муҳаққиқони соҳаи таърих ва адабиёт перомуни маънии номи Фирдавсӣ ҷустуҷӯ ва пажуҳишеро идома медиҳанд. Донишманди маъруфи рус Стариков зоҳиран ба ин замина таваҷҷуҳ дорад, ки менависад: «Номи Фирдавсӣ возеҳ аст, ки аз калимаи арабии «фирдавс» сохта шудааст, ки ба навбати худ аз решаи эронӣ ва авастоии «паиридаеза» ба маънии боғи биҳишт гирифта шудааст».

Ангезаи интихоби тахаллус ҳар чӣ бошад ин ном аз оғози таълифи «Шоҳнома» то интиҳо дар канори он қарор гирифтааст ва бесобиқа дар навиштаҳову гуфтаҳо такрор шудааст.

Дар масъалаи муайянсозии симои антропологии Фирдавсӣ маълумотҳои дақиқ ва эътимоднок низ то ҳанӯз дар даст надорем. Ва ҳаминаш маълум аст, ки ӯ дорои мӯйҳои дароз будааст ва то охири умр қадаш хамидаву чашмонаш заиф гаштаанд, сафедӣ зоҳиран дар мӯйҳои ӯ дар синни шастсолагӣ пайдо шудааст. Тақизода, як тан муҳаққиқи маъруф, перомуни ахлоқи Фирдавсӣ мегӯяд, ки ахлоқи Фирдавсӣ бисёр хуб ва олӣ будааст ва дар ҷамъи шоирони замон касе дар покии ахлоқ ба Фирдавсӣ баробар шуда наметавонист, ҳамзамон ӯ аз гадоӣ ва мадҳгӯйӣ ба хотири пулу сарват ва тамаллуқкории бемаънӣ худдорӣ менамудааст.

Хостгоҳи Фирдавсӣ Тобирони Тӯс аст, аммо дар куҷои Тӯс чашм ба дунё кушодааст то ҳанӯз масъалаи мавриди ихтилофи зиёд аст. Бархе аз муҳаққиқон қарияи «Шодоб», умдае қарияи «Разон» ва ҳамзамон қарияи «Бож»-ро маҳалли тавлиди донишманди маъруфи ҳамосасаро зикр намудаанд.

Забеҳуллои Сафо, ки яке аз маъруфтарин муҳаққиқони соҳаи адабиёти Эрон мебошад ақидаи Низоми Арузиро, ки маҳалли тавлиди Фирдавсиро «қарияи Бож» аз ноҳияи Тобирони Тӯс донистааст, бештар мавриди қобили қабул медонад [9, с.459].

Соли таваллуди Фирдавсиро олимон ба соли 940 ё ин ки 941-и мелодӣ баробар медонанд ва Абулқосим Фирдавсӣ дар хонаводаи деҳқони Тӯс ба дунё омадааст.

Аз ишороти худи Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» низ метавон ба хулосае омад, ки дар айёми ҷавонӣ ӯ аз осоишу оромише бархӯрдор будааст ва ба ҳеҷ ваҷҳ аз чизе танқисӣ намекашиду муҳтоҷи касе набуд.

Стариков мегӯяд, ки молу сарвати Фирдавсӣ зиёд будааст ва истиқлоли молӣ ва шахсии Фирдавсиро таъмин менамуд.

Бад ин тартиб Абулқосим Фирдавсӣ аз мероси падар дар даврони кӯдакӣ, навҷавонӣ ва ҷавонӣ бидуни ранҷу газанди фақру нодорӣ ба касби дониш ва улуми адаби форсӣ ва арабӣ, бахусус мутолиаи достонҳои куҳан пардохт.

Дар масъалаи марбут ба зиндагии хонаводагии худ донишманди бузург ишороти бисёр маҳдуд ва норавшан додааст. Тахмин меравад, ки Фирдавсӣ дар сини 26 ё 27 солагӣ издивоҷ намудааст. Ҳамзамон, ба ду тан фарзандони ӯ яке писар ва дигаре духтар ишора шудааст.

Дар робита бо ин масъала Низомии Арузӣ мегуяд: «Фирдавсӣ аз ақиб як духтар беш надошт ва Шоҳнома ба назм ҳамекард ва ҳама умед ба он буд, ки аз маоши он китоб ҷиҳози он духтар бисозад» [8, с.196].

Фирдавсӣ нисбат ба фарзандони деҳқонони мутавассит волоият дар таҳсил ва тарбиятро доро буд. Тӯс яке аз марказҳои муҳимми миллигароии Эрон, яъне шуубия ва дар айни ҳол ташайюъ ба ҳисоб мерафт. Дар ин қонуни пурҷӯш андеша ва ормон, ҳамоҳангу дар канори талошҳои густурдае, ки эрониён дар заминаи эҳёи ҳифзи ёдгориҳои ниёгони худ ба кор мебурдаанд коре бузурге низ шакл мегирифт, гарчи идомаи талошҳои қабли набуд, аммо таъсири муҳимме дар Фирдавсӣ доштааст. Ин кор танзим ва тадвини маҷмуаи гуфторҳо ва таърихи эрони «Худойнома» ё «Шоҳнома»-и Абумансурӣ будааст.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин ҳамосаи мардуми Эрон ва маъруфтарини асар дар қатори дигар осор дар миқёси ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки достонҳои ҳамосавӣ ва ривоятҳои таърихию афсонавӣ дар замони қабл аз Ислом дар китобҳои бисёре ба шакли пароканда ҷойгир шуда буданд, ки аз ҷумлаи онҳо «Корномаи Ардашери Бобакон», «Баҳроми Чӯбина», «Достони Рустам ва Исфандиёр», «Пандномаи Бузургмеҳр», «Андарзи Хусрав ва писари Қубод» ва аз ҳама муҳимтарини онҳо «Худойнома» аст, ки корномаҳои шоҳони пешинаи Эронро фаро гирифтаанд. Таълифи ин асарро ба замони подшоҳии Хусрави Парвиз донистаанд. Ба ин кор деҳқони донишмандеро маъмур сохтаанд ва ин нукта дар муқаддимаи Бойсунқурӣ зикр ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки Худойномаи Паҳлавӣ ё тарҷумаи арабии он мустақиман дар дасти Фирдавӣ набудааст. Зеро Абулқосим Фирдавсӣ аз маъхазҳои дигаре истифода намуда, бидуни маъние, ки пеш аз шуруи кори «Шоҳнома», сипаҳсолори покнажоди Хуросон Абумансур Абулраззоқ вазири худ Абумансур маъмуреро ба гирдоварии деҳқонон ва

таълифи корномаи шоҳон маъмур сохта ва «Шоҳнома»-и форсии Мансурӣ пардохта буд ва ҳамин гирдоварии деҳқонон ва муъбадон, ки ривоётро зина ба зина омӯхта буданд, нишон медиҳад, ки матни «Худойнома» дар дастраси Абумансур набудааст.

Баррасии таърихнигории «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар мавқеияти бисёр хатарнок ва ҳассосе ба сурудани «Шоҳнома» ва сурудани достонҳои паҳлавонӣ асос гузошт, чаро ки ҳарчанд султаи аъроб бар Эрон, бахусус, бахши шарқии он, бисёр заиф шуда буд ва чанд ҳукумати маҳаллӣ низ ҳамчун Сомониён ва соири он дар Шарқ ва маркази Эрон ба вуҷуд омада буданд, вале ҷангу кушторҳои дохилӣ байни ин ҳукуматҳо нишонаҳои талхе буд бар завол ва интиҳои ин силсилаи миллии Эронӣ ва сари қудрат омадани халқҳои бегона.

Аз ин ҷиҳат донишманди бузург Фирдавсӣ, ки ба рисолати азими худ пай бурда, кӯшиш ва сайъ мекард, ки маҷмуаи азимеро фароҳам оварад ва он барои ҳамешагӣ дар лаҳваҳои хотироти тамоми нажоди эронӣ ва минҷумла форсигӯён нақш ва боқӣ монад ва ба ин монанд таъриху ҳувияти эронитаборонро аз нав дубора эҳё намояд. Фирдавсӣ дар оғози кор бар сармояи худ ва дастигириву ҳимояти чанд тан аз ҳамдеҳагонаш амсоли Ҳусайни Қутайб ва иддае аз ҳукамои Тӯс такя намуд ва иддае аз ҳокимони Тӯс сараввал донишмандро аз пардохти молиёт таъмин намуданд. Талоши Фирдавсӣ дар марҳилаи аввали он бист соли тамом дароз кашиду вай замоне муваффақ ба сароидани аксар достонҳои «Шоҳнома» гашт, ки чанд сол пас аз суқути Сомониён ҳукумат ба дасти туркони Қарахонӣ ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ гузашт. Таърихи ба анҷом расонидани «Шоҳнома»-ро сол 600-и ҳиҷрии қамарӣ донистаанд. Фирдавсӣ дар тули ин муддати дароз сахтиҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст ва бо зарбаҳои зиёд ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маишӣ ва ҳамзамон аз лиҳози руҳӣ рӯ ба рӯ шудааст. Яке аз ин ҳодисаҳои мудҳиш ин марги нобаҳангоми писари сиву ҳафтсолаи устоди бузургвор мебошад, ки ӯро сахт андуҳгину ошуфта сохтааст. Ҳамзамон, бо ин фоҷиа Абулқосим Фирдавсӣ дар як шароити сахт ва сангин умр ба сар мебурд ва худро сахт ҳақиру муҳтоҷ меҳисобид. Фирдавсӣ дар он солҳои тангдастӣ ва пас аз итмомёбии шоҳасари худ ночор рӯ ба дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки акнун ҷойгузини Сомониён буд овард ва мехост бо пешниҳоди «Шоҳнома»-и хеш таваҷҷуҳи султонро ба сӯйи он ҷалб намояд. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ подшоҳи туркзабон ва бидуни алоқа ба таъриху фарҳанги Эрон дар ибтидои кор Фирдавсиро хуш қабул намуд ва ӯро ҳатто мавриди навозиш ҳам қарор дод. Дар он замон туркон сомониёнро аз қаламрави ҳукумат дур месохтанд. «Шоҳнома», ки дар он достонҳои қаҳрамонони мансуб ба эрониён буду руҳияву эҳсосоти мардуми эронзаминро баланд мебардошт, ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ писанд наомад ва тарафи дигар атрофиёни дарбор, ки нисбати Фирдавсӣ бадгӯӣ менамуданд ва ба сӯйи ӯ санги маломат мепартофтанд, ҳамзамон Фирдавсиро рофизӣ хонданд, ки табиист ҳамаи ин зиддият ва адовати Султон Маҳмудро нисбати ӯ зиёда гардонид. Дар ин самт талошҳои вазири бофарҳанги шоҳ Ҳасани Маймандӣ, ки аз Фирдавсӣ ҳимоят менамуд, самараи дилхоҳ надоданд. Ҳаққулмаоше, ки Султон Маҳмуд нисбати заҳматҳои чандинсолаи Фирдавсӣ таъин намуд хеле ночиз буд, аз ин лиҳоз донишманди бузург хеле дар шигифт шуд ва пас аз ноумедиҳо аз дарбори туркон ба гармоба рафт ва ба Ғазна фирор намуд. Ҷосусон ба Султон Маҳмуд хабари дар хусуси он, ки Фирдавсӣ нисбати султон беэътиноӣ намудааст, расониданд ва бо фармони Султон Маҳмуд ӯро таъқиб намуданд. Фирдавсӣ низ аз хашму ғазаби султон нисбати ӯ огаҳӣ ёфта, чанд муддат дар Ҳирот зиндагӣ намуда ва сипас ба назди ҳокими Табаристон рафт ва ҳаҷвияе дар ҳудуди сад байт дар бораи Султон Маҳмуд иншо намуд. Шаҳриёри Табаристон ба хушӣ Фирдавсиро пазироӣ намуд ва барои ин ҳаҷвия Фирдавсиро ҳадягузорӣ намуд. Пас аз чанд муддат Фирдавсӣ раҳсипори диёри худ гашт ва дар соли 411-и ҳиҷрӣ қамарӣ чашм аз олам пушид.

Бинобар ривоёти муаррихон солҳои баъд аз ронда шудани Фирдавсӣ аз дарбор Султон Маҳмуд дар яке аз лашкаркашиҳояш ба Ҳиндустон аз Абулқосим Фирдавсӣ ёдовар мешавад ва ҳатто аз носипосии худ нисбати ин ҳакими бузург пушаймон мешавад ва ба надимони худ амр медиҳад, ки ба ҳар як байти офаридаи Фирдавсӣ як динор ва дар маҷмуъ шаст ҳазор динор ба ӯ барои офаридани шоҳкориаш инъом диҳанд. Ин ҳадяи подшоҳро надимони ӯ ба диёри Фирдавсӣ меоранд, вале ҳадяи султон замоне ба дарвозаи

Тӯс расид, ки ҷанозаи ҳакимро аз яке аз дарвозаҳои дигари шаҳр берун мебурданд [3, с.151].

Ҳадяи Султон Маҳмудро ба ягона меросхури Фирдавсӣ – духтараш (дар баъзе маъхазҳо хоҳараш), ки мисли Фирдавсӣ оқилу поксиришт буд супурданд, вале ӯ аз он даст мекашад. Ҷанозаи Фирдавсӣ низ мавриди ҷафои бадхоҳонаш қарор гирифт ва мутаассибон Фирдавсиро ба иллати он, ки дар зиндагониаш ба ситоиши паҳлавонон машғул буд, иҷозат надоданд, ки ҷасади ҳакимро дар қабристони мусалмонон ба хок супоранд. Аз ин хотир, ҷасади Фирдавсӣ дар боғи Тобирон, ки муталлиқ ба худи Фирдавсӣ буд, ба хок супорида шуд.

Бузургтарин мероси Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» мебошад, ки бо гузаштани зиёда аз даҳ қарн ҳамчун санаде аз ифтихор бар фарози гунбади рафъи забон ва адабиёти форсӣ медурахшад ва Фирдавсӣ бо нигориши ин шоҳасар ҳувияти миллии эрониёнро ба онҳо аз нав ошно намуд ва забони форсиро аз аносири бегона на танҳо наҷот дод, балки ба он эътибор ва равнақу ривоҷ дод. Асоси шоҳноманависӣ, яъне тавсифи зиндагии шоҳон ва паҳлавонони Эрон, ҳамзамон рӯзгори бостони Эрон боз мегардад ва зоҳиран дар замони салтанати Ҳахоманишинҳо ва Сосониён китобҳое ба ин монанд мавҷуд будаанд.

Аслан, мо бояд қайд намоем, ки суннати шоҳноманависӣ пас аз ислом ва дар замони ҳукумати Оли Сомониён муҷаддадан ривоҷу равнақ ёфт ва шоҳномаҳое монанди Масъуди Марвазӣ, «Шоҳнома»-и Абуалии Балхӣ, «Шоҳнома»-и Абумансурӣ ва «Шоҳнома»-и Дақиқӣ арзи ҳастӣ намудаанд ва бояд қайд намуд, ки маъхаз ё худ сарчашмаҳои ин шоҳномаҳо ҳамон достонҳои Авастоӣ, китобҳои паҳлавӣ ба монанди «Худойнома» ба ҳисоб мераванд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар соли 365-и ҳиҷрӣ қамарӣ ба мутолиаи ин шоҳномаҳо дар садади ба назм даровардани шоҳномаи азиме, ки фарогири тамоми достонҳои миллии Эронро дошта бошанд, машғул гардид.

«Шоҳнома» муҳимтарин асари Фирдавсӣ ва яке аз бузургтарин осори адабиёти форсӣ ба ҳисоб меравад. Фирдавсӣ барои офаридани «Шоҳнома» дар ҳудуди понздаҳ сол бар асоси «Шоҳнома»-и Абумансурӣ кор кард ва онро тақрибан дар соли 384-и ҳиҷрӣ қамарӣ ба итмом расонид. Фирдавсӣ ба он сабаб, ки ба қавли худи ӯ ҳеҷ подшоҳеро он замон сазовори эҳдо намудани шоҳасараш надонист, муддате онро махфӣ нигоҳ дошт ва дар ин муддат бахшҳои дигаре низ бо мурури замон ба он илова намуд ва онро мукаммал гардонид.

Дар айёми пирӣ, ки акнун шоири тавоно рӯ ба фақру мухҳтоҷӣ ниҳода буд, тасмим гирифта буд, ки ин шоҳасарро ба Султон Маҳмуд тақдим намояд ва аз ин рӯ, тадвини ҷадиде аз «Шоҳнома»-ро шуруъ намуда, ишораҳоеро, ки ба ҳомиён ва дӯстони собиқаш шуда буд бо васфу мадҳи Султон Маҳмуд ва атрофиёнаш ҷойгузин намуд. Тадвини дуюм соли 400-и ҳиҷрӣ қамарӣ ба итмом расид. Фирдавсӣ гӯё шаш ё ҳафт ҷилди «Шоҳнома»-ро ба Султон Маҳмуд фиристодааст ва ба гуфтаи худи шоир Султон Маҳмуд ба он нигоҳ накардааст ва подошеро, ки Фирдавсӣ мунтазир буд ба ӯ нафиристодааст. Баъд аз ин воқеа Фирдасӣ то охири умр бахшҳои дигареро низ ба «Шоҳнома» илова намудааст.

«Шоҳнома» асаре мебошад, ки дар он шарҳи аҳвол, пирӯзиҳо, шикастҳо, нокомиҳо ва диловариҳои мардуми эронзамин аз даврони нахустин подшоҳи рӯйи олам – Каюмарс то ба суқути давлати Сосониён аз ҷониби ақвоми аъроб дар асри VII тасвир ёфтаанд. Ҳамзамон, дар он маълумоти зарурироро перомуни кашмакашиҳои хориҷии Эрон бо Ҳинд дар Шарқ, туромиён дар қисмати шарқу шимолу шарқӣ, румиён дар ғарб ва шимолу ғарбӣ ва ҳамзамон арабҳои бодиягард дар ҷанубу ғарбӣ метавон дастрас намуд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар «Шоҳнома» достонҳое низ вуҷуд доранд, ки аслан ҷанбаи таърихӣ дар онҳо хеле кам дида мешавад ва онҳо сирф достонҳои асотирӣ ба ҳисоб мераванд. Ёдовар шудан зарур аст, ки дар раванди таҳқиқ, ба он хотир, ки омӯзиши мо давраи Сосониёро дар бар мегирад, мо ба таҳқиқи амиқи қисматҳои асотирии «Шоҳнома» кам таваҷҷуҳ намудем ва бар он таъкид намуданием, ки омӯзиш ва таҳқиқи амиқи ин қисмати «Шоҳнома» низ аз аҳаммият холӣ нест ва роҷеъ ба он муҳаққиқони ватанию хориҷӣ корҳои зиёдеро низ ба сомон расонидаанд.

Дар мавриди таълифи баъзе аз достонҳо бояд гуфт, ки қисмате аз онҳо моли Фирдавсӣ нестанд ва байни омма машҳур буданд ва ҳамзамон пеш аз офариниши

«Шоҳнома» дар маъхазҳои пешина низ ҷой доштанд. Яке аз маъхазҳое, ки Фирдавсӣ аз он фаровон истифода намудааст, ин «Шоҳнома»-и Абумансурӣ ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки дар поёни рӯзгори Сосониён китобе таҳти унвони «Худойнома» таълиф гардидааст, ки бинобар ривоёти баъзе манобеъ китоби расмии дарбори шоҳаншоҳии Сосониён ба ҳисоб мерафт. Ин китоб ба ҳайси яке аз маъхазҳои тақрибан тамоми таърихнигорони замони оғози ислом ба шумор мерафт ва табиист, ки Абулқосим Фирдавсӣ ҳангоми таълифи «Шоҳнома»-и худ бевосита аз ин асари мазкур истифода намудааст.

Дар мавриди достонҳои ҳамосаи миллии Эрон бояд гуфт, ки дар ин кор пеш аз Фирдавсӣ дигарон низ даст зада буданд. Масъуди Марвазӣ қисмате аз «Шоҳнома»-ро ба вазни таронаҳои сосонӣ сохта буд, ки аз тамоми он фақат чанд байте боқӣ мондасту халос. Пеш аз Масъуд Дақиқии Тӯсӣ саргузашти Гуштосб ва зуҳури Зардуштияро ба назм даровард буд ва чун Дақиқӣ ба дасти як ғулом қатл карда мешавад ва кори оғознамудаи ӯ низ бетамом мемонад.

Абулқосим Фирдавсӣ, ки камари ҳиммат ба ин кор баста буд, кори ба итмом нарасидаи Дақиқиро идома дод ва ҳатто аз ӯ якчанд дараҷа зиёдтар баён намуд ва ҳангоме, ки ба саргузашти Гуштосб расид, ҳазор байти ӯро илова намуд. Дар таълифи «Шоҳнома» Фирдавсӣ заҳмати зиёде кашидааст ва зимни таълифи асар неруи ҷисмӣ ва ҳам моли худро масрафи ин шоҳасар намудааст.

Аслан, Абулқосим Фирдавсӣ дар таърихи Эрон ба ҳайси як пешоҳанг ё худ ватанпарасти асил барои мардуми форсизабони тамоми дунё ба ҳисоб меравад, ки ин беҳтарин тимсол ё намунаи мисол аст, ки аз он бояд ибрат ва дарси ватандӯстию меҳанпарастӣ омӯхт ва дар робита бо ин масъала худи донишманд дар ҷойе мегӯяд:

*Зи баҳри бар ва буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдак ва хурду пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Дар баробари ҳамаи ин, Абулқосим Фирдавсӣ яке аз бузургтарин ҳамосасароён дар ҷаҳон эътироф шудааст ва шоёни ёдоварист, ки ин донишманд бузургтарин донандаи таърихи Эрон аз давраи Пешдодиён то суқути давлати Сосониён ба дасти ақвоми араб ба ҳисоб меравад. Фирдавсиро набояд ҳамосасаро шуморид. Ӯ дар айни ҳол бад ин шева шуҳрат дорад, суханварест, ки дар тафаззул ва риштаҳои дигари шеър низ метавон ба бузургони он фунун қиёс кард [3, с.143].

Ҳамин тариқ, бахши таърихии «Шоҳнома» қисмате аст, ки дар он маълумоти зиёд ва муфассал перомуни подшоҳони аҳди сосонӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоии мамлакат, сиёсати дохилию хориҷӣ, равобити таърихию фарҳангӣ ва амсоли он дигар маълумотҳо перомуни мардуми Эрон ҷамъоварӣ гардидааст ва қариб ки ҳамаи маълумотҳои мавҷуда саҳеҳ буда, бо далоили зиёд исботи таърихии худро ёфтаанд. Дар илми сарчашмашиносӣ ҳангоми омӯзиши таърихи мардуми Эрон дар қатори дигар сарчашмаҳои зиёд аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ метавон истифода намуд ва ҳатто дар баъзе мавридҳо бартариро нисбати он донист.

**Муқарриз: Муллоҷонов С.Ҳ.- д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бадеъуззамон Ф. Сухан ва суханварон. – Теҳрон, 1369.
2. Вклад иранских народов в развитие мировой цивилизации: история и современность (сб. статей). – Душанбе: Дониш, 1992.
3. Луғатномаи Деҳхудо. Шумораи 79. – Теҳрон, 1341.
4. Мол Ж. Дебочаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Ж. Мол // Садои Шарқ. – 1992. – № 7/8.
5. Назаров Х. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон / Х. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 492 с.
6. Пянков, И.В. Қадимтарин силсилаи ҳамосаи «Шоҳнома» / И.В. Пянков // Садои Шарқ. – 1995. – № 1-3.
7. Самарқандӣ, Д. Тазкират-уш-шуаро. – Теҳрон, 1338.
8. Самарқандӣ, Н.А. Чаҳор мақола / Низоми Арузии Самарқандӣ // Нақл аз мунтахаботи адабиёти форсӣ. Таълифи Бадеъуззамони Хуросонӣ. – Теҳрон, 1313.
9. Сафо, З. Таърихи адабёти Эрон. -Ҷилди 1. – Теҳрон, 1371.
10. Симанойӣ П. Фирдавсӣ / Паноҳии Симанойӣ. – Теҳрон, 1379.

11. Стариков А.А. Фирдоуси и его поэма «Шахнаме» / А.А. Стариков // Фирдоуси. Шах-наме. -Т. 1. – М., 1957.
12. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. -Ҷилди 9. – Душанбе, 1991.
13. Фурӯзонфар, Б. Сухан ва суханварон. – Теҳрон, 1369.
14. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ падидаи бузурги фарҳангӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ. – Теҳрон, 1373.

## «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Дар мақола маълумоти муфассал перомуни зиндагӣ ва осори шоир ва мутафаккири бузурги тоҷику форс Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, ҳамзамон перомуни номи ӯ ва баромади ӯ дар сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ оварда шудааст. Инчунин, мақолаи мазкур мустақиман ба омӯзиши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамчун сарчашмаи таърихи давлатдории Сосониён бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ сарчашмаи асосӣ дар омӯзиши масъалаи матраҳшаванда ба ҳисоб меравад. Дар мақола зикр мегардад, ки бо навиштани «Шоҳнома» Абулқосим Фирдавсӣ дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми беназир гузоштааст. Ба андешаи муаллиф «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асоситарин ва боэътимодтарин сарчашма дар қатори дигар сарчашмаҳои хаттӣ барои омӯзиши таърихи давлатдории Сосониён ба ҳисоб меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар қисмати таърихии «Шоҳнома» маълумоти фаровон перомуни подшоҳон, низоми идоракунӣ ва сиёсати хориҷии Сосониён оварда шудааст, ки барои илми таърих аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Калидвожаҳо:** Сосониён, «Шоҳнома», «Худойнома», сарчашмашиносӣ, тамаддуни ҷаҳонӣ, ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, ҳамосаи миллӣ, робитаи дутарафа, манбаъҳо, давлатҳои бузург, давлатдорӣ, сиёсати хориҷӣ.

## «ШАХ-НАМЕ» ФИРДОУСИ – КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

В статье дается подробная информация о жизни поэта и видного персидско-таджикского мыслителя Абулкасима Фирдавси, а также приводятся сведения о его имени и его происхождении в исторических источниках. В то же время данная статья посвящена изучению «Шах-наме» – как исторического источника для изучения истории Сасанидской государственности. Автор представил «Шах-наме» Абулкасима Фирдоуси как основной и главный источник для изучения данной проблематики. В статье отмечается, что написав «Шах-наме», Абулкасим Фирдоуси внес огромный вклад в историю мировой цивилизации. По мнению автора, «Шах-наме» Абулкасима Фирдоуси является наиболее основным и достоверным для изучения истории сасанидской государственности наряду с другими письменными источниками. Отмечается, что в исторической части «Шах-наме» приведено много информации о правителях, системе управления, внешней политике Сасанидов, которые имеют научную и практическую значимость.

**Ключевые слова:** Сасаниди, «Шах-наме», «Худайнаме», источниковедение, мировая цивилизация, социально-политическая жизнь, исторические источники, национальный эпос, взаимоотношения, источники, великие державы, государственность, внешняя политика.

## «SHAHNAMEH» FERDOWSI AS A HISTORICAL SOURCE

The article provides detailed information about the life of the poet and prominent Persian-Tajik thinker Abulqasim Ferdowsi, as well as information about his name and origin in historical sources. At the same time, this article is devoted to the study of «Shahnameh» – as a historical source for studying the history of the Sasanian statehood. The author presented Abulkasim Ferdowsi's «Shahnameh» as the main source for the study of this issue. The article notes that by writing «Shahnameh», Abulqasim Ferdowsi made a huge contribution to the history of world civilization. According to the author, «Shahnameh» is the most basic and reliable for studying the history of the Sasanian state along with other written sources. It is noted that in the historical part of «Shahnameh» there is a lot of information about the rulers, the management system, the foreign policy of the Sassanids, which are of scientific and practical significance.

**Keywords:** Sassanidi, Shahnameh, Hudaynameh, source studies, world civilization, social and political life, historical sources, national epic, relationship, sources, great powers, statehood, foreign policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Масъудов Масъуд Фахрудинович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва археология, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 918-64-52-23**. E-mail: **falsafa-tnu@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Масъудов Масъуд Фахрудинович*** - Таджикский национальный университет, кафедра древней истории, средних веков и археологии, соискатель. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 918-64-52-23**. E-mail: **falsafa-tnu@mail.ru**

**Information about the author:** ***Masudov Masud Fakhrudinovich*** — Tajik National University, Department of Ancient History, Middle Ages and Archeology, applicant. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-64-52-23**. E-mail: **falsafa-tnu@mail.ru**

УДК:93/94(575.3)

# МАХСУСИЯТИ НИЗОМИ ИДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

*Шарипов Ҷ.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳлил ва омӯзиши осори ба таърихи давлатдории аҳди бостони тоҷикон бахшидаи Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки дар меҳвари диққати муаллиф ташаккул ва рушди низоми давлатҳои ориёӣ қарор гирифтааст. Яке аз марҳилаҳои рушди давлатдории ниёгони тоҷикон ба замони шоҳаншоҳии Сосониён рост меояд, ки аз мадди назари Эмомалӣ Раҳмон дур намондааст. Муаллиф дар китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» оид ба хусусияти хоси давраи ҳукмронии Сосониён дар асоси муқоисаи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ бо осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба таври муфассал маълумот додааст. Дар баробари дигар масъалаҳои марбут ба шоҳаншоҳии Сосониён диққати асосӣ ба махсусияти низоми давлатдории онҳо равона шудааст.

Тибқи маълумоти Эмомалӣ Раҳмон дар давлати Сосониён мисли ҳукуматҳои қаблӣ монанди Ҳахоманишиён, Ашкониён ва Кӯшониён шоҳаншоҳ ҳокимияти олиро ба даст дошт. Аз сабабе, ки шоҳаншоҳӣ аз лиҳози масоҳат ҳудуди зиёдеро фаро мегирифт, дар баробари ӯ шоҳони дигар вуҷуд доштанд, ки ҳокимони вилоятҳои алоҳида ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, дар катибаи Каъбаи Зардушт Марвшоҳ, Кирмоншоҳ ва Саганшоҳ (шоҳи Сакистон) номбар шудаанд [13, с. 256].

Яке аз воситаҳои инъикоси унвони шоҳаншоҳ сиккаҳо ва сангкатибаҳои сосонӣ ба шумор мераванд, ки дар онҳо унвони аксар шоҳаншоҳон инъикос гардидааст. Ардашер унвони шоҳаншоҳи Эронро дошт, вале Шопури I ва шоҳони баъдӣ унвони шоҳаншоҳи Эрон ва ғайриэрон ё худ Неронро доштанд [3, с. 168]. Аз ин бармеояд, ки ба ҳайати давлати Сосониён кишварҳои зиёди ғайриэронӣ дохил мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои таърихие, ки аз сохтори идории Сосониён хабар медиҳанд, қайд кардааст, ки шоҳаншоҳ мисли дигарон шахси муқаррарӣ набуда, шаҷараи ӯ ба худои зардуштӣ Аҳуромаздо мерасид, ки ин нукта дар сангнавиштаҳо ва сиккаҳо сабт шудааст. Масалан, дар сиккаҳои Ардашер чунин навиштаҷот сабт шуда: «Маздаясн баги Арташтар малкан малка Эрон, ману чатри мин яздан» - «парастандаи худованд Маздо Ардашер шоҳаншоҳи Эрон, аз авлоди худоҳо» [15, с. 221]. Насаби шоҳони сулолавиро ба Худо бурда расондан дар он замон дар мамолики Шарқ маъмул буд ва бузургию абарқудрат ва мутлақияти ӯро дар назди мардум меафзуд.

Ҳукумати шоҳаншоҳ мутлақ ва дахлнопазир буд. Сосониён чун ниёгони хеш дар зеҳни мардум тасаввуротеро ҷо мекарданд, ки мувофиқи он ҳокимиятро ба онҳо Аҳуромаздо додааст. Ин яке аз василаҳои асосии қонунӣ гардонидани ҳокимияти худ буда, маънои онро дошт, ки ҳокимияти шоҳро ҳеҷ кас набояд ғасб намояд, чун он аз ҷониби худо туҳфа шудааст.

Яке аз суннатҳое, ки Сосониён идома доданд, усули ба тахт нишастани шоҳон буд. Он маросими муҳимми сиёсӣ буда, ботантана ва бо ширкати дарбориёни олирутба ва мубади мубадон баргузор мегардид. Ҳамаи шоҳони сосонӣ ин маросимро дар оташкадае, ки махсус барои он сохта мешуд, анҷом медоданд. Дар сангкатибаҳо ибораи атури (яъне, оташи) Ардашер, Шопур, Нарсӣ ва дигарон қайд гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки шоҳаншоҳ баъди нишастан ба тахт дар назди шурои ашроф ва мубадон, ки дар идора намудани давлат мақоми хосса доштанд, ворисі худро эълон мекард ва шуро бояд онро тасдиқ ё рад менамуд. Ин ба мақсади он буд, ки дар ҳоли марги ногаҳонии шоҳаншоҳ мамлакат як лаҳза ҳам бе шоҳ намонад ва аз тарафи дигар, дар байни фарзандони ӯ барои тахт низоъ барнахезад. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус тазаккур додааст, ки миёни ворисони шоҳ аксаран ҷиҳати соҳиб шудан ба тахт мубориза мерафт ва дар ин муборизаҳо гурӯҳҳои гуногуни манфиатхоҳи дарбор фаъолона ширкат менамуданд.

Аз рӯйи мақом дар дарбор пас аз шоҳ вориси тахт қарор дошт, ки баъди ӯ малика ва дигар мансабдорони олимақом меистоданд. Мақоми ҳар як мансабдори давлатӣ дақиқ муайян шуда буд ва дар ҳамаи маросимҳои расмӣ риоя мешуд.

Бо мақсади самаранок идора намудани давлат дастгоҳи марказӣ ба якчанд муассисаҳои соҳавӣ тақсим шуда буд, ки онҳоро девон меномиданд. Девонҳои замони Сосониён ба вазоратҳои муосир монандӣ доштанд. Эмомалӣ Раҳмон сохтори девонсолории шоҳаншоҳии Сосониёнро бо тафсил шарҳ дода, қайд менамояд, ки сардори ҳамаи девонҳоро фармондори бузург меномиданд. Салоҳиятҳои ӯ ба салоҳиятҳои вазирони давраи исломӣ қариб монанд буд. Ӯ таъкид менамояд, ки мансаби вазир дар хилофати араб дар зери таъсири Сосониён пайдо шуда буд. Омӯзиши таърихи давлатдории Сосониён нишон медиҳад, ки дар аввал дар шоҳаншоҳии Сосониён чунин унвон вуҷуд надошт ва ба ҷойи он унвони ҳазорпат, яъне сардори ҳазор сарбози яккачини шоҳӣ амал менамуд. Ҳазорпат вазифаи сарлашкарӣ ва идоракунии дастгоҳи давлатиро ба зима дошт. Сосониён ин мақомоти идориро такмил дода, ҳокимияти идоравии мулкиро аз ҳарбӣ ҷудо намуданд. Фармондори бузург тамоми салоҳиятҳои сарвазирро дар амал татбиқ менамуд. Кулли дастгоҳи идории давлатӣ ба ӯ тобеъ буд. Ба мақоми мазкур намояндаҳои сулолаҳои бузургу бонуфуз таъин мешуданд, ки ин анъана то замони Сомониён ҳам рафта расид. Дар замони ҳукумати Яздигурди I ва Баҳроми V ин мақомро намояндаи сулолаи махсус Меҳр Нарсӣ ишғол мекард.

Аз салоҳияти мақомдорон маълум мегардад, ки фармондорони бузург дар татбиқи сиёсати давлатӣ нақши хосса доштанд. Дар баъзе мавридҳо нақши онҳо хеле афзуда, амалан тақдири шоҳ ва тахт ба дасти онҳо буд. Дар чунин ҳолатҳо ҳар шоҳ ба таври худ амал мекард. Баъзе шоҳон бо чунин ҳолат муросо карда, идораи давлатро қариб пурра ба онҳо месупориданд ва худашон бо маслиҳати онҳо амал менамуданд. Баъзе шоҳони дигар бо чунин вазъият муросо накарда, кӯшиш мекарданд ҳокимиятро ба дасти худ гирифта, доираи фаъолияти фармондори бузургро маҳдуд кунанд.

Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, ки дар ҳар сурат шоҳон, бо вуҷуди ҳокимияти мутлақ доштан, маҷбур буданд, ки ба ин ва ё он гурӯҳи ашрофу дарбориён такя намоянд ва дар симои онҳо пуштибон дошта бошанд. Дар бисёр маврид дарбориён тақдири тахтро ҳал мекарданд ва номзади дилхоҳашонро ба он мешинонданд. Таърихи Сосониён пур аз иғвогариҳо ва табаддулотҳои дарборӣ буд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки яке аз муассисаҳои муҳимми мулкӣ девони дабирони шоҳӣ ё дабирхонаи шоҳӣ буд. Мувофиқи маълумоти катибаҳо, адабиёти паҳлавӣ ва исломӣ сардори ин муассиса - дабирпат ё дапирпат ва дабири дабирон номида мешуд. Дар умум ҳамаи мукотибаҳои дохилӣ, хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ дар дабирхона омода карда мешуданд. Баъдҳо мақоми дабирон то дараҷае баланд шуд, ки онҳо табақаи мустақилро ташкил карданд. Дарвоқеъ дабирон шахсони босавод буда, бештари олимон аз байни онҳо ба камол мерасиданд.

Ҳамчунин, муассисаи дигари муҳимми давлатӣ девони боҷу хироҷ ва молия ба ҳисоб мерафт. Сардори девони мазкурро вастриошансолор ё вастриошанпат меномиданд. Ӯ раванд ва тарзи ҷамъ намудани андозро назорат карда, саривақт ва ба ҳаҷми муқарраршуда ҷамъ шудани онро таъмин мекард. Вастриошансолор дар тамоми воҳидҳои маъмурӣ - вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳо амал менамуданд. Балозӯрӣ оид ба фаъолияти девони боҷу хироҷ маълумоти ҷолиб додааст. Мувофиқи маълумоти ӯ дар назди шоҳ бо овози баланд миқдори пулу моли ба хазинаи марказӣ воридшударо эълон менамуданд. Сардори ин девон ҳар сол дар бораи даромаду баромади молиёт аз хазинаи давлатӣ ба шоҳ ҳисобот пешниҳод мекард. Ҳисоботро шоҳ муҳр зада, маҳкам мекард ва онро ба бойгонии давлатӣ месупориданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси хазинаи шоҳӣ ба маълумоти Балозурӣ ва Табарӣ такя намуда, зикр намудааст, ки мансаби сардорони хазинаи шоҳӣ (ганзавара - хазинадор) ва котибони ин хазина вуҷуд дошт. Хазина қисми девони боҷу хироҷ ва молиётро ташкил мекард.

Таҳлили осори муаррихони асримиёнагӣ нишон медиҳад, ки дар хазинаи шоҳӣ дар радифи дигар ашёҳои қиматбаҳо ва молиёт сиккаҳои тиллоӣ, нукрагин ва мисин низ нигоҳ дошта мешуданд. Сиккаҳо нигаҳбони махсус доштанд ва дар сарчашмаҳо ӯ гоҳбад номида шудааст. Ин сиккаҳое буданд, ки дар зарробхонаҳои давлатӣ омода карда мешуданд. Сиккаҳо мувофиқи зарурат ба муомилот бароварда мешуданд. Сиккаҳое, ки аз аҳолӣ ба сифати боҷу хироҷ ҷамъ карда мешуданд, баъди ҳисобу китоб дар ганҷина (хазина) ҳифз карда мешуданд.

Шоҳаншоҳии Сосониён, ки давлати муқтадир ва тавоно буд, дастгоҳи идоравии серсоҳа ва ба дараҷаи кофӣ мукаммал дошт. Ҳамаи соҳаҳо маъмурон ва масъулони худро доштанд. Дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ боз даҳҳо мансабдорон зикр гардидаанд: датбаран датбар (додвари додварон, яъне додвари олӣ), аҳурпат (охурсолор, яъне сардори аспбонон), нахчирпат (сардори шикор ва шикоргоҳ), мухрдори дарбор (сардори дарбор), сардори ташрифот, дарбон сардор, пуштигбон солор (сардори посбонони шоҳ), сардори анборҳо, сардори бозорҳо, сардори маҳбас ва ғайра [15, с. 224]. Бояд гуфт, ки аксари ин истилоҳҳо дар забони тоҷикӣ то имрӯз боқӣ мондаанд - додвар (довар), охур, нахчир (бузи кӯҳӣ), мухр, пуштигбон (пуштибон) ва амсоли инҳо. Санадҳои мазкур дар радифи даҳҳо маълумоти дигар дар бораи умумияти ориёиҳои Осиёи Миёна ва Эрон маълумот медиҳанд.

Шоҳаншоҳии Сосониён аз лиҳози ҷуғрофӣ васеъ буда, ба ҳайати он як қатор кишварҳо дохил мешуданд, ки онҳо воҳидҳои асосии маъмурию ҳудудӣ маҳсуб ёфта, сарҳадҳои таърихан ташаккулёфта доштанд. Ба он Мидия, Форс, Кирмон, Сакистон ва ғайра дохил мешуданд. Дар катибаи Каъбаи Зардушт ин кишварҳо «шаҳр» (хшатра) номида шудаанд [6, с. 128]. Ин калима дар он замон маънои кишвар, мамлакат ва вилоятро дошт. Сардори он шаҳрдор ё шаҳрбон (хшатрапан) номида мешуд. В.Г. Луконин қайд менамояд, ки шаҳрҳо ба патикусҳо - вилоятҳо тақсим мешуданд, сардори онро патикуспан мегуфтанд [3, с. 92]. Ба ақидаи М.М. Дяконов патикус воҳиди аз шаҳр калонтари маъмурӣ буд ва тамоми Эрон ба чор патикус - Шимолӣ, Ҷанубӣ, Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим шуда буд. Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки маълумотҳои дақиқе, ки ин фикрро тасдиқ кунанд, дар сарчашмаҳо мавҷуд нестанд.

Бо забони паҳлавӣ, ки забони расмӣ буд шаҳрҳоро «шаҳристон» меномиданд. Унвони сардори он «шаҳриг»-ро дошт. Шаҳристонҳо марказҳои маъмурии патикусҳо буданд.

Дар сарчашмаҳои арабӣ барои замони Сосониён воҳидҳои маъмурии «остон» ва «рустак» номбар шудаанд [15, с. 227]. Рустак ҷузъи кишвар ва вилоят буд. Масалан, дар асри Х ба ҳайати Хатлон рустаки Бик дохил мешуд. Шояд рустак бо патикуси паҳлавӣ ё рустои форсӣ баробар бошад. Мавҷудияти воҳидҳои аз патикус ва рустак хурдтар маълум нест. Хурдтарин воҳиди маъмурӣ деҳ маҳсуб мешуд. Сардори онро деҳиг меномиданд. Дар забони тоҷикӣ (форсӣ) ин мансабдорро деҳхудо ё кадхудои деҳ мегуфтанд.

Масъалаи дигар, ки дар мадди назари Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ҳайати иҷтимоии давлати Сосониён аст. Ӯ дар такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ қайд менамояд, ки дар давлати Сосониён чор табақаи асосӣ вуҷуд дошт: руҳониён - атраван (мубадон ва муғони зардуштӣ); артишторон (ҳарбиён); дабирон; кишоварзон ва ҳунармандону тоҷирон (востриошан, хутухшан, хвакаран) [2, с. 292].

Аз рӯйи мақоми касбкарда се табақаи аввал имтиёздор буданд. Ҳамчунин табақаҳо боз ба гурӯҳҳо ва мартабаҳои гуногун тақсим мешуданд. Сардори табақаи якум магупатан магупат (мубадони мубад) ба шумор мерафт. Баъди ӯ мақоми дуюмро ҳирбад касб мекард. Ӯ масъули гузарондани маросимҳои динӣ буд. Сардори руҳониёни вилоятҳоро магупат меномиданд. Руҳониёни боқимондаро муғ мегуфтанд. Муғҳо ҳам вобаста ба мансаб ва вазифаҳояшон ба якчанд гурӯҳ тақсим карда мешуданд. Диндорони зардуштӣ дар раванди амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа нақши намоён доштанд. Мубади мубадон дар дарбор аксар маврид баъди шоҳ мақоми дуюмро касб мекард. Дар ин радиф дар дарбор шурои мубадон вуҷуд дошт, ки дар корҳои давлатӣ фаъолона иштирок менамуд.

Бояд афзуд, ки мақоми баланди мубадон дар ҷомеаи ориёиҳои Эрону Осиёи Миёна то андозае анъанавӣ ва пайванди қадима дошт. Аз ҷониби дигар сулолаи шоҳони сосонӣ бо табақаи руҳониён алоқаи ногусастанӣ доштанд, чунки баромади худи онҳо аз ҳамин табақа буд. Саравлоди онҳо Сосон вазифаи мубади оташкадаи Анаҳито дар Истахрро ба уҳда дошт. Дар давраи Хусрави Анӯшервон байни ӯ ва мубадон ихтилоф ба вуҷуд омад ва ӯ мартабаи онҳоро то ҷойе паст намуд. Новобаста аз ин, руҳониён мақоми хоссаи худро нигоҳ медоштанд.

Таҳлили ҷомеаи Эрони сосонӣ нишон медиҳад, ки мартаба ва нуфузи баланди мубадон асоси таърихӣ ва иҷтимоӣ дошт. Дин дар ҷомеаи сосониён ва ҳаёти рӯзмарраи мардум таъсири бузургро соҳиб буд. Зиндагии ҳар фарди ҷомеа бо маросимҳои сершумор алоқаманд буд, ки онҳо аз таваллуди тифл то ба тахтнишинии шоҳ бо иштирок ва роҳбарии мубадон баргузор карда мешуд. Мубадон ҳамарӯза бо мардум буданд. Онҳо ифодагари маънавиёти ҷомеа ва нигоҳбони анъанаҳои миллӣ ва суннатӣ маҳсуб меёфтанд. Шоҳон ин ҳолатро хуб дарк карда, талош менамуданд, ки бо руҳониён муносибати муътадил дошта бошанд.

Табақаи дуюм - артишторон аз замони Авестоӣ боқӣ монда буд. Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, ки дар асл ба ин табақа на танҳо ҷанговарон, балки тамоми мансабдорони олӣ аз шоҳ ва фармондори бузург сар карда, то сарлашкарону сарбозони қаторӣ шомил мешуданд. Расман артиштор сардори сипоҳиёни Эрон буд. Дар дохил ин табақа ба чандин гурӯҳ - авлоду хонаводаи шоҳ, ашрофони олимақом (виспурххо), бузургон, озодагон тақсим мешуд. Қишри аз ҳама поён ва сершумори ин табақа - озодагон асоси лашкари савораро ташкил менамуданд. Онҳо заминдорони хурду миёна маҳсуб меёфтанд.

Дабирон дар асрҳои IV-V ба табақаи мустақил табдил ёфтанд. Ин ҳодиса дар натиҷаи инкишофи сохтори умури идории давлатӣ, афзудани соҳаҳои гуногуни идорӣ ба вуқуъ пайваст. Сардори онҳоро дабирпат ё дабирони дабир (дабири дабирон) меномиданд. Ба ин табақа тамоми хидматчиёни девонҳои давлатӣ, олимон, шоирон ва қишрҳои дигари маърифатнок шомил мешуданд. Бояд гуфт, ки табақаи мазкур яке аз сарчашмаҳои асосии неруи ақлонии ҷомеа ба ҳисоб мерафт.

Ниҳоят табақаи чорумро истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ - кишоварзон, ҳунармандон, савдогарон ва аҳли меҳнати ҷисмонӣ ташкил менамуданд. Табақаи мазкур аз ҳамаи табақаҳои дигар сершумор буд. Вазъи иҷтимоии ҷомеа, аз ҷумла, се табақаи болоӣ пурра аз фаъолияти ин табақаи чорум вобастагии зиёд дошт. Се табақаи болоӣ аз супоридани андоз озод буданд. Танҳо табақаи чорум андоз месупорид ва даромади давлат асосан аз ҳамин ҳисоб буд [9, с.109].

Эмомалӣ Раҳмон тазаккур додааст, ки табақаҳо аз ҳам ҷудо буданд ва гузаштан аз як табақа ба табақаи дигар мумкин набуд. Аммо ин қоида асосан ба табақаҳои поёнӣ дахл дошт. Онҳо ҳақ надоштанд ба табақаи болоӣ гузаранд. Табақаҳои болоӣ дар амал метавонистанд ба табақаҳои дигар гузаранд. Таърихи худи сулолаи Сосониён, ки саравлодашон аз табақаи мубадон буд, инро тасдиқ менамояд. Дар ин хусус мисолҳои дигар низ овардан мумкин аст. Аммо ин гуна ҳодисаҳо хеле кам рух медоданд, чунки монеаҳои зиёд мавҷуд буданд.

Аксари муаррихон ба сохти табақотӣ чун падидаи иҷтимоӣ баҳо дода, ба чунин хулосае омадаанд, ки табақаҳо дар раванди инкишофи ҷомеа пайдо шуда, махсусгардонии соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеаро нишон медоданд. Аз ин ҷиҳат он падидаи мусбат буда, имконияти инкишофу такомули соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро таъмин менамуд.

Масъалаи дигаре, ки махсусияти низоми идории Сосониёнро инъикос менамояду дар осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлил қарор гирифтааст артиши давлат мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки артиши доимоамалкунандаи сосониёнро навкарони яккачини шоҳӣ ташкил мекарданд. Дар аввал сарлашкари сосониёнро ҳазорпат (сардори ҳазор сипоҳ) меномиданд. Ҳамин аст, ки олимон ба хулосае омаданд, ки ин артиши шоҳӣ аз ҳазор сарбоз иборат буд [9, с. 109]. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, ҳазорпат ин номи анъанавии сардори навкарони шоҳӣ буд. Дар амал шумораи навкарони шоҳӣ метавонист якчанд

ҳазорро ташкил кунад, чунки барои як давлати бузург доштани ҳамагӣ 1000 сарбоз хеле кам ба назар мерасад.

Дар аввал сардори артишро ҳазорпат ва дар асрҳои IV-VII Эронспаҳпат (яъне сардори сипоҳи Эрон) меномиданд. Ӯ баъди шоҳ, мубади мубадон ва фармондори бузург дар дарбор дар ҷойи чорум меистод. Эронспаҳпат танҳо ба подшоҳ итоат менамуд.

Қисми асосии артиши сосониёнро, мисли артиши Порт, саворагони вазниняроқи ҷавшанпӯш ва сабукяроқи тирандоз ташкил менамуданд. Сардори қисми аввалиро аспипат ва қисми дуюмро тирбад меномиданд. Саворагони ҷавшанпӯш бо шамшер, сипар, найза ва саворагони сабукяроқ бо тиру камон ва сипари сабук мусаллаҳ буданд. Саворагон аз ҳисоби табақаи озодагон ташкил карда мешуданд.

Дар қатор баъди саворагон қисмҳои пиёдагард меистоданд, онҳоро пойгон ва сардори онҳоро пойгонсолор меномиданд. Дар қисмҳои пиёдагард кишоварзон хизмат мекарданд. Дар ин баробар дастаи махсуси сарбозон мавҷуд буд, ки онҳоро ҷонсупорон меномиданд. Вазифаи онҳо то охир ҳифз намудани шоҳ ва парчами давлатӣ буд. Ҳамчунин, дастаи посбонони шахси шоҳ - «пуштигбонон» мавҷуд буданд, ки сардори онҳо пуштигбон солор ном дошт. Пуштигбонон, яъне пуштибонҳо ҳамеша шоҳро ҳамроҳӣ менамуданд.

Дар умум, артиш аз қисмҳои таркиби зерин иборат буд: Ганд - ҷузъи аз ҳама калон, Дирафш ҷузъи нисбатан хурд ва Вишта - ҷузъи аз ҳама хурд. Ҳар як қисм сардори худро дошт, ки солор номида мешуд: Ганд-солор, Дирафш-солор ва Вишта-солор.

Шоҳаншоҳии Сосониён парчами давлатӣ дошт, ки бо ҷавоҳирот оро ёфта буд. Дар вақти ҷанг артиш парчамро ҳамроҳаш мегирифт. Мувофиқи ахбори муаррихони исломӣ дар ҷанги назди Қудсия (Қодисия) байрақи Сосониён ба дасти арабҳо афтод. Онҳо барои ҷавоҳироти парчамро гирифтан онро пора-пора карда, дар байни худ тақсим намуданд.

Дар асоси ислоҳоти ҳарбии Хусрави Анушервон мансаби Эронспаҳпат барҳам хӯрда, қаламрави Эрон ба чор минтақаи ҳарбӣ тақсим карда шуд ва дар ҳар минтақа як сарлашкар (спаҳпат) таъин намуд. Сарлашкарони минтақаҳо бевосита ба шоҳ итоат мекарданд. Ин амалро шоҳ бо мақсади мустаҳкам кардани ҳокимияти худ ва маҳдуд намудан ҳокимияти Эрон иҷро намуда буд. Хусрави Анушервон дарк намуд, ки дар дасти як мансабдори олӣ ҷамъ шудани ҳокимияти калон барои амнияти тахти шоҳӣ то андозае хавфу хатар дорад.

Маҳз аз давраи Хусрави I сар карда, ба ҳайати артиши Сосониён дастаҳои сарбозони савораи зархариди ҳайтолӣ ва арманӣ дохил карда шуданд [2, с. 290].

Вобаста ба вазъи фавқулода, махсусан дар давраи ҷанг шоҳ дастаҳои ихтиёриёни савораро аз ҳисоби табақаҳои озодагон ташкил менамуд. Ба артиши давлатӣ қисмҳои ҳарбии ҳокимони вилоятҳо ва мулкҳои тобеъ илова мешуданд. Ба лашкар шоҳ ва ё яке аз сарлашкарон сардорӣ менамуд. Аксаран дар лашкаркашиҳо ба артиш худи шоҳ робарӣ мекард. Ин амал ҳам хусусияти сиёсӣ ва ҳам амалӣ дошт. Қувваҳои низомӣ ҳамеша бояд дар зери итоат ва назорати шоҳ қарор мегирифт. Дар акси ҳол душманонаш метавонистанд онро барои аз тахт сарнагун кардани шоҳ истифода баранд. Аз тарафи дигар, шоҳ бояд худро дар назди артиш ва раият ҳамчун ҷанговари ҷасур ва сарлашкари моҳир нишон медод. Лашкар кашидан яке аз вазифаҳои бевоситаи шоҳ маҳсуб меёфт.

Омӯзиши муборизаи сосониён бо рақибонашон нишон медиҳад, ки артиши онҳо қобилияти баланди ҷангӣ дошт. Дар баробари амалия назарияи санъати ҷанг низ дар аҳди Сосониён хеле рушд намуда буд. Ба ин мавзуъ рисолаҳои махсус ба мисли «Оинномак» бахшида шудаанд. Дар рисолаи динии «Динкард» низ дар ин бора маълумот дода шудааст. Дар ин ва дигар рисолаҳои паҳлавӣ дар бораи сафбандии артиш, усулҳои гуногуни ҷанг ва фатҳи қалъаҳо маълумот дода шудааст.

Ҳамин тавр, таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки шоҳаншоҳони Сосониён ҷиҳати мутамарказ намудани ҳокимият ва рушди давлат чораҳои зиёдеро дар амал татбиқ намудаанд. Маҳз низоми мукаммалу устувори давлатӣ буд, ки зиёда аз 400 сол империяи паҳновареро созмон дода, дар манотиқи бузурги стратегӣ ҳукумат намуданд. Ин низоми махсуси давлатдорӣ боис шуд, ки тамаддуни ориёӣ ба зинаи олии

тараққиёти худ рафта расад. Хидмати бузурги шоҳаншоҳони сосонӣ дар он буд, ки минтақаҳои аҷдодии тоҷиконро аз сиёсати забткоронаи Рум ва Чин ҳифз намуда, заминаи рушди тамоми соҳаҳоро гузоштанд.

**Муқарриз: Шарипов Р.Я.- д.ит., профессори ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Дашков С. Цари царей – Сасаниды. Иран III-VII вв. в легендах, историчеких хрониках и соврименных исследованиях / С. Дашков. – М.: СМИ-Азия, 2008. – 356 с.
2. Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана / М.М. Дьяконов. – М., 1961. – 452 с.
3. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана / В.Г. Луконин. – М., 1969. – 244 с.
4. Луконин В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов / В.Г. Луконин. – Л.: 1961. – 80 с.
5. Луконин В.Г. Древний и раннесредневековый Иран / В.Г. Луконин. – М., 1987. – 295 с.
6. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён /А. Кристенсен. – Теҳрон, 2000. – С.128.
7. Иванов М.С. История Ирана / М.С. Иванов. – М.: Изд-во МГУ, 1977. – 497 с.
8. Иванов М.С. Очерк истории Ирана / М.С. Иванов. – М.: Госполитиздат, 1952. – 467 с.
9. История Ирана. – М., 2004. – 648 с.
10. Пьянков И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон / И.В. Пьянков. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 64 с.
11. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
12. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 3 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 504 с.
13. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
14. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 132 с.
15. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 375 с.
16. Умарзода И. Таърихи тамаддуни ориён / И. Умарзода. –Душанбе, 2006. – 558 с.


## МАХСУСИЯТИ НИЗОМИ ИДОРИИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар такя ба осори ба таърихи аҳди бостони халқи тоҷик бахшидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, осори муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ махсусияти низоми идории шоҳаншоҳии Сосониёнро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки шоҳаншоҳии Сосониён яке аз марҳилаҳои муҳимми давлатдории ниёгони тоҷикон маҳсуб ёфта, дар рушди тамаддуни мо нақши бориз гузоштаанд. Сосониён дар такя ба таҷрибаи Ҳахоманишиёну Ашкониён низоми хоссаи давлатдориро ташаккул доданд, ки боиси рушди давлатории ниёгони тоҷикон гардид. Бо мақсади самаранок идора намудани давлат дастгоҳи марказӣ ба якчанд муассисаҳои соҳавӣ тақсим шуда буд, ки онҳоро девон меномиданд. Девонҳои замони Сосониён ба вазоратҳои муосир монандӣ доштанд. Эмомалӣ Раҳмон сохтори девонсолории шоҳаншоҳии Сосониёнро бо тафсил шарҳ дода, қайд менамояд, ки сардори ҳамаи девонҳоро фармондори бузург меномиданд. Салоҳиятҳои ӯ ба салоҳиятҳои вазирони давраи исломӣ қариб монанд буд. Ӯ таъкид менамояд, ки мансаби вазир дар хилофати араб дар зери таъсири Сосониён пайдо шуда буд. Омӯзиши таърихи давлатдории Сосониён нишон медиҳад, ки дар аввал дар шоҳаншоҳии Сосониён чунин унвон вуҷуд надошт ва ба ҷойи он унвони ҳазорпат, яъне сардори ҳазор сарбози яккачини шоҳӣ амал менамуд. Шоҳаншоҳии Сосониён аз лиҳози ҷуғрофӣ васеъ буда, ба ҳайати он як қатор кишварҳо дохил мешуданд, ки онҳо воҳидҳои асосии маъмурию ҳудудӣ маҳсуб ёфта, сарҳадҳои таърихан ташаккулёфта доштанд. Ба он Мидия, Форс, Кирмон, Сакистон ва ғайра дохил мешуданд.



**Калидвожаҳо:** Шоҳаншоҳии Сосониён, низом, махсусият, девон, шоҳ, мубад, табақа, маросим, анъана, ҳукумат, сатрап, ҳудуд, мақом.


## ОСОБЕННОСТИ АДМИНИСТРАТИВНОЙ СИСТЕМЫ САСАНИДСКОЙ ДЕРЖАВЫ В ТРУДАХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА


В данной статье автор на основе трудов, посвященных истории древнего таджикского народа Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, анализа исторических источников, трудов отечественных и зарубежных историков, проанализировал и рассмотрел особенности административной системы Сасанидов. Из изучения произведений Эмомали Рахмона видно, что династия Сасанидов считается одним из важнейших этапов государственности предков таджиков, и они сыграли значительную роль в развитии нашей цивилизации. Опираясь на опыт Ахеменидов и Ашканов, Сасаниды сформировали особую систему правления, которая привела к развитию правления предков таджиков. В целях эффективного управления государством центральный аппарат был разделен на несколько отраслевых учреждений, которые назывались деванами. Кабинеты сасанидской эпохи были похожи на современные министерства. Эмомали Рахмон подробно объясняет устройство деванов сасанидской монархии и отмечает, что главой всех деванов назывался великий полководец. Его полномочия были почти такими же, как у министров исламской эпохи. Он

подчеркивает, что должность министра в Арабском халифате была создана под влиянием Сасанидов. Изучение истории сасанидской государственности показывает, что поначалу такого титула в Сасанидской династии не было, а вместо него использовался титул хажарпат, то есть глава тысячи одиночных царских воинов. Царство Сасанидов было географически обширным и включало в себя ряд стран, считавшихся основными административно-территориальными единицами и имевших исторически сложившиеся границы. В него входили Мидия, Персия, Керман, Сакистан и другие.

**Ключевые слова:** империя Сасанидов, система, специальность, царь, храм, сословие, ритуал, традиция, правительство, сатрап, территория, статус.

## LIGHTENING OF THE ADMINISTRATIVE SYSTEM OF THE SASANIDS IN THE WORKS OF EMOMALI RAHMON

In this article, the author, on the basis of works of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon devoted to the history of the ancient Tajik people, analyzes historical sources, works of domestic and foreign historians, analyzes and considers the features of the administrative system of the Sassanids. From the study of the works of Emomali Rahmon, it can be seen that the Sassanid dynasty is considered one of the most important stages of the statehood of the ancestors of the Tajiks, and they played a significant role in the development of our civilization. Based on the experience of the Achaemenids and Ashkans, the Sassanids formed a special system of government, which led to the development of the rule of the ancestors of the Tajiks. In order to effectively manage the state, the central apparatus was divided into several branch institutions, which were called devans. The offices of the Sasanian era were similar to modern ministries. Emomali Rahmon explains in detail the structure of the devans of the Sasanian monarchy and notes that the head of all the devans was called the great commander. His powers were almost the same as those of the ministers of the Islamic era. He emphasizes that the post of minister in the Arab Caliphate was created under the influence of the Sassanids. A study of the history of the Sasanian statehood shows that at first there was no such title in the Sasanian dynasty, and instead the title of hazharpat was used, that is, the head of a thousand single royal warriors. The Sassanid kingdom was geographically vast and included a number of countries that were considered the main administrative-territorial units and had historically established borders. It included Media, Persia, Kerman, Sakistan and others.

**Keywords:** Sassanid Empire, system, specialty, king, temple, estate, ritual, tradition, government, satrap, territory, status.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Ҷамолиддин Сафолович –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Джамолиддин Сафолович –*** Таджикский национальный университет, кафедра истории таджикского народа, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** - Tajik National University, Department of History of the Tajik People, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

ТДУ:930.85 (575.3)

# ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ РУШД ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2008-2015

*Каримов М.Б.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** соли таҳсили 2007-2008 961 нафар омӯзгорони асосӣ фаъолият менамуданд, ки аз ҷумлаи онҳо 111 нафарашонро докторони илм ва 341 нафарашонро номзадҳои илм ташкил медоданд. Илова бар ин, ба раванди таълим 93 нафар омӯзгорони ҳамкор низ ҷалб карда шуда буданд.

Шумораи умумии донишҷӯён дар Донишгоҳ 16727 нафарро ташкил медод. Аз шумораи онҳо 11391 нафар донишҷӯ дар шуъбаи рӯзона ва 5336 нафар донишҷӯ дар шуъбаи ғоибона таҳсил доштанд. Шумораи умумии донишҷӯёни аз ҳисоби буҷаи давлатӣ таҳсил дошта 7167 нафар ва аз рӯйи таҳсили шартнома 9560 нафарро ташкил медод.

Соли таҳсили 2007-2008 дар Донишгоҳ барои тайёр кардани мутахассисон аз рӯйи низоми кредитӣ оғоз ёфтааст. Аз 70 номгӯйи ихтисосҳои Донишгоҳ 11 ихтисос аз рӯйи низоми кредитии таҳсил фаъолият доштанд.

Қайд кардан зарур аст, ки тибқи Низомномаи ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи низоми таҳсилоти кредитӣ дар Донишгоҳ донишҷӯ дар мавриди ба даст овардани на камтар аз 32 кредит (аз ҷумла, 100% фанҳои ҳатмӣ) аз миқдори умумии кредитҳои дар семестр муайян карда шуда, аз курс ба курс интиқол дода шудаанд. Теъдоди чунин донишҷӯён дар гурӯҳҳои академии низоми таҳсилоти кредитии Донишгоҳ дар баробари ҷамъбасти натиҷаҳои давраҳои фаъол ва иловагии сесияҳои имтиҳонотии зимистонаи соли таҳсили 2009-2010 ба 620 нафар баробар буд [3, с.156]. Аз миқдори умумии 729 нафар донишҷӯён 54 нафар бо сабабҳои гуногун хориҷ карда шуданд. Соли таҳсили 2014-2015 дар байни 620 нафар донишҷӯёни курсҳои 1-3-юми гурӯҳҳои академии низоми таҳсилоти кредитии Донишгоҳ 73 нафар дорои қарзҳои академӣ (аз як фанни таълими-58 нафар, аз ду фанни таълимӣ -9 нафар) буда, 6 нафар бо сабаби доштани қарзҳои академӣ аз се на зиёда фанҳои таълимӣ барои хориҷ гаштан аз Донишгоҳ пешниҳод карда шуданд [1, с.8].

Дар партаву супоришҳои ҷаноби олӣ Эмомали Раҳмон вобаста ба ҷашнгирии 20-солагии Истиқлолият давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Рӯзи дониш» аз ҷониби омӯзгорони Донишгоҳ 14 китоби дарсӣ нашр гардидааст [5, с.14].

Дар соли 2008-2009 93 васоиту дастурҳои методӣ ва 47 китоби дарсӣ чоп карда шудааст. Дар соли 2009-2010 бошад, 97 адад васоити таълимию дастури методӣ ва 38 китоби дарсӣ аз чоп бароварда шуд.

Агар дар муқоиса нисбат ба соли хониши 2008-2009 гирем, дастури методӣ 4 адад зиёд ва китоби дарсӣ 9 адад кам нашр гардидааст.

Дар Донишгоҳ ҳамагӣ 934 адад компютер мавҷуд буд. Аз ин 16 адад пентюм 2, 98 адад пентюм 3, 820 адад пентюм 4. аст Илова бар ин, 250 адад принтери лазерӣ, 20 адад принтери 3х1, 28 адад асбоби нусхабардорӣ, 70 адад видео-проэктор ва 20 адад тахтаи электронӣ мавҷуд буд. Дар 30 синфхонаи компютерӣ (аз он ҷумла, 6 тояш Маркази интернетӣ, 2-тояш китобхонаи электронӣ) ҳамагӣ 345 адад компютер ҷойгир карда шудааст. Аз ин миқдор 552 компютер ба шабакаи интернет пайваст буд. Дар ҷараёни таълим донишҷӯён аз 540 адад компютер истифода мебурданд. Яъне, ба ҳар як компютер 21 донишҷӯ рост меояд, ки ин, албатта, мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида набуд [11, с.33].

Донишгоҳ аз рӯйи дараҷаҳои «бакалавр» ва «магистр» мутахассис тайёр менамуд. Дар шуъбаи магистратураи таълимгоҳ 52 нафар магистрон таҳсил менамуданд. Аз ин шумора 22 нафарашон аз давлатҳои хориҷӣ буданд (16 нафар дар курси 1 ва 6 нафар дар

курси 2).

Дар Донишгоҳ шуъбаи мониторинг ва назорати сифати таълим дар сохтори раёсати таълим ташкил карда шуда буд. Аз тарафи кормандони шуъба дар натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда машғулиятҳои дарсӣ, журналҳои қайди давомоти донишҷӯён ва раванди сессияи санҷишӣ дар таълимгоҳ мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Аз натиҷаи мониторинги давомот ва қайди журналҳои гурӯҳҳои академӣ соли таҳсили 2008-2009 бо сабаби давомоти нокифоя ба машғулиятҳои дарсӣ 197 нафар донишҷӯёни шуъбаи рӯзона, аз ҷумла 12 нафар тариқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилкунанда аз Донишгоҳ хориҷ карда шудаанд [2, с.151].

Қабули имтиҳонҳо дар факултетҳои ҳуқуқ ва иқтисодӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ сурат гирифтааст. Дар робита бо ин, дар заминаи шуъба мониторинг ва назорати сифати таълим дар мувофиқа бо муассиси Донишгоҳ дар сохтори Донишгоҳ Маркази тестӣ ва мониторинги сифати таълим таъсис дода шудааст.

Дар сессияи зимистонаи соли таҳсили 2008-2009 аз 10598 нафар донишҷӯёни шуъбаи рӯзона 10563 нафар ба имтиҳон роҳ дода шудааст. Бо сабабҳои гуногун 35 нафар донишҷӯ дар имтиҳонҳо иштирок накарданд [4, с.161].

Аз 10563 нафар донишҷӯёне, ки дар имтиҳонҳо иштирок намуданд, 10105 нафарашон имтиҳонҳоро супориданд. Азхудкунии дарсҳо 95,3%-ро ташкил медиҳад.

Дар таълимгоҳ дар соли таҳсили 2008-2009 аз рӯйи 56 ихтисоси амалкунанда 32 комиссияи аттестатсионии давлатӣ ташкил гардид, ки чунин натиҷагирӣ намуданд. Аз 3321 нафар донишҷӯёне, ки шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи Донишгоҳро бояд хатм мекарданд, 3095 нафар донишҷӯ (аз ин 1860 нафар аз шуъбаи рӯзона, 1235 нафар аз шуъбаи ғоибона) таълимгоҳро хатм карданд (баҳои «аъло»-296 нафар; «хубу аъло»-399 нафар; «омехта»-2400 нафар). Аз теъдоди умумии 3321 нафар хатмкунандагон 152 нафар бо сабаби дар имтиҳоноти давлатӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтан ва 74 нафар барои дар аттестатсияи давлатӣ ширкат накардан (ҷамъ 226 нафар) аз имкони хатми Донишгоҳ маҳрум монданд.

Дар сессияи зимистонаи соли таҳсили 2009-2010 аз 8636 нафар донишҷӯёни шуъбаи рӯзона 8549 нафар ба имтиҳон роҳ дода шуда буд. Бо сабабҳои гуногун 148 нафар донишҷӯ дар имтиҳонҳо иштирок накарданд.

Таҳқиқ нишон дод, ки ба сессияи зимистонаи соли таҳсили 2009-2010 99.2% донишҷӯён роҳхат гирифта ба имтиҳонҳо ҳозир шуданд.

Аз ин шумора танҳо 50.8% донишҷӯён тавонистанд, ки дар давраи фаъол ҳамаи имтиҳонҳоро супоранд. Теъдоди қарздорон 4644 нафар ва ё 49.2%-ро ташкил додааст. Аммо то санаи 25.02.2010 аллакай 99.1%-и донишҷӯён имтиҳонҳоро ба пуррагӣ супоридаанд [12, с.165].

Дар Донишгоҳ дар соли 2008-2009 304 нафар омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанд. Аз онҳо 140 нафар омӯзгор аз курсҳои такмили ихтисоси худи Донишгоҳ ва 164 нафар омӯзгори дигар аз курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон гузаштанд.

Дар Донишгоҳ шуъбаи аспирантура ва докторантура фаъолият мекунад. Дар аспирантура 171 нафар аспирантон ба иҷрои корҳои илмӣ машғуланд, ки аз онҳо 93 нафарашон дар шуъбаи рӯзона ва 74 нафара- шон дар шуъбаи ғоибона таҳсил менамуданд.

Дар соли таҳсили 2008-2009 даҳ нафар аспирантҳои солҳои сеюму чоруми шуъбаҳои рӯзонаву ғоибона рисолаҳои илмии худро барои дифоъ пешниҳод намуданд. Рисолаҳои илмии 2 нафар аспирантро Шурои махсусгардонидашудаи ҳимояи рисолаҳои номзадию доктории назди Донишгоҳ барои моҳи апрели соли 2010 пазируфта, дифои онҳоро ташкил ва гузаронидааст. Ҳамчунин, 2 докторанти соли сеюми Донишгоҳ рисолаҳояшонро пеш аз муҳлат ба анҷом расонида, рисолаи худро дифоъ намудаанд. Дар соли 2009 кормандони Донишгоҳ ҳамагӣ 38 нафар рисолаи номзадӣ ва 12 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуданд.

Дар соли 2008-2009 9 нафар устодони Донишгоҳ ба унвони илмии дотсенти кафедра

ва 3 нафар устодон ба унвони илмии профессори кафедра гузаронида шудаанд. Аз шумораи онҳо 2 нафар унвони илмии профессори кафедра ва 3 нафар унвони илмии дотсенти кафедра аз тарафи Хадамоти федералии назорат дар соҳаи маориф ва илми Россия тасдиқ карда шудааст, соҳиб гардиданд [6,с.15]. Ҳуҷҷатҳои 7 нафар унвонҷӯён дар ташхиси Хадамоти федералии назорат дар соҳаи маориф ва илми Россия қарор дошт.

Дар назди Донишгоҳ Донишкадаи илмию татқиқотӣ ташкил карда шудааст. Шумораи умумии кормандон 129 нафар буда, 62 нафарашон кормандони доимӣ ва 60 нафарашонро ҳамкорон ташкил медоданд. Аз ҷумлаи онҳо 3 нафар узви пайвастаи АИҶТ, 4 нафар узви вобастаи АИҶТ, 26 нафар доктори илм 40 - нафар номзадони илм буданд.

Донишкада аз рӯйи 13 самт ва 22 мавзуъ фаъолият мебарад. Институт аз 6 шуъба, 11 озмоишгоҳ ва 11 гурӯҳи илмӣ иборат мебошад. Маблағи хароҷоти институт барои соли 2008 552622 сомонӣ ва барои соли 2009 840630 сомониро ташкил медод [3, с.14]. Дар фаъолияти институт барои тайёр кардани маҳлули оксиди оҳан, барои эмин доштани касалии хлоррози дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла лимон ва ангур тайёр кардани экстраксияи гиёҳҳои шифобахш, ҷамъоварӣ ва тайёр кардани гиёҳҳо барои истеҳсоли фиточой ва равғани зағир равона карда шудааст. Дар Институт корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодон ва донишҷӯён низ анҷом дода мешаванд.

Дар Донишгоҳ Маркази биотехнологӣ ва марказҳои технопаркии коркарди металлҳо, сангҳои қиматбаҳо, истеҳсоли равғани табобатии зағир ва истеҳсоли дастгоҳи безараргардонӣ ва софкунандаи об ба кор шуруъ намуданд.

Китобхонаи электронии Донишгоҳ дорои 21 папкаи нигоҳдории китобҳои илмию таълимӣ ва дастурҳои методӣ буда, аз рӯйи тахассусҳо равияҳо ва факултетҳо тасниф шудааст. Китобхонаи илмии Донишгоҳ бо барномаи китобхонавии электронии «Ирбис» аз соли 2003 шуруъ кардааст ва тавассути ин барнома манобеи чопӣ ба барномаи электронӣ ворид гардидааст. Феҳристи электронии китобхонаи илмӣ дорои 16 манбаи маълумот аст, ки дар худ 28511 номгӯйро дар бар гирифтааст ва дар он номгӯйи китобу мақолаҳо ва нашрияҳои даврӣ мавҷуданд.

Ҳамин тавр, таҳқиқ нишон дод, ки раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли хониши 2008-2010 оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.2007, №529 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст.

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**. Соли таҳсили 2008-2009 шумораи умумии донишҷӯён дар Донишгоҳ 6303 нафарро ташкил медод, аз ҷумлаи онҳо 2588 нафар донишҷӯ дар шуъбаи рӯзона ва 3715 нафар донишҷӯ дар шуъбаи ғоибона таҳсил доштанд. Таҳсил дар Донишгоҳ танҳо дар шакли шартномавӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар Донишгоҳ дар соли таҳсили 2008-2009 226 нафар омӯзгорон фаъолият мекарданд, ки аз онҳо 190 нафар омӯзгорони асосӣ, 10 нафарашон докторони илм (1 нафар профессор), 68 нафарашон номзадҳои илм (10 нафар дотсент) фаъолият доштанд. Илова бар ин, ба раванди таълим 36 нафар омӯзгорони ҳамкор низ ҷалб карда шуда буданд.

Дар соли 2008 55 васоиту дастури методӣ ва 15 китоби дарсӣ чоп карда шуд. Дар соли 2009 бошад, 38 адад васоити таълимию дастури методӣ ва 24 китоби дарсӣ аз чоп бароварда шуд.

Агар дар муқоиса нисбат ба соли 2008 гирем, васоити таълимӣ 17 – адад кам нашр шудаанд.

Дар соли таҳсили 2005- 2006, дар донишгоҳ аз рӯйи 13 ихтисос тайёр кардани мутахассисон аз рӯйи низоми таҳсили кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Аз рӯйи низоми таҳсили муқаррарӣ танҳо донишҷӯёни курсҳои 5 боқӣ мондаанду халос. Дар соли таҳсили 2009-2010 донишҷӯёни курси якуми шуъбаи ғоибона низ ба таҳсили низоми кредитӣ фаро гирифта шуда буданд.

Дар Донишгоҳ ҳамагӣ 310 адад компютер мавҷуд буд. Аз ин миқдор 150 адад компютер ба шабакаи интернет пайваст буд. Дар ҷараёни таълим донишҷӯён аз 144 адад компютер истифода мебурданд.

Донишгоҳ аз рӯйи дараҷаҳои «бакалавр» ва «магистр» мутахассис тайёр мекард. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Донишгоҳ аз рӯйи 6 ихтисос магистр тайёр карда мешуд. Соли таҳсили 2013-2014 дар таълимгоҳ 49 нафар магистрон таҳсил менамуданд. Аз ин шумора 48 нафарашон магистрони давлати хориҷӣ аз Ҷумҳурии Исломии Эрон буданд, ки 41- нафарашон дар курси 2-юм, 2 - нафарашон дар курси I -юми шуъбаи ғоибона ва 5 нафарашон дар курси якуми шуъбаи рӯзона таҳсил менамуданд. Дар шуъбаи ғоибона бо сабаби ба машғулиятҳо ҳозир нашуданашон 6 - нафар магистрантон аз Донишгоҳ хориҷ карда шуданд. Соли таҳсили 2009-2010 8 - нафар магистрантон Донишгоҳро бо ихтисоси менеҷменти ташкилот хатм намуданд.

Дар Донишгоҳ шуъбаи мониторинг ва назорати сифати таълим дар сохтори департаменти таълим ташкил карда шудааст. Аз тарафи кормандони шуъба дар натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда машғулиятҳои дарсӣ, журналҳои қайди давомоти донишҷӯён ва раванди сессияи санҷишӣ дар таълимгоҳ мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Инчунин, аз тарафи ин шуъба байни донишҷӯён анкетаҳо дар бораи фаъолияти устодони Донишгоҳ гузаронида шуданд.

Ҳамчунин, аз ҷониби ин бахш назорати корҳои методӣ, машғулиятҳои амалию мустақилона, таҳлили дарсҳои омӯзгорон, сифати раванди таҳсилот ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Аз тарафи кормандони Хадамот моҳи декабри соли 2009 дар таълимгоҳ мониторинги сатҳи сифати таълим гузаронида шудааст, ки натиҷаи ин мониторинг дар Шурои Хадамот ва Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаи санҷиши тестӣ ва хаттӣ гирифташуда нишон додааст, ки дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён 59,4%-ро ташкил медиҳад [2, с.158].

Натиҷаи сессияи имтиҳоноти зимистона ва тобистона дар низоми кредитии таҳсилот барои соли таҳсили 2008-2009 чунин аст: аз 1641 нафар донишҷӯёни шуъбаи рӯзона 1478 нафар ба имтиҳон роҳ дода шуданд. Ба сессия 163 нафар роҳ дода нашуд. Инчунин, бо сабабҳои гуногун 21 нафар донншҷӯ дар имтиҳонҳо иштирок накарданд. Ҳамагӣ 1457 нафар донишҷӯ имтиҳонҳоро супориданд [7, с.48]. Аз инҳо бо баҳоҳои «аъло»-2 нафар, баҳои «хуб ва аъло»-24 нафар, баҳои «омехта»-679 нафар, баҳои «каноатбахш»-392 нафар, баҳои «ғайриқаноатбахш»-360 нафар. Дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён 75,3% ро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2009-2010 дар низоми кредитии таҳсилот дараҷаи азхудкунии донишҷӯёни шуъбаи рӯзонаи курсҳои 1 то 4-ум чунин аст: аз 2046 нафар донишҷӯёни шуъбаи рӯзона 1981 нафар ба имтиҳон роҳ дода шуд. Бо сабабҳои гуногун 65 нафар донишҷӯ ба имтиҳонҳо роҳ дода нашуд.

Аз 1981 нафар донишҷӯёне, ки ба имтиҳонҳо роҳ дода шуданд, 7 нафарашон дар имтиҳонҳо иштирок накарданд. Ҳамагӣ 1974 нафар донишҷӯ имтиҳонҳоро супориданд. Аз инҳо бо баҳоҳои «аъло»-1 нафар, баҳои «хуб ва аъло»-69 нафар, баҳои «омехта»-834 нафар, баҳои «қаноатбахш»-755 нафар, баҳои «ғайриқаноатбахш»-315 нафар. Дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён дар сессияи зимистона 86,4%-ро ташкил дод.

Натиҷаи сессияи имтиҳонӣ дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2009- 2010 дар курсҳои 5 шуъбаи рӯзона аз рӯйи низоми муқарраrии таҳсилот чунин аст: аз 458 нафар донишҷӯ 15 нафар ба сессия роҳ дода нашуд. 70 нафар донишҷӯ дар сессия иштирок накард. Ҳамагӣ 443 нафар донишҷӯ ба имтиҳон роҳ дода шуд [8, с.16]. Аз инҳо бо баҳоҳои «аъло»-11 нафар, баҳои «хуб ва аъло»-100 нафар, баҳои «омехта»-196 нафар, баҳои «қаноатбахш»-10 нафар, баҳои «ғайриқаноатбахш»-56 нафар. Дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён дар сессияи зимистона 71,6%-ро ташкил дод.

Дар таълимгоҳ соли 2008-2009 аз рӯйи 56 ихтисоси амалкунанда 32 комиссияи аттестатсионии давлатӣ ташкил гардид, ки чунин натиҷагирӣ намуданд: аз шумораи 3321 нафар донишҷӯёне, ки шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи Донишгоҳро бояд хатм мекарданд, 3095 нафар аз донишҷӯ (аз ин 1860 нафар аз шуъбаи рӯзона ва 1235 нафар шуъбаи ғоибона) таълимгоҳро хатм карданд (баҳои «аъло»-296 нафар; «хубу аъло»-399 нафар; «омехта»-2400 нафар). Аз теъдоди умумии 3321 нафар хатмкунанда 152 нафар бо сабаби

дар имтиҳоноти давлатӣ иштирок накардан баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтанд ва 4 нафар дар аттестатсияи давлатӣ ширкат накарданд (ҷамъ 226 нафар) аз имкони хатми Донишгоҳ маҳрум монданд.

Дар Донишгоҳ дар соли таҳсили 2008-2009 31 нафар омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанд. Аз онҳо 12 нафар омӯзгор дар курсҳои такмили ихтисоси донишгоҳҳо ва ташкилотҳои берун аз мамлакат 19 нафар омӯзгори дигар муассисаҳо дар Тоҷикматлубот, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Кумитаи гумрук аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд. Курсҳои такмили ихтисоси Донишгоҳ то ҳамон замон иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои фаъолияти пешбурди таълим надоштааст.

Дар Донишгоҳ шуъбаи аспирантура фаъолият мекунад. Дар шуъбаи аспирантура 25 (11 духтар) нафар аспирантон ба иҷрои корҳои илмӣ машғуланд, ки аз шумораи онҳо 5 нафарашон дар шуъбаи рӯзона ва 20 нафарашон дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекунанд [14,с.17]. Дар соли таҳсили 2008 ва 2009 3 нафар аспирантҳои шуъбаҳои рузона рисолаҳои номзадии худро дар шуроҳои диссертатсионии дигар донишгоҳҳо дифоъ намуданд.

Ҳамчунин, 1 нафар омӯзгори кафедраи фалсафаи Донишгоҳ рисолаи доктории худро дар Шурои диссертатсионии назди Академияи илмҳои ҶТ дифоъ намудааст. Шумораи унвонҷӯёни Донишгоҳ 4 нафар мебошад (2 нафар духтар). Шумораи аспирантони хориҷии Донишгоҳ 38 нафарро ташкил медод, ки асосан аз Ҷумҳурии Исломии Эрон буданд.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар таълимгоҳ аз рӯйи 2 самт амалӣ гардидаанд. Соли таҳсили 2013-2014, 321 нафар устодону профессорони таълимгоҳ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардиданд. Инчунин, устодони Донишгоҳ бо ҳамроҳи устодони донишгоҳи кооператсияи матлуботи Сибир (ш. Новосибирск) мувофиқи нақшаи координатсионӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои солҳои 2005-2010 аз рӯйи мавзуъҳои «Кооператсия дар иқтисодиёти иҷтимоӣ», «Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иҷтимоӣ - иқтисодии кооператсияи матлубот», «Назария ва амалияи маркетинг ва истифодаи он дар ташкилотҳои кооператсияи матлубот», «Ташкили истеҳсоли ҳудудӣ ва соҳаи хизматрасонӣ, ҳамчун асоси реструктуризатсия ва модернизатсияи кооператсияи матлубот», «Такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолияти кооператсияи матлубот” тадқиқот бурда истодаанд.

Дар Донишгоҳ то соли 2007 Шурои диссертатсионӣ мавҷуд буд. Айни замои ин Шуро фаъолият намекунад.

Дар соли таҳсили 2010-2011, 14 нафар устодони Донишгоҳ ба вазифаи дотсенти кафедра ва 1 нафар ба вазифаи профессори кафедра гузаронида шуданд. Дар соли таҳсили 2010-2011 ишғоли вазифаи дотсент ва профессор 6 нафарро (1 профессор, 5 нафар дотсент) ташкил медод [9, с.33].

Соли хониши 2013-2014 дар Донишгоҳ 20 синфхонаи компютерӣ, 100 адад принтер, китобхонаи электронӣ бо 30 адад компютер, 8 тахтаи электронӣ, 6 хатти интернет, 20 кабинети фаннӣ (методӣ), 4 озмоишгоҳи таълимӣ, 1 озмоишгоҳи илмӣ, 1 таҷрибавӣ, инчунин 10 адад видеопроэктор, 20 адад асбоби нусхабардорӣ, 4 комплект асбоби назоратӣ бо 13 адад камера барои синфхонаҳо харидори намудаанд, ки ҳамаи инҳо аз ҳисоби буҷаи Донишгоҳ амалӣ гаштанд [7, с.25].

Дар Донишгоҳ шуъбаи магистратура ва такмили ихтисос ташкил карда шудааст.

Дар Донишгоҳ Китобхонаи электронӣ мавҷуд мебошад. Фонди умумии китобхонаи электронӣ 28000 нусхаро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, пажуҳиш нишон дод, ки раёсати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар соли хониши 2008-2010 оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.2007, №529 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст [10, с.89].

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо компютер, синфхонаҳои компютерӣ, воситаҳои муосири таълим (видеопроэктор, тахтаи

электронӣ) таҷҳизонида шуда, китобхонаҳои электрониашон фаъолона кор менамоянд. Бояд қайд кард, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зикргардида раванди таълимро дар асоси таълими болонӣ ба роҳ мондаанд ва бахши мониторинги сифати таълимро ташкил додаанд. Ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тайёр кадани мутахассисонро вобаста ба мавҷудияти нақшаҳои таълим ва иҷозатномаи №28 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаҳои «бакалавр» ва «магистр» ба роҳ монданд.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015.
2. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.23. 240 в.
3. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.23. 240 в.
4. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.23. 240в.
5. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.23. 240в.
6. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.24. 98 в.
7. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.24. 98 в.
8. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.25. 157 в.
9. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.27. 157 в.
10. Қарори маҷлиси назоратии назди вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 30.03.2008. - 75с.
11. Раҳматуллоев Ф. Компютеркунонӣ - талаботи давру замон / Ф.Раҳматуллоев. –Душанбе, 2013. - 133с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат. -Душанбе, 2009. - 180с.
13. Ҳисоботи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№ 9. 26.12.2008. -48в.
14. Ҳисоботи Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. -№ 11. 28.12.2009. -34 в.


## ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ РУШД ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2008-2015


Дар ҷомеаи мутамаддин низоми муассисаву маориф, илму фарҳанг нақши созанда дорад. Неруи зеҳнию ақлонии ҳар кишвар ба рушди соҳаи маориф вобастагӣ дорад. Маҳз муассисаҳои маориф, мутахассисони баландихтисос метавонанд рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии кишварро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи муассисаҳои соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, рушди онро дар меҳвари сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор додаанд. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 таъкид гардидааст, киояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Дар татбиқу амалӣ гардидани Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумат оиди маориф, мутахассисини муассисаҳои олии кишвар нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар симои омӯзгор тамоми хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, маънавиёти баланд таҷассум ёфтаанд. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон садҳо омӯзгорони пешқадам дар татбиқ намудани барномаҳои давлатӣ саҳми назаррас мегузоранд. Аз ин рӯ, ба риштаи таҳлил кашидани татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад. Дар мақола масъалаи татбиқи барномаи давлатии рушди таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба риштаи пажуҳиш кашида шудааст.



**Калидвожаҳо:** Вазорати маориф, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди таҳсилот, низоми кредитӣ, шуъбаи мониторинг.


## РЕАЛИЗАЦИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПРОГРАММЫ РАЗВИТИЯ В ТАДЖИКСКОМ НАЦИОНАЛЬНОМ УНИВЕРСИТЕТЕ И ТАДЖИКСКОМ ГОСУДАРСТВЕННОМ УНИВЕРСИТЕТЕ КОММЕРЦИИ ЗА 2008-2015 ГГ.


В цивилизованном обществе система образовательных учреждений, науки и культуры играет конструктивную роль. Интеллектуальная мощь каждой страны зависит от развития сектора образования. Только высококвалифицированные специалисты могут обеспечить стабильное экономическое, социальное, научное и культурное развитие страны. Поэтому Основоположник национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон уделил особое внимание вопросу образовательных учреждений, а его развитие поставил в центр своей социальной и культурной политики. В Послании Лидера нации Верховному Собранию Республики Таджикистан от 22 декабря 2016 года было подчеркнуто, что будущее страны во многом зависит от деятельности учителей и развития науки и образования.Специалисты высших учебных заведений страны играют решающую роль в реализации Государственной программы развития профессионального образования в Республике Таджикистан и решений Правительства в области образования. В лице учителя воплощены все человеческие качества, высокая духовность. В Таджикском национальном университете и Таджикском государственном университете коммерции известны своей заслугой сотни ведущих и образцовых преподавателей, занимающих особое положение в реализации государственных программ и их основных аспектов. Поэтому анализ предполагает реализацию государственной программы развития высшего образования. В данном

контексте хотелось бы рассмотреть ход реализации государственной программы развития образования в Таджикском национальном университете и Таджикском государственном университете коммерции.

**Ключевые слова:** Министерство образования, Таджикский национальный университет, Таджикский государственный университет коммерции, образовательная разработка государственной программы, кредитная система, отдел мониторинга.

## IMPLEMENTATION OF THE STATE DEVELOPMENT PROGRAM IN THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY AND THE TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE FOR YEARS 2008-2015

In a civilized society, the system of educational institutions, science and culture has a constructive role. The intellectual power of each country depends on the development of the education sector. Only highly qualified specialists can ensure stable economic, social, scientific and cultural development of the country. Therefore, the founder of national peace and unity - the Leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, paid special attention to the issue of educational institutions, and placed its development at the center of his social and cultural policy. In the Message of the Leader of the Nation to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan on December 22, 2016, it was emphasized that the future of the country is highly dependent on the activities of teachers and the development of science and education. Specialists of the country's higher institutions play a decisive role in the implementation of the State Program for the Development of Vocational Education in the Republic of Tajikistan and the Government's decisions on education. In the face of the teacher, all human qualities, high spirituality are embodied. In the Tajik National University of and Tajik State University of Commerce, hundreds of leading and exemplary teachers are known for their meritorious work, who have a special position in the implementation of state programs and their main aspects. Therefore, the analysis involves the implementation of the state program for the development of higher education. In this context, we would like to review the implementation of the state program for the development of education at the Tajik National University and Tajik State University of Commerce.

**Key words**: Ministry of Education, Tajik National University, Tajik State University of Commerce, educational development of state program, credit system, monitoring department.

**Маълумот оид ба муаллиф:** ***Каримов Мусо Бобишоевич*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ, номзади илмҳои педагогӣ, профессор, мудир. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,33.
Телефон: **93 910 76 13**, E-mail**: karimovmusso@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Мусо Бобишоевич*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра методики преподавания истории и права, кандидат педагогических наук, профессор, заведующий. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,33.
Телефон: **93910 76 13**, E-mail**: karimovmusso@gmail.com**

**Information about the author:** ***Karimov Muso Bobishoevich*** **–** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Methods of Teaching History and Law, Candidate of Pedagogical Sciences, Professor, Head. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33.
Phone: **93 910 76 13**, E-mail**: karimovmusso@gmail.com**

УДК:930(575.3) (1-87)

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ УНИВЕРСИАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ (ДАР МИСОЛИ СММ)

*Иброгимова Г.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ мақом ва нақши созмонҳои байналмилалӣ аз рӯйи як қатор меъёрҳо муайян карда мешаванд. Яъне, вобаста ба доираи аъзоён созмонҳо метавонанд ба умумӣ ва ё маҳдуд ҷудо шаванд.

Созмонҳои умумӣ ё универсалӣ, асосан барои иштироки ҳама давлатҳо пешбинӣ шудаанд. Инчунин, созмонҳо имкон доранд бо проблемаҳои умумии сиёсӣ ва ё намудҳои махсуси ҳамкорӣ (иқтисодӣ, фарҳангӣ, низомӣ, дар самти нақлиёт, алоқа, нигаҳдории тандурустӣ ва ғ.) машғул шаванд. Ба ибораи дигар навъи ҷудогонаи созмонҳои байналмилалӣ низ вуҷуд дорад. Бинобар ин, дар ҳоли имрӯз аксарияти созмонҳо байнидавлатӣ мебошанд. Ҳокимияти болоӣ надоранд, аъзоёни онҳо вазифаҳои ҳокимияти худро ба онҳо намедиҳанд, вазифаи ин гуна созмонҳо танзими ҳамкориии давлатҳо ва ғайра мебошад.

Ҳамин масъала дар илми таърих ва сиёсатшиносии муосир оид ба таснифи созмонҳои умумиҷаҳонии байналмилалӣ ақидаҳои гуногунро ба миён овард. Вобаста ба ин масаъла муҳаққиқи рус Г.И.Тункин қайд менамояд, ки созмонҳои байналмилалии универсалӣ созмонҳое мебошанд, ки ҳадаф ва мароми фаъолияташон барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон пешбинӣ шудааст, ки намунаи барҷастаи он Созмони Милали Муттаҳид (СММ) буда метавонад [15,с. 342].

Бо назардошти ин нуктаи назариявӣ, маълум аст, ки мақсад ва мароми фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид муҳофизати сулҳу амнияти тамоми кишварҳои ҷаҳон, манфиатҳои умумумибашарӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки Созмони Милали Муттаҳид лозим медонад барои ҳамаи давлатҳое, ки Оинномаи онро эътироф мекунанд, кушода бошад. Гузашта аз он дар равобити байналмилалии муосир дар миёни созмонҳое, ки фаъолияти онҳо ба манфиати умум аст, муассисаҳои махсусгардонида, аз қабили Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ (СУМ), Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия (ИБТ), Хадамоти умумиҷаҳони алоқа (ХУА) ва ғайра фаъолият мекунанд.

Дар ин маврид муҳаққиқ Л.Оппенгейм қайд мекунад, ки «Характери универсалии ташкилоти байналхалқӣ аз характери мақсадҳое, ки он ҳамчун органи олии ҳуқуқи байналхалқӣ ба миён мегузорад, инчунин аз зарурияти таҷассуси якдилии комили манфиатҳои ҳамаи давлатҳо бармеояд» [8, с. 89]. Ин чунин маъно дорад, ки созмонҳои байналхалқӣ набояд барои ҳамаи аъзоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ кушода бошанд. Аз ин нуктаи назар лозим меояд, ки узвият дар он барои ҳама давлатҳо бояд ҳатмӣ бошад ва имкони ҳуқуқии воридшуда ба созмон ё хориҷ шудан аз он вуҷуд дошта бошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, зарурияти ворид шудани худро ҳамчун субъекти нави ҳуқуқӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ зарур донист. Вобаста ба дархости давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон 28 январи соли 1992 Шурои Амнияти СММ дар ҷаласаи худ қатъннома оид ба шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзогии Созмони Милали Муттаҳидро қабул кард. Дар асоси қатъномаи мазкур 2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи 46-уми Маҷмаии Умумии СММ таҳти рақами 46224 якдилона ба узвияти СММ қабул карда шуд [5,с. 62-74].

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид барои рушди ҳамкориҳои кишвар бо созмонҳо, ниҳодҳо ва муассисаҳои махсуси СММ замина гузошт. Дар як муддати кӯтоҳ аз рӯйи меъёрҳои таърихӣ, марҳалаҳои муайяни узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибат бо Созмони Милали Муттаҳид сипарӣ карда шуд [14, с. 18-21].

Мутаассифона, ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчуни кишвари мустақил ба ин созмони байналмилалии универсалӣ (СММ) ба замоне рост омад, ки бар асари

гурӯҳбозиҳои сиёсии солҳои 90- уми асри гузашта, кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд.

Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки марҳалаи аввали ҳамкориҳои кишвар бо Созмони Милали Муттаҳид аз роҳи расидан ба сулҳу субот дар кишвар оғоз гардид.

Дар воқеъ баъди ба даст овардани истиқлолият аз соли 1991 то 2001 ҳукумати кишварро лозим буд, ки тамоми равандҳои низоми давлатӣ, мустаҳкам кардани соҳибихтиёрӣ, шинохти мақоми субъективии кишварро дар низоми байналмилалӣ, ҳаллу фасли ҳарчи зудтари масъалаҳои ҷанги гражданӣ ва азнавсозии баъдиҷангиро бартараф созад.

Барои расидан ба сулҳу амнияти комили кишвар 1 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе Намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон (ННСММ) кушода шуд, ки дар пешбурди раванди сулҳ, бо талошҳои сулҳҷӯёна ва расонидани кумаки фаврии башардӯстонаро ба Тоҷикистон оғоз намуд ва рисолати хешро дар татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (1997) иҷро намуд. (Мутаассифона дар илми таърихнигории тоҷик масъалаҳои гуногуни равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагии мазкур ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст).

Бо ин нигоҳ накарда, бо ташаббуси Дабири кулли СММ Кофи Аннан дар заминаи Намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон, моҳи майи соли 2000. Дафтари мусоидати сулҳи СММ дар Тоҷикистон таъсис дода шуд. Вазифаи асосии дафтари мазкур ин рушду инкишоф ва мустаҳкам кардани асосҳои сиёсӣ, механизмҳои дохилии сохтмони сулҳ, қобилияти давлат ва ҷамъият барои пешгирӣ ва бартараф кардани ихтилофот дар кишвар буд.

Тавре муҳаққиқ Алимов Р.К. қайд мекунад «Фаъолияти Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) пешравии раванди сулҳ дар Тоҷикистонро таъмин намуда, ба амалиётҳои сулҳпарварӣ мусоидат кард, кумаки фаврии башардӯстона расонидааст» [14, с. 376].

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2007 Дафтари мусоидати сулҳи СММ дар Тоҷикистон вазифаҳои дар назди худ доштаашро бомуваффақият анҷом дод. Ҳукумати Тоҷикистон хизматҳои намояндагони дафтари мазкурро дар роҳи барқарори сулҳу суботи комил дар Тоҷикистон қадрдонӣ кард ва даҳҳо нафар иштирокчиёни ин миссияро бо мукофотҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонид.

Бешубҳа ҳадафҳои созандае, ки афзалиятҳои ҳамкориҳои Ҳукумати Тоҷикистонро бо созмонҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, риояи тамоми принсипҳои Оинномаи СММ ва дигар ҳуқуқҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, ҳаммуалифи ташаббусҳои гуногуни байналхалқӣ дар самти мустаҳкам кардани сулҳу осоиш, дар масъалаҳои яроқпартоӣ ва низомҳои паҳн накардани яроқи ядроӣ, ҳамоҳангии масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ дар якҷоягӣ бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ғ. мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки баъди ба даст овардани оштии миллӣ (1997) дар кишвар, аз соли 2008 ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид хусусияти навро пайдо кард. Соли 2008 бори нахуст шаҳрвандони Тоҷикистон ба сафи неруҳои байналмилалии посдори сулҳи СММ шомил карда шуданд ва дар амалиётҳои сулҳофарии СММ дар Далфур ва Судони Ҷанубӣ, дар шаҳри Абейи Судон иштирок намудаанд, ки он аз саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои таъмини сулҳ ва амният дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон мебошад.

Дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид 8-уми сентябри соли 2008 Шартнома дар бораи минтақаи аз силоҳи ҳастаӣ озод дар Осиёи Марказиро дар самти ҷилавгирӣ аз паҳншавии силоҳи ҳастаӣ ба имзо расонид, ки он аз ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масъалаи густариши ҳамкориҳо байни давлатҳо барои таҳкими амнияти минтақавӣ ва бо мақсади осоишта истифода бурдани энергияи атомӣ дарак медиҳад. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши пешбарандаи Созмони Милали Муттаҳидро дар мубориза зидди тиҷорати ғайриқонунии силоҳи оташфишон ва аслиҳаи сабук, Барномаи амалӣ оид ба пешгирӣ ва решакан кардани савдои ғайриқонунӣ дар ҳама ҷанбаҳои он, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ

дар самти барҳам додани амалҳои ғайриқонунӣ ва истеҳсоли ғайриқонунии савдои маводи мухаддирро бо кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ мекунад ва роҳҳои нави тавсеаи ҳамкориҳои хешро бо созмонҳои байналмилалӣ тавсеа медиҳад.

Аз ин лиҳоз, Тоҷикистонро лозим омад, ки ҳамкориро бо ниҳодҳои байналмилалие, ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид фаъолият мекунанд, аз ҷумла Муассисаи маориф, илм ва фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО), Агентии байналмилалии энержии атом (МАГАТЭ), Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ(СУМ), Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), Созмони умуммиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ), Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР), Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ (СОК) ва ғ. барқарор намояд [11,с. 56-59].

Ҳамкориҳои судманд бо ниҳодҳои мазкур ба ҳукумати кишвар имкон дод то тамоми захираҳои минаҳои зидди пиёдагардро, ки дар қаламрави кишвар ҷой доштанд, ҳарчи зудтар нобуд созад. Дар ин замина Тоҷикистон даъват ба амал овард то ҳамкориҳо ҷиҳати поксозии минтақаи минакоришуда ва ҳалли мушкилоти дигари марбут ба оқибатҳои истихроҷи маъдан чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ талошҳои ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати ноил шудан ба манъи пурраи минаҳои зидди пиёдагард пурра дастгирӣ мекунад, муқаррароти асосии Конвенсия дар бораи манъи истифода, захира кардан, истеҳсол ва интиқоли минаҳои зидди пиёдагард ва нобудсозии онҳоро, ки дар Конвенсияи Оттава баён ёфта буд, амалӣ менамояд ва ҳамасола ба Дабири кулли СММ оид ба ҳолати хатари минаҳо маълумот пешниҳод менамояд.

Яке аз самтҳои дигаре, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ба кор гирифт, ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар мубориза алайҳи терроризм мебошад. Тоҷикистон терроризми байналмилалиро дар ҳама шаклҳояш қотеъона ва бечунучаро маҳкум мекунад ва ҳамеша ҷонибдори муттаҳидсозии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ мебошад ва аз қатъномаҳои 1267, 1373, 1540, 1566, 1617 ва ғайра, стратегияи глобалии мубориза бо терроризми Созмони Милали Муттаҳид ва Шурои Амнияти СММ-ро ҷонибдорӣ мекунад [12, с. 89-91].

Воқеан бо мурури дастрасӣ ба сулҳу суботи устувор ва рушду такомули муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамкориҳо бо Созмони Милали Муттаҳид марҳила ба марҳила мазмун ва мундариҷаи нав пайдо карда, самтҳо ва тамоюлҳои нав гирифт.

Намунаи барҷастаи он аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷонибдорӣ ва пазируфта шудани нахуст пешниҳоди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар масъали таъмини оби тоза ба аҳли сайёра мебошад, ки дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ 1- уми октябри соли 1999 эълон кардани соли 2003 «Соли оби тоза» пазируфта шуд ва дар асоси ин ташаббус 20- уми сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55 –уми МУ СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд, ки дар пайи он Дабири кулли СММ Шурои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдоштро таъсис дод.

Дар ин радиф Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба татбиқи амалӣ кардани соли байналмилалии оби тоза 29 –уми август то 1 – уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тозаро баргузор намуд.

Мушкилоти марбут ба захираҳои об ва нақши СММ дар сафарбар намудани иродаи сиёсии ҳамаи давлатҳо барои ҳалли ин мушкилот Тоҷикистонро водор намуд, ки вобаста ба масъалаи об бо ташаббуси дигар -Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015, ки ба рӯзи 22 март рост омада буд, баромад намояд. Аз ин ҷост, ки ин рӯз ҳамчун Рӯзи байналмилалии об таҷлил карда мешавад. Ҳамчунин, дар идомаи ин талошҳо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар нишасти Созмони Милали Муттаҳид соли 2005 пешниҳод намуд, ки соли 2010 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии оби тоза баргузор карда шавад, то дар ҳамоҳангӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои ҷаҳон масъалаи «Рӯзномаи байналмилалии об» амалӣ карда шавад.

Бояд зикр кард, ки барои татбиқи Даҳсолаи байналмилаии амалиёти «Об барои ҳаёт» дар доираи ҳамкориҳо миёни Тоҷикистону Созмони Милали Муттаҳид чандин ниҳоду механизмҳои муассир, аз ҷумла ниҳоди «СММ-ОБ» соли 2003 ва соли 2009 бо ташаббуси Тоҷикистон дар СММ таъсис додани ниҳоде бо номи Гурӯҳи «Дӯстони об» мебошад, ки зиёда аз 100 кишвари аъзои СММ ба он ҳамроҳ шудаанд ва ин ниҳод ҷиҳати ҳалли масъалаи байналмилаии марбут ба об нақши муҳим бозидаанд. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади саҳми арзанда гузоштан дар Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» дар якҷоягӣ бо Ҷопон, Ҳолланд ва Олмон чорабинии махсуси «Об ва беҳдошт барои ҳама» ташаббус нишон дод ва аз қатъномаи «Ҳуқуқи инсон ва дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ», ки аз ҷониби Шурои ҳуқуқи башар ва беҳдошт (2008) тасдиқ шуда буд, дастгирӣ ёфт ва он ба татбиқи «Барномаи Ҳадафи Рушди Ҳазорсола», ки мутобиқи он то соли 2015 ду баробар кам кардани шумораи нафароне, ки ба оби тозаи ошомиданӣ ва шароити беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд, мусоидат намуд.

Қабули қатъномаи дахлдор аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси консенсус шаҳодати нақши авангард доштани Тоҷикистонро дар ҳалли яке аз мушкилоти доғи глобалии замони муосир-масъалаи таъмини аҳолии ҷаҳон бо оби тозаи ошомиданӣ нишон медиҳад [13].

Ҳукумати кишвар барои татбиқи амалии барномаи мазкур соли 2008 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ оид ба коҳиш додани офатҳои табиии вобаста ба обро баргузор намуд.

Яке аз иқдомоти дигари Ҳукумати Тоҷикистон дар муносибат бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ, аз хушкшавии бошиддат нигоҳ доштани ҳавзаи баҳри Арал мебошад.

Оид ба масъалаи мазкур Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии худ дар ҷаласаи 63-юми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба тамоми аъзои кишварҳои узви СММ, созмонҳои байналмилалӣ муроҷиат карда, даъат ба амал овард, ки оид ба ҳифзи ҳавзаи баҳри Арал гурӯҳи корӣ ва ё дар доираи СММ комиссияи махсус ташкил карда шавад. Ҳамзамон, лоиҳаи «Додани мақоми нозир бораи муайян кардани Фонди байнаалмилаии наҷоти Арал дар Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид» -ро пешниҳод намуд. Вобаста ба ин масъла, қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 то 2008 раиси Ҳавзаи баҳри Аралро ба уҳда дошта ва раиси хазинаи мазкур Эмомалӣ Раҳмон буд.

Ҳамин тавр, дар робита бо мулоҳизаҳои зикргардида метавон ба таври мушаххас ба он нукта ишора намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори «Соли байналмилалии об» (2003) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт – 2005-2015», Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти афзалиятноки оби ширин, таъмини муҳити зист, ҷалб намуда, устуворӣ дар идоракунии захираҳои обро, ки дар ҷараёни мулоқотҳои сатҳи баланд оид ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар ҳалли мушкилоти обро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳрезӣ намояд. Аз ин лиҳоз Маҷмаи Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи 71 –уми худ 16 –уми декабри соли 2016 пешниҳоди навбатии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар масъалаи об, ки барои рушди захираҳои инсон, аз байн бурдани сатҳи камбизоативу гуруснагӣ ва дигар ҳадафҳои вобаста ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тозагии муҳити зист равона гардидааст, пазируфт ва Қатъномаи худро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 –ро қабул намуд ва аз ҷониби 193 давлати узви ин созмони бонуфузи байналмилалӣ якдилона дастгирӣ карда шуд.

Албатта нақши байналмилалии ҳар як кишвар аз ҷалб ва мавқеи фаъоли он дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муайян карда мешавад, ки он тавассути иштироки кишвар дар созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин ҷост, ки дар сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки дар кишвар фаъолият мекунад ва ҳамчунин 46 созмонҳои байналмилалии ғайридавлатӣ, ки дар Вазорати адлияи кишвар сабти ном шудаанд, оварда шудааст [9.Муф. ниг.].

Аз ин лиҳоз, таҷрибаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид барои муайян кардани мавқеъ ва нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ нест. Зеро раванди ҳамкориҳо бо созмонҳои универсалӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сиёсати хориҷии худро ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ амалӣ намояд ва дар ҳалли вазифаҳои стратегии рушди кишвари азизамон Тоҷикистон шарикони нав пайдо кунад ва дар ин раванд механизмҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ва мақоми субъекти байналмилалӣ доштани Тоҷикистонро боз ҳам тақвият бахшад.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки Тоҷикистон пайваста барои таҳкими амният, субот дар кишвар, минтақа ва ҷаҳон бо давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҳамкорӣ мекунад, дар муколамаи байналмилалӣ бо истифода аз имконот ва тағйирёбии равиши созмонҳо, барои таъмини рушди устувори кишвар ҳамкориҳои хешро ба роҳ мегузорад. Дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик Ф.Салимов изҳори назар намуда, қайд мекунад, ки «Барои дарки бештари динамика ва векторҳои тағйирёбии нақш, ҷойгоҳ ва аҳаммияти созмонҳои байналмилалӣ дар муносибат бо сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба он тағйиротҳое, ки дар марҳалаҳои хамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ ба миён омада буданд, таваҷҷуҳ намоем» [10].

**Муқарриз: Шарипов А. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Эмомали Рахмон. Таджикистан десять лет независимости и национального единства - Душанбе, 2001.
2. История таджикского народа: В 6 т. - Душанбе, 1998-2011. - Т.3.
3. Международные неправительственные организации и учреждения. Справочник. -М.: Международные отношения, 1982. -374 с.
4. Международные организации. Под ред. И.П. Блищенко. -М., 1994.
5. Назаров Т.Н. Таджикистан экономика политика международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе, 2001.
6. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. - Душанбе, 2006.
7. Оппенгейм Л. Международное право: Мир. Т.1:Полут. 1 / Л.Оппенгейм под ред. С. Б. Крылова (предисл.); пер. с англ. Г. Лаутерпахга. Второе изд. -М., 2017.
8. Республика Таджикистан и Организация Объединенных Наций [Электронный ресурс]. http://taigenconsul-eka.ru/soot/un 1/
9. Салимов Ф. Анализ участия и политики Таджикистана в международных организациях. 21 – июня 2020. Источник информации: [Электронный ресурс]. cabar.asia
10. Саидов 3. Таджикистан внешняя политика и массовая информация (1993- 1995гг.) / 3. Саидов. -Душанбе, 1997.
11. Солиев Х.Х. Республика Таджикистан -15 лет независимого экономического развития / Х.Х. Солиев. - Душанбе, 2007.
12. Специализированныеучреждения ООН. [Электронный ресурс]. http://www.studfiles.rU/ preview/ 5176195/page:
13. Таджикистан - ООН: Выступления, документы и материалы. 1993 - 2000 годы /Автор - составитель: Р.К. Алимов. - М.: Международные отношения, 2001.
14. Тункин Г. И. Теория международного права / Г. И.Тункин. -М., 2012.
15. Универсальные международные организации// http://bagazhznaniv. [Электронный ресурс]. ru/geographv/universalnve-mezhdunarodnye-organizacii


## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ УНИВЕРСИАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ (ДАР МИСОЛИ СММ)

Таърихи рушду ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар шароити рушди мустақилонаи давлатдорӣ (1992) муносибатҳои гуногунҷанбаи хешро бо ташкилотҳои сершумори байналмилалии дорои хусусияти умумибашарӣ, аз ҷумла бо Созмони Милали Муттаҳид (СММ) вусъат диҳад. Зеро таҷрибаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СММ мушаххас буда, барои манфиатҳои миллӣ дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.Аз ин лиҳоз, дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки бо дарназардошти имкониятҳои ҳукумати кишвар дар ибтидои аввали солҳои соҳибихтиёрӣ ва ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Миллатҳо, ки барои рушди ҳамкориҳои кишвар бо созмонҳо, идораҳо ва муассисаҳои махсуси СММ замина гузошт, мушаххас карда шавад. Дар заминаи ин муносибатҳо яке аз корҳои муҳимме, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид дар ибтидо оғоз гардид, ин таъсиси Намояндагии нозирони СММ (МНООНТ) дар Тоҷикистон, ки дар пешбурди раванди сулҳ, бо талошҳои сулҳҷӯёна ва расонидани кӯмаки фаврии башардӯстонаро ба Тоҷикистонро оғоз намуд, мушаххас карда шавад. Бо расидан ба сулҳу суботи комили

кишвар ҳукумати Тоҷикистонро лозим омад, ки ҳамкориро бо ниҳодҳои байналмилалие, ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид фаъолият мекунанд, аз ҷумла, Ташкилоти умумиҷаҳонии метеорологӣ, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, Созмони байналмилалии меҳнат, Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд, Муассисаи маориф, илм ва фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ, Агентии байналмилалии энержии атом (МАГАТЭ) ва ғ. барқарор намояд. Дар асоси таҳлил муаллиф ба хулосае меояд, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои универсалии байналмилалӣ, пеш аз ҳама барои муайян кардани дараҷаи аҳаммияти эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Ҳамаи ин ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сиёсати хориҷии худро ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ қонунӣ кунад ва дар ҳалли вазифаҳои стратегии рушди ҷомеаи тоҷик шарикони нав пайдо кунад.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, субъекти муносибатҳои байналмилалӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, соҳибихтиёрӣ, марҳалаҳои ҳамкориҳо, созмонҳои универсалии байналмилалӣ, СММ, АГСММ, созмонҳои ғайридавлатӣ, Намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон, ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Фонди байналмилалии наҷоти Арал, мубориза бо терреризм, ташаббус, ҳайати нозирон,

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С УНИВЕРСАЛЬНЫМИ МЕЖДУНАРОДНЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ (НА ПРИМЕРЕ ООН)

История становления Таджикистана как субъекта международных отношений показывает, что Республика в условиях независимого развития расширяет свои отношения с многочисленными междунардными организациями универсального характера, в частности с ООН. За пройденный этап в отношении между Таджикистаном и ООН накоплен определённый опыт и наблюдаются определенные особенности.Исходя из этого, отмечается, что нынешний этап сотрудничества между РТ и ООН определяется новой Страновой программой ПРООН являющейся неотъемлемой частью Концепции по оказанию помощи в развитии Таджикистана. Исходя из реалий создавшейся ситуации и по рекомендации Правительства Таджикистана, главный акцент был сделан на долгосрочные проекты, направленные на устойчивое развитие и восстановление национальной экономики Таджикистана. Программа ПРООН представляет широкий спектр деятельности в рамках пяти направлений: снижение бедности, демократическое управление, предотвращение кризисных ситуаций энергетика и окружающая среда, ВИЧ СПИД. Можно перечислить действующие и выполненные программы: Программа по борьба с наркотиками в Центральной Азии (КАДАП), Программа содействия управлению границами в Центральной Азии (БОМКА), Национальная Стратегия Развития, Ускорение достижения Целей Развития Тысячелетия, Улучшенный доступ к местной инфраструктуре, Развитие потенциала для предпринимательства. Усиление подготовки к стихийных бедствиям в Заравшанской долине, Поддержка устойчивого управления транспортом города Душанбе, Развитие возобновляемых источников энергии в сельских областях Таджикистана и многие другие. На основе проведенного анализа автор приходит к выводам, что участие Республики Таджикистан в работе с универсальными международными организациями актуально прежде всего для определения степени значимости международного авторитета Республики Таджикистау. А это позволяет Таджикистана более открыто легитимизировать свою внешнюю политику как на местном, так и на международном уровне и найти новых партнёров в решение стратегических задач развития таджикского общества.

**Ключевые слова:** Таджикистан, актор международных отношений, суверенитет, статус субъектности, этапы сотрудничества, универсальные международные организации, ООН, неправительственные организация, УВКБ ООН, Миссия наблюдателей,

## SOME FEATURES OF THE RELATIONSHIP OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH INTERNATIONAL ORGANIZATIONS (EXAMPLE OF THE UN)

The history of the formation of Tajikistan as a subject of international relations shows that the Republic of Tajikistan, in the process of independent development, is expanding its relations with numerous international organizations of a universal nature, in particular with the UN. During the past stage in the relationship between Tajikistan and the UN, certain experience has been accumulated and certain features are observed. Based on this, it is noted that the current stage of cooperation between the Republic of Tajikistan and the UN is determined by the UNDP Country Program, which is an integral part of the Concept for Assistance in the Development of Tajikistan. Based on the realities of the current situation and on the recommendation of the Government of Tajikistan, the main emphasis was placed on long-term projects aimed at sustainable development and restoration of the national economy of Tajikistan. The UNDP program presents a wide range of activities within five areas: poverty reduction, democratic governance, crisis prevention, energy and environment, HIV AIDS. The following programs can be listed: Central Asia Counter Narcotics Program (CADAP), Central Asia Border Management Assistance Program (BOMCA), National Development Strategy, Acceleration of achievement of the Millennium Development Goals, Improved access to local infrastructure, Capacity building for entrepreneurship. Strengthening Disaster Preparedness in the Zarafshan Valley, Supporting Sustainable Transport Management in the City of Dushanbe, Development of Renewable Energy Sources in Rural Areas of Tajikistan, and many others. Based on the analysis, the author comes to the conclusion that the participation of the Republic of Tajikistan in work with universal international organizations is relevant primarily for determining the degree of significance of the international authority of the Republic of Tajikistan. And this allows Tajikistan to more openly legitimize its foreign policy both at the local and international levels and find new partners in solving the strategic tasks of developing the Tajik society.

**Keywords:** Tajikistan, actor of international relations, sovereignty, subjectivity status, stages of cooperation, universal international organizations, UN, non-governmental organizations, UNHCR, Observer Mission, UN Children's Fund,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иброгимова Гавҳар Саймудиновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**Сведения об авторе*: Ибрагимова Гавхар Саймудиновна*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, заведующая кафедрой новой и новейшей истории зарубежных стран **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17.E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ibragimova Gavhar Saimuddinova*** – Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor, head of the Department of modern and contemporary history of foreign countries. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

ТДУ:93/94 (575.3)

# РАВОБИТ ВА ҲАМКОРИҲОИ СИНАМОГАРОНИ ДУ КИШВАРИ ҲАМЗАБОН

*Муродов А.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Нахустин ошноии тоҷикон бо кинои Эрон дар соли 1972 рух дода буд. Баъди анҷоми ҷашнвораи дуюми байналмилалии кинои кишварҳои Осиё ва Африқо дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон филми эронии “Бабри Мозандарон”, ки дар ҷашнвораи мазкур намоиш дода шуда буд, дар кинотеатри “Ватан”-и шаҳри Душанбе ба забони форсӣ ва тарҷумаи он ҳамзамон бо забони русӣ намоиш дода шуд, ки ба бинандагон хеле писанд омад.

Аз 16 то 26 апрели соли 1972 дар Эрон нахустин ҷашнвораи байналмилалии кинои Теҳрон доир гардид, ки дар он дар радифи ҳайати вакилони собиқ Иттиҳоди Шуравии адиби тоҷик Масъуд Муллоҷонов низ ширкат дошт. Ӯ пас аз бозгашт дар шумораи 12-уми соли 1972-и маҷаллаи “Садои Шарқ” таассуроти хешро аз ин ҷашнвора ва умуман сафари Эрон бо номи “Ғизоли болдори Теҳрон” чоп кард, ки дар он таърихи мухтасари кинои ин кишвар ба хонандаи тоҷик муаррифӣ шудааст.

Моҳи майи соли 1974 як гурӯҳ ширкаткунандагони ҷашнвораи сеюми байналмилалии кинои кишварҳои Осиё ва Африқо дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон ба шаҳри Душанбе омада, аз киностудияи “Тоҷикфилм” дидан намуда, бо ҳунари кинои тоҷик ошно шуданд, ки дар қатори онҳо ходимони кинои Эрон низ буданд [2, с.3].

Аз 26 ноябр то 6 декабри соли 1990 дар шаҳри Душанбе ҷашнвораи филмҳои эронӣ доир гардид, ки ба ин муносибат гурӯҳе аз ходимони кинои ин кившар дар ҳайати Алиризо Раисиён, Фотима Муътамади Ориё, Яъдулло Самадӣ, Фахриддини Анвар, Парвона Маъсумӣ, Фарҳоди Сабоҳ, Муҳандис Аҳмадӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Тули 10 рӯз дар кинотеатрҳои пойтахти Тоҷикистон 20 филми тайи чанд соли охир офаридаи ҳунарпешаҳои эронӣ чун “Камолулмулк”, “Иҷоранишинҳо”, “Ҷодаи сард”, “Дастфурӯш”, “Хонаи дӯст куҷост?”, “Гузориши як қатл”, “Парвоз дар шаб”, “Шери сангӣ”, “Хориҷ аз маҳдуда”, “Парандаи кӯчаки хушбахтӣ”, “Киштии Анҷелика”, “Бойсиклрон”, “Дар масири тундбод”, “Нору най”, “Эй Эрон”, “Модар”, “Муҳоҷир”, “Ҳомун”, “Райҳона” ва “Сабалон” намоиш ёфтанд. Маблағи аз ин ҷашнвора ба дастомада ба суратҳисоби бунёди муҷассамаи Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар майдони “Озодӣ”-и шаҳри Душанбе гузаронида шуд.

Моҳи сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе ҷашнвораи байналмилалии кино бо унвони “Ҳамсояҳо” доир гардид, ки дар он ҳунарпешаи саршиноси эронӣ Мустафо Оскуӣ ширкат дошт.

Дар моҳи майи соли 1993 дар шаҳри Душанбе ҳафтаи филмҳои эронӣ баргузор гардид, ки дар он 7 филми бадеӣ, аз қабили “Шояд вақти дигар”, “Сояи хайёл”, “Тилисм”, “Уфуқ”, “Духтарам Саҳар”, “Кони Монго”, “Бошу ғарибаи кӯчак” намоиш ёфтанд.

Моҳи июли соли 1993 бо ибтикору кӯшишҳои ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон тули як ҳафта дар шаҳри Душанбе “Ҳафтаи синамои эронӣ” созмон дода шуд, ки он аз барномаи хеле ҷолибу таъсирбахш банду баст гардида буд. Дар тули муддати муқарраргардида беҳтарин филмҳои офаридаи коргардонҳои эронӣ дар толорҳои кинотеатрҳои шаҳри Душанбе намоиш дода шуданд, ки ҳазорҳо сокинони пойтахти Тоҷикистон бо шавқи беандоза онҳоро тамошо карданд.

Яке аз коргардонҳои маъруфи синамои Эрон Муҳсини Махмалбоф соли 1997 дар Тоҷикистон филми муштараки тоҷикию эронии “Сукут”-ро таҳия намуд. Муаллифи филмнома ва коргардону таҳиягар Муҳсини Махмалбоф, наворбардор Иброҳим Ғафурӣ, садобардор Беҳрӯзи Шаҳомат, аксбардор Майсам Махмалбоф, муҳаррир Ҳано Махмалбоф, продюсер Муҳаммад Аҳмадӣ буданд. Нақшҳои асосии Хуршедро-Таҳмина Норматова, Нодираро -Нодира Абдуллоева, Гулбибиро Гулбибӣ Зиёдуллоева, чӯпон Ҳаким Қосимро -Араз Муҳаммадалӣ бозиданд. Аз ин сафар Муҳсин Махмалбоф

таассуроти хубе бардошта, дар яке аз мусоҳибаҳои матбуотиаш чунин гуфт: “Кишвари Тоҷикистон бо мардуми меҳрубон, ки бо забони форсии шоиронае сухан мегӯяд, дар ҳақиқат нимаи гумшудаи Эрони мо ҳастанд. Ман, ки тавассути касби синамогарӣ ба кишварҳои зиёд сафар кардаам, танҳо дар Тоҷикистон эҳсоси ғурбат надоштам ва ин аз меҳрубонии ин мардум ва гӯиши форсии эшон буд”[6, с.72].

Воқеаҳои филм инъикоскунандаи давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри 20 дар Тоҷикистон мебошанд.

Филми “Сукут” соли 1998 дар фестивали филмҳои ҳунарӣ дар шаҳри Венетсияи Италия, соҳиби ду ҷоиза: ҷоизаи тиллоии парламенти Италия ва ҷоизаи “Ҳунар, инсон ва табиат” гардид. Рӯзи 24-уми ноябри соли 1998 филми “Сукут” барои донишҷӯёни Мактаби миллии синамои Италия намоиш дода шуд. Дар поёни филм Муҳсини Махмалбоф ба суолҳои донишҷӯён посух дод.

Дар бораи ин филм дар матбуоти Тоҷикистон чанд тақриз ҳам чоп шуд, ки муаллифони онҳо аз “Сукут”-и Муҳсини Махмалбоф ситоиш кардаанд. Солеҳ Юсуф менависад: Рӯзҳое, ки дар Тоҷикистон муқовиматҳои мусаллаҳона идома дошт, Муҳсини Махмалбоф филмбардори шинохтаи эронӣ дар хиёбонҳои Душанбе пораҳои аз ҳам фурӯрехтаи зебоиро меҷуст ва меёфт, то ба ҷаҳониён нишон диҳанд. Ин дар ҳоле буд, ки хабарнигорони хориҷии дур ва наздик дар гузоришҳои даҳшатноки худ аз ҳаёти мардуми кишвари мо ба воқеа ва рӯйдодҳои манфӣ такя менамуданд ва ин гуна ахбору наворҳоро тавассути расонаҳои хабарӣ пахш мекарданд. Аммо нигоҳи Мӯҳсини Махмалбоф ба рӯйдодҳои мо дигаргуна буд [12, с.4].

Моҳи феврали соли 1997 аз Тоҷикистон филми ҳунарии “Имом Бухорӣ”-и Бақо Содиқ ва маҷмуи филмҳои мустанади “Тоҷикфилм” ҷиҳати ширкат дар ҷашнвораи Фаҷр ба Эрон пешниҳод гардиданд.

Ҷиҳати ширкат варзидан дар наворбардории филми ҳунарии “Сукут” шаҳрвандони Тоҷикистон Т.Нурматова ва Р.Атоева соли 1997 ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар карданд.

Ҳамон сол сармуҳаррири “Тоҷикфилм” Г.Муҳаббатова дар ҳамоиши байналмилалии “Ҳузури зан дар синамои муосир” дар шаҳри Теҳрон ширкат намуд.

Моҳи майи соли 1998 як гурӯҳи 7-нафараи синамогарони Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар карда, аз оромгоҳи поягузори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ноҳияи Панҷакент, оромгоҳи Хоҷа Алоуддин Муҳаммад, ёдгории таърихии Аҷинатеппа, Қалъаи Ҳисор ва дигар ҷойҳои таърихию фарҳангӣ филмбардорӣ намуданд [6, с.72].

Устоди ҳунари театр ва синамои тоҷик Ҳабибулло Абдураззоқов дар филми “Дар чашми бод”-и коргардони эронӣ Масъуд Ҷаъфари Ҷузонӣ дар авохири соли 2003 аввали соли 2004 яке аз нақшҳои асосӣ-Ҳисоми тоҷикро офарид [10, с.2]. Дар ин филм, ҳамчунин, ҳунармандони тоҷик Бобоҷон Ҳасанов, Латофат Юсуфова, Ситора Сафарова нақш офариданд. Бояд афзуд, ки соли 2008 дар филми телевизионии “Шукрона” ҳунарпешаҳои тоҷик Ш.Абулқайсов ва З.Иброҳимова нақши асосиро иҷро карданд.

Моҳи октябри соли 2004 коргардони маъруфи синамои Эрон Комрони Шердил меҳмони Тоҷикистон гашта, бо ҳаёту фаъолияти эҷодии ҳамкасбони тоҷики худ аз наздик ошноӣ пайдо намуд [4, с.3].

Коргардони маъруфи эронӣ Муҳсини Махмалбоф дар Тоҷикистон дувумин филми худро бо номи “Ишқҳои Душанбе” таҳия намуд, ки нақши асосиро дар ин филм овозхони шинохтаи тоҷик Далер Назаров бозидааст. Филми “Ишқҳои Душанбе” 2 сентябри соли 2005 дар пойтахти Тоҷикистон муаррифӣ гардид.

Синамогарони тоҷику эронӣ филми телевизионии бисёрсериягии “Шукрона”-ро офариданд, ки он дар кишварҳои Эрон ва Тоҷикистон таҳия гардид. Ин филм моҳи октябри соли 2007 аз тарафи телевизиони Тоҷикистон намоиш дода шуд. Филми “Шукрона” иборат аз 32 қисм аз ҷониби коргардони эронӣ Сайид Султонӣ таҳия шуда, дар он ҳунарпешаҳои тоҷик Ҳабибулло Абдураззоқов, Шералӣ Абдулқайсов, Собир

Қурбонов, Асалбек Назриев, Неккадам Шоҳназаров, рӯзноманигори тоҷик Шукрона Амонова накшҳо офаридаанд.

Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо маркази фарҳангии "Бохтар" аз 26 феврал то 4 марти соли 2005 дар Хонаи синамои шаҳри Душанбе ҳафтаи филмҳои эрониро доир кард. Дар тули як ҳафта филмҳои ҳунарии "Нобахшуда"-и Эраҷи Қодирӣ, "Портӣ"-и Сомони Муқаддам, "Марди ивазӣ"-и Муҳаммадризои Ҳунарманд, "Бошу ғарибаи кӯчак"-и Бахроми Байзоӣ, "Дулшудагон"-и Алии Ҳотамӣ, "Обӣ"-и Ҳамиди Лабханд ба намоиш даромаданд. Дар ҳошияи ин чорабинии фарҳангӣ мулоқотҳои ҳунарпешаи маъруфи синамои Эрон Муҳаммадалии Кишоварз бо мухлисони ҳунари синамо доир гардид.

Моҳи феврали соли 2007 бо ибтикори Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва туризми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар "Хонаи Синамо"-и шаҳри Душанбе ҳафтаи филмҳои эронӣ баргузор шуд, ки дар тули як ҳафта филмҳои эронии "Марди офтоб", "Парандаҳои кӯчаки хушбахтӣ", "Тавлиди як парвона", "Шӯхӣ", "Рӯёи нимашаби тобистон", "Девонае аз қафас парид" ва ғайра намоиш ёфтанд.

Ба муносбати севумин ҷашнвораи синамои "Дидор", ки соли 2008 зери шиори "Шеъри синамо" дар Душанбе доир гардид, бо ибтикори ҶММ "Киносервис" ва маҳфили фарҳангии "Боргоҳи сухан" маҷмуаи "Панҷ садо" дар 188 саҳифа ва бо теъдоди 1000 нусха дар дастраси ошиқони шеъри форсӣ қарор гирифт. Маҷмуа ҳовии 100 шеъри панҷ шоири бузурги эрони муосир Нимо Юшиҷ, Маҳдӣ Ахвони Солис (М.Умед), Фуруғи Фаррухзод, Сухроб Сипеҳрӣ ва Аҳмади Шомлу (Бомдод)-ҳар кадом 20 шеърӣ мебошад. Дар табъу нашри китоби "Панҷ садо" фарҳангиёни тоҷику эронӣ Низом Қосим, Саъдулло Раҳим, Муҳсини Махмалбоф, Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ саҳмгузорӣ намудаанд.

Моҳи майи соли 2009 гурӯҳе аз ҳайати ҳунармандони синамои Эрон, ки дар филми "Юсуфи паёмбар" нақш офаридаанд, меҳмони дӯстдорони ҳунари синамо дар Тоҷикистон гардиданд.

Дар доираи баргузории рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 то 28 марти соли 2011 дар "Кохи Ҷомӣ" ва "Кохи Ҷавонон"-и шаҳри Душанбе филмҳои эронии "Юсуфи паёмбар", "Мулки Сулаймонӣ", "Канъон" ва ғайра намоиш дода шуданд [11, с.3].

Рӯзҳои 21-27 декабри соли 2015 бо ташаббуси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон дар толори бузурги кохи Зебуниссои шаҳри Душанбе ҳафтаи филмҳои эронӣ баргузор шуд. Маросими ифтитоҳи ин чорабинии фарҳангӣ бо ҳузур ва суханрониҳои вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода, раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон Сафар Ҳақдод, сафири ҶИЭ дар Тоҷикистон Ҳуҷатулло Фароғӣ, ройзани фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон Иброҳими Худоёр, сафирон ва намояндагони давлатҳои Афғонистон, Япония, Қазоқистон, Озарбойҷон баргузор шуд. Аз ҷумла, вазири фарҳанги Тоҷикистон изҳор намуд, ки дар тули як ҳафта филмҳое ба намоиш гузошта мешаванд, ки ба фарҳанги мардуми тоҷик иртиботи зиёд доранд. Мо дар тули таърих на танҳо мушкиле надоштем, балки фарҳанги ин ду кишвари бо ҳам дӯст аз як сарчашма об хӯрдаву сероб шудааст. Дар Тоҷикистон ҳеҷ маросими фарҳангӣ ва иҷтимоӣ баргузор намешавад, ки дар он бародарони эронӣ ҳузур надошта бошанд.

Сафири ҶИЭ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфт, ки он чи дар ин филмҳо муштарак аст, тамаркузи онҳо бар зиндагӣ, хонавода ва ахлоқ аст. Зиндагӣ дарвоқеъ филмест, ки коргардони бузурги хилқат барои ҳар кадом аз мо нақше таъин кардааст. Синамо оинаи тамомнамои ҳувият, арзишҳои як ҷомеа аст. Муваффақияти синамо муваффақияти ҷомеа аст ва нокомиашро низ бояд ба нокомии ҷомеа тавъам донист.

Ройзани фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, аз ҷумла изҳор кард, ки танҳо забоне, ки метавонад ҷовидонагии як миллатро тазмим кунад ва муҳри абадият бар вай занад,

забони ҳунар аст. Ва агар бихоҳем забоне барои садаи бистуяк интихоб кунем, бидуни тардид он забони синамост.

Бояд гуфт, ки дар тули як ҳафта филмҳои "Овози гунчишкҳо", "Як ҳабба қанд", "Яке меҳоҳад барояд ҳарф бизанад", "Имрӯз", "Панҷ ситора", "Ҳавзи наққошӣ", "Як сатр воқеият", ки коргардонҳояш Маҷид Маҷидӣ, Ризо Миркаримӣ, Мозиёри Мирӣ, Манучеҳри Ҳодӣ, Алӣ Вазириён, Маҳшед Афшорзода мебошанд, намоиш дода шуданд.

Бинобар навиштаи рӯзноманигор Робияи Холмирзо филмҳои эронӣ орӣ аз хушунат ва бебандуборист. Онҳо бар мадори ахлоқ, усули инсонӣ ва меҳварияти хонавода устуворанд ва ҳар чиро, ки дар ин синамо тавлид мешавад, ҳамаи аъзои хонавода бидуни ҳеҷ нигаронӣ канори ҳам тамошо мекунанд.

Дар ҳафтумин кинофестивали байналмилалии Дидор, ки аз 16 то 20 октябри соли 2016 дар шаҳри Душанбе доир гардид, филми эронии "Муроқибат аз ҷунос"-и Қасида Гулмаконӣ соҳиби ҷоизаи "Ҷавонӣ талош ба сӯйи ташаккулёбӣ" гардид. Дар ин ҳамоиши байналмилалии синамоӣ ҳунарпешаи эронӣ Риз Каёниён узви доварони байналмилалӣ интихоб шуда буд [9, с.12].

Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Тоҷикистон як теъдод филмҳои ҳунарӣ аз қабили "Абуалӣ ибни Сино (9 қисм), "Султон ва чӯпон" (12 қисм), Гулҳои довудӣ", "Падарбузург", "Сояҳои ғам" ва ғайраҳо эҳдо намуд, ки онҳо аз тариқи телевизиони Тоҷикистон намоиш дода шуданд [1, с.2].

Дар Эрон низ чанд филми истеҳсоли "Тоҷикфилм", аз ҷумла филмҳои аз рӯйи "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ офаридашуда ба намоиш гузошта шудаанд.

Коргардон ва филмбардори садо ва симои (радио ва телевизиони) ҶИЭ дар Тоҷикистон Амруллоҳи Маҳмудӣ, ки тули се сол дар кишвари мо маъмурият дошт, таассуроташро аз Тоҷикистон ва тоҷикон дар мусоҳиба бо хабарнигори нашрияи "Миллат" чунин иброз намудааст: Фикр мекунам, дар заминаи филм Эрон ва Тоҷикистон метавонанд корҳои хуберо анҷом бидиҳанд. То ҳол филмҳо ва сериалҳое, ки бо ширкати ҳунармандони тоҷик таҳия шудаанд, бо истиқболи хуби эрониҳо рӯ ба рӯ буданд. Таҳияи филмҳои муштарак ва ё бо кумаки коргардонҳои Эрон метавон муҷиби он шавад, ки синамои тоҷик аз ин марҳалаи бuҳронӣ бо хисороти камтаре бадар ояд. Ин иртиботи фарҳангӣ бояд ба ҳама кишварҳо ҳифз шавад, вале чӣ беҳтар агар корҳои муштараке бо ҳузури сармоя ва ҳунармандони кишварҳои ҳамзабоне чун Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон сурат бигирад, чаро ки вуҷуди фаҳми муштарак худ бузургтарин кумак аст [3, с.8].

Хуллас, равобиту ҳамкориҳои синамогарони Тоҷикистон ва Эрон гуногунпаҳлӯ буда, дар шинохти беҳтару бештари ҳарду ҷониб нақши нек дорад. Баргузории Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ ва баръакс, иштироки синамогарон дар ҳамоишҳои сатҳи гуногуне, ки дар ҳарду кишвар доир мегардад, намоиш додани маҳсули дасти ду ҷониб дар ҷашнвораҳои синамоӣ, баргузории Рӯзҳои синамои Тоҷикистон дар Эрон ва Эрон дар Тоҷикистон, иҷрои нақшҳо аз ҷониби ҳунарпешаҳои тоҷик дар филмҳои когардонҳои эронӣ ва баръакс, ба навор гирифтани филмҳои тавлиди Тоҷикистон аз ҷониби коргардонҳои эронӣ ва баръакс, бахусус таҳияи филмҳои муштарак имкон медиҳад, ки ҳунармандони ду кишвари ҳамфарҳангу ҳамзабон асарҳое офаранд, ки ба дилу дидаи ду ҷониб биншинанд.

**Муқарриз: Расулиён Қ.- д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Адабиёт ва санъат. 1992, 9 апрел.
2. Комунист Таджикистана. 1974, 2 июл.
3. Маҳмудӣ А. Худо тоҷиконро дӯст медорад //Миллат. -2010, 6 октябр.
4. Минбари халқ. 2004, 20 октябр.
5. Расулиён Қ. Нигоҳе ба равобити фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон.- Душанбе, 2004.
6. Расулиён Қ. Осори мунтахаб. -Ҷ.1.-Душанбе, 2014.
7. Раҳим С. "Сукут"-и гӯё // Фонус. -2001. - №1.
8. Тоҷикистони Советӣ. 1990, 14 октябр.
9. Холмирзо Р. Бо ҳам бисозем //Адабиёт ва санъат. -2016, 11 феврал.

10. Чархи гардун. 2004, 6 феврал.
11. Ҷумҳурият. 2011, 30 март.
12. Юсуф С. “Сукут” //Ҷумҳурият. 2000, 10 март

## РАВОБИТ ВА ҲАМКОРИҲОИ СИНАМОГАРОНИ ДУ КИШВАРИ ҲАМЗАБОН

Дар мақола гуфта мешавад, ки равобиту ҳамкориҳои синамогарони Тоҷикистон ва Эрон гуногунпаҳлӯ буда, дар шинохти беҳтару бештари ҳарду ҷониб нақши нек дорад. Баргузории Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИЭ ва баръакс, иштироки синамогарон дар ҳамоишҳои сатҳи гуногуне, ки дар ҳарду кишвар доир мегардад, намоиш додани маҳсули дасти ду ҷониб дар ҷашнвораҳои синамоӣ, баргузории Рӯзҳои синамои Тоҷикистон дар Эрон ва Эрон дар Тоҷикистон, иҷрои нақшҳо аз ҷониби ҳунарпешаҳои тоҷик дар филмҳои когардонҳои эронӣ ва баръакс, ба навор гирифтани филмҳои тавлиди Тоҷикистон аз ҷониби коргардони эронӣ ва баръакс, бахусус таҳияи филмҳои муштарак имкон медиҳад, ки ҳунармандони ду кишвари ҳамфарҳангу ҳамзабон асарҳое офаранд, ки ба дилу дидаи ду ҷониб биншинанд. Равобиту ҳамкориҳои синамогарони Тоҷикистон ва Эрон гуногунпаҳлӯ буда, дар шинохти беҳтару бештари ҳарду ҷониб нақши нек дорад.

**Калидвожаҳо:** равобиту ҳамкориҳои синамогарони Тоҷикистон ва Эрон, шинохти беҳтару бештари ҳарду ҷониб, Рӯзҳои синамои Тоҷикистон дар Эрон ва Эрон дар Тоҷикистон, ҷашнвораҳои синамоӣ,.

## ДВУСТОРОНЕЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ КИНЕМАТОГРАФИСТАМИ ДВУХ СТРАН

В статье говорится, что отношения и сотрудничество между кинематографистами Таджикистана и Ирана многогранны и играют значительную роль в сближении двух сторон. Проведение Дней культуры Республики Таджикистан в Исламской Республике Иран и наоборот, участие кинематографистов в работе конференций различного уровня, проводимых в обеих странах, показывает продуктивность работ обеих сторон на кинофестивалях, также проведение Дней таджикского кино в Иране и иранского кино В Таджикистане, участие актеров-таджиков на съемках в фильмах иранских режиссеров и наоборот, съемка таджикских фильмов иранскими режиссерами и наоборот, особенно производство совместных фильмов, позволяет актерам двух стран с одинаковой культурой и языком создание произведений, которые нравятся обеим сторонам. Двухсторонние отношения и сотрудничество между кинематографистами Таджикистана и Ирана многогранны и играют значительную роль в признании заслуз кинематографистов обеих стран.

**Ключевые слова**: отношения и сотрудничество кинематографистов Таджикистана и Ирана, сближение сторон, Дни таджикского кино в Иране и иранского кино в Таджикистане, кинофестивали.

## BILATERAL COOPERATION BETWEEN FINEMATOGRAPHERS OF TWO COUNTRIES

The article states that the relations and cooperation between filmmakers in Tajikistan and Iran are multifaceted and play a significant role in bringing the two sides closer together. The holding of Culture Days of the Republic of Tajikistan in the Islamic Republic of Iran and vice versa, the participation of filmmakers in conferences at various levels held in both countries shows the productivity of both sides at film festivals, as well as the holding of the Days of Tajik Cinema in Iran and Iranian Cinema in Tajikistan, the participation of Tajik actors on the set of films by Iranian directors and vice versa, the filming of Tajik films by Iranian directors and vice versa, especially the production of joint films, allows actors from two countries with the same culture and language to create works that appeal to both sides. Bilateral relations and cooperation between filmmakers from Tajikistan and Iran are multifaceted and play a significant role in recognizing the merits of filmmakers from both countries.

**Key words**: relations and cooperation between filmmakers of Tajikistan and Iran, rapprochement of the parties, Days of Tajik cinema in Iran and Iranian cinema in Tajikistan, film festivals.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муродов Алихон Шодихонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, кафедраи таърихи умумӣ, ассистент. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Телефон: **(+992) 988689895.**

**Сведения об авторе:** ***Муродов Алихон Шодихонович*** – Дангаринский государственный университет, кафедра всеобщей истории, ассистент. **Адрес:** 734065, район Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 988689895.**

**Information about the author:** ***Murodov Alikhon Shodikhonovich*** – Dangara State University, Department General History, Assistant. **Address:** 734065, Dangara district, Republic of Tajikistan, Markazi street, 25.
Phone: **(+992) 988689895.**

ТДУ:792 (575.3) (092)

# ТӮЙДӢ БОБОЕВА ВА БУНЁДИ ТЕАТРИ КАСБӢ ДАР КӮЛОБ

*Раҷабов А., Амроев У.*
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Санъат қисми таркибии фарҳанги маънавии инсоният буда, яке аз шаклҳои махсуси бадеии дарку шинохти воқеист. Ба мафҳуми васеаш, санъат як навъ фаъолият ва маҳсули дасти инсон буда, моҳирона аз ҷониби ҳунарманд бо назокату нафосат амалӣ мегардад. Фаъолияти эҷодии инсон ба жанрҳои гуногуни санъат санъати овозхонӣ, санъати рақс, санъати актёрӣ ва ғайра ташаккул меёбад.

Санъати актёрӣ муҳимтарин соҳаи санъати театрӣ буда, дар асоси ҳунарнамоӣ ва офариниши симоҳо дар саҳна вуҷуд дорад. Таваҷҷуҳ, тахайюл, қувваи ҳофиза, ҷозибаи дарку эҳсосот, ҳусни муошират саҳнавӣ, дарки оҳангу лаҳн аз унсурҳои муҳимми ҳунари актёрианд.

Санъати актёрии тоҷик, ки дар заминаи беҳтарин анъанаҳои театри халқӣ ва театри тоинқилобии ҳунардӯстон шакл гирифта, тавассути истифода аз таҷрибаи ғании санъати актёрии рус ва дигар халқҳо такмил ёфтааст.

Дар ин ҷода дар баробари мардҳои фидокор дар ташаккул ва рушди санъати актёрии тоҷик саҳми назаррасу фидокориҳои занон зиёд буда, шоистаи баррасист. Талошу заҳматҳои ҳунармандони маъруф Гулчеҳра Бақоева (1908-1975), Азиза Азимова (1915-1997), София Тӯйбоева (1913-1996) баъдтар Хайрӣ Назарова (1929-2020), Мушаррафа Қосимова (1918-2019) [12,с.98] ва дигарон бояд ҳамеша дар мадди назари муҳаққиқон қарор дошта бошад.

Дар радифи ин занони ҳунарманду пуровоза хидмати яке аз поягузорони театри мусиқӣ - драмавии шаҳри Кӯлоб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Тӯйдӣ Бобиева (1924-1996) муассир аст. Ин бонуи ҳунар дар такомули ҳунари нақшофарии актёрӣ, овозхонӣ ва рақсии насли аввали театри касбии Кӯлоб марҳалаи нави инкишофи ин бахшҳои санъати тоҷик саҳми муносиби худро гузоштааст.

Маврид ба зикр аст, ки омӯзиши кору пайкори ин симои мондагори театри тоҷик то ҳол ба таври пурра омӯхта нашудааст.

Тӯйдӣ Бобиева дастпарвари хонаи бачагони шаҳри Душанбе ва хонаи кӯдакони ятими деҳаи Тебалайи ноҳияи Муъминободи минтақаи Кӯлоб аст [10,с.33].

Аз хурдӣ ба санъат дилбастагии зиёд дошт, ҳам суруд мехонд ва ҳам мерақсид. Баробари тарбият гирифтан ӯро ба дастаи ҳаваскорони санъати хонаи кӯдакон пазируфтанд, ки минбаъд аъзои фаъоли дастаи ҳаваскорон гардид. Дар чорабинӣ ва шабнишиниҳои муассисаи мазкур фаъолона ширкат варзида, маҳорату истеъдодашро рӯз то рӯз сайқал мебахшад. Маъмурияти хонаи кӯдакон аз қобилияти хуби сурудхонӣ ва истеъдоди бозингарии Т. Бобиева огоҳ гашта, ӯро ба театри драмаи мусиқии шаҳри Кӯлоб барои кору фаъолият роҳнамоӣ менамояд. Пешниҳод аз ҷониби коргардони театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб Муҳиддин Исҳоқхонов хуб пазируфта шуда, ӯро бе ҳеҷ як дудилагӣ ба кор қабул менамояд [2,с.4].

Он солҳо ҳофиз ва шоири халқӣ Сайдалӣ Вализода (1900-1971) ва Маҳмуд Султонов (1909-1957) барин сарояндагону навозандагони мардумӣ дар театр кору фаъолият мекарданд. Тӯйдии ҷавон бошад аз дастуру машварати онҳо бештар баҳраманд мегардид. Фаъолияти эҷодияш низ ҳамон солҳо оғоз гардида буд. Шавқи беандозаи ҳунармоияш боз ҳам такмил ёфта, бештар дар иҷрои суруд ва рақс кӯшиш ба харҷ медод. Бо ҳамовозии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Саъдулло Каримов (1918-1990) лапар ва дуэтҳо ҳам мехонд. Бо хоҳиши коргардон М. Исхоқхонов дар самти нақшофарӣ низ дар саҳнаи ҳунар ба муваффақиятҳои зиёде ноил мегардад [8,с.36].

Аввалин нақше, ки Т. Бобиева рӯйи саҳна овард, ин симои модар аз намоишномаи «Сартароши камгап»-и Ҷалол Икромӣ (1909-1993) дар таҳияи режиссёри театр М. Исхоқхонов буд. Намоишнома хуб рӯйи саҳна омада, нақши офаридаи ӯ аз ҷониби

бинанда хуб пазируфта шуда, боиси он мегардад, ки минбаъд ҳамчун актриса ҳунарнамоӣ намояд. Ногуфта намонад, ки он солҳо театри Кӯлоб бинои асосӣ надошт ва намоишҳояшон дар майдонҳо ва боғи фарҳангии шаҳри Кӯлоб нишон дода мешуданд [7,с.3].

Солҳои 40-уми асри XX репертуари театр асосан аз барномаҳои консертӣ ва песаҳои якпардагӣ иборат буданд [5,с.4].

Ҳунармандони театр пайваста бо барномаҳои рангини консертӣ ба ноҳияҳои Данғара, Балҷувон, Ховалинг, Муъминобод ва ғайра сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, ба мардум хизмати маънавӣ мерасониданд [3,с.5].

Саҳми бевоситаи Тӯйдӣ Бобиева дар ин сафарҳои ҳунарӣ низ назаррас буд. Аз сурудаҳои ӯ мардум ба ваҷд омада, такрор шунидани овози ӯро мехостанд. Мисоли ин гуфтаҳо дар мақолаи Х. Соҳибов таҳти унвони «Театр дар хизмати омма» баён гаштааст: «Бегоҳии 23 августи соли 1941 дар бинои клуби ноҳияи Балҷувон барномаи консертии ҳунармандони театри вилоятии Кӯлоб ба намоиш гузошта шуд. Хусусан, баромади Тӯйдӣ ба тамошобинони ноҳия писанду пазируфта мешавад» [9,с.2].

Маврид ба зикр аст, ки Театри вилоятии мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб дар қатори театрҳои бонуфузи кишвар, ҳанӯз аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ҳамчун неруи тавонои тарғиботӣ, суруду тарона, савту каломи худро ба муқобили душман равона карда, баҳри тавоно шудани диди маънавии халқ, минбари тарбия гардида буд.

Дар ин замина дастаи ҳунармандони театри мусиқӣ-драмавии вилоятии Кӯлоб бо мақсади руҳбаландсозии мардум дар мубориза бар зиди фашизм дар ҳайати бригадаи фронтии ҳунармандони тоҷик бо як қатор ҳунармандонаш аз ҷумла Т. Бобиева, С. Каримов, М. Исҳоқхонов, С. Исҳоқхонова, П. Давлатов, Т. Насриддинов, Н. Искадарова, К. Шарипов, З. Қаландаров ва Д. Ахмедов таҳти сарварии роҳбари бадеии театр Смирнов Виталий Сергеевич (1909-1984) ба шаҳри Свердловск ва дигар минтақаҳои Федератсияи Русия сафари ҳунарӣ намуданд. Дар ин давра ҳайати ҳунарӣ тавонист, ки 45 барномаҳои консертӣ намоиш диҳад. Баромади ҳунармандони театрро бо самимияти зиёд истиқбол мекарданд ва аз ҳунари овозхонияшон хурсанд мегардиданд [1,с. 271].

Фаъолияти ҳунарии Т. Бобиева рӯз аз рӯз густариш меёфт ва ҳаводоронаш зиёд гардида, ба истеъдоди фитрии ӯ баҳои баланд медоданд. Тирамоҳи соли 1945 рӯзҳои санъати вилояти Кӯлоб дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) баргузор гардид, ки ҳайати эҷодии театр намоишномаҳои «Сартароши камгап»-и Ҷ. Икромӣ (дар асоси ҳикояҳои «Ҳазору як шаб»), «Табиби зӯракӣ»-и Ж. Б. Молер ва барномаи консертиро пешкаши сокинони пойтахт мегардонанд. Дар ҷамъбасти рӯзҳои санъат санъаткорон, Тӯйдӣ Бобиева, Муҳиддин Исҳоқхонов, Сайдалӣ Ализода ва Виталий Смирнов сазовори унвони Артисти хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон ва гурӯҳи ҳунармандони театр бо Ифтихорномаҳои Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардиданд [6,с.194].

Тӯйдӣ Бобиева тули солҳои фаъолияташ (1938-1956) дар саҳнаи Театри мусиқӣ–драмавии шаҳри Кӯлоб дар намоишномаҳои зиёди таҳияшуда, нақшҳои ҷолибу хотирмон аз қабили модар аз «Сартароши камгап», «Хонаи Нодир»-и Ҷ. Икромӣ, ошиқ аз «Ниқоби сиёҳ»-и С. Ализода, духтар аз «Табиби зӯракӣ»- Ж.Б.Молер, кампир аз «Арӯси панҷсӯма»-и М. Урдубодӣ ва ғайраро иҷро намудааст [8,с.37].

Ҳамзамон, мавсуф дар иҷрои суруду рақсҳои мардумӣ истеъдоду маҳорати баланд дошт. Сурудҳои «Гандум лола», «Регравон», «Хуш он замон», «Ёри Кӯлобӣ», «Пахтачин», «Рубоиёти Кӯлоб» ва рақсҳои «Занг», «Остин», «Куртачакан» ва ғайра то дер боз хотирмон буданд.

Т. Бобиева иштирокдори чандин чорабиниҳо, аз ҷумла Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик соли 1941, Форуми занони ҷаҳон соли 1960, мулоқот бо раиси Кумитаи занони Иттиҳоди Шуравӣ, аввалин зан – кайҳоннаворд Валентина Николаевна Терешкова (1963, Москва), иштирокчии Форуми занони ҷаҳон (1975, Сочӣ) мебошад [2,с.4].

Бояд қайд намуд, ки Т. Бобиева дар баробари санъаткор буданаш шуғл ба варзиш низ дошт. Соли 1978 дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ байни бонувони кишвар оид ба шоҳмот

ширкат варзида, қаҳрамони кишвар мегардад. Тӯйдӣ Бобиева солҳои 1956-1985 ҳамчун роҳбари маҳфили рақсу суруд, ва 1985-1990 ба ҳайси муовини директори хонаи пионерони шаҳри Кӯлоб кору фаъолият намудааст [2,с.4].

Хизматҳои бисёрсолаи бенуқсони ин бонуи ҳунар дар тарғиби санъат, саҳми он дар ташаккул ва рушду нумутарбияи кадрҳои баландихтисос бо медали «Барои меҳнати шоён» (1946, 1970), «Собиқадори меҳнат» (1977), «30-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» (1975), «40-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» (1985) ва Ифтихорномаҳои Шурои Олии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст [4,с.2-5].

Тӯйдӣ Бобиева баробари тарбияи шогирдон ҳамзамон ба тарбияи фарзандонаш диққати ҷиддӣ медод ва аз оилаҳои намунавии шаҳри Кӯлоб маҳсуб ёфта, чун қаҳрамонмодар бо ордени «Шарафи модарӣ» дараҷаи II (1958), «Медали модарӣ» дараҷаи I ва II (1954,1957) сарфароз гардонида шудааст [4,с.4].Соли 2014 дар театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб бахшида ба 90- солагии зодрӯзи Тӯйдӣ Бобиева шабнишинӣ баргузор гардид, ки дар он аз ҳунари волову хизматҳои арзандаи ин бонуи ҳунар ёдовар шуданд.

Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Амина Табарова дар маҷмуъ фаъолияти эҷодии ӯро чунин натиҷагирӣ намуда, иброз дошт: «Тӯйдӣ Бобиева раққоса, сароянда ва актрисаи моҳир ва яке аз бунёдгузорони театри солҳои 30-уми асри XX ба ҳисоб меравад. Ин зани шуҷоъ солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳайати бригадаи фронтӣ ба майдонҳои ҷанг сафар карда, бо рақсҳои дилошӯб ва сурудҳои меҳанпарастии худ рӯҳияи сарбозонро боз ҳам баланд мебардошт» [11].

Зимни ин сардори бахши Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, Корманди шоистаи Тоҷикистон Хайрулло Тоиров қайд менамояд: «Тӯйдӣ Бобиева на фақат ҳамчун актриса, балки чун омӯзгори хирадманд дар ботини ҳар як наврас истеъдоду маҳоратро дарк карда, дар ҷараёни таълиму тарбияи онҳо ҳиссаи арзанда мегузошт».

Шоир Нуралӣ Аюбӣ, ки солҳои 1949-1960 дар театри касбии Кӯлоб ба ҳайси машшоқ, дирижёр ва ёвари коргардон кор кардааст, низ чунин ишора намуд**: «**Аз он ифтихор дорам, ки бо раққоса, бадеҳахон Тӯйдӣ Бобиева, фалаксаро Маҳмуд Султонов, навозандагон Хайрулло Абдуллоев, Ҳаким Маҳмудов ва дигарон дар як саф кору фаъолият намудаам» [11].

Дар маҷмуъ, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Тӯйдӣ Бобиева яке аз поягузорони театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб рафта, дар рушду нумуи ҳунари нақшофарии актёрӣ, маҳорати овозхонӣ ва рақсии насли аввали театри касбии Кӯлоб марҳалаи нави инкишофи ин бахшҳои санъати тоҷик саҳми бориз гузоштааст. Тӯли солҳои фаъолияти пурсамараш дар ташаккул ва рушди санъати тоҷик, хоса дар тарбияи насли нави ҳунармандони театрҳои минтақаи Кӯлоб муассир аст. Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Сурайё Қосимова, Furthermore Бобоҷон Азизов (1950-2021), Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Шараф Азизов ва чанде дигарон аз мактаби эҷодии Т. Бобиева бахравар шудаанд. Кору пайкори ин бонуи ҳунар барои ҷавонони ҳунардӯсти имрӯзаи кишвар намунаи ибрату шоистаи пайравист.

**АДАБИЁТ**


1. Амроев У. Состояние профессиональных театров Хатлонского областя в годы Великой Отечественной войны (1941-1945) / У.Амроев // Вестник Педагогический Университета имени С. Айнӣ(научный журнал). - №3 (92). – Душанбе, 2021. – С. 269 - 272.
2. Ба ифтихори 90-солагии ҳунарманди варзида //Ҳамрози халқ. - №9 (214), -1 майи соли 2014.-С.4.
3. Бойгонии байниидоравии ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсии шаҳри Кӯлоб. Китоби фармонҳои театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб солҳои 1947-48.-В. 5.
4. БҶ Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»-В. 2- 4.
5. Коммунист Таджикистана, 1947-28 декабр. -С. 4.
6. Низам Нурджанов. «Таджикский народный театр по материалам Кулябской области». – Москва, 1956. - 339 с.
7. С. Раҳмонов. «Ҳамсоли республика» //Роҳи Ленинӣ. - №233 (7969), - 6 декабри соли 1984.- С.3.
8. Сипеҳри Ҳасанзод. Парастуҳои саҳна, Кӯлоб, -1992. 96с
9. Соҳибов Х. Театр дар хизмати омма //Ҳақиқати Кӯлоб, №80 (551), -7 сентябри соли 1941. - С.3.

10. Ҳафизов Абдурауф. Нуктае аз таърихи Кӯлоб ва соҳибунвонҳои соҳаи фарҳанги он. -Душанбе, 2018.130 с.
11. Хазинаи электронӣ. Санаи истифодабарӣ: [Манбаи электронӣ]. https:// www.asiaplustj.info newstajikistansociety 5.05/2014.
12.Энсиклопедияи Адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ. 3- Душанбе: -2004, 524с.

## ТӮЙДӢ БОБИЕВА ВА БУНЁДИ ТЕАТРИ КАСБӢ ДАР КӮЛОБ

Санъат аз ҷумла, санъати театрӣ қисми таркибии фарҳанги маънавии инсоният буда, яке аз ҷинсҳои махсуси бадеии дарку шинохти воқеист. Ба мафҳуми васеаш, санъат як навъ фаъолият ва маҳсули дасти инсон буда, моҳирона аз ҷониби ҳунарманд бо назокату нафосат амалӣ мегардад.Фаъолияти эҷодии инсон ба жанрҳои мухталифи санъат санъати овозхонӣ, санъати рақс, санъати актёрӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Санъати актёрӣ муҳимтарин соҳаи санъати театрӣ буда, дар асоси ҳунарнамоӣ ва офариниши симоҳо дар саҳна вуҷуд дорад. Таваҷҷуҳ, тахайюл, қувваи ҳофиза, ҷозибаю дарки эҳсосот, ҳусни муоширати саҳнавӣ, эҳсоси оҳангу лаҳн аз унсурҳои муҳимми ҳунарианд. Яке аз поягузорони театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Тӯйдӣ Бобиева мебошад, ки номбурда тули солҳои фаъолияти пурсамараш дар ташаккул ва рушди санъати театрии тоҷик, хусусан дар тарбияи насли нави ҳунармандони театрҳои шаҳру минтақаи Кӯлоб ҳиссаи боризе гузоштааст. Лозим ба тазаккур аст, ки омӯзиши кору пайкори ин симои нотакрори театри тоҷик дар алоҳидагӣ омӯхта нашудааст. Дар мақолаи мазкур перомуни фаъолияти эҷодии актриса, раққоса ва сарояндаи тоҷик, яке аз бунёдгузорони театри касбии Кӯлоб Туйдӣ Бобоева муфассал сухан меравад.

**Калидвожаҳо:** санъати сарояндагӣ, раққоса, драматургия, театри касбӣ, хонаи пионерон, маданият, ҳунарманд, суруду тарона

## ТУЙДИ БОБИЕВА И СОЗДАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ТЕАТРА В КУЛЯБЕ

Искусство, в том числе и театральное искусство, является неотъемлемой частью духовной культуры человечества и представляет собой один из особых художественных жанров реального восприятия. В самом широком смысле искусство – это вид деятельности и продукт человеческих рук, искусно выполненный художником с изяществом и утонченностью. Творческая деятельность человека формируется в различных жанрах искусства, таких как пение, танцы, актерское мастерство и другие.Актерское мастерство является важнейшей областью театрального искусства и основано на исполнении и создании образов на сцене. Внимание, воображение, память, эмоциональное влечение, эмоциональная коммуникация, чувство мелодии и тона являются важными элементами искусства. Одним из основателей Кулябского музыкально-драматического театра является Заслуженная артистка Таджикистана Туйди Бобиева, которая за годы своей плодотворной работы внесла значительный вклад в становление и развитие таджикского театрального искусства, особенно в воспитании нового театрального поколения артистов в Кулябе.Следует отметить, что исследование творчества этого уникального образа таджикского театра отдельно не изучалось.В данной статье подробно рассмотрено творчество таджикской актрисы, танцовщицы и певицы, одной из основательниц профессионального театра Куляба Туйди Бобоевой.

**Ключевые слова:** искусство пения, танец, драматургия профессионалный театр, дом пионеров, культура, артист.

## TUYDI BOBIYEVA AND THE CREATION OF A PROFESSIONAL THEATER IN KULYAB

Art, including theatrical art, is an integral part of the spiritual culture of mankind and is one of the special artistic genres of real perception. In the broadest sense, art is an activity and a product of human hands, skillfully executed by an artist with grace and refinement. Human creative activity is formed in various genres of art, such as singing, dancing, acting and others. Acting is the most important area of theatrical art and is based on the performance and creation of images on stage. Attention, imagination, memory, emotional attraction, emotional communication, sense of melody and tone are important elements of art, One of the founders of the Kulyab Music and Drama Theater is the Honored Artist of Tajikistan Tuidi Bobieva, who over the years of her fruitful work has made a significant contribution to the formation and development of Tajik theatrical art, especially in the education of a new theatrical generation artists in Kulyab. It should be noted that the study of the creativity of this unique image of the Tajik theater has not been studied separately. This article examines in detail the work of the Tajik actress, dancer and singer, one of the founders of the professional theater of Kulyab Tuidi Boboeva.

**Keywords:** the art of singing, dancer, dramaturgy, professional theater, house of pioneers, culture, artist.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раджабов Аскаралӣ*** – Институти таърих,бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи таърих ва назарияи санъат, доктори илмҳои таърих, профессор, мудир. **Суроға**:734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 33. Телефон: **(+992) (37) 2212806.**

***Амроев Умедҷон Мамадхонович*** – Институти таърих,бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**:734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 33. Телефон: **(+992) 918 12 53 49.**

**Сведения об авторах:** ***Раджабов Аскарали***– Институт истории, археологии и этнографии имена А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, отдел истории и теории искусства доктор исторических наук,

профессор, заведующий**. Адрес:**734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) (37) 2212806.**
***Амроев Умедджон Мамадхонович*** **–** Институт истории, археологии и этнографии имена А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, соискатель**. Адрес:**734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33.Телефон**: (+992) 918 12 53 49.**

**Information about the authors:** ***Rajabov Askarali*** – Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Department of History and Theory of Art, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33.
Phone: **(+992) (37) 2212806.**
***Amroev Umedjon Mamadkhonovich*** – Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **(+992) 918 12 53 49.**

ТДУ:902 (575.3)

# ТАҶЗИЯИ ИМПЕРАТУРИИ АҲМАДШОҲ БОБО

*Абдулазиз Муниб*
**Донишгоҳи политехникии Кобул**

Сарзамине, ки дар таърихи Осиё ва ҷаҳон ба номи Афғонистони ёд шудааст, дар давраҳои қадим ба номи Ориёно, дар қуруни вусто ба исми Хуросон шуҳрат дошт, аз лиҳози мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва геополитикиаш дар яке аз беҳтарин чаҳор роҳи табодули фарҳанг, тиҷорат, бистари муҳоҷиратҳои густардаи мардуми Осиёи Марказӣ, таҳоҷумоту ҷаҳонкушоиҳо аз аҳаммияти босазое бархӯрдор аст ба ин асос аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ ҳампояи кишварҳои мутамаддини ҷаҳон қарор гирифта ва аз асари ғаномандии саршори манобеи табиӣ ва осори таърихӣ, ки дар дили хок мадфун аст, аз як тараф ва аз ҷониби дигар мавқеияти стратегӣ, ки дар тули таърих дошта, боиси он гардида, ки ҳамеша таҳти ҳамалоту таҷовузоти кишварҳои ҳамсоя ва қудратҳои бузург қарор гирад. Дар мароҳили аввали ҷаҳонкушоӣ ва таҳоҷумот таҳти ҳамалоти императорони бузурги ҷаҳон, монанди Куруш, Дориюш, Искандари Мақдунӣ, Нӯшервони одил ва Ашукои ҳиндӣ қарор гирифтааст.

Ва аз мавқеияти марказӣ ва савқулҷайшии он байни Осиёи Миёна, Форсу Ҳинд ба ҳайси як қароргоҳи низомӣ ва ҷангӣ истифода намудаанд ва дар асрҳои баъдӣ ҳам дар масири футуҳоти мусулмонҳо ҳамалоти ғоратгаронаи муғул, туркону соир марокизи қудратҳои минтақавӣ қарор гирифтааст.

Баъд аз сукути давлати Темуриён зуҳури се қудрат – дар шимол Ҷунайдиҳо, дар ғарб Сафавиҳо, дар ҷануб ҳукумати Бобуриҳо, ҳар кадоми ин қувваҳо як қисмати сарзаминро дар ихтиёри худ қарор дода ва аз ин сарзамин мунҳайси пойгоҳе дар корзори рақобатҳои сиёсӣ ва низомии худ истифода мекарданд.

Баъд аз ин ки дар нимаи қарни XVIIII дар атрофи Афғонистон императориҳои бузург ва русҳову англисҳо пешрафтҳои худро тарафи сарҳадоти Афғонистон суръат бахшиданд ва мудохилоти хешро ба шакли ошкор дар умури дохилии Афғонистон оғоз намуданд, русҳо дар талош буданд, то аз тариқи хоки Афғонистону Форс дохили хок Ҳинд гардида ва худро ба обҳои гарм бирасонанд. Дар муқобил англисҳо, ки қаблан дохили Ҳинд гардида ва қисмате аз хоки Ҳиндро тасарруф намуда буданд, талош мекарданд, то аз Ҳиндустон дифоъ намоянд. Дар натиҷаи ин мудохилот буда, ки сикҳҳо дар Панҷоб истиқлоли худро эълом карданд ва Қоҷориҳо Машҳадро тасарруф намуданд. Аз ин таърих ба баъд ин таҷзия давом намуда, ки дар натиҷа императории Аҳмадшоҳ ба Афғонистони кӯчаки феълӣ мубаддал гардид.

**Маърифати Аҳмадшоҳи Абдолӣ**: Аҳмадшоҳи Абдолӣ, ки номи аслиаш Аҳмадхон буда, дар соли 1135 ҳ.қ. дар Ҳирот мутаваллид гардид ва падари вай Замонхон ном дошт, мавсуф баъд аз Абдуллоҳхони Абдолӣ ба сифати ҳокими мустақил дар ҳукумати Абдолиҳои Ҳирот буда [1]. Модараш Зарғуна ном дошт, назар ба истеъдод, лаёқату меҳрбонӣ ва ихлос, ки аз худ нишон дода буд, ба номи Зарғуна Ано маъруф гардида буд [2].

Садузоиҳо яке аз фуруи маъруфи Пупулзоиҳо буда, ки силсилаи онҳо ба Абдолӣ мерасад. Маркази Садузоиҳо шаҳри Сафо буда, тамоми қабоили Абдолӣ аз Қандаҳор то Фароҳ раёсату бузургии онҳоро ба расмият мешинохтанд. Афғонистон қабл аз давраҳои Ҳамидшоҳ муддати тақрибан дуюним қарн (1500-1747м) ба шакли давомдоре таҳти тасаллути кишварҳои ҳамсоя қарор дошт. Манотиқи шимоли ин кишвар таҳти тасаллути шоҳони Бухоро буд ба ин тартиб: манотиқи ғарбии кишвар дар ихтиёри давлати Сафавиҳо форс қарор гирифта ва манотиқи ҷануби ғарбиро низ баъд аз муддате аз давлати Бобурии Ҳинд тасарруф намуданд. Сафавиҳо форс тавассути қувваи аскарӣ ва фишор ин манотиқро идора мекарданд. Дар ин вақт манотиқи шарқу ҷанубу марказии таҳти қиёдати давлати Бобурии Ҳинд қарор дошт. Дар давраи таҷзия ва тақсими Афғонистон маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар маъдум шуда, ин арзишҳо дар иваз ба Бухоро, Исфаҳону Деҳли интиқол ёфтанд.

**Оғози таҷзия**. Аз ҷумлаи авомили дохилии таҷзия, ҷанги байни шоҳону шоҳзодагон ва ё руасои қабоил ба хотири ҳусули қудрат ва ё издиёди қудрат, дар зимни ин мудохилоти бегонаҳо ва умури дохилии кишвар, ҳамкорӣ ва тақвият кардани мухолифони давлати марказӣ ва заъфи иқтисодии кишвар, ки дар қисмат овардани амнияту пешбурди умури низомӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ нақши муҳимро бозӣ карда метавонад. Баъд аз вафоти Аҳмадшоҳ Сулаймон бародари Темуршоҳ аз тарафи шоҳ Валихон вазири подшоҳ эълон мешавад. Шоҳ Валихон, ки дар раъси сардорону феодалон қарор дошт, баъд аз Аҳмадшоҳ аз лиҳози идора шахси дувум ба шумор мерафт. Темур, ки аз эълони подшоҳии бародар иттилоъ ҳосил кард, ба аҷала ҷониби Қандаҳор ҳаракат кард. Шоҳ Валихон, ки ҳадафи мавсуф ғофилгир кардани Темуршоҳ буд, Темуршоҳ, ки аз ҳадафи вай бохабар буд, мавсуфро бо ду писар ва ду хоҳарзодааш дастгир ва эъдом кард, Сулаймон маъзарат хоста, мавриди афв қарор гирифт.

Темуршоҳ бо ин кори худ дар муқобили вазири беназиру бемислу монанди шоҳ Валихон аз бебокӣ бисёр зиёд кор гирифт ва ба дасти нопоки қотилин, ки вазифаи кушторро доштанд, аз байн рафт. Ин амали Темуршоҳ авоқиби талхро дар бар дошт (дар ин фазои беэътимодӣ дар Қандаҳор, Темуршоҳ пойтахтро ба Кобул интиқол дод ва ин кори Темуршоҳ аз оғози он як навъ беэътимодӣ, бадгумониро дар байни Темуршоҳу сардорон ба миён овард) [8].

Дар ин бора Шерозӣ менависад: «Темуршоҳ ба ин кори худ шумо тоифадороне аз кушта шудани шоҳ Валихони вазиру фарзандону хоҳарзодагони ӯ кинаи Темуршоҳро дар синаи худ ҷо дода, ҳамин далел буда, ки Темуршоҳ зиёда аз он таваққуф дар Қандаҳорро маслиҳат накарда ва пойтахтро ба Кобул интиқол дод» [3]. Чунончи, Абудлхолиқ Садузоӣ, ки бо шоҳ рақобат дошт ва як теъдод сардорону руасои қабоилро бо худ якҷо сохта ва аз тарафи онҳо ба сифати подшоҳ эълон шуд, шаҳри Қандаҳорро тасарруф кард. Темуршоҳ аз ҷараён иттилоъ ҳосил кард ва ҷониби Ғазнӣ ҳаракат кард. Ҷанги байни тарафайн дар минтақаи Шашгов сурат гирифта, Абдулхолиқ дар ин ҷанг шикаст хӯрда, худаш бо як теъдод аз лашкариёнаш асир ва ба ҳидояти Темуршоҳи нобино ва асир гардиданд. Ҳабибӣ мегӯяд: «Ва низ ба соли 1774 милод Абдулхолиқхони Садузоӣ бар Темуршоҳ боғӣ шуд, вале Темуршоҳ ӯро шикаст дода ва нобинояш намуд» [4].

Қиёми сикҳҳо «дар соли 1781 м. дар Панҷобу тасарруфи минтақаи Мултон тавассути онҳо дар натиҷа Темуршоҳ бо як лашкари бузург бад-он сӯ ҳаракат кард ва баъд аз шикасти сикҳҳо дубора Мултонро тасарруф кард» [5].

Бори аввал Ҳумоюн алайҳи Замоншоҳ қиём кард, аммо шикаст хӯрда, ба Балучистон фирор кард. Шоҳмуродбек ҳокими Бухоро дар соли 1789м. болои манотиқи шимоли Афғонистон ҳамла кард, ки ин масъала мунҷар ба ҷанг гардида ва билохира бар асари мудохилоти шуюху бузургони Бухоро Темуршоҳ бо ҳукмрони Бухоро сулҳ кард. Дар давраи салтанати Замоншоҳ низ ҷангҳо ва мухолифатҳо шиддати бештарро ба худ ихтиёр карданд. Мавсуф талош кард, «то амнияти дохилӣ ва марказияти сиёсиро тақвият бахшида ва дар хориҷ аз кишвар аз пешравии истеъмори Англис ҷилавгирӣ намояд. Баъд аз ба қудрат расидани Замоншоҳ бародарони бузургаш худро мустаҳаққи подшоҳӣ дониста ва аз тарафи Замоншоҳ шикаст хӯрданд» [5].

Ҳумоюн дубора қиём кард ва аз тарафи лашкари Замоншоҳ асир ва ба ҳидояти шоҳи мавсуф асири нобино ва баъдан зиндонӣ гардид. Маҳмуд бародари дигари Замоншоҳ, ки ҳокими Ҳирот буд, мухолифати хешро аланӣ сохта, Замоншоҳ бо лашкари худ ҷониби Ҳирот ҳаракат кард ва ҳарду лашкар дар минтақаи Замини Довар бо ҳам муқобил шуданд. Маҳмуд шикаст хӯрда, ба Фароа ва аз он ҷо ба Ҳирот фирор кард. Ӯ баъд аз ин ки тавони муқобиларо дар худ надид, аз Замоншоҳ маъзарат хоста, бори дигар қиём намуд ва баъд аз шикаст ба Форс паноҳ бурд, то ин ки ба кумаки вазир Фатҳхон ва бародараш ба қудрат расид.

Сардор Пояндахон ва теъдоде аз қизилбошҳо, ки дар қудрат расидани Замоншоҳ ба сифати подшоҳ ҳамкорӣ карданд ва ҳар кадоме ҳадафи хос дошт, чун онҳо ба ҳадафҳои худ нарасиданд, бар хилофи Замоншоҳу вазираш нақша тартиб доданд. Замоншоҳ, ки аз ин нақша иттилоъ ҳосил кард, 72 нафар аз руасои қабоил ба шумули сардор Поянда Муҳаммадхонро эъдом кард. Авлоди сардор Пояндахон, ки дар раъси он Фатҳхон қарор дошт, аз тарси Замоншоҳ ва интиқом гирифтани падараш ҷониби Форс фирор карданд ва

Маҳмуд шикастхӯрда ва паноҳанда дар Форсро ташвиқ намуд, то ба Афғонистон равад ва Маҳмуд ба ҳамкории Фатҳхон ва як теъдод аз сардорону бародараш ба қудрат расид.

Шоҳ Маҳмуд дар дохил ва хориҷ бо мушкилоти мутааддиде рӯ ба рӯ шуда, рақобат байни ду шахси муқтадир – Фатҳхону Акрамхон аз як тараф, қиёми Ғалҷойӣ ба саркардагии Абдураҳимхони Ғалҷойӣ ва ҳамалоти мутааддиди Шоҳшуҷоъ ба хотири интиқомгирии бародари сикҳаш Замоншоҳ ва ба қудрат расидани худаш, қиёми умумӣ аз тарафи мардуми суннимазҳаб дар Кобул алайҳи шоҳ Маҳмуд, ҳамалоти Қоҷориҳо болои манотиқи ғарбии кишвар, қиёми сикҳҳо дар Панҷоб ва эъломи истиқлоли онҳо аз давлати Афғонистон ба ҳамкории англисҳо, ҳамаи ин далоил боис гардид, ки ҳукумати шоҳ Маҳмуд сукут ва Шоҳшуҷоъ Кобулро тасарруф кунад.

Шоҳшуҷоъ монанди аслофи худ бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ буда, аз як тараф, мухолифати бародарзодааш Қайсар ба ҳамкории вазир Фатҳ, фаъолиятҳои Фатҳхон хилофи шоҳ Маҳмуд, фирори шоҳ Маҳмуд аз зиндону якҷо шудани вай бо писараш Комрону вазир Фатҳхон ва оғози дубораи фаъолиятҳо ба хотири ҳусули қудрати дубора алайҳи Шоҳшуҷоъ, ҳамалоти шоҳони Бухоро, пешрафти давлати Қоҷории Форс дар манотиқи ғарбии Афғонистону тасарруфи баъзе манотиқ аз тарафи сикҳҳо дар ду тарафи дарёи Абосин. Шоҳшуҷоъ ба хотири иодаи дубораи амният ба издивоҷҳои сиёсӣ рӯ оварда, бо духтари шоҳи Бухоро, ҳамшираи дӯсташ Муҳаммадхон, духтари Насирхон, хони балуҷиҳо издивоҷ кард ва мувaққатан амният дар кишвар барқарор гардид. Чун ҳар ду тараф аҳдофи хос доштанд, ба ин асос амнияти муваққатии кишвар дубора барҳам хӯрд.Фатҳхон дар давраи дуюми салтанат шоҳ Маҳмуд ва аксарияти бародарони худро дар манотиқи муҳимми кишвар ба сурати волиён таъин кард. Назар ба қавли Сайид Ҷамолиддини Афғон, «Фатҳхон бародари худро ба фармони равоёи Афғонистон муқаррар кард» [6].Баъд аз ин ки ихтилоф байни Фирӯзуддин, бародари шоҳ Маҳмуд ҳокими Ҳироту Фатҳхон сурат гирифт ва Фатҳхон мавсуфро асир ва ба шакли зиндонӣ назди шоҳ Маҳмуд фиристод, шоҳ Маҳмуд аз ин амали Фатҳхон норозӣ шуда, ба писари худ Комрон ҳидоят дод мавсуфро ҷазо бидиҳад. Ҳамин буд, ки Комрон Фатҳхонро асир баъд аз он нобино ва зиндонӣ сохт. Бародарони вай, ки ҳукумати аксарияти вилоётро дар ихтиёр доштанд, хилофи ин амали шоҳ Маҳмуд қиём карданд, Афғонистонро ба тануриоташ мубаддал сохтанд, ба шакли тадриҷӣ қудратро ба дасти худ гирифтанд ва дар ниҳоят Дӯстмуҳаммадхон назар ба дигар бародарон худро тақвия намуда, Кобулро тасаррфу баъд аз муддате аморати худро дар соли 1835 м. дар масҷиди Идгоҳи Кобул эълон кард.

Дар ин муддат бародарони Боракзоӣ дар дохил душмани ҳамдигар буданд, «гоҳе бар хилофи якдигар меҷангиданд ва ҳатто, бо хориҷиҳо мепайвастанд, ҳамаи ин ҷангҳо, дар навбати худ, яке аз авомили муҳимми таҷзияи императории Аҳмадшоҳро ташкил медиҳад» [7].

Ҷанги амир Дӯстмуҳаммадхон бо бародарзодаву домодаш Сардор Султон Аҳмадхон, ки қаблан ба Форс паноҳ бурда ва дар соли 1862, замоне ки Дӯстмуҳаммадхон ба хотири тасарруфи Ҳирот он шаҳрро муҳосира кард. Султон Аҳмадхон дар муқобили амир қарор дошт ва мавсуф муддати чанд моҳ дар муқобили амир ба мудофиа ва ҷанг пардохт, то ин ки дар ин ҷанг кушта шуду амири Ҳиротро тасарруфи кард».

Баъд аз вафоти Дӯстмуҳаммадхон амир Шералихон дар соли 1863 подшоҳии худро дар Ҳирот эълон кард. Бародарони амир ҳар як сардор Аъзамхон, Муҳаммадаминхон, Муҳаммадҳасанхон мухолифати хешро бо подшоҳии Шералихон эълон карданд.

Амири Шералихон ба хотири муқобила бо Муҳаммадаъзамхон ҷониби Зурмат лашкаркашӣ намуда, Аъзамхон ҷониби соҳаи нуфузи англисҳо фирор кард. Баъд аз он ҷониби манотиқи шимол лашкаркашӣ карда, Афзалхон дар ҷанг шикасти хӯрд ва аз тарафи амир асир гардида ва дар Ғaзнӣ зиндонӣ шуд. Ба хотири эълони мухолифат Муҳаммадҳасанхон ҷонби Ҳазораҷот ҳаракат намуд. Мавсуф, ки тоби муқовимат дар худ надид, ҷониби Балх фирор кард. Ҳамчунин, ба хотири муқобила бо Муҳаммадамин ҷониби Қандаҳор лашкаркашӣ карда, Муҳаммадаминхон дар ин ҷанг ба қатл расид ва амир Шералихон пирӯз гардид.

Амир Афзалхон Боракзоӣ, ки аз эътикофи Шералихон дар Қандаҳор огоҳ шуд, бо сардор Аъзамхони кокои сикҳааш болои Кобул ҳамла кард, баъд аз тасарруфи Кобул ҷониби Ғазнӣ ҳаракат намуда, Афзалхонро аз зиндон раҳо ва дар соли 1866 ба подшоҳӣ

эълон намуд. Ба хотири муқобила бо амир Шералихон ҷониби Қандаҳор ҳаракат намуда, амир аз эътикоф бархоста, лашкарро ҷониби Қалот равон намуд ва дар ҷанг шикаст хӯрда, ҷониби ғарб ҳаракат намуд ва Ҳиротро маркази худ таъин кард. Дар давраи салтанати Аъзамхон бори дигар ҷанг байни Аъзамхон ба ҳамкории Абдурраҳмонхон бо Шералихон сурат гирифт. Дар натиҷаи он амир Аъзамхон ва Абдурраҳмонхон шикаст хӯрда, Шералихон бори дувум ба қудрат расид.

Ҷангҳо дар давраи амир Абдурраҳмонхон ҳам сурат гирифтанд, ки ин ҷангҳо низ боиси заъфи давлати марказӣ гардиданд, аз ҷумла қиёми мардуми Шинвор дар соли 1301 ҳ. ш. Амир ба хотири саркӯбии ин қиём лашкарро ҷониби Зурмат фиристод, шӯришчиён шикаст хӯрданд ва дубора мутеи давлати марказӣ гардиданд. «Дар соли 130 ҳ.ш. қиёме аз тарафи ҳутакиҳо, тараки ва соир қабоили Ғалҷоӣ сурат гирифт, ин қиём низ саркӯб гардид» [8].Қиёми сардор Исҳоқхон писари сардор Аъзамхон, ки ҳокими Туркистон буд, амир Абдурраҳмонхонро водошт Ғулом Ҳайдархонро дар раъси як лашкар дар соли 130 ҳ.қ. фиристад ва дар натиҷаи ин ҷанг Исҳоқхон шикаст хӯрд ва ҷанг ба нафъи амир Абдурраҳмонхон хотима ёфт. «Манотиқи Ҳазораҷот, ки аз итоати амир сар боз зада ва амир Абдурраҳмонхон ба хотири мутеъ сохтани онҳо лашкаре фиристод, қиёмкунандаҳо ба шикаст мувоҷеҳ ва ин ҷанг боиси издиёди шавкат, қудрат, амнияту саломати салтанати вай гардид» [8].

**Мудохилаи хориҷиҳо**. Иллати муҳимми дигаре, ки боиси таҷзияи императории Аҳмадшоҳи Дурронӣ гардид, мудохилаи сикҳҳо буд. Сикҳҳо, ки бештари онҳо дар минтақаи Панҷоб таҷаммуъ намуда буданд, дар давраи салтанати Темуршоҳ ва Замоншоҳ хилофи давлати Афғонистон қиём карда, ҳар мартаба саркӯб шуданд. Баъд аз бори аввал ба қудрат расидани шоҳ Маҳмуд дар соли 1800 м. Панҷоб эълони истиқлол кард ва то соли 1833 мелодӣ тавонистанд, ки тамоми манотиқи марбути Панҷоб, Мултон, Кашмир, Дайраҷот, дар соли 1833 м. Пешоварро тасарруф намоянд. Эшон ҳамеша даргири ҷанг бо афғонҳо буданд ва тавонистанд ҷузъи шарқии императории Аҳмадшоҳро, ки дар собиқ марбути Ҳинд буд, тасарруф ва таҳти ҳукумати худ қарор диҳанд.

Ранҷит Сингҳ дар таҷовузи аввали англисҳо болои Афғонистон ба хотири ба қудрат расидани Шоҳшуҷоъ ҳамкорӣ карданд. Аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ мудохилаи англисҳо дар умури дохилии Афғонистон, ин мудохилот аз салтанати замони шоҳ оғоз мешавад. Замоншоҳ вақте ки ба қудрат расид, дар хориҷ аз кишвар бо англисҳо дар Ҳинд «ки аз ҳама дақиқтар ва комилтар андозаи қувват ва таъсири Афғонистонро дар сарнавишти Ҳинд медонист, рӯ ба рӯ буд. Ҳамин аввалин сабаб буд, ки мошини дипломатии ҳукумаи Ҳинди Британиё бо тамоми қувват бар зидди Замоншоҳу Афғонистон ба кор афтод ва ба ин шакл Замоншоҳро дар дохили як ҳалқаи оташин муҳосира намуданд» [5].

Ҳамин тавр, теъдоди зиёд аз англисҳо ва ҳиндустониҳо ба номҳои мухталиф ва «зери ниқоби руҳоният, мазҳабу табобат ба шакли пӯшида ва ошкор дар умури дохилии Афғонистон мудохила ва тахрибкориро оғоз карданд. Ҳамин қисм англисҳо дар соли 1801м. як муоҳидаро бо Форс имзо карданд, ки ҳадафи ин муоҳида иттиҳоди Англия ва Форс алайҳи Фаронса аз як сӯ ва Афғонистон аз сӯйи дигар буд» [9].

Дар ин муоҳидот давлати Қоҷории Форс тааҳҳуд карда буд, ки ҳар гоҳ Замоншоҳ болои Ҳиндустон ҳамла намояд, Форс бо тамоми қуввати худ болои Афғонистон ҳамла менамояд ва агар байни давлати Афғонистону Англия ҷанг воқеъ шавад, Форс аз Англия тарафдорӣ менамояд. Дар зимни мудохилоти махфӣ ва ғайримустақими англисҳо, онҳо мудохилоти аланӣ ва мустақими хешро низ дар Афғонистон анҷом доданд. Аз ҷумлаи онҳо таҷовузи аввали англисҳо бидуни муҷибу далел болои як кишвари фақиру нодор дар соли 1839 м. буд. Вазир ном ҳамкоре бо Шоҳшуҷоъ сурат гирифт ва ҳадафи зоҳирии англисҳо ин буд, ки Шоҳшуҷоъ шахси мазлум ва ҳукумат аз хонадони онҳо тавассути Бораказоиҳо ғасб шуда.

Аз ин рӯ, ба ин баҳона дар Афғонистон дохил шуда, се солу ҳашт моҳро дар Афғонистон ба сар бурданд ва дар ними он бо қиёми умумии мардуми Афғонистон рӯ ба рӯ гардиданд, бештар аз чиҳил ҳазор нафарашон талафу шикаст хӯрда, аз Афғонистон хориҷ шуданд. Англисҳо бо амир Дӯстмуҳаммадхон дар давраи дуюми амораташ муоҳидаеро дар соли 1855 м. дар Ҷамрӯди Пешовар дар се шарт имзо карда ва дар он болои амир шарт гузошта, ки ба манотиқи таҳти тасаллути англисҳо мудохила накарда ва

бо дӯстҳои англисҳо дӯст ва бо душманони англисҳо душманӣ намоянд. Амир Шералихон баъд аз ин ки бори аввал ба қудрат расид, англисҳо амирро ба расмият нашинохтанд, амир Шералихон, ки дар соли 1868 м. бори дувум ба қудрат расид, дар ин давра англисҳо мудохилаи хешро бештар сохтанд, аз он ҷумла додани ҳадоё ба хони Вахон, фиристодани таоиф ба хони Қалот, тарафдорӣ аз Ёқубхон, ки назди амир Шералихон зиндонӣ буд.

Ҳамаи ин далоил нишондиҳандаи мудохилаи мустақими англисҳо дар умури дохилии Афғонистон ба шумор меравад, ки дар тазалзули низоми сиёсии Афғонистон нақши муҳимро бозӣ кардаанд. Англисҳо баъд аз шикаст дар таҷовузи аввал ҳамеша талош мекарданд, то интиқоми худро аз афғонҳо бигиранд ва низ баъзе аз манотиқ, ки марбути хоки Афғонистон буд, амир Шералихон онро дар ихтиёри англисҳо қарор диҳад ва ҳам як нафарашон, ки дар асл англис бошад, дар Афғонистон ба сифати намояндаи сиёсӣ ва низомиашан дар Кобул аз тарафи амир Шералихон қабул шавад. Замоне ки англисҳо аз омадани ҳайати русӣ ба Кобули иттилоъ ҳосил карданд, «Импературии Англия ба генералашон дар Ҳинд хабар доданд, то ҳайати хешро ба Афғонистон бифиристанд. Англисҳо як ҳайати хешро ба қиёдати генерал Чемберлен ба Кобул фиристоданд, аммо аз тарафи қувваҳои сарҳадӣ ба мавсуф иҷозаи духул ба Афғонистон дода нашуд» [10].

Пас аз ин воқеа генерали англис номаи дигаре ба амир фиристод ва дар он ба амир муҳлат дод, то дар зарфи 18 рӯз муваффақияти худро бо қабули ҳайат иброз намояд. Амир аз додани ҷавоби нома худдорӣ кард ва дар муқобил аз русҳо кумак хост. Ин амали амир боис гардид, то англисҳо худро омодаи ҳамла сохта, аз се роҳ болои хоки Афғонистон ҳамла кунанд. Баъзе аз вилоёти шарқӣ; ҷанубу ҷануби ғарбиро тасарруф карданд ва амир Шералихон ба умеди кумаки номаълуми русҳо ҷониби шимол рафт. Дар минтақаи Мазори Шариф вафот кард ва Ёқубхони писараш подшоҳии худро эълон кард.

Лорд Литин ба Лондон навишт: «Мо наметавонем ба Шералихон иҷоза диҳем таҳти нуфузи қудрате дарояд, ки манофеи он хилофи манофеи мо аст» [11].

Англисҳо бо мавсуф муоҳидаи Гандумакро дар январи соли 1879 м. имзо карда, ба асоси имзои ин муоҳида Ёқубхон тамоми шароите, ки қаблан аз тарафи англисҳо ба Шералихон тазаккур дода шуда буд ва амир Шералихон онро напазируфта буд, қабул кард. Ба асоси ин муоҳида Афғонистон манотиқи Курум, Пашин, Хайбар, Сёлкут, Фушанҷ, Арновӣ ва манотиқи дигарро аз даст дод ва дар равобити хориҷӣ Афғонистон бояд бо англисҳо машварат намояд.

Мудохилоти Форс дар умури дохилии Афғонистон аз давраи салтанати Аҳмадшоҳ оғоз шуда ва то давраи дувуми салтанати амир Дӯстмуҳаммадхон ба шакли давомдор сурат мегирифт. Дар давраи салтанати Аҳмадшоҳ ва Темуршоҳ оқои Муҳаммадхони Қоҷор болои минтақаи Хуросон, ки таҳтулҳимояи Афғонистон буд, мудохилот сурат гирифта, Шоҳрух ҳокими Хуросонро зиндонӣ кард. Дар давраи салтанати Замоншоҳ, Муҳаммадшоҳи Қоҷор ба мавсуф нома фиристод ва дар он навишта буд, ки вай тасмим дорад Бухорорo тасарруф намояд ва аз Замоншоҳ тақозо карда буд, то ба лашкари вай иҷозаи убур аз Балх ба Бухорорo дода шавад, Балхро дар ихтиёри ӯ қарор диҳад, ҳамчунон дар давраи дувуми шоҳ Маҳмуд ихтилофот бар сари минтақаи қалъаи Ғӯриён сурат гирифт ва дар натиҷаи он Форс дар соли 1817 м. Ҳиротро муҳосира ва Фирӯзуддини ҳокими он ҷо қалъаи Ғӯриёнро дар ихтиёри онҳо қарор дод, то ин ки ба ҳидояти шоҳ Маҳмуд ҳамлае болои қалъаи Ғӯриён сурат гирифт. Форс шикаст хӯрда, минтақаро тарк ва ҷониби Форс ақибнишинӣ карданд. Давлати Қоҷорӣ аз соли 1809 м. то 1856 м. ҳашт мартаба болои Ҳирот ҳамла карданд, ки дар ҳафт мартабаи он ба шикаст мувоҷеҳ шуданд.

Як теъдод аз ҳокимони Садузоӣ ва Саид Муҳаммадхон ва ҳатто султон Аҳмадхон, ҳар кадоми онҳо, ки Ҳиротро тасарруф мекарданд, дар хутба номи подшоҳи Форсро зикр менамуданд ва сикка низ ба номи онҳо зарб мезаданд – ҳамаи ин далоили зикршудаи мудохилаи Қоҷории Форс дар умури давлати Афғонистонро собит месозад.

Заъфи иқтисодӣ низ дар зоти худ яке аз авомили асосии таҷзия ва сукути як идора ва як низомро ташкил медиҳад. Ҳар гоҳ як кишвар аз лиҳози иқтисодӣ дар мартабаи боло қарор дошта бошад, дар он сурат кишвар метавонад тамоми нақшаҳои худро мутобиқи барномаи асосӣ дар асраи вақт анҷом диҳад ва қувваҳои низомии бештарро таҷҳиз,

тамвил, аслиҳа, муҳиммот ва дигар заруриёти низомиро дар ихтиёрашон қарор диҳад, чун дар кишвари мо маркази воҳиди иқтисодӣ ва пулӣ вуҷуд надошт ва сармояи он дар ихтиёри ҳамсояҳо қарор дошт. Оғози ҷангҳои дохилӣ ва ба шакли тадриҷӣ ин ҷангҳо ба авҷи худ расиданд. Дар зимни он ҳамалоти шоҳони Бухоро болои манотиқи шимол, ҳамин далоил боис мешавад, ки Афғонистон ҳам дар дохил шоҳиди ихтилофот ва ҷангҳои дохилӣ байни шоҳзодаҳо ва ташнагони қудрат буда бошад.

Англисҳо ва ҳамсояҳо дар ин даргириҳо ва ихтилофоти дохилӣ нақши муҳимро бозӣ мекунанд. Ва масорифи газофу камаршикан, заъфи иқтисодӣ, ҳамаи ин авомил боиси таҷзияи империатории Аҳмадшоҳи Дурронӣ шуд. Ҳамчунин, ҳусули молиёт аз тарафи хонҳо ва руасои қабоил, илова бар он сарват ва дороие, ки дар асри салтанати Аҳмадшоҳ ва дар натиҷаи футуҳоти ӯ ба шакли тилло, нуқра ва ҷавоҳирот, ки ба Афғонистон ворид гардида буд, асос ва бунёд надошт, чун равиши сармоягузорӣ ва кори иқтисодӣ ба шакли ибтидоии он буда ва ё назди ҳиндувон, ки дар Кобулу Қандаҳор вазифаи саррофиро иҷро мекарданд, ба вадиа мегузоштанд. Ҳамчунин, қисмати зиёди моликияти давлат дар тасоҳуби феодалҳои маҳаллӣ дармеомад, ки ин раванд низ боиси заъфу барбодии зербинои иқтисодии империатории Аҳмадшоҳ мегардид.

Авомили хориҷӣ низ дар таҷзияи империатории Аҳмадшоҳ нақши умда ва асосӣ бозӣ кардааст:

А) Баъд аз ин ки Аҳмадшоҳи Абдолӣ ба қудрат расид, футуҳоти худро ҷониби шарқу ҷануб оғоз ва манотиқи бештаре марбут ба хоки худу Ҳиндро то Деҳли тасарруф намуд. Сикҳҳо аз масруфиятҳои Замоншоҳ дар дохилу беруни кишвар истифода карда, худро тақвият намуда ва дар давраи аввали шоҳ Маҳмуд; дар соли 1803 м. ба саркардагии Ранҷит Сингҳ истиқлоли худро дар Панҷоб эълон намуданд.

Бо эълони ин истиқлол таҷзияи империатории Аҳмадшоҳи Абдолӣ оғоз мешавад ва баъд аз ин таърих тавонистанд, ки манотиқи дигареро дар Ҳинд тасарруф намоянд ва дар соли 1833 м. тавонистанд, ки Пешоварро тасарруф намоянд ва як ҳукумати зудгузарро дар Панҷоб ташкил доданд. «Он ҳукумат тақрибан 40 сол давом кард ва англисҳо ба воситаи онҳо тавонистанд, ки як қисмати аҳдофи худро бароварда созанд. Англисҳо, ки дар аввали қарни XVII м. зери номи ширкати тиҷоратӣ дохили Ҳиндустон гардида буданд, дар ботин фаъолиятҳои сиёсии худро ба хотири ишғоли Ҳиндустон иҷро мекарданд» [11].

Англисҳо дар қадами аввал ширкатҳои аврупоӣ дар Ҳиндро шикаст дода, қувваҳои мавҷуда дар Ҳиндро таҳти таъсири худ оварда, баъзе аз манотиқи Ҳиндро тасарруф намуда ва ба асоси ҳамкорӣ ва ташвиқ бо сикҳҳо Панҷоб, Кашмир, Мултон, Пешоварро тасарруф намуданд. Англисҳо бори аввал дар соли 1839 м. ба Афғонистон дохил шуданд ва баъд аз талафоти бисёр зиёд дар соли 1842 м. аз Афғонистон хориҷ шуданд. Назар ба қавли Раштиё, англисҳо дар се соли тасаллути сиёсӣ ва низомии худ бо аксуламали умумӣ ва худ ба худии шадиду доманадори миллат мувоҷеҳ шуда, ҳавсалаи худро аз даст дода, бо шӯриши умумӣ ба ин давраи тасаллути бегонагон омехта номуназзаму ташдид хотима дода ва ватани худро аз вуҷуди аҷониб ва мутаҷовизину ҳавохоҳонашан пок сохтанд [12].

Дар соли 1843 м. Синд, ки тобеи давлати Афғонистон буд, аз тарафи англисҳо тасарруф шуд ва дар соли 1848 м. тамоми манотиқи сикҳҳоро тасарруф карданд. Шералихон, ки шароити Англияро қабул накард, англисҳо дар соли 1887 м. аз се роҳ – Хайбар, Балуҷистону Курум болои Афғонистон ҳамла карданд. «Баъд аз ин ки Шералихон вафот ва писараш Ёқубхон ба қудрат расид, мавсуф дар моҳи майи соли 1879 м. муоҳидаи Гандумакро бо англисҳо имзо кард ва тамоми шароитеро, ки англисҳо хостори он буданд, қабул намуд. Ба асоси ин муоҳида манотиқи Нурлоӣ, Жуб, Пешину Нушкӣ дар ихтиёри англисҳо қарор гирифт» [13].

Ҳамин муоҳида боиси он гардида, ки Афғонистон баъзе аз манотиқи хоки аслии худро дар ихтиёри англисҳо қарор дод. Амир Абдурраҳмонхон, ки баъд аз эълони подшоҳӣ муоҳидаро дар соли 1880 м. дар шимоли Кобул бо англисҳо имзо кард, ба асоси ин муоҳида тамоми шароити муоҳидаи Гандумакро қабул кард.

Чун аҳдофи англисҳо дар қисмати таҷзияи Афғонистон то ҳанӯз бароварда нашуда буд, «барои татбиқи ҳамин ҳадаф ҳайати хешро таҳти раёсати Мортимер Дюранд дар моҳи сентябри соли 1897 м. равонаи Кобул намуданд ва ҳайат дар 2 октябри ҳамин сол ба Кобул расид» [13]. Баъд аз вусули ҳайати музокирот байни амир Абдурраҳмонхон ва

намояндаи англисҳо дар минтақаи Чиҳилсутуни Кобул сурат гирифта, «дар ниҳояти музокирот, муоҳида дар ҳафт шарт байни тарафайн имзо шуд ва ба асоси он манотиқи Чаман, Савот, Боҷур, Чатрол ва Адиарновӣ аз хоки Афғонистон ҷудо ва дар ихтиёри англисҳо қарор гирифтанд» [14].

Императории Аҳмадшоҳи Абдолӣ дар қисматҳои шимолӣ низ аз тарафи русҳо таҷзия гардидааст. Ин ихтилофот аз соли 1869 м. «байни шоҳони Бухоро ва Афғонистон болои баъзе аз манотиқ оғоз шудааст, ки дар натиҷаи он ба асоси музокироте, ки байни русҳо ва англисҳо сурат гирифт, дар соли 1872 м. ҳарду кишвар файсала карданд, ки дарёи Ому ба сифати сарҳади байни ду кишвар ба расмият шинохта шавад, чун баъзе аз қисматҳои муртафаот дар Помир ва шимолу ғарби кишвар сарҳад номаълум буд, аз ин рӯ русҳо болои манотиқи шимоли ғарби Афғонистон ҳамла карданд, Пули Хотунро тасарруф ва Панҷдаҳ таҳти фишор қарор доданд. «Англисҳо мудохила карданд ва ба асоси музокироте, ки байни русҳо ва англисҳо дар соли 1885м. сурат гирифт, минтақаи Панҷдаҳ, ки 100 соли давомдор ба давлати Афғонистон тааллуқ дошт, дар ихтиёри русҳо қарор гирифт» [10]. Дар иртифооти Помир низ байни давлати Афғонистон ва русҳо ихтилофот вуҷуд дошт, дар хатми он англисҳо мудохила карда ва ин қисмати сарҳад низ байни русҳо ва англисҳо дар соли 1895 м. ба миёнҷигарии англисҳо таъин гардид ва Афғонистон дар ин минтақа Рӯшон, як қисмати Шуғнону Помири калонро аз даст дода ва ба хотири гузаштани ҳадди фосил байни ду кишвар Помири кӯчак ба Афғонистон гузошта шуд.

**Мунокиша**. Баъд аз хатми давраи салтанати Аҳмадшоҳи Дурронӣ, оғози давраи салтанати писараш Темуршоҳ аст. Темуршоҳ дар ин муддат бо мушкилоти дохилӣ ва хориҷӣ рӯ ба рӯ буда ва натавонист, ки футуҳоти падарро идома диҳад, бо вуҷуди ин, тавонист императориро, ки падараш ба мерос гузошта буд, бидуни каму кост онро ҳифозату ҳимоят намояд.

Ихтилоф баъд аз вафоти Темуршоҳ ба хотири ҳусули қудрат байни писаронаш ба миён омад, зеро бисёре аз онҳо ташнагони қудрат буданд, дар зимни он Темуршоҳ қабл аз вафот валиаҳди худро таъин накарда буд. Ҳумоюн хилофи Замоншоҳ қиём намуда ва худро дар Қандаҳор подшоҳ эълон кард. Шоҳзодаҳо низ мардумро бар зидди ҳамдигар таҳрик ва якеро тавассути дигаре ба қатл мерасонданд.

Нобиноии вазир Фатҳхон шахси мудаббиру номдор ба ҳукми Комрон ва асорати чанд нафар аз бародаронаш, оташеро дар соли 1214 ҳ.қ. дар Қандаҳор дар рӯзи қатли Сардор Пояндахон ва ҳабс аз сарони қавм ба дасти Замоншоҳ афрӯхта шуда буд ва имкон дошт хомӯш буд, вале Комрон бори дигари онро дар Ҳирот доман зад ва дар натиҷаи ҳамкорӣ, то ин ки миёни Садузоиҳо ва Боракзоиҳо шуруъ шуд ва дар давраи салтанати шоҳ Маҳмуд ба сурати беҳтаре амалан давом дошт, баъдан мубаддал ба душманӣ ва мухолифати вазир гардид ва аввалин касоне, ки аз он мутазаррир шуд, Садузоиҳо буданд.

Баъд аз ба қудрат расидани Боракзоиҳо авлодаи Сардор Пояндахон ба ҷони ҳам афтоданд, чун теъдоди эшон ба 21 нафар мерасид, баъд аз қатли Фатҳхону фирори шоҳ Маҳмуд ҷониби Ҳирот рақобат байни Сардор Азимихон, амир Дӯстмуҳаммадхон, бародарони қандаҳорӣ ва бародарони пешоварӣ ба хотири тасарруфи Кобул ва ҳусули қудрат оғоз шуд. Давраи ихтилофот байни авлоди Сардор Пояндахон, бо тасарруфи Қандаҳор тавассути амир Дӯстмуҳаммадхон хотима ёфту даври ҷадид аз ихтилофот баъд аз вафоти амир Дӯстмуҳаммадхон байни авлодаҳояш оғоз ва ба домани кишвар оташ афрӯхтанд ва ба ин тартиб баъд аз марги Темуршоҳ ин ҷангҳои хонумонсӯз оғоз ва кишвар дар ҷангҳои дохилии саросар сӯхт. Бидуни шак, ҳамин вазъияти дохилии кишвар боиси норизоияти мардум гардида, омили асосии онро ҷангҳои дохилӣ ташкил медиҳад ва дар ниҳоят ин ихтилофот яке аз авомили асосии таҷзияи императории Аҳмадшоҳ Абдолиро ташкил медиҳад. Ба ин маънӣ ки қатлҳои сиёсии ҳукмравоён ношӣ аз ҳавову ҳаваси қудратталабӣ тазодҳои дохилӣ ва ё тарс аз рушди нуфузи зердастону фишорҳои ғайри қобили истибдодӣ низ яке аз авомили асосии таҷзияи императории Аҳмадшоҳро ташкил медиҳанд.

Рақобатҳое, ки байни қудратҳои аврупоӣ дар Ҳинд сурат гирифт, англисҳо тавонистанд, ки аксарияти манотиқи шарқӣ ва ҷанубии Ҳиндустонро тасарруф намоянд ва қувваҳои худро дар Синд, Панҷобу ҳавзаи Абосин мустақар созанд ва дар даҳаи дувуми қарни XIX бо афғонҳо дар тасодум воқеъ шуданд. Давлати қоҷории Форс воситаи дасти

ду қудрати бузург гардида, гоҳе ба ҳидояти русҳо дар манотиқи ғарбӣ, ба шакли хос дар Ҳирот мудохила мекарданд. Русҳо ҳадаф доштанд, то аз тариқи Афғонистон худро дохили Ҳиндустон созанд. Гоҳе ҳам воситаи дасти англисҳо қарор мегирифт, англисҳо ҳадаф доштанд, то ба василаи Форс роҳи пешрафти русҳоро бигиранд ва ҳам Қоҷориҳоро хилофи давлати Афғонистон таҳрик намоянд. Баъд аз эълони истиқлол тавассути сикҳҳо дар Панҷоб, онҳо дар зарфи 30 сол тавонистанд, ки тамоми манотиқ – Панҷоб, Кашмир, Мултон, Пешоварро аз императории Аҳмадшоҳ ҷудо ва замимаи ҳукумати худ дар Панҷоб бисозанд ва як ҳукумати зудгузару қавиро асос бигзоранд. Баъд аз ин ки англисҳо ҳукумати сикҳҳоро дар Панҷоб хотима доданд, Синду Панҷобро тасарруф намуданд ва ба асоси муоҳидот (Гандумаку Дюранд) як қисмати бештар (Балуҷистону Пешовар)-ро тасарруф намуда ва императории Аҳмадшоҳро мутобиқи дилхоҳашон таҷзия карданд.

Дар натиҷаи ин сиёсат ва фаъолиятҳои хасмона ва душманонаи англисҳо, кишвари порча-порча шудаи мардумони ин сарзамин аз тамаддуну фарҳанг дур нигаҳ дошта шуда ва онҳоро ба ҷаҳон ваҳшӣ, дурӯғгӯй ва душмани башарият муаррифӣ намоянд.

Дар ҳамин вақт буд, ки давлати тазории Рус заминаро барои амалӣ сохтани нақшаҳои Пётри Кабир омода сохта ва тасмим гирифтанд, то ба тарафи ҷануб ба мақсади расидан ба Ҳиндустон ва васл шудан ба обҳои гарми баҳри Ҳинд пешравӣ намоянд. Императории Русияи тазорӣ ҳозир набуд бо императории Британиё қабл аз вақт тасодум намояд. Бинобар ин, батадриҷ нақшаҳои хешро амалӣ месохт ва кори онҳо дар тамоми ин давра истихдоми давлати қоҷории Форс барои иҷрои ин мақсад буда, ба ин лиҳоз воқеоти ин давраи таърихи Афғонистонро мунозиа дар сари Ҳирот ташкил медиҳад. Аз баракати эҳсосоти миллии афғонҳо аҳдофи онҳо нокому нақш бар об шуд дар ҳар бори лашкаркашӣ, монанди лашкаркашиҳои англис бо талафоти сангину талофинопазир, ки бардоштанду шуҳрати баде, ки барои худ боқӣ гузоштанд, мунтаҷ ба натиҷаи матлуб барояшон нагардид.

**Натиҷагирӣ**: Гарчи дар ҷиргаҳои қадим ашхоси муқтадир, руасои қабоил ва ашхоси муқтадири низомӣ иштирок доштанд ва ба ашхоси нотавон ва камқудрат имкони шумулят вуҷуд надошт, вале бо вуҷуди ин, дар ҷомеаи ашрофии қабилавӣ ҳамин расм роиҷ буд, ки бояд масоили муҳимми он вақт тавассути ҷиргаҳо ҳаллу фасл шавад.

- Давраи салтанати Садузоиҳо, тамсили як давлати хониро менамуд, шакли берунии давлат бисёр бузург ва қавӣ буд ва бархе аз корҳояш бар асосу бунёди қабилавӣ муттакӣ буд ва ин бунёд таҳаммули бардошти вазни ин императории боазаматро надошт, ҳамин далел буд, ки ин давлат дар асри салтанати Аҳмадшоҳ ва як қисмати давраи салтанати Темуршоҳ давом кард ва баъд аз он муталошӣ шудан он оғоз гардид, то ин ки баъд аз ҷангҳои тулонӣ ва хатарнок рӯз ба рӯз заиф гардида ва билохира суқут кард.
- Баъд аз ин ки Темуршоҳ вафот ва Замоншоҳ подшоҳии худро эълон кард, ҷангҳои дохилӣ ба хотири ҳусули қудрат оғоз гардид, то ин ки ҳукумати Садузоиҳо суқут ва қудрат ба хонадони Муҳаммадзоӣ интиқол пайдо кард. Ин вазъ боз ҳам монанди даврони Садузоиҳо дар ҷангҳои қудратталабӣ сипарӣ шуд.
- Яке аз муаррихин баъд аз вафоти Темуршоҳ авзоъро чунин баён намудаанд: ин ки подшоҳ фавт намудааст, ӯ бештар аз шоҳзодаҳо савор бар боли ҷаҳолату нодонӣ, оташбозиро шуруъ намуданд, ҳам якдигари худро мекӯшанд, ҳам мардумро ба қатл мерасонанд ва ҳам ватанро месӯзонанд.
- Мавзуи Ҳирот яке аз мавзуоти муҳим дар таърихи кишвар ба шумор меравад, ин мушкил, ки аз соли 1812 м. оғоз гардида буд, то соли 1857 мелодӣ, ки солҳои охири давраи дувуми аморати Дӯстмуҳаммадхон буда, аз нигоҳи дипломатӣ ин мавзуъ як соҳаи васееро иҳтиво намуда буд, ки дар он Кобул, Теҳрон, Деҳли, Русия, Лондон, ҳатто Порис дахил буданд.
- Яке аз авомили асосӣ дар суқути давлатҳои Садузоӣ иборат аст аз: касрат аз давоҷҳо, ки боиси ба дунё омадани авлоди зиёд гардида ва дар асно ва ё интиқоли қудрат боиси ихтилофоти шадид байни хонаводаи салтанатӣ гардида, ки ин мушкил баъд аз вафоти Темуршоҳ байни авлодаҳояш ва баъд аз вафоти амир Дӯстмуҳаммадхон ва эълони подшоҳии амир Шералихон ба сурати возеҳ дида мешавад.

• Ва ин кашмакашиҳо боиси заъфи давлати марказӣ гардида ва заминаро барои фаъолиятҳои аҷониб, ба таври хос ба англисҳо, Қоҷориҳои Форс, шоҳони Бухоро ва сикҳҳои Панҷоб мусоид сохтанд, то дар умури дохилии Афғонистон, тибқи майлашон мудохила намоянд.

• Истибдоди беш аз ҳадди баъзе аз ҳукком бо раоё ва мухолифини давлат, боис гардида, то як девори фӯлодинро миёни давлат бо раиятро эҷод ва заминаи суқути онҳоро қабл аз вақт мусоид созад. Дар зимни он инҳисори қудрат дар байни хонаводаи салтанатӣ боиси ранҷиши раият аз давлату хонадони салтанатӣ гардида, ки ин амал низ, ба навбати худ, яке аз авомили асосӣ буд, ки таҷзияи императории Аҳмадшоҳ ва суқути онро мусоид месохт.

•Писари бузурги Сардор Поянда Муҳаммадхон вазир Фатҳхон, шахси далеру муҷоҳид ба шумор мерафт, аммо истиқрори фикрӣ надошт ва сарфи назар кардан аз иқтидори салтанат, ки ба дасти ӯ афтода буд ва ӯ онро ба ашхоси бекифоят ва бесалоҳият чун Маҳмуд, Комрону Қайсар мебахшид, ин амали вай салтанати марказиро заифу мамлакатро ба ҳараҷу мараҷ дучор сохт ва аҷонибро мавқеъ дод, то болои Афғонистон ҳамла намуда ва арозии онро тасарруф намоянд. Ин аъмол боиси оғози бадбахтии Афғонистон шинохта шуда метавонад, зеро то ин вақт Афғонистон дар анзори мамолики ҳамсоя як давлати қавӣ ва ҷонишини салтанати бузурги Аҳмадшоҳ буд ва аз ин пас ба куллӣ эътибори худро бохта маҳкум бар таҷзия гардид.

• Мухолифатҳои Фирӯзиддину шоҳ Маҳмуд, ки яке дар Кобулу дигар дар Ҳирот ҳукумати дигар ҳисорати Комрон – писари шоҳ Маҳмуд бо қудрати рӯзафзуни вазир Фатҳхон дар дарбори падараш [16].

• Амири Дӯстмуҳаммадхон дар ин вақт ки тақрибан тамоми Афғонистони имрӯзаро ба давраи маркази воҳиди салтанати хеш ҷамъ карда буд, боз ҳам дар сиёсати хориҷии кишвар мавқеи дурахшонеро аз даст дод ва дар аҳди зимомдории худ рақобат бо бародарони худро асоси сиёсати хеш шинохта ва аз ин раҳгузар садамоти сахте бар пайкари Афғонистон ҳавола шуд.

• Дар ниҳоят гуфта метавонем, ки дар ин муддат бо вуҷуди кӯшишҳое, ки англисҳо, русҳо ва Қоҷориҳои Форс анҷом дода ва талош намуданд, то аз заъфи сиёсии давлати Афғонистон истифода ва ин мамлакатро зери нуфузи қатъии хеш қарор диҳанд, комёб нашуда, руҳи таслимношудании миллати афғону эҷоботи сиёсӣ ва табиӣ, ки дар ин мамлакат ба сурат истсноӣ вуҷуд дорад, мутаҷовизинро дар ҳар бор ба сарнавиштҳои ваҳиму фаромӯшношуданӣ мувоҷеҳ сохтааст.

Далоили мутааддид, ки ҳамаи ин далоил ҷанбаҳои мухталифи шахсии хонаводагӣ дошт ва асоси он беэътимодӣ ва ҳасодату худхоҳӣ ва ҷалби сарват нишаст мекард.

Мавқеияти стратегӣ ва ҷойгоҳи геосиёсии он дар сари роҳи захоири нафту газ, Каспий, Туркманистон, Осиёи Марказӣ ва бозорҳои нимқораи Ҳинду Чин, наздикии ин ба Ховари Миёна ва ҷануби Осиё мавриди таввачуҳи даллолони нафту газ қарор дорад ва ин ҳам яке аз авомили мудохилаи кишварҳои бегонаро дар кишвари мо мусоид месозад.

**АДАБИЁТ**

1. Ғубор М. Ғ.М. Аҳмадшоҳ бобо афғон. – Пешовар: Дониши китобхона, 1377 ҳ.ш. – С.18-19.
2. Ёдтолибӣ А. Пунбатни қабилӣ. – Пешовар: Майванд, 1385 ҳ.ш.
3. Шерозӣ С.Ҳ. Таърихи Дуррониён. – Теҳрон: Интишороти Вазорати хориҷӣ, 1379 ҳ.ш. – С. 94
4. Ҳабибӣ А. Таърихи муосир. – Кобул: Дониш, 1389 ҳ.ш. – С. 3-25.
5. Ғубор М. Ғ.М. Афғонистон дар масири таърих. – Пешовар: Дорулислом, 1388 ҳ.ш. – С. . 389-416.
6. Афғон С.Ҷ.А. Татим-ал-баён фӣ таърих-ил-афғон. – Кобул: Интишороти «Файсал», 1282 ҳ.ш. – С. 84.
7. Муҳтот А. Таърихи таҳлилии Афғонистон. – Кобул: Анис, 1389 ҳ. ш. – С. 373.
8. Хон А.А. – С. 233-256.
9. Эътоӣ М.А. Таърихи муосири Афғонистон. – Кобул: Майванд, 1384 ҳ.ш. – С. 62-85.
10. Эътоӣ М.А. Ди Афғонистон ланд таърих. – Кобул: Майванд, 1384 ҳ.ш. – С. 162-164; 85-319.
11. Григорян В. Зуҳури Афғонистони навин. – Теҳрон: Китоби якто, 1388 ҳ.ш.
12. Раштиё С.Қ. Афғонистон дар қарни 19. – Пешовар: Майванд, 1377 ҳ.ш. – С. 20.
13. Фарҳанг М.М.С. Афғонистон дар панҷ қарни ахир. - Пешовар, 1361 ҳ.ш. – С. 145, 192, 202.
14. Андешаманд М.А. Мо ва Покистон. – С. 111.
15. Меҳрин М.Н. Гӯшаи қатлҳои сиёсӣ дар таърихи муосири Афғонистон. Ҳамбург, 1998. – С.12.
16. Кӯҳзод А.А. Дар завоёи таърихи муосири Афғонистон. – Пешовар, 1376 ҳ.ш. – С. 8.

17. Хон А.А. – С. 233 - 256.


## ТАҶЗИЯИ ИМПЕРАТУРИИ АҲМАДШОҲ БОБО

Дар мақола муаллиф таҷзияи импературии Аҳмадшоҳ Боборо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Сарзамине, ки дар таърихи Осиё ва ҷаҳон ба номи Афғонистони ёд шудааст, дар даврахои қадим ба номи Ориёно, дар қуруни вусто ба исми Хуросон шуҳрат дошт, аз лиҳози мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва геополитикиаш дар яке аз беҳтарин чаҳор роҳи таболули фарҳанг, тиҷорат, бистари муҳоҷиратҳои густардаи мардуми Осиёи Марказӣ, таҳоҷумоту ҷаҳонкушоиҳо аз аҳаммияти босазое бархӯрдор аст ба ин асос аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ ҳампояи кишварҳои мутамаддини ҷаҳон қарор гирифта ва аз асари ғаномандии саршори манобеи табиӣ ва осори таърихӣ, ки дар дили хок мадфун аст, аз як тараф ва аз ҷониби дигар мавқеияти стратегӣ, ки дар тули таърих дошта, боиси он гардида, ки ҳамеша таҳти ҳамалоту таҷовузоти кишварҳои ҳамсоя ва қудратҳои бузург қарор гирад. Дар мароҳили аввали ҷаҳонкушоӣ ва таҳоҷумот таҳти ҳамалоти императорони бузурги ҷаҳон, монанди Куруш, Дориюш, Искандари Мақдунӣ, Нӯшервони одил ва Ашукои ҳиндӣ қарор гирифтааст. Ва аз мавқеияти марказӣ ва савқулҷайшии он байни Осиёи Миёна, Форсу Ҳинд ба ҳайси як қароргоҳи низомӣ ва ҷангӣ истифода намудаанд ва дар асрҳои баъдӣ ҳам дар масири футуҳоти мусулмонҳо ҳамалоти ғоратгаронаи муғул, туркону соир марокизи қудратҳои минтақавӣ қарор гирифтааст. Баъд аз сукути давлати Темуриён зуҳури се қудрат – дар шимол Ҷунайдиҳо, дар ғарб Сафавиҳо, дар ҷануб ҳукумати Бобуриҳо, ҳар кадоми ин қуввахо як қисмати сарзаминро дар ихтиёри худ қарор дода ва аз ин сарзамин мунҳайси пойгоҳе дар корзори рақобатҳои сиёсӣ ва низомии худ истифода мекарданд.

**Калидвожаҳо:** импературии Аҳмадшоҳ Бобо, таърихи Осиё ва ҷаҳон, Афғонистон, ҳамалоту таҷовузоти кишварҳои ҳамсоя ва қудратҳои бузург, корзори рақобатҳои сиёсӣ.



## РАСПАД ИМПЕРИИ АХМАДШАХА БАБА

В статье автор исследовал и обсудил распад империи Ахмадшаха Бабы. Земля, которая в истории Азии и мира известна как Афганистан, в древности она была известна как Орияно, в эпоху Османской империи она была известна как Хорасан. В материальном и моральном отношении он была равна цивилизованным странам мира, а благодаря обилию природных ресурсов и исторических памятников, которые погребены в самом сердце земли, она занимала стратегическое положение на протяжении всей истории и заставляло ее всегда находиться под атаками и агрессией со стороны соседних стран и великих держав. На первых этапах геноцида и вторжений она подвергалась нападениям великих мировых императоров, таких как Кир, Дарий, Александр Македонский, Нушерван и индийский Ашуко. А его центральное расположение между Средней Азией, Персией и Индией они использовали как военную базу, а в последующие столетия по пути мусульманских завоеваний со стороны монгол, турков и других региональных держав становились центрами мародерских набегов. После падения Темуридского государства, возникновения трёх держав - Джунаидов на севере, Сефевидов на западе и правительства Бабуридов на юге, каждая из этих держав контролировала часть земли афганской и пользовалась этой землей. как базой для своих политических и военных споров.

**Ключевые слова**: империя Ахмад Шаха Бабы, история Азии и мира, Афганистан, вторжение соседних стран и великих держав, причина политической конкуренции.



## THE DISCOVERY OF AHMAD SHAH BABA'S EMPIRE

In the article, the author explored and discussed the collapse of Ahmadshah Baba's empire. The land which in the history of Asia and the world is known as Afghanistan, in ancient times it was known as Oriyano, in the era of the Ottoman Empire it was known as Khorasan. Materially and morally, it has been equal to the civilized countries of the world, and due to the abundance of natural resources and historical monuments that are buried in the very heart of the earth, it has occupied a strategic position throughout history and has caused it to always be under attack and aggression from neighboring countries and great powers. In the early stages of genocide and invasion, it was attacked by great world emperors such as Cyrus, Darius, Alexander the Great, Nusherwan and the Indian Ashuko. And they used its central location between Central Asia, Persia and India as a military base, and in subsequent centuries, along the path of Muslim conquests from the Mongols, Turks and other regional powers, they became centers of marauding raids. After the fall of the Temurid state, the emergence of three powers - the Junaids in the north, the Safavids in the west and the Baburid government in the south, each of these powers controlled part of the Afghan land and used this land. as a basis for their political and military disputes.

**Key words**: empire of Ahmad Shah Baba, history of Asia and the world, Afghanistan, invasion of neighboring countries and great powers, reason for political competition.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдулазиз Муниб*** **–** Донишгоҳи политехникии Кобул, пуҳунмал. E-mail: **azizmonib@kpu.edu.af** Телефон:**+93787105048**

**Сведения об авторе:** ***Абдулазиз Муниб*** **–** Кабульский политехнический университет, ассистент. E-mail: **azizmonib@kpu.edu.af** Телефон:**+93787105048**

**Information about the author: Abdulaziz Munib** – Kabul Polytechnic University, assistant. E-mail: **azizmonib@kpu.edu.af** Phone: **+93787105048**

ТДУ:930.85 (575.3)

# "РОҲАТ-УС –СУДУР ВА ОЯТ-У-СУРУР"-И МУҲАММАДИ РОВАНДӢ - САРЧАШМАИ МУҲИММИ ТАЪРИХӢ РОҶЕЪ БА ШАҲРҲОИ ХУРОСОН

*Муллоҷонов С.К., Исмоилова Ҳ.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Китоби «Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур» яке аз китобҳои муфид ва муҳиммест, ки дар қарни шашум (дувоздаҳуми милодӣ) таълиф ёфта, муаллифи он Наҷмуддин Абубакр Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Равандӣ (550 ё 555-603ҳ.қ./1155 ё 1160-1206м.) [1,с.1-6] аз донишмандону хаттотон ва ҳунармандони ин даврон мебошад.

Равандӣ таърихи хонадони Салҷуқиёнро аз оғоз то поёни давраи Туғрал ибни Арслон (571-590ҳ.қ./1175-1195 м.) [2,с.41] навишта, бо дар назардошти фазои сиёсии онрӯзаи Салҷуқиён, ки бар Хуросон тасаллути комил доштанд, аз шаҳрҳои бузурги он чун Нишопур, Марв, Рай ва Балх ёдовар мешавад.

Хуросон, сарзаминест паҳновар ва шомили чаҳор ноҳияи бузург, Нишопур, Марв, Ҳирот ва Балх аст, ки дар ҷуғрофиёи сиёсии имрӯз, дар миёни кишварҳои кунунии Эрон, Афғонистон ва Туркманистон тақсим гардидааст. Сосониён сарзамини Эронро чаҳор бахш карда буданд, ки яке аз он бахшҳо Хуросон ба маънои сарзамини тулуи хуршед буд. Ҳудуди ҷуғрофии Хуросон дар ғарб аз Деҳистон, Гургон, Мозандарон, Домғон, Шоҳруд (Кумиш), Дашти Кавир ва дар шарқ то Чин ва Ҳинд тул кашидааст. Аз ҷануб то шимол Кирмон, Систон, Ғазнӣ (Зобулистон) ва Кобулистон ва аз шимол ба Амударё (Ҷайҳун) ва пас аз он ба Суғду Хоразм мерасад... Ҳамин тавр, ҳудуди ҷуғрофии Хуросон аз диди ҷуғрофиёнависон ва навиштаҳои муаррихони маъруф зиёд зикр мегардад ва чунончи пеш аз ин гуфтем Равандӣ низ мавриди навиштани таърихи Салҷуқиён ва фармонравоии онҳо дар Хуросон, аз бузургтарин шаҳрҳои он ва вақоеи муҳимме, ки дар ин ҷо ба вуқуъ пайвастанд нақл мекунад.

*Нишобур ё Нишопур,* шаҳрест бо тамаддуни чандҳазорсола, ки тамаддуну фарҳанги он мояи ифтихори ҳар тоҷик аст. Мутолеаи таърихи Хуросон бидуни дар назар гирифтани нақши Нишопур ва нишопуриён дар фарҳанг ва тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ, ба вижа дар садаҳои IX-XIII милодӣ ноқис хоҳад буд. Нишобур муҳимтарин шаҳри Хуросон дар замони Сомониён ва Ғазнавиён буд, ки ҷойгоҳи стратегӣ дошта, сипаҳсолори Хуросон он ҷо менишаст. Пас аз пойтахт муҳимтарин маркази фарҳангӣ ҳам буд. Акнун дар ҳудуди Эрон қарор дорад [4,с.64]. Давраи фармонравоии Салҷуқиён, ки аз адвори муҳимми тамаддуни Эрон аст, бо ба тахт нишастани Туғрали Салҷуқӣ дар соли 1037, дар Нишопур оғоз мешавад ва ин нуктаи муҳимми авҷи фармонравоии Салҷуқиён маҳсуб меёбад. «Салҷуқиён чун ин масоф бишкастанд ҷурате тамом ёфтанд ва азимате азим ва дар Хуросон бипароканданд ва Туғралбек ба Нишобур омад ва ба Шодёх бар тахти Масъуд нишаст» [7,с.97,5-15, 6-7, 732].

Манбаъҳои мухталиф то давраи муғул аҳаммияти ин шаҳрро аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сабт намудаанд, аммо мисол ва ишорати Равандӣ роҷеъ ба Нишопур бештар ба вазъи сиёсии он бастагӣ дорад. Вуруди Салҷуқиён ба Хуросон ва Нишопур дар замони Султон Маҳмуд, фатҳи Хуросон ва таъсиси давлати Салҷуқиён, ба вижа нақши солори Бузгон нахустин вазири Салҷуқиён) [8,с.584] дар тасарруфи Нишопур тавассути Салҷуқиён, Нишопур дар замони Туғрал (1037-1063), Алпарслон (1063-1072), Маликшоҳ (1072-1092), Баркиёруқ (1092-1105) ва Султон Санҷар (1118-1157) [9,с.3-5], инчунин шикасти Санҷар аз ғузҳо ва ба дунболи он ишғоли Нишобур тавассути онҳо дар соли 1153, ки нуқтаи поёнии таърихи Салҷуқиёни Бузург аст, аз масъалаҳои муҳимми китоби «Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур» мебошанд.

Нишопур бо таърихи чандҳазорсолаи худ борҳо ҳаводиси ногуворерo пушти сар кардааст. Ҳуҷуми бегонагон низ балоест, ки Нишопур пайваста ба он даст ба гиребон ва беш аз ҳар шаҳри дигаре дар ҷаҳон вайрон ва бозсозӣ шудааст. Равандӣ зимни зикри ибтидои кори Салҷуқиён нахуст аз омадани онҳо дар замони Султон Маҳмуд гузориш

медиҳад. Рафти воқеаҳои баъдӣ мисли фатҳи Тус ва Нишопур дар «Роҳату-с-судур» мухтасар баён мегардад, аммо Байҳақӣ ва Бундорӣ ба тафсил мегӯянд: «Шаҳнаи Нишобур, вақте ки Салҷуқиён Тусро гирифтанд сипоҳе таҷҳиз кард ва баногоҳ буна ва галаи Салҷуқиёнро ғорат кард... Салҷуқиён бар разми вай ва ҷамоати вай таҳрик шуданд. Оташи ҷанг афрухта шуд ва тез аз ду сӯ дар ҳаракат омад. Салҷуқиён нишобуриёнро шикаст доданд ва аз онон куштаву асир гирифтанд, сипас то Нишобур даркашиданд ва ба ин шаҳр ворид шуданд, шаҳри Нишобур аз нигаҳбонон холӣ дида ва аз фурсат истифода карданд ва шаҳрро мутасарруф шуданд, ин воқеа дар моҳи рамазони соли 429 қамарӣ (июни соли 1038-и милодӣ) иттифоқ уфтод» [11,с.6-7].

Туғралбек баъд аз фатҳи Нишобур ба соли 429 қамарӣ (1038 милодӣ) онро пойтахт интихоб кард [12,с.29]. Дар давраи ҳукумати Маликшоҳ маркази давлати салҷуқӣ бо навбат дар шаҳрҳои Нишопур, Рай ва Исфаҳон буд ва Нишопур дар зери ливои Салҷуқиён, ба вижа Маликшоҳ аз назари маркази илмӣ шуҳрати зиёд пайдо кард. Баъд аз марги Маликшоҳ, Баркиёруқ барои дастёбӣ ба ҳукумат муддате бо муддаиёни тоҷу тахт, аз ҷумла бародараш Муҳаммад ҷангид ва пас аз шикаст бо ҷамъе савор нахуст ба Исфароин ва сипас ба Нишопур рафт ва дар он ҷо даст ба иқдомоти зишт зад. Номварони шаҳрро зиндонӣ кард ва ба аркони шаҳр ва донишмандон душном дод. Дар навбати дуюм чира гардид ва дар соли 1097 бидуни ҷанг Нишопурро тасарруф кард.

Баъд аз Баркиёруқ ҳукумат ба дасти Муҳаммад ва баъд аз ӯ ба Санҷар расид. Дар давраи Султон Санҷар ҷанги муҳимме рӯй дод, ки оқибати бисёр шадид ва вахиме барои мардуми Нишопур дар пай дошт. Ин ҳодиса ғорати мамлакат ба дасти ғузон буд [13,с.177]. Дар ин ҷанг Султон Санҷар гашт ва чанд соли охири умрашро дар банди ғузҳо гузаронд. «... ва чун ғуззон аз раҳмати подшоҳ навмед шуданд ҷонро ва ҳифзи хонумонро бикӯшиданд ва як лаҳзаи рӯзгор нашуд, то лашкари Султон шикаста шуд ва ҳазимат барафтод ва ғузон бар асар биронданд ва дар обҳо бисёр халоиқ ғарқу кушта шуданд ва султонро дар миён гирифтанд» [14,с.179]. Санҷар мехост ҳарчи зудтар аз ин асорат озод шавад, аммо ҳамсараш Тарконхотун ки ҳамроҳи ӯ буд ӯро аз ин кор боздошт. Баъди даргузашти ҳамсараш ӯ ба фикри фирор уфтод ва муваффақ ҳам шуд, вале тири аҷал ба вай фурсати дубора надод ва дар соли 552 (1157-и милодӣ) дар дорулмулуки Марв даргузашт [15,с.283].

Дар муддате, ки Султон Санҷар дар асорати ғузҳо буд, онҳо аввал Марв ва баъд Нишопурро тороҷ ва аҳолии онро ба қатл расонданд, то он ҳадд, ки он маҷмааи мадрасаву илму маҳфил ба маҳалли чорпоёну ваҳшиён табдил ёфт. Муъизӣ ин ҳолро шоҳид буд, ки мегӯяд:

*Он ҷо, ки буд он дилситон, бо дӯстон дар бӯстон,*
*Шуд куфу каргасро макон, шуд гургу рӯбаҳро ватан.*
*Бар ҷойи ратлу ҷому май гӯрон ниҳодастанд пай,*
*Бар ҷойи нуқлу нойу най овои зоғ асту заған.*
*З-ин сон, ки чархи нилгун кард он ниҳонҳоро нагун,*
*Дайёр кай гардад кунун гирди диёри ёри ман [16,с.183-184].*

Бояд гуфт, ки Нишопур то нимаҳои қарни XII аз зумраи зеботарину ободтарин шаҳрҳо буд, то ин ки дар соли 1153 туркони ғуз ба Султон Санҷар ҳамла оварданд ва Нишопурро ба зӯрӣ фатҳ карданд. Пас аз тороҷу куштор ва номардиҳои бешумор ин шаҳри бостониро оташ заданд ва ҳамаро хокистар карданд. Нишопур, ки дар қадим ба хотири низоъҳои маҳаллӣ маъруф буд, баъд аз рафтани ғузҳо низ ихтилофи мазҳаб ва душманиҳои гузашта боис шуд, ки ҳар шаб фирқаи маҳаллае фирқаи дигарро оташ мезад, то ончи ва онки аз дасти ғузҳо ҷони солим бадар бурда буд низ аз байн рафт. Гуруснагӣ ва қаҳтӣ иттифоқ уфтод ва онҳое, ки аз теғу шиканҷаи ғузҳо дар амон монда буданд, ин бор бимурданд. Қавме аз Алавиён, Шаҳристони Куҳанро обод карданд, ки ниёзмандон ва нотавонон ба онҳо паноҳанда шуданд. Дере нагузашт, ки Шодёх аз Нишопури аввалӣ зеботару ободтар шуд ва вайронаҳои Нишопур, ки ба чарогоҳи ваҳшиён ва ҷонварон табдил ёфта буданд, бори дигар ривоҷи дубора гирифт.

*Марв* яке аз чаҳор шаҳри қадими Хуросон ва то соли 1194 пойтахти шарқии ҳукумати салҷуқӣ буд, ки шомили қаламрави васее аз ғарб Анатолиё ва Шом, то Ҳиндукуш дар шарқ ва аз Осиёи Марказӣ то Халиҷи Форс дар ҷануб буд. Аҳди Санҷар, Марв пойтахти Хуросон буд ва аз муътабартарин шаҳрҳои Эрон буд. Равандӣ дар мавриди Марв нахуст аз воқеаи Дандонақон (ДАНДОНАҚО̀Н (**دندانقان**), шаҳри таърихӣ дар 60 километрии Марви Қадим, дар сари роҳи Сарахс (тақр. 38 км дуртар аз Марии имрӯза) [17,249], ки ин биёбоне буд миёни Марв ва Сарахс мегӯяд: «Масъуд аз он ҷо (Тус-И.Ҳ.) бозгашт ва ҷангро бисохт ва дар биёбоне, ки миёни Сарахсу Марв аст бо Салҷуқиён масоф дод» [18,с.100] ва рафти ин набардро аз қавли Байҳақӣ, Ибни Асир, Ҳусайнӣ ва Ҷузҷонӣ нақл мекунад. Натиҷаи ин набард он шуд, ки Хуросон аз даст рафт ва туркманон дар он ҷо устувор монданд, ки дигар берун рондани онҳо мумкин нагардид. «Чун ин нома равон шуд, вилоят қисмат карданд ва ҳар яке аз муқаддамон ба тарафе номзад шуд, Чағрибек, ки бародари меҳтар буд, Марвро дорулмулук сохт ва Хуросон бештар хосс кард...» [19,с.104]. Ин амр нишон медиҳад, ки Марв мавқеи собиқи худро аз назари марказнишини волӣ дар ин давра низ ҳифз карда буд.

Марв яке аз шаҳрҳои вогузоршуда ба Салҷуқиён, маркази тиҷоратии пураҳаммияте буд. Тасарруфи мудоми он боис мегардид, ки роҳҳое, ки ба Хоразму Мовароуннаҳр мерасид, зери назар гирифта шавад. Баъд аз қисмат кардани шаҳрҳои Хуросон дар Нишопур хутбаро ба номи Туғрал ва дар Марв ба номи Чағрибек хонданд. «Ба аъёни Марв итминон дода шуд, ки пас аз он ки дарвозаҳои шаҳр гушуда шуд, шаҳр аз ғорату чаповул, ки расми суннатӣ барои қабоили ғуз буд, дар амон хоҳад буд ва иқдомоте низ дар ҷиҳати баргардондани амволи ба яғмо рафта, рустоҳои муҷовир ба амал хоҳад омад» [20,с.181]. Ҳамчунин, аз дигар вақоеи муҳимме, ки дар замони ҳукумати султонҳои салҷуқӣ, Алп-Арслон, Маликшоҳ, Баркиёруқ ва Султон Санҷар дар Марв ба амал омаданд, метавон ба маҷруҳ шудани Баркиёруқ, ҷанги ӯ бо амакаш Арғун ва ҳодисаи ғуз ишора кард.

*Шаҳри Рай* аз қадимтарин шаҳрҳои ҷаҳон аст, ки таърихи падид омадани он ба замони ориёиҳо бармегардад. Ин минтақаро дар гузашта «Шайху-л-билод» мегуфтанд ва аз тамоми шаҳрҳои Мод васеътар буд. Рай дар луғат ба маънои шаҳри салтанатӣ аст, сокинон ва аҳолии онро розӣ мегӯянд. Дар давраи Зиёриён ва Салҷуқиён, Рай пойтахти Эрон буд. Дар асари Равандӣ, Рай нисбат ба шаҳрҳои дигар бештар ёд мешавад (ҳудуди 55 сафҳа). Пас аз зикри мавзуоте чун мадҳи Қалиҷ-Арслон, аҳволи мусаннифи китоб, ибтидои кори Салҷуқиён, Туғралбек ва омаданаш ба Бағдод, Султон Маликшоҳ, ки аз Рай ёдовар мешавад, дар мавриди бархурди Тарконхотун бо Баркиёруқ ва муҳосираи Исфаҳон аз ҷониби ӯ чунин менигорад: «...ғуломони низомӣ Баркиёруқро дар Исфаҳон ҳимоят карданд ва дар шаб аз шаҳр берун бурданд ба ҷониби Сова ва Оба пеши Атобак Кумаштагини Ҷондор, ки атобакии ӯ карда буд, то ӯро ба Рай бурд ва бар тахт нишонд ва Абӯмуслим раиси Рай тоҷи мурассаъ болои сари ӯ биовехт ва ба дари Рай наздики бист ҳазор мард бар эшон гирд омад...» [22,с.140-141]. Перомуни рақобатҳои ҳуккоми ин давра ва даргирҳое, ки дар Рай сурат мегирифт, дар таълифоти муаррихон Ибни Ҷавзӣ, Ёқути Ҳамавӣ, Ҳусайнӣ, Ибни Асир, Ҷузҷонӣ ва дигарон ишораҳои муфассал рафтааст. Манбаъи Равандӣ аз идомаи шиддати тазодҳои сиёсии дар Рай бавуқуъомада дар аҳди Санҷар сухан мегӯяд: Ва ҷойии дигар аз сомон гирифтани кори давлатдории Султон Санҷар мегӯяд, ки: «баъд аз ҳафт сол дар санаи салоса ва арбаъина ва хамсуми'а (соли 1148) ба Рай омад...» [24,с.174]. Аз вақоёи баъдии дар Рай бавуқуъомада, ки ба аҳди салотини салҷуқии Рум тавъам аст, дар асари Равандӣ зикри зиёд мешавад, ки сабти он ҳама суханро ба дарозо мекашад ва аз доираи як мақола берун меояд. Лозим аст бигӯем, ки Рай дар асрҳои X-XII шоҳиди ҳузури қудратҳои мухталифе буд, ки пайваста бо ҳам даргир буданд.

*Балх* бо собиқаи таърихии дурахшон рӯзгоре маҳди адабу ҳунар буд ва дар давраҳои мухталифи таърих шуморе аз олимону орифони бузургро бо фарҳанги тоҷик тақдим кардааст. Ҷуғрофиёнависон охири қарни нӯҳ ва ибтидои қарни даҳро давраи шукуфоии Балх донистаанд ва онро «умулбилод» (модари шаҳрҳо) ё «Балхи бошукӯҳ» мегуфтанд.

Муҳаққиқон дар мавриди бунёди Балх чунин мегӯянд: «Балх ҳам Абдуллоҳ ибни Омир кушод» [25,с. 456]. Ҳамин шукӯҳу шаҳоматаш буд, ки дар асрҳои XI-XII бо вуҷуди ҳамлаҳои хатарноки Салҷуқиён дар охирин солҳои ҳукумати Масъуди Ғазнавӣ ва ҳатто пас аз шикасти Масъуд дар соли 1040 дар Дандонақон, Балх бар хилофи Нишопур ва Марв ба роҳатӣ ба дасти туркманон наяфтод. Бо ин ҳама ба назар мерасад, ки теъдоди ашхоси норозӣ дар шаҳр вуҷуд доштанд, ки хостори тавофуқ бо Салҷуқиён буданд, зеро вазири Масъуд аз вуҷуди ашхоси фосиди шайтонсифат ва нобакор гузориш медиҳад.

Туркманон тавонистанд Балхро барои муддати кӯтоҳе тасарруфу ғорат кунанд, аммо Балх барои Ғазнавиён аз аҳаммияти стратегии муҳимме бархӯрдор буд, зеро аз шимоли Афғонистон ва Ғазна-пойтахти Ғуриён дифоъ мекард. Абулҳасан Аҳмади Анбарӣ мулаққаб ба амираки Байҳақӣ соҳиббариди он ҷо муқовимат дар баробари Чағрибек Довудро созмон дода буд. Аммо бо вуҷуди кӯшишҳои Амирак, Балх зоҳиран дар аввали ҳукумати Мавдуди Ғазнавӣ ба таври комил ба дасти Салҷуқиён уфтод, зеро Туғралбек дар соли 1043 Балхро пойгоҳ қарор дод ва кӯшиши Ғазнавиёнро барои тасаллути дубора бар шимоли Афғонистон дафъ кард. Пас аз он Туғралбек ҳокими расмии шимолу шарқии Хуросон шуд, ки сарзаминҳои Балху Тахористон то Ҷайҳунро шомил мешуд, аммо умури рӯзмарраи он ҷоро Абуалии Шозон вазири Чағрибек идора мекард. “Ва биронданд, то он ҷо, ки ин ҳол уфтода буд, хаймае бизаданд ва тахт биниҳоданду Туғрал бар тахт биништаст ва ҳамаи аъён биёмаданду ба амирии Хуросон бар вай салом карданд” [26,с.662].

Султон Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавӣ ҳангоми ба сари тахт нишастан дар соли 1059 бо Чағрибек паймони сулҳ баст бар ин асос, ки Ғазнавиён тасаллути Салҷуқиёнро бар ин навоҳӣ ба расмият бишносанд.

Дар муддати ҳукумати Алп-Арслон, Айёз писари Султон ҳокими Балх буд, ки дар соли 1072 ҳангоми даргузашти падараш ба таври муваққат Қарахониён ӯро аз Балх ронданд, аммо дере нагузашт, ки Такаш бародари дигари султони ҷадид ҷонишини ӯ дар Балх шуд.

Дар соли 1097 Баркиёруқ барои саркӯби ошуби Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Чағрибек мулаққаб ба амири амирон, даъвогари ҳукумати салҷуқӣ ногузир шуд, ки ҳафт моҳ дар Балх бимонад. Падари Муҳаммад ибни Сулаймон як бор ҳокими Балх шуда, аз Ғазнавиён кумаки низомӣ дарёфт карда буд.

Балх дар нимаи аввали садаи XII ҷузъи васеи қаламрави Султон Санҷар гардид. Дар ин мавқеъ Балх пешрафт кард ва ба дастур ё ташвиқи Низомулмулк Низомияе дар он ҷо бино шуд. «... ва ғузон хайле буданд аз туркманон, мақом ва чарохурашон ба Хатлон буд аз аъмоли Балх ва ҳар сол бисту чаҳор ҳазор гӯсфанд вазифа буд, ки ба матбахи Султон додандӣ...» [27,с.177].

Аммо дар охири ҳукумати Санҷар қудрати Салҷуқиён дар Хуросон аз сӯйи рақибони хориҷӣ заиф гардид. Хоразмшоҳиён ва Ғуриён ба тарсу хавф уфтоданд. Дар дохил низ қарахитоиён ва кӯчиёни оғуз дар Амударё ва дигар мақомҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла Имодуддини Қумоч-ҳокими Балх аз сӯйи Санҷар аз дари исён даромаданд. «...султон бо сесад савори мусаллаҳ дар оҳан бар миёни лашкари кофар зад ва чун берун омад аз он фавҷ понздаҳ мард бо вай монда буданд, ҳамчунон рӯй дар биёбон ниҳод ва қуловазии туркмон ба даст овард ва сӯйи Балх омад ва бар ҳисори Тирмиз шуд» [28,с.173]. Ғузҳо алорағми пирӯзиҳои аввалӣ ва шикасти Султон Санҷар ва тасарруфи манотиқе аз Хуросон ба далели парокандагӣ миёни худ ба рағми пирӯзиҳое, ки ба даст оварда буданд, қодир ба ташкили ҳукумати мустақил дар Хуросон нашуданд. Бино ба қавли Равандӣ, онҳо бо ин ки асбоби ҷаҳонгирӣ ва ҷаҳондорӣ доштанд, чун адл, ки барои таъсиси давлату ҳукумат зарур аст, надоштанд, дар ин кор муваффақ нашуданд. Бинобар ин, тасаллути ғузҳо бар бахше аз Хуросон, ба вижа Нишопур, Марв, Рай ва Балх ин шаҳрҳоро аз ободӣ ба сӯйи тахрибу вайронӣ кашонд ва андаке пас аз тасаллути ғузҳо ин манотиқ мавриди таҳоҷумоти Ғуриён ва Хоразмшоҳиён қарор гирифт. Марву Сарахс ва дигар шаҳрҳо сукут карданд. Пас аз марги Султон Санҷар дар соли 1157 Хуросон дастхуши ҷузъи сиёсӣ шуд ва сайри ҳаводис батадриҷ Хуросонро таҳти нуфузи қудратҳои дигар, аз ҷумла, Хоразмшоҳиён ва сипас муғулҳо даровард.

Ҳамин тавр, асари «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур»-и Ровандӣ дар бораи шаҳрҳои Хуросони асрҳои XI-XII сарчашмаи боарзиш аст, ки истифодаи он саҳифаҳои норавшани таърихи моро муқаррар месозад.

**АДАБИЁТ**


1. Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳи Алӣ Акбари Фаёз. –Теҳрон: Машҳад, 1350. -1026 с.
2. Бандории Исфаҳонӣ. «Зубдат-ун-нусра ва нухбат-ул-ъусра Таърихи силсилаи салҷуқӣ». Тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Халилӣ. –Теҳрон: Фарҳанг, 1336.
3. Заҳир-уд-Дини Нишобурӣ. Салҷуқнома. –Теҳрон: Кулолаи Ховар, 1332.
4. Қозӣ Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ. Табақоти Носирӣ. Ҷ.1. –Кобул: Бунёди фарҳангии ҷаҳондорони ғурӣ, 1391. -631 с.
5. Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Ровандӣ. «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур» Дар таърихи Оли Салҷуқ. Ба сайъ ва тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. Бо муқаддимаи Муҷтабо Миновӣ. –Теҳрон: Асотир, 1385. -575 с.
6. Наҷотова Н. Аз дабирӣ то вазирӣ. Мақолаи илмӣ / Н. Наҷотова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе: Сино, 2022 –№12. –С.110–116.
7. Наҷотова Н. Дандонақон / Н. Наҷотова //Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ.5. –Душанбе, 2017. –С.249.
8. Садр-ад-дин Али ал-Хусайни. Ахбар ад-даулат ас-селджукиййа (зубдат ат-таварих) фи ахбор ал-умара ва-л мулук ас-селджукиййа). Издание текста, перевод, введение, примечания и приложения З.М. Буниятова. -М., 1980. -272 стр.
9. The new Central Asia: the creation of nations Volume 15 of Library of international relations. Olivier Roy. I.B.Tauris, 2000. ISBN 1-86064-278-0 pp.3
10. Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Таҳияи Сайфуллоҳи Муллоҷон. –Душанбе: Бухоро, 2014. -774 с.
11. Энн Кэтрин Суинфорд Лэмбтон. Сайре дар таърихи Эрон баъд аз Ислом. Тарҷумаи Яъқуби Ожанд. –Теҳрон Амири Кабир, 1363. -338 с.


## «РОҲАТ-УС –СУДУР ВА ОЯТ-УСУРУР»-И МУҲАММАДИ РОВАНДӢ - САРЧАШМАИ МУҲИММИ ТАЪРИХӢ РОҶЕЪ БА ШАҲРҲОИ ХУРОСОН


Муаллиф дар мақола маълумоти асари Муҳаммади Ровандӣ «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур»-ро оид ба шаҳрҳои Хуросон дар замони салтанати Салҷуқиён мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар асоси маълумоти «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур» оид ба замони ҳукмронии султон Санҷар, Салҷуқиёни Бузург, Салҷуқиёни Ироқ ва инчунин перомуни шаҳрҳои бузурги Хуросон, аз ҷумла Нишопур, Марв, Рай ва Балх, ки мавриди ҳамла ва тасарруфи туркманони салҷуқӣ ва ҳамтаборони онҳо қарор гирифта буданд, ба тафсил сухан мегӯяд. Илова бар ин, вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии давлати Салҷуқиён дар замоне, ки Хуросон, ба вижа Нишопур, Марв, Рай ва Балх пойтахти ин давлат буданд, таҳлил карда шудааст. Дар баробари ин, авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар замони Салҷуқиён, аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии омма ва валангор гардидани шаҳрҳои минтақаҳои номбурда дар натиҷаи ҷангҳои харобиовар ва дарозмуддат таҳқиқ карда шудаанд. Ҳамзамон, муборизаи ду сулола – Ғазнавиён ва Салҷуқиён барои забти шаҳрҳо ва ҳудудҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар маркази диққати муаллиф қарор гирифтаанд.



**Калидвожаҳо**: Хуросон, Нишопур, Марв, Рай, Балх, Ровандӣ, Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур, Салҷуқиён, сарчашма, шаҳр, туркманҳо, тасарруф.


## «РАХАТ АЛЬ-СУДУР ВА АЯТ АЛ-СУРУР» МУХАММАД РАВАНДИ – ВАЖНЫЙ ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК СВЕДЕННИЙ О ГОРОДАХ ХОРАСАНА


В статье авторами изучены сочинения Мухамада Рованди «Рохату-с-судур ва аяту-с-сурур» о городах Хорасана в период правления Сельджуков. Опираясь на сведения «Рохату-с-судур и аяту-с-сурур» о периоде правления султана Санджара, великих сельджуков, иракских сельджуков, автор также подробно рассматривает положение крупных городов Хорасана, таких как Нишапур, Мерв, Рей и Балх, которые подверглись разрушению и были захвачены туркменскими племенами сельджуков. Кроме того, проанализировано политическое, экономическое и социальное положение государства Сельджуков в то время, когда Хорасан, особенно Нишапур, Марв, Рай и Балх, были столицами этого государства. В то же время автор исследует политическое положение Хорасана и Мавераннахра в эпоху Сельджуков, экономическое и социальное состояние масс, разрушение городов упомянутых регионов в результате разрушительных и длительных войн. При этом в центре внимания авторов находятся борьба двух династий - Газневидов и Сельджуков - за завоевание городов и территорий Мавераннахра и Хорасана.



**Ключевые слова**: Хорасан, Нишапур, Марв, Рай, Балх, Рованди, Рохату-с-судур и аяту-с-сурур, сельджуки, источники, город, туркмены, завоевание.


## "RAHAT AL-SUDUR WA AYAT AL-SURUR" MUHAMMAD RAWANDI – AN IMPORTANT HISTORICAL SOURCE OF INFORMATION ABOUT THE CITIES OF KHORASAN


In this article, the author studied information from the work of Muhamad Rowandi "Rohat-us-sudur wa ayat-us-surur" about the cities of Khorasan during the reign of the Seljuks. Based on the information from "Rohat-us-sudur and

ayat-us-surur" about the period of the reign of Sultan Sanjar, the great Seljuks, the Iraqi Seljuks, the author also examines in detail the situation in the large cities of Khorasan, such as Nishapur, Merv, Rey and Balkh, which were destroyed and were captured by the Turkmen Seljuk tribes. In addition, the political, economic and social situation of the Seljuk state was analyzed at the time when Khorasan, especially Nishapur, Marv, Rai and Balkh, were the capitals of this state. At the same time, the author explores the political situation of Khorasan and Movarunnahr during the Seljuk era, the economic and social condition of the masses, and the destruction of the cities of the mentioned regions as a result of destructive and prolonged wars. At the same time, the author focuses on the struggle of two dynasties - the Ghaznavids and the Seljuks - for the conquest of the cities and territories of Transoxiana and Khorasan.
**Keywords:** Khorasan, Nishapur, Marv, Paradise, Balkh, Rowandi, Rohat-us-sudur and Ayat-us-surur, Seljuks, sources, city, Turkmens, conquest.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муллоҷонов Сайфулло Кӯчакович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ, профессор. **Суроға:** 7340025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **saifullo 7272@mail.ru** Телефон: **918-80-06-10.**
***Исмоилова Ҳалима Ибрагимовна*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 7340025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **khalima.ismoilova@mail.ru** Телефон: **93-338-30-13.**

**Сведения об авторах:** ***Муллоджонов Сайфулло Кучакович*** - Таджикский национальный университет, кафедра истории древнего мира, средних веков и археологии, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **saifullo 7272@mail.ru** Телефон: **918-80-06-10.**
***Исмоилова Халима Ибрагимовна*** Таджикский национальный университет, кафедра истории древнего мира, средних веков и археологии, соискатель. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **khalima.ismoilova@mail.ru** Телефон: **93-338-30-13.**

**Information about the authors:** ***Mullojonov Saifullo Kuchakovich*** - Tajik National University, Department of History of the Ancient World, Middle Ages and Archeology, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **saifullo 7272@mail.ru** Phone**: 918-80-06-10.**
***Ismoilova Halima Ibragimovna*** - Tajik National University, Department of History of the Ancient World, Middle Ages and Archeology, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **khalima.ismoilova@mail.ru** Phone: **93-338-30-13.**

**УДК:128/129**

# ФИЛОСОФСКИЕ ПРОБЛЕМЫ НАНОТЕХНОЛОГИЙ

*Шамолов А.А.*
**Российско-Таджикский (славянский) университет**

Техногенная цивилизация или, по выражению Ф. Фукуямы, «постантропологическая эпоха» [1] в результате биотехнологической революции вступила в полосу непредсказуемых перемен и в полную противоречий и неожиданностей фазу развития. И здесь перед людьми открывается немало новых перспектив и возможностей.

Анализ доступной литературы, посвященной этой проблематике, свидетельствует о том, что в ней господствуют естественнонаучный, механистический, физикалистский, кибернетический подходы. В результате происходит неправомерное отождествление человеческого и нечеловеческого сущего, осуществляются «расчеловечевание» человека, его машинизация и оглупление, с одной стороны, а с другой, антропоморфизация современной техники и технологии, особенно нанотехнологии, т.е. наделение техники сугубо человеческими свойствами.

С учетом этого в XXI столетии на волне современных технических достижений в области кибернетики, физиологии, психологии, эпистемологии, нейробиологии и математической логики возникает необходимость в конвергенции нанотехнологии с когнитивной наукой.

В этом процессе философия, как протознания, имеющая тысячелетний «опыт критически рефлексивного размышления над фундаментальными проблемами сущего бытия человека и социума, может и должна помочь человечеству в решении всех этих сложных и животрепещущих вопросов современности, в поиске ответа на вызов среды» [7,с.13].

Именно поэтому, на наш взгляд, так важно сегодня обратиться к философии и её историческому опыту, так как она по своей сущности является выходом за достигнутые пределы. Ведь методологические ресурсы философии поистине не исчерпаемы, и никто лучше философов (подразумеваемых Платоном), не увидит причин того, что происходит в мире системных рисков, с которыми сталкиваются сегодняшнее человечество и каждый человек. В этом направлении может оказать большую помощь современная англо-американская философия сознания в рамках такого научно-философского течения, как физикализм, который представляет собой стремление перевести все знания на язык физики. Существует такая же необходимость в синергийной антропологии, которая представляет собой новую гуманитарную проблему и рассматривается как модель человека и теоретико-методологического основания социальной философии и социального познания.

Проблема человеческого сознания, его природы, сущности, места и роли в жизни общества и человека является фундаментальной и вечной философской проблемой, одновременно старой и новой, так как каждая историческая эпоха вносит в нее новые коррективы, концепции и идеи, использует новые подходы к ее изучению. Она особенно актуализируется в наше время в силу серьезных достижений в познании человеческого мозга, появления и развития кибернетики, информатики, психологии и нейронауки [10,с.6].

Осмысление модели будущего устройства общества как техногенной и информационной цивилизации, развивающейся в гармонии с природной средой, – это, вероятно, одна из центральных стратегических задач, стоящих перед философской наукой. Нужны новые философские доктрины, новые концепции, новые идеи, в которых бы обосновывалась новая, привлекательная для человека, социальная реальность. Более того, на основе подобных философских идей и должны разрабатываться конкретные практики по предотвращению угроз и вызовов XXI в.

Современная философия призвана создать в человеческом разуме образы новой техногенной, цифровой и коммуникационной цивилизации. Предоставляя людям истинное знание, философия вселяет в них веру в их реальное могущество, в их способность изменять

мир. По словам Френсиса Бэкона, здесь «два человеческих стремления – к знанию и могуществу – находят свою оптимальную равнодействующую» [13,с.42].

Философия имеет дело не с индивидуумами и не с чувственными впечатлениями от предметов, а с абстрактными понятиями, выведенными из них, соединением и разделением которых, на основе законов природы и фактов самой действительности, она и занимается. Поэтому философия относится к области рассудка и по существу включает в себя содержание всей теоретической науки, в том числе и науки, связанной с моделью NBIC – конвергентного развития нано -, био -, информационных технологий и, следовательно, когнитивной науки.

По замечанию специалистов, данная модель конвергенции «описывает рост технологических возможностей и перспективы манипуляции веществом на атомарном уровне, генной инженерии контроля над живыми организмами, обработки и передачи информации, контроля над нейронами и нейронными сетями и тонкого моделирования всех перечисленных классов объектов» [4,с.834].

Активизация процесса конвергентного развития науки неизбежно привела к трансформации и изменению философского подхода к изучению данного феномена и философского мировосприятия. Такие когнитивные механизмы, как приобретение, преобразование, репрезентирование, хранение, воспроизведение информации и т.д., реализуются в мозге и находят свое выражение, как в сознательной, так и в бессознательной сферах психики и познании реальности. Причем они реализуются бессознательно или, по выражению американского лингвиста, политического публициста, философа и теоретика Н. Хомского [21], «в модальности восприятия». Иначе говоря, основное предположение когнитивных наук состоит в том, что все мыслительные процессы представляют собой определенные стратегии, которые можно изучить с помощью вербальных и невербальных характеристик их выражения. Отсюда можно сделать вывод, что любая когнитивная стратегия, доступная одному человеку, может быть усвоена и воспроизведена другим человеком. Требуют философской рефлексии такие свойства когнитивных процессов, как: темпоральность, социальность, единство, субъективность, структурированность, интенциональность. Исходя из этого, подходы к исследованию особенностей и тенденций сегодняшнего когнитивного подхода, а также методологических оснований когнитивных наук представляют актуальную тему для современных философских исследований [21].

Данная проблема, возникшая в европейской философии в XVII столетии, чрезвычайно актуализировалась в XXI в. стала по-настоящему востребованной и судьбоносной. В целом анализ проблем когнитивной науки крайне необходим, прежде всего, в силу серьезных достижений в области нанотехнологии, кибернетики, информатики, нейронауки, нейропсихологии, искусственного интеллекта и робототехники.

Сегодня эту проблему широко и оживленно обсуждают кибернетики, психологи, логики, математики, философы и др. Однако её философские аспекты на уровне мирового сообщества исследуются очень пассивно, а в Таджикистане они и вовсе не изучаются.

Такое ненаучное и апофатическое отношение к важному, по сути, вопросу в итоге привело к неправомерному отождествлению человеческого и нанотехнологического, духовного и искусственного интеллекта. В современную историческую эпоху «осуществляются «расчеловечевание» человека, его «машинизация» и оглупление, с одной стороны, а с другой стороны – «очеловечевание», антропоморфизация ЭВМ, то есть наделение её сугубо человеческими свойствами, в частности такими, как сознание, разум, интеллект, мышление, ум, знание, творчество, новаторство, воля, чувства, эмоции и др.» [10,с.5].

Для того чтобы картина стала более ясной, рассмотрим содержание понятия «когнитивная наука», историю ее становления и развития как отрасли науки и образования.

В строгом смысле, понятие когнитивная наука (от лат. cognito – познание и cognitive science – наука о процессах познания) – это комплекс наук, которые изучают «познание и высшие мыслительные процессы на основе применения теоретико-информационных моделей». Прежде всего, она включает в себя «исследования, проводимые в таких областях, как эпистемология, когнитивная психология, лингвистика, психолингвистика, психофизиология, нейробиология и компьютерная наука» [1,с.190-217].

Иначе говоря, аналитический обзор фундаментальных, прикладных и практических аспектов когнитивных наук показывает, что они представляют собой целое семейство дисциплин, объединённых взаимодействующей проблематикой и сходными методологическими принципами. Традиционно к ним относят философию (прежде всего, эпистемологию и методологию науки), лингвистику, антропологию, нейрофизиологию, педагогику, область искусственного интеллекта (включая теорию информации, теорию принятия решений и теоретическую информатику) и психологию (в первую очередь, когнитивную – психологию познавательных процессов). Фактически сегодня можно говорить о том, что когнитивные модели и методологические подходы широко распространились в науке вообще, стали неотъемлемыми инструментами профессионалов в различных областях, причем не только на исследовательском, но и на практическом уровне. Без них уже сложно представить современную социологию, экономику, менеджмент, теорию управления, медицину, историю и педагогику [1,с.217].

Представителей этой науки в педагогике называют когнитивистами, которые, оперируя мыслительными процессами, считают, что учеба определяется тем, как человеческий разум воспринимает, обрабатывает, хранит, а затем воспроизводит и использует информацию. Исходя из такой постановки вопроса, обучение они рассматривают как внутренний процесс, включающий память, мышление, рефлексию, абстрагирование, мотивацию и метапознание.

В условиях глобализации и информатизации общества заметно ускорился и процесс конвергентного развития науки, особое место в котором занимает когнитивная наука. Она становится феноменом, представляющим собой фундаментальное основание в процессе социальной коммуникации, способствуя формированию способности к креативному и критическому мышлению в профессиональной деятельности, овладению современным стилем научно-практического и рационально-ориентированного мышления.

Среди всех других дисциплин данного семейства особое место принадлежит именно философии, так как в ходе исторического развития философский анализ знания и познания был специфическим объектом одного из основных разделов философии - гносеологии или эпистемологии. Ибо знание, разум, рассудок, сознание, мышление, ум и интеллект присущи только человеку как родовому существу.

С конца XIX в. наряду с философией познавательные процессы стали исследоваться и психологией. Однако сегодня изучением познавательной деятельности, как уже отмечалось выше, заняты многие другие специальные дисциплины - нейропсихология, социология (социальный анализ научного познания), культурология, когнитивная лингвистика, исследования в области искусственного интеллекта и т.д. В конце XX в. с появлением нового междисциплинарного направления под названием «когнитивная наука» была предпринята попытка интегрировать в нее философию, логику, лингвистику, психологию, нейронауки и исследования по искусственному интеллекту в рамках некоторых общих предпосылок.

Сначала эти предпосылки были связаны с пониманием процесса познания в качестве вычислительного процесса и с идеей ментальных репрезентаций, однако эволюция данных исследований привела к возможности иного понимания познавательной деятельности. Анализ западной и российской литературы, посвященной проблеме когнитивной науки, свидетельствует о том, что, по утверждению современного российского философа В.А. Лекторского, эти источники дают возможность по-новому представить некоторые старые философские проблемы (проблема сознания, субъективность и реальность, граница «внешнего» и «внутреннего» в познавательной деятельности, так называемый «методологический солипсизм», конструктивизм и реализм в эпистемологии и др.). В них ставится множество новых проблем: природа ментальных репрезентаций, множественность и единство сознания и т.д. Бесспорно, развитие когнитивных исследований представляет собой вызов для современной философии, которая должна на него ответить и пересмотреть ряд своих представлений[8,с.170-176]. Благодаря усилиям философов за последние десятилетия в различных областях философского знания обосновываются и получают развитие новые позиции, соответствующие принципам когнитивного подхода. Таким образом, начался обратный процесс второго порядка, ведь, как убедимся далее, сначала философия посредством идей Платона и Томаса Гоббса

внесла свой вклад в становление когнитивной науки, теперь же когнитивные представления изменяют предмет самой философии. Соответственно, в философии не может не проявиться когнитивная экспансия.

С учетом этого в философской системе знания были разработаны базовые категории и основные принципы взаимодействия эпистемологии и когнитивной науки. По мнению Л.А. Микешиной, обновление и обогащение категориального аппарата современной эпистемологии, его структурирование предполагают, «как один из плодотворных путей изучения арсенала понятий, а также специфических способов их образования в современных когнитивных науках, представляющих собой, в определенном смысле, метауровень таких давно существующих наук, как психология, лингвистика, семантика и другие». Ведь переход на столь высокий уровень обобщения и абстракции дает возможность «увидеть новые общие проблемы» эпистемологического характера. Одной из таких проблем является именно категоризация, которая вышла на передний план в когнитивной науке и неожиданно вызвала к жизни «новые вопросы фундаментального уровня познавательной деятельности». Очевидно, что категоризация в философском знании понимается как процесс отнесения познаваемого объекта к некоторому классу, в качестве которого могут выступать не только названия материальных предметов, но сенсорные и перцептивные образцы, социальные стереотипы, эталоны поведения — в целом обобщения, несущие в себе совокупный общественный опыт. По утверждению В.А. Лекторского, особенно здесь интересен опыт гуманитарных наук, которые в отличие от естествознания «открывают иные когнитивные структуры в их соотношении с языком, психологией и телесностью субъекта», а также базовые способы «упорядочивания и классификации (таксономии) многообразных форм знания на всех уровнях проявления когнитивной способности человека» [8,с.170-176].

Здесь возникает естественный вопрос: как бесконечное разнообразие действительности охватывается конечным числом языковых форм? Хотя данный вопрос связан с философским категориальным аппаратом когнитивной науки, однако он стал одним из центральных вопросов и в когнитивной лингвистике, особенно в прототипической семантике. Л.А. Микешина утверждает, что понимание «языка как единства когниции и коммуникации», выражаемое через фундаментальный процесс категоризации, может стать предпосылкой и основанием для становления и развития «методологии наук о духе и наук о культуре». Одновременно опыт когнитивной лингвистики, исследующей «фундаментальную операцию категоризации как универсальную во всех видах познания», дает новые возможности для более глубокого понимания, в том числе в философии, природы категорий, универсалий вообще, а также обогащения эпистемологии как учения о познании и дальнейшего ее развития с опорой на гуманитарные науки [27, с.24].

В процессе развития когнитивной науки современные представления о познании и человеческом интеллекте неизбежно влекут за собой новые представления о человеке вообще, о соотношении «внешней» реальности (окружающего мира) и реальности для человека, о соотношении индивидуальной свободы и социальной необходимости, а также о том, что следует понимать под «когнитивной эволюцией» человека.

Необходимо отметить, что эволюционная эпистемология, как философское направление, которое сформировалось в рамках эпистемологии в первой половине XX столетия, своим возникновением обязано, прежде всего, дарвинизму и последующим успехам эволюционной биологии, генетики человека и когнитивной науки. Основной тезис «эволюционной эпистемологии» или эволюционной теории познания сводится к допущению, что люди, как и другие живые существа, являются продуктом живой природы, результатом эволюционных процессов, и в силу этого их когнитивные и ментальные способности и даже познание и знание направляются в конечном итоге механизмами органической эволюции. Безусловно, классическая эволюционная эпистемология исходила из предположения, что биологическая эволюция человека с формированием Homo sapiens не завершилась - «она не только создала биологическую основу для возникновения человеческой культуры, но и оказалась непременным условием ее удивительно быстрого прогресса за последние 10 тыс. лет» [9].

Исходя из собственного варианта эволюционной эпистемологии, И.П. Меркулов приходит к такому выводу: если человеческий мозг действительно обрабатывает когнитивную информацию, если процессы обработки информации мозгом генетически контролируются, а кроме того, существуют механизмы обратного воздействия работы когнитивной системы на гены, управляющие ее функционированием, то современная эволюционно-информационная эпистемология вполне может отталкиваться от предположения, что эволюция человека, эволюция нейронных систем его мозга (нейроэволюция) продолжается, что эта эволюция сопряжена, главным образом, с адаптивно ценными изменениями в когнитивной системе человеческих популяций, с изменениями в процессах переработки когнитивной информации. Благодаря вовлеченности, непосредственному участию генов в выполнении мозгом своих когнитивных функций обеспечивается закрепление достижений когнитивной эволюции в геноме человеческих популяций [9].

Так, когнитивные исследования, на наш взгляд, представляют собой мощный инструмент для формулировки формальной онтологии. Их ведущей методологией является информационный подход, который рассматривает реальность с точки зрения информационных процессов, имеющих в ней место. Человек понимается как мыслящая система в мире информации.

В перспективе, бесспорно, возможен диалог между философией и когнитивной наукой. По мнению В.А. Лекторского, существует несколько вариантов такого диалога. К примеру, философия может претендовать на роль посредника при взаимодействии дисциплин, составляющих когнитивную науку. Она также может выступать толкователем полученных в этих дисциплинах экспериментальных результатов. Еще один вариант диалога предполагает выдвижение философов в авангард экспериментальных исследований, где они могут указывать и освещать путь когнитивным ученым. Полноценный диалог подразумевает равенство сторон. Такое равенство в диалоге философии и когнитивной науки возможно лишь, если когнитивная наука и философия будут получать содержательные результаты, независимо друг от друга. Залогом успешности диалога философии и когнитивной науки, поэтому парадоксальным образом являются успехи автономной от экспериментальных исследований кабинетной философии [8].

Ведь в рамках когнитивистского подхода, разум похож на компьютер. Он функционирует на алгоритмах, которые разрабатывает для обработки информации и принятия решений. Мозг хранит знания в долгосрочной памяти в виде схем - ментальных структур, объединяя в них связанные между собой концепции и понятия [24]. Иначе говоря, главными задачами когнитивного подхода являются, прежде всего, понимание и объяснение того, как устроены и функционируют указанные мыслительные процессы.

По утверждению западных исследователей Х. Гарднера и Дж. А. Андерсена, архитектура когнитивной науки была заложена в первой половине XX в., в рамках исследований математика А. Тьюринга по конечным автоматам. Этому западному ученому «удалось показать, что для проведения любого вычисления достаточно повторения элементарных операций» [21]. Кстати, это стало причиной открытия перспектив для проверки и реализации известных идей Платона из «Мифа о пещере», в форме древнегреческой аллегорической истории, поставившей вопросы, над решением которых когнитивисты бьются и сегодня. С концептуальной точки зрения, этот миф стал началом дискуссии о том, насколько наши представления о вещах позволяют судить о самих вещах.

То же самое происходит с идеями представителя английской философии Нового времени, эмпирика Томаса Гоббса в «Основах философии» (1642 - 1658) и Джорджа Буля (1815 - 1864) – английского математика и логика, о том, что мышление или «рассуждение есть вычисление» [6]. Причину такой постановки вопроса исследователи видят в мировоззренческой основе концепции Т. Гоббса, так как он увидел в геометрии и механике идеальные образцы научного мышления, а на природу смотрел как на совокупность протяженных тел, различающихся величиной, фигурой, положением, а не как на вместилище Абсолютного разума.

Тезис о том, что «рассуждение есть вычисление», в «Основах философии» Т. Гоббса непосредственно связан с проблемой эпистемологии и человеческого сознания, так как для

любого философа природа, сущность, место и роль сознания в жизни человека и общества являются фундаментальной и вечной философской проблемой. Ведь каждый философ и каждая историческая эпоха вносят в нее новые подходы, концепции и идеи.

С целью достижения необходимых и достоверных знаний в познании человеческого мозга, Т. Гоббс в указанной книге утверждает, что философия есть «познание, достигаемое посредством правильного рассуждения (per rectam ratiocinationem) и объясняющее действия», или же явления, из познанных человеком причин, или производящих оснований, и, наоборот, «возможные производящие основания - из известных нам действий» [6].

Чтобы понять данное умозаключение, согласно Т. Гоббсу необходимо учесть, во-первых, что «восприятие и память», т.е. способности, которыми человек обладает вместе со всеми представителями животного мира и доставляют человеку знание, даются ему непосредственно природой, а не приобретаются при помощи логического (ratiocinando) рассуждения. Поэтому такая форма знания «не есть философия».

Во-вторых, следует помнить, что человеческий «опыт целиком основывается на памяти», а что касается «предусмотрительности (prudentia)», или «предвидения будущего», то она является ничем иным, как «ожиданием вещей», подобных тем, которые уже встречались у людей в процессе практики. Поэтому, считает Т. Гоббс, «предусмотрительность не должна быть причислена к философии» [6].

Кстати, под понятием правильного рассуждения, Т. Гоббс подразумевает именно вычисление или исчисление. «Вычислять» в контексте концепций Т. Гоббса означает, «находить сумму складываемых вещей или определить остаток при вычитании чего-либо из другого» [6]. Следовательно, рассуждать, предполагает философ, значит то же самое, что «складывать и вычитать». Однако Т. Гоббс, опираясь на закон логики «исключенного третьего», не возражает, если кто-нибудь захочет прибавить сюда и понятия «умножать или делить», так как, по его мнению, «умножение есть то же самое, что сложение одинаковых слагаемых, а деление - то же, что вычитание одинаковых вычитаемых, повторяемое столько раз, сколько это возможно» [6]. В результате такого умозаключения, философ приходит к новому суждению, что рассуждение (ratiocinatio) сводится к «двум умственным операциям - сложению и вычитанию» [6].

Томас Гоббс, исходя из своего логического анализа, с помощью нескольких примеров, пытается пояснить, как человек обычно «рассуждает без слов», т. е. «складывает или вычитает» что-либо в уме, в «безмолвно протекающем мышлении». В качестве примера философ приводит следующее рассуждение: видя какой-нибудь дальний предмет неясно и не будучи еще в состоянии определить, реально, что это такое, человек все-таки «уже ощущает в этом предмете то, в силу чего он называется телом». Приближаясь к этому предмету, человек видит, что он, сохраняя известное положение, находится то в одном, то в другом месте. В результате человек получает об этом предмете новое представление. Т. Гоббс называет его «одушевленным». И если человек затем, подойдя вплотную к такому предмету, увидит его фигуру, услышит его голос и убедится в наличии других фактов, являющихся признаками разумного существа, то у него образуется «третье представление», хотя еще и не выраженное словом, а именно «представление, в силу которого человек называет кого-либо разумным существом» [6].

Далее философ приходит к умозаключению, что тогда, когда человек точно и во всех подробностях видит «весь предмет и узнает его, его идея оказывается сложенной из предыдущих идей», соединенных в «той же последовательности, в какой в речи складывается в название разумное одушевленное тело, или человек, отдельные имена - тело, одушевленное, разумное» [6].

В качестве второго примера для подтверждения своей гипотезы Т. Гоббс приводит следующий: в результате сложения представлений равносторонний, прямоугольный четырехугольник получается понятие «квадрат». Между тем, по Т. Гоббсу, в уме человека может «сложиться представление четырехугольника без представления равносторонний», точно так же, как представление «равностороннего четырехугольника - без представления прямоугольника». Он приходит к выводу, что, усвоив в отдельности эти представления, ум

человека может объединить их в одно понятие, или в единую идею, то есть «квадрат». Это процесс, в котором человеческий ум путем соединения образует свои представления. Философ считает, что возможно происходит и обратное. Ведь находясь лицом к лицу с каким-либо человеком, «сам человек имеет в уме всю идею его». Однако утверждает Т.Гоббс, когда этот человек удаляется и он следует за ним только своим взором, то он, «прежде всего, теряет идею тех вещей, которые суть признаки разума». Это еще не все, так как его глазам еще представляется «одушевленное тело, и, таким образом, из всей идеи человек, т. е. разумное одушевленное тело, вычитается идея разумное, в результате чего остается идея одушевленное тело» [6].

Таким образом, идеи Т. Гоббса, как философско-интеллектуального кумира, прямо способствовали проектированию, формированию и становлению новой когнитивной науки.

Ознакомившись с данными философскими рассуждениями Т. Гоббса, в 1948 г. американский инженер, криптоаналитик и математик Клод Шеннон (1916 - 2001) предположил, что каждый элемент информации может быть представлен как «выбор одной из двух равновероятных альтернатив, а количество передаваемой через канал связи информации может быть измерено с помощью двоичной системы исчисления (в битах)»[24]. К. Шеннон, проверяя эту идею, показал, что в электрических цепях выполняются операции алгебры и логики.

Мавҷудияти пас аз марг мавзуи метафизика аст, зеро сухан дар бораи чизҳои берун аз ҳудуди олами инсонӣ меравад. Ба ақидаи Сино “Нафси инсонӣ бобақо ва фосидшаванда буда, дар баданҳо таносух намебад” [5, с.227].

Рисолаҳои ирфонии «Ҳай ибни Яқзон» ва «Рисола-ат-тайр», «Саломон ва Абсол» комилан равшан ва соддаанд, агар мо худро бо мазмуни эмпирикии онҳо назар кунем, раҳнамо – Ақли фаъол аст, ки роҳи он аз қуллаи баландтарини заковати инсонӣ – зиракӣ аст. Бо вохӯрӣ бо драмаи шахсии маҳрамонаи муаллиф, хонанда сарнавишти эзотерикии худро эҷод мекунад, ки дар он садо ва хомӯшӣ бо ҳуқуқҳои баробар ҳукмронӣ мекунанд.

Таълимоти Ақли фаъол ва симои фаришта таърихи тулонӣ хоҳад дошт. Ҳақиқати онтологӣ дар дарки ҳаёту эҷодиёти Ибни Сино муносибати ҳамаҷонибаро бо назардошти хар ду нуктаи оқилона - ҷузъҳои мантиқии ҳам ҳаёт ва ҳам таълимоти ӯ талаб мекунад.

Андешаҳои Ибни Сино дар бораи ҷисм, ки ҳаракат ба он хос нест, ҷолиб аст. Ҷисм як шакли материя аст, ки се андозаи ҳаҷм дорад. Аммо воқеият ин аст, ки ба ҷуз ин шакл ҷисмҳо шаклҳои субстансионалӣ доранд. Онҳо аксиденсияҳо ва табиати гуногун доранд. «Шаклҳо» дар таълимоти ӯ материяро актуалӣ мегардонанд, ба он намудҳо медиҳанд, ҷинсу шаклҳоро нишон дода, хусусиятҳоро муайян мекунанд.

Қувваҳо табиатан ба ҷисмҳо хосанд ва се намуд мебошанд. Як намуди қуввае, ки дар ҷисм амал мекунад, симои онҳоро, ҷойгиршавии табиӣ ва амали онро устувор нигоҳ медорад. Агар ҷисм ҷойгиршавӣ, сурат ва ҳолати табиии худро гум кунад, ин қувваҳо онҳоро ба ҷисмҳо бармегардонанд ва дар онҳо мустаҳкам мекунанд ва имкони пайдоиши чунин ҳолатҳоеро, ки ба онҳо мувофиқ нестанд, пешгирӣ мекунанд. Ин бозгашт маҷбурӣ аст. Қувва ҳамчун сабаби табиии ҳастии "муқаррарии" ҷисм амал мекунад. Дар ин ҷо метавон таъкид кард, ки ба ақидаи Ибни Сино ҳақиқати онтологии ҷисм вобаста ба сабабҳои табиӣ буда, мувофиқи мавқеъ ва ҳолат ҷисм, бояд намуди табиии худро дошта бошад. Ибни Сино ин қувваҳоро «табиат» меномад. Табиати ҷисмҳо ибтидо ва ҳаракати моҳиятӣ ва ҳам оромии моҳиятӣ ва ба итмом расидани (ҳолати) ҷисм дар ҳолати муқаррарии (табиии) он мебошад. Ҳама ҷисмҳои табиӣ ин қудратро доранд.

Ба навъи дуюм қувваҳое дохил мешаванд, ки ҷисмҳоро ба ҳаракат ё ба ҳолати оромӣ меоранд, зуҳур ва устувории хусусиятҳои онҳоро нигоҳ медоранд, ки дар забони Ибни Сино маънои «тамомшавӣ»-ро дорад. Ибни Сино мегӯяд, ки баъзе аз ин қувваҳо бидуни интихоб ва дониш вазифаҳои худро иҷро мекунанд - инҳо руҳи наботот мебошанд. Дигарон қобилияти оғоз ва қатъ кардани амалҳоро доранд, ки манфиат ва зарарро фарқ мекунанд - инҳо руҳҳои вуҳуш (ҳайвонот) мебошанд. “Ва миёни тан ва миёни қувватҳои он ҷирме латиф ва гарм аст, ки нахустин ҳомили ҳамаи ин неруҳо ҳамон аст ва ба ном “руҳ” хонда мешавад. Ва руҳ ва имтизоҷи латофати ахлот ва бухорияти онҳо, ки бар нисбате маҳдуд аст, ҳудус меёбад, чунонки аъзо аз имтизоҷи ин ахлот падид меояд, вагарна бувад, ки қувватҳо ба воситаи ҷирме нуфуз меёбад” [1, с.664]. Ба андешаи Сино руҳ агар дар дил ҷой гирад, “руҳи ҳайвонӣ”, ба димоғ ҷо гирад “руҳи нафсонӣ”, дар кабид (ҷигар) ҷо гирад “руҳи табиӣ” хонда мешавад [1,с.664].

Ба навъи сеюм қувваҳое дохил мешаванд, ки вазифаи худро на бо ёрии узвҳо, балки бо ирода роҳнамоӣ мекунанд. Худи иродаро қонуни ягона роҳбарӣ мекунад - чунинанд руҳҳои фазои осмонӣ. “Нафси кул мабдаи қариби вуҷуди ҷисмҳои табиист ва мартабаи вай дар ноил гаштани вуҷуд, баъд аз мартабаи ақли кул буда, вуҷуди он аз вуҷуди ақли кул содир мегардад” [2,с.602].

Бояд хулоса кард, ки ҳама он чизи дар олами зери моҳ мавҷуд буда, ҳамон вақт ҳақиқати онтологӣ дармеёбад, агар ҳастии онҳо ба моҳияти онҳо мувофиқат кунад.

“Зери мафҳуми моҳият Ибни Сино, пеш аз ҳама шаклро дар назар дорад, ки он принсипи субстансионалӣ буда, аз ҳолати потенсиалӣ ба ҳолати актуалӣ гузаштани ашёро таъмин мекунад. Ва ҳамчун як қувваи амалкунанда шаклро ҳамчун «универсум» ё принсипи универсалии ҳастии мавҷудоти алоҳида медонад” [8,с.489]. Яъне, ба моҳият ҳолати субстансионалӣ ва ба мавҷудият аксиденталӣ тааллуқ дорад, зеро моҳият дар ҳастии худ ниёзманд ба субъект нест. Анвои олии ҳастӣ –субстансия ва аксиденсия дар

таҷассуми ашёи воқеии ҷисмонии олам ва инсон, ҳамчун мабдаи ҷудогона ва мустақил, ба якдигар зид гузошта намешаванд.

Асосҳои метафизикии ҷисми табиӣ дар таълимоти Ибни Сино ба асосҳои таълимоти Арасту шабоҳат доранд. Аммо Ибни Сино бозёфти тозае дар таълимоти хеш овардааст. Шакл, материя ва нестӣ принсипҳои асосӣ мебошанд. Аммо нестӣ "ҳеҷ"-и мутлақ нест, балки он чизест, ки Арасту онро "маҳрумият" номид. Дар таълимоти Ибни Сино, ҷисм ҳамчун аз байн рафтани нестӣ ба вуҷуд меояд. Нестӣ вуҷуд надоштани моҳият аст. Аммо ғайримавҷудӣ, ки ҳамчун имкон метавонад воқеият пайдо кунад, мавҷудият пайдо кунад, воқеият гардад. Пайдошавӣ аз нестӣ оғоз мешавад, ки ин имкон аст. Ба андешаи Сино: "Адам (нестӣ) шарт аст, барои ин ки чизе битавонад тағйир кунад ё камол ёбад. Пас, ба ин ҷиҳат *адам ақдам(пештар) аст ва мабдаъ маҳсуб мешавад*" [3, с.28-29] (ишораи курсив аз мо)

Пайдо шудани шамшер дар оҳан ҳамчун имкон мавҷуд аст, аммо дар дигар мавод, масалан, дар чуб, имкон надорад (ба истилоҳи Ибни Сино - нестӣ) Оҳан барои шамшер нахустмодда мешавад, аммо чӯб ё пашм не. Агар дар нахустмабдаъ шакли муайян мавҷуд бошад, пас он субстрат хоҳад буд. Модда ва шакл ба ақидаи Ибни Сино сабаби ботинии ҳастии ашё мебошанд. Ба ғайр аз ботинӣ сабабҳои зоҳирӣ низ мавҷуданд. Ин ба сабаҳҳои фаъол ва мақсаднок дахл дорад. Мақсад он чизест, ки «чаро сохта шудан»-и чизеро муайян мекунад, то амал беҳуда набошад. Сабаби мақсадӣ занҷири ҳаракат, тағйир ва инкишофро бо ҳам мепайвандад. Саг аз ҳамин сабаб сагбача таваллуд мекунад, на баррача.

Дар ин далелхои Ибни Сино боз як нуктае ҳаст, ки аз нуқтаи назари дарки ҳақиқати онтологӣ, ё ҳақиқати ашё ҷолиб аст. Ибни Сино зимни суханронӣ дар бораи сабаб ва шароит дар шакли ниҳоӣ ва натиҷа, қайд мекунад, ки миёнаравии сабабҳои насл, (вақте дар насл он рух медиҳад), метавонад боиси тафовутҳо гардад. Масалан, дар одам на панҷ, балки шаш ангушт метавонад сабзад. Нисбияти ҳақиқати онтологии ашё аз он иборат аст, ки ашёи комилан мутлақи алоҳида вуҷуд надорад. Ҳама чиз бо ашёи дигаре, ки ба ҳастии ҳамдигар таъсир мерасонанд, робита мекунад. Таъсири шароитҳои беруна мутобиқати ҳастии ашёро ба моҳияти он тағйир медиҳад. Аммо универсум, унсурҳои он дар як Олами ваҳдат (ягона) ҳастанд, бинобар ин ҳама чиз ба сӯйи ҳадафи мутлақи худ, ҳамчун ҷодаи некуӣ талош мекунад, дар асоси як тартиботи фозила, ки дар он ҷо вуҷуд дорад ва ҳеҷ чиз бемаъно ва бефоида нест, зеро ҳама чиз натиҷаи Офариниши илоҳӣ аст.

Ибни Сино андешаҳои назариявии фалсафии худро дар фаъолияти тиббии худ низ истифода кардааст. Ҳарчанд метавон гуфт, ки ӯ бисёр мавқеъҳои назариявии худро аз амалияи шифобахшии одамон гирифтааст. Дар баробари ин Ибни Сино, новобаста ба дониши нав, ки он фарзия пеш меовард, ҳамеша ба ҳақиқат рӯ меовард. Ӯ таълимоти Арастуро оид ба чор сабаб (шакл, модда, ҳаракат ва мақсад) дар «Қонуни тиб» истифода кардааст.

Сабабҳои моддӣ дар равшан кардани ҳолат ва тағйирёбии узвҳо, шуш ва луоб (оби меъда)-и ҷузъҳои таркибии онҳо иштирок мекунанд.

Сабабҳои муассир равшангари ҳама омилҳои имконпазири ботинию зоҳирӣ мебошанд, ки метавонанд ҳолати ҷисми инсонро тағйир диҳанд ё ин ҳолатҳоро дар шакли муқаррарӣ нигоҳ доранд. Ба онҳо, масалан, иқлим, нӯшокӣ, ғизо, шароити зиндагӣ, фаъолият, синну сол, ҷинс, касб дохил мешаванд.

Сабабҳои қуввaҳо (ҳаракат, вазифаҳо) тағйироти органикиро муайян мекунанд, ки бо ҳолат ё тағйирёбии омехтаи «об»-и дар ҷисм мавҷудбуда — хун, сафраи зард, луоб, зардаи сиёҳ.

Донистани сабабҳои мақсаднок имкон медиҳад, ки ҳолат ва вазифаҳои узвҳои ба «қуввaҳо» алоқаманд ва интиқолдиҳандаи онҳо – шуш муайян карда шавад. Тибби муосир хизмати Синоро дар он далел медонад, ки ӯ сабабҳои дохилию беруниро дар пайдоиши бемориҳо муайян намуда, бозёфтҳои минбаъдаро пешбинӣ мекард.

Вай вақт ва кӯшиши зиёдеро барои фаҳмидани ҳаракат сарф кард, ки вай онро пас аз Стагирит ҳамчун ҳама гуна тағйирот, ки ба ягон чиз нигаронида шудааст, шарҳ медиҳад.

Дар натиҷа, ин чизе потенсиалӣ, ғайривоқеӣ аст, на актуалӣ. Нақшаи Ибни Сино дар он аст, ки вай мехоҳад табиати ҳаракатро аз худи ашё, аз худи худ дарк кунад. Ҳаракат дар вақте ба вуҷуд меояд, ки чизе аз ашё берун меояд ва ба амал меояд, бояд ба итмом расад, зеро он бо мурури замон, на дарҳол, дар лаҳзае рӯй медиҳад. Бинобар ин, ҳаракат ин амал ва анҷоми чизест, вақте ки он чизе, ки бештар имконпазир буд, аҳаммият (актуалӣ) пайдо мекунад. Амиқ будани тафаккури диалектикии Ибни Сино чунин андешаҳояш муътакид гаштаанд: Ҳаракат чизеро ба ҳолати дигар меорад. Дар ҳоле ки ин ҳолат дар қудрат аст, мо наметавонем дар бораи ҳаракати чизе сухан гӯем. Вақте ки ин дар ҳолати потенсиалӣ воқеият гаштааст, фарқи байни ҳолати ибтидоӣ ва ҳолати ниҳоӣ фаҳмише медиҳад, ки тағйирот дар ашё рух додааст. Ҳамин тавр, он дар ҳаракати фазоӣ аст. Ҷисм дар як ҷо ҷойгир аст. Барои он ки вай ҳаракат мекунад гӯем, зарур аст, ки ин чиз дар ҷойи дигар бошад. Масофаи байни ин макони ашё ифодаи ҳаракати он дар фазо мебошад. Дар макони нав ашё нахуст потенсиал буд. Вакте ки он гардиш мекард. Дар асл, дар он ҷо будан, ин тағйирёбии ҷойй ҳаракат аст. Ба ақидаи Ибни Сино, ҳаракат, ки аввалин анҷоми потенсиал аст, вай бо мурури замон давом мекунад. Ин тамомшавӣ, ки бо мурури замон тул мекашад, потенсиали софро аз воқеияти холис ҷудо мекунад. Ба ҳамин тариқ, Ибни Сино байни ҳаракат ва лаҳзаҳои он фарқияти (ҳадди сарҳад, демаркатсия) равшан мегузорад: пайдоиш ва маҳвшавӣ, ки бар хилофи ҳаракат, лаҳзавӣ мебошанд. Пайдо шудан ва маҳвшавӣ на дар субстансия (моддае), ки бо ҳаракат хос нест, балки дар аксиденсияҳои он ба амал меояд. Ҳастӣ нахуст ба субстансия ва аксиденсия ҷудо мешавад. “Ба андешаи Сино субстансия моҳияте, ки дар мавҷудияти худ ҳеҷ чизро пешгӯйӣ намекунад ва дар ягон субстрат сукунат надорад. Аз ҷониби Ибни Сино субстансия ҳамчун олитарин навъи ҳастӣ ба 4 намуд тақсим мешавад: нахустмабдаъ, шакл, ҷисм ва рӯҳ (ақл)” [8,с.487].

Субстансия асоси (константивии) доимии чизи ҳаракаткунандаро ифода мекунад. Чунин ҷавҳар барои инсон, ба ақидаи Сино, дониш аст. Дар раванди шинохт инсон донишеро ба даст меорад, ки ӯро ба ҳақиқатҳои ҷовидонӣ наздик мекунад, инсонро саодат мебахшад, инсонро ҳамчун як навъ мавҷудият амалӣ менамояд. Бояд қайд кунем, ки таърифи дақиқтари ҳақиқати онтологии ҳастии инсонро пайдо кардан душвор аст. Ҳақиқати нисбии онтологии инсон, ҳамчун мавҷудияти қобилияти идрокдошта меафзояд. Ӯ баробари дарки ҳақиқатҳои абадӣ, ба ҳақиқати онтологии мутлақи Худованд наздик мешавад. Ибни Сино бо ҳаёт, тарзи зиндагии худ собит кардааст, ки биҳишт барои файласуф дарки ҳақиқат аст ва дузах ҷоҳилист. Илми мантиқ ба ақидаи Ибни Сино ба инсон таъми оби ширин медиҳад. Ҳар касе, ки косаи «оби ширин»-и дониши ҳақиқиро нӯшид, дигар аз ҷониби ҳеҷ лашкари ҷаҳаннам, ба олами зеризаминӣ фиристода намешавад.

Ибни Сино борҳо ба ақидаи фаононашаванда будани руҳи фард муътакид буд. Ба андешаи ӯ дорандаи фикр як ҷисми мушаххасест, ки ба гирифтани руҳи оқил майл дорад. Вақте ки ҷисм фано мешавад руҳе, ки дар он ҷойгир аст, мавҷудияти хешро бояд идома диҳад – аввалан, ба далели тафовут аз материяе, ки дар он ҷойгир буд, бояд вуҷуд дошта бошад; дуюм, азбаски руҳ қабл аз пайдо шудани ҷисми инсон вуҷуд дошт; сеюм, табиати материя ва руҳ гуногунанд, онҳо ба таври гуногун сохта шудаанд. Ибни Сино дар мавриди имкони ҷовидонии руҳи фардӣ ҳамин тавр баҳогузорӣ мекунад. Аз рӯйи таълимоти Ибни Сино руҳи фард ҷовидона аст, зеро дар ҳақиқати онтологии худ аз ҳақиқати онтологии ҷисм фарқ дорад. Ҳамаи механизмҳои ҳақиқати онтологии онҳо гуногунанд. Аз ин рӯ, руҳ муваззаф нест, ки ҳолати ҷисми мавтшударо такрор кунад. Фикри ҷовидонӣ будани одам, ҳамчун мавҷудоти ҷинсӣ, дар субстрати ҷамъият абадӣ будани вай, ба Ибни Сино маълум аст. Дар таърихи ҳаёти ҷомеа номи худро гузоштан, ба ақидаи ӯ, ҷовидонагии фард нест. Далели он, ки инсоният рӯзе ба ҳақиқати мутлақ мерасад ва ин хидмати шумо ҳамчун ҳалқаи занҷири одамон мегардад, боз ҳам ҷовидонагии фардӣ нахоҳад буд. Ба ақидаи Ибни Сино, барои шахс, дар тӯли умри худ, ҳақиқати мутлақ тавассути интуитсияи зеҳнӣ дастрас мешавад. Шахси аз ҷиҳати онтологӣ ҳақиқӣ фардест, ки дониши ҳақиқии ҳастиро аз худ кардааст.

Хулоса, дар фалсафаи асримиёнагӣ бештар баҳаммуқобилгузории ҳастии воҷиб ва ҳастии ашёҳои офаридашуда, ҳастии ҳақиқӣ ва ҳастии имкон ба назар мерасад.

Сино ба хулоса меояд, ки чун "Худо ибтидои руҳонии тамоми мабдаъҳо бошад, пас Ӯ мабдаи руҳонии ақлгароёна аст," аз ин рӯ, аз рӯйи принсипҳои сабабу натиҷа Ақли кул, нафси кул, олами кул, руҳи инсн ва ғ. меофарад. Ӯ муътакид гаштааст, ки "бозгашт"-и руҳи инсон мансуби таносух набуда, боз ба Худо аст. Ба андешаи Сино ҳастӣ (мавҷудият), ки ба худ зарур аст, дар ниҳояти кор мутлақ, яъне Худост. "Вуҷуд мафҳуми куллитаринест, ки ба ҷинсу навъ дарнамеояд. Ӯ муайяну тасвир карда намешавад ва бидуни исм шарҳ намеёбад" [15,с.13].

**Муқарриз: Амондуллоев Б.- н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. -Ҷ.1.– Душанбе: Дониш.- 2005.- 852с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор. -Ҷ.2.– Душанбе: Дониш.- 2005.- 802с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (Иборат аз даҳ ҷилд) -Ҷилди 3. Душанбе: Ирфон, 1985 -448с.
4. Абуалӣ ибни Сино. Осор. -Ҷилди 4. -Душанбе: Дониш, 2007. -921с.
5. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (Иборат аз даҳ ҷилд). -Ҷилди 4. Душанбе: Ирфон, 1992 -320 с.
6. Баҳоваддинов А. Марҳилаҳои асосии таърихи тараққиёти философия. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон,1959.
7. Исмоилов М. Фаҳмиши фалсафии олам: ҳастӣ, материя ҳамчун категорияи асосӣ / М.Исмоилов. –Хуҷанд, 1994. -С. 55.
8. История таджикской философии (с древнейших времён до XV в.). В трех томах. Том II. Под общей редакцией А.А.Шамолова. -Душанбе: Дониш, 2011. -788с.
9. Муҳаммадшо Ҳ. Фалсафаи Ибни Сино. (ба форсӣ) Дар 4 қисм. Қ.1. Аз интишороти комиссиюни мубодилоти фарҳангӣ. –Урдибиҳишт,1333 ҳ.
10. Очеркҳои таърихи фалсафа. - Душанбе: Дониш, 1982.
11. Оятуллоҳ Аъзами Сайид Ризо Ҳусайнӣ. Фалсафаи машоъ.(ба форсӣ, аз сомона).
12. Рзаев А.К. Дониш / А.К. Рзаев Туси. Д.Ташкулов. -Москва: Юридическая литература, 1990.-С.16.
13. Сагадеев А.В. Ибн Сина / А.В. Сагадеев. - М.: Мысль, 1980. -239 с.
14. Сайид Аҳмад Сафоӣ. Илми Калом.-Ҷ.1,2. Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, нашири баргузидаи соли 1373(ҳ.). -457с.
15. Сироҷов Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар китоби "Наҷот"-и Ибни Сино / Ф. Сироҷов. – Душанбе, 1980.


## БАЪЗЕ ПАҲЛУҲОИ ҲАҚИҚАТИ ОНТОЛОГӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ СИНО


Файласуфи барҷастаи тоҷик Абуалӣ ибни Сино бо таълимоти хеш на танҳо ақоиди мактаби машшоияи арастуиро пайравӣ кардааст, балки дар таҳқиқи масъалаҳои онтологӣ, бахусус ҳақиқати онтологии Худо, олам, инсон ва ғ. кашфиёте кардааст.Дар ин мақола муҳаққиқ кӯшидааст, ки нуқтаи назари Ибни Синоро, дар мавриди ҳақиқати онтологии Худо, олам, руҳ, инсон ва ғ., таҳқиқ намояд. Ӯ муайян менамояд, ки ҳарчанд мактаби машшоия мактаби ратсионалистӣ аст, вале ба таълимоти фалсафии Ибни Сино ҷанбаи идеалистӣ таъсир расонидааст. Маълум шуд, ки мантиқи диалектии Ибни Сино катафатика ва апофатикаи дарки Худои ягонаро ба ҳам мепайвандад. Инчунин, муҳаққиқ муътакид мешавад, ки ҳақиқати онтологии оламу одамро бе диалектикаи категорияҳои ҳастӣ ифшо кардан номумкин аст. Муаллиф ошкор сохт, ки қувваи диалектикии неруи эҷодии Сино дар бунёди ақли дуюм буда, ҳақиқати онтологии сатҳи Ақли дуюм бояд аз ҷиҳати миқдор гуногунтар ва сифатан аз идеали илоҳӣ поёнтар бошад. Дар таърифи ҳақиқати онтологӣ унсури нав ҳамин тавр пайдо мешавад. Мустақилияти тафаккури эҷодии Ибни Сино боз дар он мушоҳида мешавад, ки дар таҳқиқи масъалаҳои метафизика ӯ вазифаҳои руҳро танҳо бо шакли энтелехия ҷисми органикӣ маҳдуд намекунад.



**Калидвожаҳо:** Худо, олам, руҳ, инсон, ҳақиқат, онтология, ақл, ҷисм, ашё


## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ОНТОЛОГИЧЕСКОЙ ИСТИНЫ В УЧЕНИИ ИБН СИНА


Выдающийся таджикский философ Абу Али ибн Сина в своем учении следовал не только принципам аристотелевской школы мысли, но и исследовал, сделал открытия в онтологических вопросах, особенно онтологической истинности о Боге, мире, человеке и т. д. В данной статье исследователь попытался исследовать точку зрения Ибн Сины об онтологической истинности Бога, мира, души, человека и т.д. Он определяет, что, хотя школа перипатетизма является рационалистической школой, идеалистический аспект повлиял на философские учения Ибн Сины. Стало ясно, что диалектическая логика Ибн Сины сочетает в себе катафатическое и апофатическое понимание единого Бога. Также исследователь считает, что невозможно раскрыть онтологическую истину мира и человека без диалектики категорий бытия.Автор выявил, что диалектическая направленность творческой силы Сино заключается в построении второго интеллекта, а онтологическая истина уровня второго интеллекта должна быть количественно разнообразнее и качественно ниже божественного идеала. В определении онтологической истины, таким образом появляется новый элемент. Независимость творческого мышления Ибн

Сины можно увидеть в том, что в исследованиях метафизики он не ограничивает функции души формой энтелехии органического тела.
**Ключевые слова:** Бог, мир, дух, человек, истина, онтология, разум, тело, вещь.

**SOME ASPECTS OF ONTOLOGICAL TRUTH IN THE TEACHING OF IBN SINA**

The outstanding Tajik philosopher Abu Ali ibn Sina in his teaching followed not only the principles of the Aristotelian school of thought, but also researched and made discoveries about ontological issues, especially about ontological truth about God, the world, man, etc.In this article, the researcher tried to explore Ibn Sina’s point of view about the ontological truth of God, the world, the soul, man, etc. He determines that although the Peripatetic school is a rationalist school, the idealistic aspect influenced Ibn Sina's philosophical teachings.It became clear that Ibn Sina’s dialectical logic combines cataphatic and apophatic understanding of the one God. The researcher also believes that it is impossible to reveal the ontological truth of the world and man without the dialectics of the categories of being.The author revealed that the dialectical power of Sino's creative power lies in the construction of the second intellect, and the ontological truth of the level of the second intellect should be quantitatively more diverse and qualitatively lower than the divine ideal. In definition. ontological truth, thus a new element appears.The independence of Ibn Sina's creative thinking can be seen in the fact that in his studies of metaphysics he does not limit the functions of the soul to the form of entelechy of the organic body.
**Key words:** God, world, spirit, man, truth, ontology, mind, body, thing.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Аслам Азамҷонович* -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1. E-mail: **aslam73@list.ru**. Телефон: **(+992) 770-61-31**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Аслам Азамжанович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат философских наук, доцент, кафедра общественных наук. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1. E-mail: **aslam73@list.ru**. Телефон: **(+992) 770-61-31**

**Information about the author:** ***Karimov Aslam Azamjonovich***, - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Philosophy, Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, microdistrict 17. Building 1. E-mail**: aslam73@list.ru.** Phone: **(+992) 770-61-31**

ТДУ:17 (575.3)

# МОҲИЯТИ МАСЪАЛАИ ФАРМОНБАРДОРӢ ВА ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ДОИРАИ КОНСЕПСИЯИ ҶАБР ВА ИХТИЁР ДАР ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЁНИ ШАРҚӢ

*Зикирзода Ҳобил*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар доираи масоили дигари вобастаи он – қазою қадар ва озодии иродаи инсон, дар маҷмуъ, ихтилофнок боқӣ монда, муносибати мутафаккирони исломӣ ба он гуногун аст. Муҳим он аст, ки мактабҳои нахустини ақлгарои ислом барои таҳлили минбаъдаи ин масъалаҳо равзанаи таҳлилҳои ақлӣ-мантиқиро барои мактабҳои дигар, аз ҷумла, машшоиён боз намуданд. Дар сайри мубоҳисаҳое, ки суннати фалсафаи исломӣ пиромуни он ихтиёр гирифтааст, метавон як марҳиларо барои рушди ақоиди файласуфон дар бораи он мушаххас кард: ихтиёр ҳамон иродаест, ки аз идроки ақлӣ сарчашма мегирад.

Бар асоси ин таъриф феъле, ки аз рӯйи чунин ирода содир мешавад, як феъли ихтиёрӣ аст, ҳатто агар иродаи он таҳти ҷабри омилҳои берунӣ шакл гирифта бошад. Азбаски ин ирода, аз назари пайравони машшоӣ мутааллиқ ба зоти инсон ва амре ҳодис аст, пайдоиши он ба омили воҷибсозандаи беруна оварда мерасонад, ки аз ихтиёри инсон берун аст. Бо ин тавсифҳо, агарчи феъли берунаи инсон иродӣ ва ихтиёрӣ аст, аммо иродаи воқеии ӯ ихтиёрӣ нест. Аз муҳимтарин намояндагони ин тезисҳо Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ мебошанд.

Форобӣ ҳам назарияи ихтиёр ва озодии иродаро қабул кардааст. Ӯ қабл аз ҳама, ақлро аз рӯйи қобилияташ ба чор қисм тақсим намудааст: 1) ақли ҳаюлонӣ; 2) ақли билфеъл; 3) ақли фаъол; 4) ақли мустафод. Қобилияти аввал (ақли ҳаюлонӣ) ё зеҳни ғайрифаъол номида мешавад ва он қобилиятест, ки инсон тавассути он моҳияти чизҳои моддиро дарк мекунад ва онро аз сифатҳои аразии гуногун, ки бо дарки инсон алоқаманд мебошанд, ҷудо мекунад. Қобилияти дуюм (ақли билфеъл), яъне ақле, ки тавассути феъл ё амал фаъолият дорад ва он қувваи аввалинест, ки мавҷудотро ба таҳрик меоварад ва таҷридият (абстраксия)-ро имконпазир месозад. Қобилияти сеюм (ақли фаъол) ақли дорои қувваи берунист, ки тавассути фаязони нури Худо ба ҷисм ворид мешавад. Он дар вуҷуди инсон қувваҳои дохилиро бедор мекунад ва ӯро фаъол мекунад. Ин руҳи фаъол аст, аммо он пурра фаъол нест, зеро фаъолияташро робитаи он бо ҷисм бозмедорад. Қобилияти чорумро ақли мустафод, ақли касбшуда меноманд ва қобилиятест, ки онро шахс таҳти илҳоми ақли фаъол, қобилияти сеюми инсон ба даст овардааст. Ҳамин тариқ, инсон, ба монанди ҳайвоноти табақаи поёнтар, дорои ақли ғайрифаъол низ ҳаст; аммо ақли фаъол ба воситаи фаязони нури Худо ба инсон ворид мешавад ва дар инсон ақли касбшударо ба вуҷуд меорад. Форобӣ навиштааст: "Ҳангоми тавзеҳ додани табиати инсон ва қувваҳои табиии дохили ҷисмаш, ӯ эҳсос мекунад, ки онҳо барои феълҳои олитар аз амалҳои руҳ мутобиқ карда шудаанд. Бо таҳқиқи нафси инсон ва қувваҳои нафсонии вай, ӯ дарк мекунад, ки онҳо барои ба даст овардани моҳияти худ кофӣ набуда, барои он чизи дигаре лозим аст. Дар ин ҷо, ӯ маҷбур мешавад, ки чизеро омӯхта, муайян кунад, ки одам нутқ дорад ва сухан бошад, бо ақл иртибот дорад [1, с. 45].

Ҳамин тариқ, ақли ҳаюлонӣ тавассути ба даст овардани таҷриба ва дониш амалӣ карда мешавад ва он дар ниҳояти кор ба шинохти олами маъқул оварда мерасонад, ки он аз ҳар гуна таҷриба муқаддамтар буда, инсонро барои касби донишҳои олитар ҳавасманд мекунад. Ақли поёнтар ҳамеша саъй мекунад, то болотар равад ва дар марҳилаи охир ба маърифати Худо, ҳадафи олии ҳаёташ ба ӯ муяссар гардад. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна чунин дониш дар ҳаёти инсон пеш аз марги ӯ имконпазир аст? Дар ин зиндагӣ танҳо донишро тавассути ақл ба даст овардан мумкин аст ва пас аз марг, вақте ки руҳ аз асорати бадан раҳо ёфт, он метавонад бо Худо муттаҳид шавад. Ҳамин аст, ба таври мухтасар муҳтавои таълимоти метафизикии Форобӣ. Аммо ин таълимот ба масъалаи ҷабр ва ихтиёр чӣ дахл дорад? Аввалан он ки, Форобӣ мавқеи ақлро боло бардошта, қобилияти

ҷудокунии хуб ва бад, ихтиёрӣ ва ғайриихтиёриро танҳо ба воситаи ақли инсон имконпазир медонад. Сонияи, таълимот дар бораи ҷабр ва ихтиёрро Форобӣ дар омезиши таълимоти метафизикӣ бо таълимоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии худ такмил медиҳад.

Дар таълимоти ахлоқии Форобӣ масъалаи ҷабру ихтиёр ва озодии инсон дар доираи назарияи хайр (хуб) ва шарр (бад) мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва онро ба қобилияти ақли фаъол мутааллиқ медонад. Аз ҷониби дигар, ӯ олитарин фазилати инсониро дар дониш мебинад, ки он ҳамчун масъули ақл дар дарки масоили ахлоқӣ нақши муҳим дорад: инсоне, ки принсипҳои ахлоқиро медонад ва мувофиқи он амал мекунад, беҳтар аз касест, ки ин принсипҳоро танҳо бидуни дарки моҳияти онҳо иҷро мекунад. Ба ғайр аз ин, инсон мисли ҳайвонҳои табақаи поёнтар табиатан соҳиби ирода аст, ки тавассути он нафси ӯ саъй мекунад. Аммо танҳо инсон озодии интихоб дорад, ки ин ба баррасӣ ва тасмими оқилонаи ӯ вобаста аст. Ал-Киндӣ ва Ал-Форобӣ низ бо Ибни Сино ҳамфикранд ва ҳамаи онҳо тасдиқ мекунанд, ки воҷиб бо ҳамаи мавҷудот бо воситаи Ақли аввал иртибот дорад. Бар асоси таълимоти Ибни Сино ва Ал-Форобӣ воҷибулвуҷуд ба ғайр аз бо содири аввал, яъне Ақли аввал бо дигар мавҷудот сирфан аз роҳи силсиламаротиб иртибот дорад [8, с.114].

Ба маънои дигар, озодии инсон танҳо дар андеша ва тасаввуроти тозаи ӯ вуҷуд дошта, аз ангезаҳои бо ақл муайяншуда вобаста аст. Аммо, қайд мекунад Форобӣ, озодии инсон ба сабаби муқовимати ҷисми ӯ нокомил аст. Ақли фаъол танҳо вақте озод мешавад, ки аз ғуломии ҷисм раҳо ёбад ва ҳадафи олии ҳаёти инсон ба даст овардани чунин озодист. Дар ин ҷо, ақли билфеъл барои амалӣ шудани саъю талошҳои инсон нақш дорад. Форобӣ навиштааст: “Дар мавриди саъю талоши ба сӯйи чизе, ки онро мавҷудоти зиндаи дигар низ доранд, ба саъю талоши инсонӣ ягон иртиботе надоранд ва барои ба даст овардани камолоти назариявӣ муфид нестанд, зеро дар расидан ба ин ҳадаф, қобилияти инсон ва ҳайвон яксон нестанд. Аз ин ҷо, зарурати омӯзиши ҳамаи амалҳое бармеояд, ки бо ирода ва нияти озод вуҷуд доранд. Моҳияти иродаи нек дар иродаи озод ҷой мегирад, ки ба ақли билфеъл тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, он ба «иродаи нек»-и мавҷудоти дигари зинда (масалан, ҳайвонот) ташбеҳ дода намешавад [2, с. 65].

Ҳамин тавр, нафси инсон қобилияти фитрии қабул доштани тамоюли дуҷонибаро дар нисбати фазилатҳои неку бади зеҳнӣ ва ахлоқӣ дорад. Аммо он бо чунин табиати ғайрииктисобаш дар худии худ ҳеҷ кореро нахоҳад кард, ба ибораи дигар, бетараф боқӣ мемонад. Аммо ин на ҳамеша чунин аст. Зеро сабаби ба вуҷуд омадани фитрати хосе дар вуҷуди инсон барои осонтар кардани он кор барояш буда, аз ин рӯ, ҳар гоҳ, ки ба ихтиёри худаш гузошта шавад ва аз таъсири омилҳои беруна алайҳи фитраташ осуда гардад, “худ ба худ ба сӯйи анҷоми ҳамон коре, ки барояш омода аст, кӯшиш мекунад ва агар як муҳаррик ё омили хориҷии дигар ӯро бар зидди он кор таҳрик (ба шавқ овардан) намояд, қаҳран ба сӯйи он зид гаравиш ёбад ва онро анҷом диҳад, лекин бо сахтӣ ва душворию изтирор [1, с.54]. Аммо инсон наметавонад барои камолаш интизори тасодуф ва ҷабр бошад, аз ин рӯ, бояд фитрати хешро дар ҷиҳати хайр шакл диҳад, ки лозимаи он фазилатҳои фикрӣ (қудрати фаҳмиш ё ҳукми нек) ва фазилатҳои ахлоқӣ (аъмоли нек) мебошад. Навъҳои инсон, ба қавли Форобӣ, аз рӯйи хусусияти раъй ва қудрати ирода ба се гурӯҳи умумӣ тақсим карда мешаванд: 1. Озод – “*ҳурр*”: онҳое, ки ҳам қобилияти андеша доранд ва ҳам қудрати ирода, ки дар фитрати умумии онҳо ҷамъбаст шуда, ба воситаи он маърифатҳо ва маъқулоти нахустинро пазиро мешаванд ва ба сӯйи корҳои муштарак, ба сӯйи хушбахтӣ ҳаракат мекунад. 2. Фармонбардорӣ ё бардагӣ (ғуломӣ) – “*ʻабд*”, ки ду навъ аст: онҳое, ки қобилияти андешаронӣ доранд, аммо аз қудрати ирода бебаҳраанд ва, албатта, онҳо ғуломанд ва дигаре - қудрати ирода барои анҷом додани корҳои бузург доранд, аммо қудрати андешаронӣ надоранд. Онҳо бояд ба касоне такя кунанд, ки соҳибандеша ва боиродаанд ва мутеъ ва фармонбардор мешаванд, то даме ки муваффақ шуда, озод гарданд, вагарна, онҳо ба зумраи ашхоси сеюм хоҳанд пайваст. Форобӣ аз нигоҳи равоншиносӣ хислатҳои аҳлулмадина (“шаҳрвандон”)-ро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои иродиро дар вобастагӣ ба қобилияти ихтиёрӣ ё ҷабрии онҳо чунин баҳогузорӣ намудааст: “Ашхосе ҳастанд, ки зеҳни қавӣ дошта, дар иҷро кардани амале

қатъият доранд ва он тақозои зеҳн аст. Ҳамин гуна одамонро мо маъмулан фозилони озод меномем, дар ҳоле ки одамони орӣ аз ин ду хислатдоштаро мо маъмулан, ҳайвонтабиат меномем; онҳоеро, ки танҳо оқиланд, аммо ҳалкунанда нестанд, мо табиатан ғуломон меномем. Ин кор бо баъзе аз онҳое низ рӯй додааст, ки дар соҳаи илм талоши беҳуда мекунанд ё фалсафахонӣ мекунанд ва онҳо дар сатҳе қарор гирифтаанд, ки аз ҷиҳати мақоми ғуломӣ аз ғуломи аввал (ғуломтарини онҳо), камӣ надоранд. Ва (илм) ба фазли онҳое, ки дар соҳаи он талошҳои беҳуда мекунанд ва дар натиҷа барояшон нодаркор ва беманфиат шуда мемонад, обрӯю нуфузашро аз даст дода, хор мешавад [1, с.78].

Дар мадинаи фозилааш Форобӣ инчунин, гурӯҳи одамонеро ҷудо мекунад, ки онҳо қатъият доранд, аммо зеҳни қавӣ ва ҳушёрӣ надоранд ва ба ҷойи онҳо дигарон тасмим мегиранд. Дар ин ҳолат, ин гуна шахс ба дигаре, ки ба ҷойи ӯ тасмим мегирад, итоат мекунад ё итоат намекунад. Агар вай итоат накунад, хулоса мекунад Форобӣ, "ӯ низ ҳайвонтабиат аст", агар итоат кунад, дар аксарияти корҳояш муваффақ гардида, ба шарофати он аз доираи ғуломон берун мебарояд ва ба гурӯҳи одамони озод дохил мешавад.

Ба андешаи Форобӣ, амали инсонӣ дар мақсадҳои ӯ "ихтиёри ҷамил ва нофеъ" буда, бар адл устувор мебошад, ки ба сӯйи он ақл ҳидояташ мекунад. Ибни Сино бошад, тезиси дар боло овардашударо дар иртибот бо масъалаи таносуби қувва ва феъл, инчунин намудҳои фоилию инфиолии қувва боз ҳам мукаммалтар дар таҳлили фалсафӣ мавриди баррасӣ қарор дорад [8, с.144].

Форобӣ масъалаи ҷабр ва ихтиёрро инчунин дар иртибот бо муносибати одамон ба лаззатҳои моддӣ ва ё азоби машаққати онҳо тавзеҳ медиҳад. Қабл аз ҳама, ӯ лаззатҳоеро, ки аз афъоли одамон бармеоянд, ба ду қисм ҷудо мекунад: лаззатҳои бештар маълум, ки онҳоро инсон беҳтар дарк мекунад ва лаззатҳои пинҳон. Лаззатҳои маъруфтарин – онҳоеанд, ки дарҳол касб карда мешаванд ва хусусияти ҳиссӣ доранд. Айнан ҳамин ҳолатро Форобӣ дар бораи азоб шарҳ додааст: азобҳое, ки фавран дар ҳаёти инсон рух медиҳанд ва аз идроки ҳиссӣ баромада, "барои мо возеҳтаранд, алалхусус, агар онҳо аз ҷониби дин муқаррар шуда бошанд". Азобҳои пинҳон онҳое мебошанд, ки табиӣ ҳастанд ва пас аз гузаштани вақти муайяни он дар таҷрибаи зиндагӣ зуҳур мeёбанд, аммо қобили дарк нестанд ва гузашта аз ин, амалӣ намешаванд. Аммо, азобҳое, ки фавран аз сар гузаронида шуда, табиӣ мебошанд, камтар пинҳонанд ва шабеҳи азобҳоеанд, ки пас аз як вақти муайян аз таҷриба гузашта ва ба идроки нафсонӣ тааллуқ надоранд. Форобӣ дар идомаи ин андешаҳо навиштааст: "Аммо, одамони озод бошанд, агар хоҳанд, ки тавассути лаззат ва азоб амалҳои хайрашонро сабук намуда ва аз шарру бадӣ канорагирӣ кунанд, барои онҳо лаззату азобҳои пӯшидатарин ва аёнтарин яксон аст. Лаззатҳое, ки онҳоро ба бадрафторӣ водор месозанд, бо азобу уқубатҳо, нововбаста аз он ки, ба ранҷҳои бештар пинҳоншуда ё ошкортар мутааллиқанд, пахш карда мешаванд, зеро ҳушёрии зеҳнии онҳо он чизеро, ки хосси аксари мардум ҳамчун азобҳои пинҳонӣ аст, ошкор мекунад. Аммо, одамони дигар, ки лаззатҳояшон тавассути азобҳои аз ҳама бештар ошкоре вуҷуд доранд, аз ин корҳои бад худдорӣ мекунанд, пахш мекунанд [1, с.8].

Бо ин ҳама, Форобӣ назарияи ҷабр ва ихтиёри инсонро дар ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ бештар баррасӣ мекунад, зеро ӯ ҷомеаро ба хотири он таҳқиқ мекунад, ки инсон дар он ба зиндагии фаъол даъват карда мешавад; азбаски ӯ ягона ҳайвонест, ки қобилияти андеша ва дарк кардани арзишҳоро дорад, ӯ бояд пеш аз ҳама мавқеи худро дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамҷинсҳо, нисбат ба олами боло, инчунин, дар робита бо ҷаҳони моддӣ дарк намояд. Пас, аз мушоҳидаҳои осораш бармеояд, ки таҳқиқоти Форобӣ аз бунёди мафҳуми як мадинаи фозила дар заминаи фалсафаи Арасту ва Афлотун иборат аст. Ин ҳама ба Форобӣ кумак намудааст, ба чунин хулоса биёяд, ки ҳокими аввал -файласуф вазифадор аст фалсафаи худ ва қобилияти ақлониашро барои ба даст овардани саодати аҳли мадинаи фозила тавассути қобилияти қонунгузорӣ, ки онро ҳамчун кори хайр ва амали муҳим барои ҳокими аввал ифода мекунад, ба кор барад. Бояд тазаккур дод, бо истифода аз мафҳуми "мадинаи фозила" Форобӣ ҷомеаи сиёсиеро дар назар дорад, ки дар асоси мабодии қонунҳои асосии он идора карда мешавад. Воқеан, маҳз ҳамин услуби кор

дар осораш ба Форобӣ имкон додааст, ки дар бораи навъҳои гуногуни шаҳрҳо сухан ронда, тавсифи онҳоро дар вобастагӣ ба хусусиятҳои фардӣ-иҷтимоии аҳли ин шаҳрҳо тавсиф диҳад. «Насируддини Тӯсӣ бошад, бар ин бовар аст, ки ихтиёрӣ набудани ирода ба афъоли инсон осебе ворид намекунад. Ба ҳамин далел, аз ихтиёр ба ҳамин матлаби ибтидоӣ иктифо мекарданд, ки“оё ҳангоми ҳусули қудрат ва ангеза, феъл воҷиб мешавад ё на? Ҳақ ин аст, ки воҷиб мешавад, зеро дар ғайри ин сурат лозим меояд, ки то яке аз ду тарафи феъл ё тарк бидуни марҷаъ бар дигаре руҷҳон пайдо кунад. Ин вуҷуб феълро аз ҳадди ихтиёр хориҷ намекунад, зеро маънои ихтиёр ин аст, ки феъл ва тарк ба иродаи фоил бошад ва фоили ҳар кадом аз он дуро, ки ирода кард, интихоб кунад [8, с.144].

Дар ин тавсифҳо масъалаи озодӣ ва фармонбардорӣ, ҷабр ва ихтиёри онҳо матраҳ мегардад. Озодӣ ва фармонбардориро Форобӣ аз ибтидои мантиқи гуфтораш дар бораи тақсимшавии шаҳр ба ду қисм – фозила ва ҷоҳила матраҳ месозад. Аввалан, аҳли мадинаи ҷоҳиларо ӯ ҳамчун мардуми бадахлоқ, гумроҳ ва “устухон дар гулӯ”, хор дар байни гулҳо ва ё алафҳои бегонаи киштзор меномад. Дар баробари онҳо, тоифаи дигари мардум – одамони ҳайвонсифатро низ номбар карда, онҳоро аҳли шаҳр ҳисоб намекунад ва ба қавли Форобӣ, онҳо иттиҳодияҳои шаҳрӣ дошта наметавонанд. Баъзе аз онҳо ба ҳайвоноти хонагӣ ва дигарашон ба ҳайвоноти ваҳшӣ шабоҳат доранд; баъзеи онҳо фақат гӯшти хом мехӯранд, дигарашон ҳайвонотро монанди вуҳуш сайд мекунанд ва “бо онҳо бояд ҳамчун бо ҳайвон муносибат кард. Онҳое, ки шабеҳи ҳайвоноти хонагианд ва ба тавре дар шаҳрҳо ба кор бурдан мумкин аст, ҳамчун ҳайвоноти хонагӣ истифода мебаранд. Дар нисбати онҳое, ки мавриди истифода қарор гирифта наметавонанд ва ё зараррасонанд, бояд монанди ҳайвоноти зараровар муносибат кард. Айнан дар нисбати он фарзандони аҳли шаҳр, ки ҳайвонсифатанд, чунин муносибат раво аст [1, с.88].

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Абунасри Форобӣ масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар муқоиса бо ақоиди Ал-Киндӣ дар се ҷанба таҳқиқ мешавад: равоншиносӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ. Азбаски, хусусияти шаҳрҳои Форобӣ моҳиятан тахайюлианд ва таснифоти гуногун дошта, аҳли ин шаҳрҳо ҳар гуна тавсиф мешаванд, масъалаи ҷабр ва ихтиёри инсон дар онҳо мухталиф арзёбӣ мегардад: агар дар мадинаи фозила, масалан, ҷабри инсон нисбат ба ихтиёри ӯ ба ҳадди ақал фуроварда шуда бошад, дар мадинаи ҷоҳила ихтиёр ва ҳуқуқи инсон то ба ҳадди ҳайвонӣ расонда шуда, ҷабри ҳокимон ва қонунҳои он ҷомеа барояшон ҳамчун як амри зарурат ва воҷиб маънидод мегардад.

Аммо, Ибни Сино бошад, дар осори фалсафии хеш, масалан, дар «Таълиқот» [5, с.88] аввалан, ба андешаҳои муътазилиён дар боби ихтиёр ишора мекунад ва чунин мегӯяд: “Дар ақидаи муътазилиён ихтиёр ангеза (доӣ) ё сабаб аст ва ихтиёр ба ангеза (доӣ) маҷбурӣ аст, аммо ихтиёри Борӣ ва феъли Ӯ ба ангеза нестанд”. Бо ин баёни фикр, дар асл, ихтиёреро, ки дар он ангеза бошад, ба ҷабр ниёз дорад. Аммо, Худо, ки зоти ягона дорад ва феълаш низ чунин аст, на ангезае дорад ва на мақсаде ва асосан чизе, ки боиси дугонагӣ ва гуногунӣ бошад, дар Ӯ роҳ надорад. Аз ин рӯ, судури феъл аз Ӯ “‘ала сабил ил-лузум” аст. Дар баёни Ибни Сино ҳам, ба хубӣ маълум аст, ки қудрат ва ихтиёр дар мавриди Худо маънои имконеро надорад. Ибни Сино дар ҷойи дигар чунин мегӯяд: “Гоҳе гуфта мешавад, ки “*ал-инсāн музтарр фи сурат мухтāриҳи*”, ки маънояш ин аст, ки инсони мухтор дар ихтиёраш холӣ аз ангеза нест. Дар ҳоле, агар ангеза, ки ҳамон ғоят аст, мувофиқи қавитарин қувва дар вуҷуди мо бошад; гуфта мешавад, ки фалонӣ дар он чи анҷом медиҳад, мухтор аст ва шояд он ангеза аз ҷиҳати инсони дигаре бошад. Дар ҳолати дигар, он ангеза мувофиқ бо андешаи мо нест ва судури феъл аз мо тибқи он “‘ала сабили ил-икрāҳ” аст ва агар ангеза зоти мо бошад, боз ҳам ба ҳасби он мухтор аст ва мухтори ҳақиқӣ ва дар воқеъ, касест, ки ангезаи дигаре ӯро ба феъл водор намекунад. Манзури мо низ он гоҳ, ки мегӯем – “фалонӣ дар ҳолати ихтиёр машғул ба коре аст” – он аст, ки ангезааш зоти ӯ мебошад [6, с.78].

Дар андешаи Ибни Сино ду маънои ихтиёр ишора шудааст: як маънои оммаписанд аст, ки дар он шахс агар маҷбур набошад, ӯро мухтор меноманд ва дуюм, ҳамон ихтиёрест, ки мо аз он дар бораи Худо сухан меронем ва дар таъбири Шайхурраис ҳам “ихтиёри ҳақиқӣ” ном гирифтааст. Ба гуфтаи ӯ, аввал Худои таоло ҳамчун хайри маҳз аст,

сарчашмаи ашё аз Ӯ судурӣ аст, зеро ки агар аз ғайр Ӯ содир мешуд, он ғайри Ӯро ба хотири хайр буданаш талаб мекард. Азбаски, дар Худо ғоят ва фоил ду чиз нестанд ва судури ашё аз Ӯ барои ғояте хориҷ аз зоти Ӯ нест, пас, Худо мухтори ҳақиқӣ аст ва дарвоқеъ, ихтиёр ба маънои аслии он дар мавриди касе ба ҷуз аз Ӯ дуруст намебошад. Бо ин андеша маълум мешавад, ки манзури Ибни Сино аз ҷабр ва ихтиёр дар воҷибулвуҷуд асосан ба маънои урфии он тафовут дорад. Худи Шайхурраис ба ин тафовут ишора карда мегӯяд: "мо аз ихтиёри воҷиб мефаҳмем ғайр аз маъное аст, ки дар урфи мардум шинохта шудааст. Дар урф мухтор ба касе гӯянд, ки ҳолати қувва дошта, эҳтиёҷ ба мураҷҷаҳ (афзалият, бартарӣ – З.Ҳ.) дошта бошад ва он чи ихтиёри ӯро аз қувва ба феъл мерасонад, доӣ (ангеза – З.Ҳ.) аст, ки онро ба ӯ мехонад ва ин доӣ низ ё "мин зāтиҳи" аст ё "мин хāриҷ". Пас, мухтор будани мо ҳамон аст, ки метавон аз он таъбир ба "дар ҳукми музтарр (маҷбурӣ –З.Ҳ)" кард, дар ҳоле ки дар мавриди Худо, чунин нест, ки ибтидо мухтор билқувва буда, сипас ба мухтор билфеъл табдил шавад, балки Ӯ ҳамеша мухтор билфеъл аст, бад-ин маъно, ки ғайр аз чиро анҷом медиҳад, ихтиёр намекунад ва феъли Ӯ ли зотиҳи Ӯ буда, хайрияти Ӯ ҳам зоти Ӯст, на доии дигар". Дар Худованд ду қувваи мутанозеъ, ончунон ки дар мо аст, нест [7, с.78].

Ҷудо кардани фарқиятҳои навъҳои фоилиятҳое, ки дар мавриди Худо матраҳ мешаванд, кори бисёр таъинкунанда дар дидгоҳи як ҳакиме ба монанди Ибни Сино аст. Агар гуфта шавад, ки ҷудо сохтани нақши иллати фоилӣ байни ду гуна фоилият – билқасд ва билиноят – аз мубоҳисаҳои асосие аст, ки дар "Илоҳиёт" ва хусусан, дар "Ишорот ва танбеҳот"-и мутафаккир мушоҳида мекунем, муболиға нест. Зеро, онҳое, ки ихтиёрро барои Худо исбот менамоянд, ҳамон маънои иродаро ифода мекунад, ки дар тасаввури фоилияти билқасд тасвир мегардад; яъне ҳамон маъноест, ки на Ибни Сино ва на мутафаккирони дигари машшоии шарқӣ онро напазируфтаанд, зеро дар фоилияти билқасд ғоят - иллати фоилӣ аст. Аммо, дар фоилияти билиноят, бар пояи назарияи судур, фаязон ё ба таъбири Ибни Сино "инбиос", ғояте фаротар аз фоил нест ва аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки сабаби вуҷудияти ӯ ғоят аст ва ғояти фоил – моҳиятан иллати фоилӣ аст. Бинобар ин, қавл ба фоилият билиноят тасвири дигаре аз ихтиёрро пешкаш менамояд, ки қатъан бо муодили урфии ихтиёр, яъне фоилият билқасд, тафовут дорад. Ин қавл пайомадҳое низ дорад, ки дар баҳси робитаи Худо бо одамон пеш меояд. Аммо ҳамин андоза, ки Шайхурраис дар асараш "Наҷот" фоилияти билқасдро инкор мекунад, далеле бар гуфтаҳои мост. Ӯ дар он ҷо мефармояд: "Барои ҳамин, ҷоиз нест, ки будиши кулл аз он аз тариқи қасди Ӯ ба монанди қасди мо бошад [5, с.78].

Аз ин ҷо метавон хулоса гирифт, ки маънои мавриди назари Ибни Сино аз ихтиёр ба рағми зоҳири лафз, ба маънои ихтиёр дар афкори Ал-Киндӣ ва Форобӣ наздик аст.

Масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар фалсафаи машшоиёни мусулмони испанӣ, монанди Ибни Боҷа ва Ибни Рушд низ мавқеи калидӣ дорад. Ибни Боҷа, масалан, дар китобаш "Тадбир-ул-мутаваҳҳид" монанди Форобӣ дар бораи мадинаи фозила назарияи ҳокими одилро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, аммо дар он ба масъалаи ҷабр ва ихтиёр ба он қадре ки Форобӣ ақида меронад, таваҷҷуҳи зиёд дода нашудааст. Баръакс, дар қисмати дуюми ин китоб, ки ба афъоли инсонӣ бахшида шудааст, Ибни Боҷа афъол ва аъмоли инсонро ба се навъ тақсим мекунад: инсонӣ, баҳимӣ ва ҷамоддӣ. Ӯ таваҷҷуҳи бештарро ба аъмоли ихтиёрӣ медиҳад, ки онҳо тибқи ҳукми "аз рӯйи интихоби шахс бармеоянд», муайян карда шудаанд. Ин амалҳо, ба гуфтаи Ибни Боҷа, хосси инсон мебошанд: "Ҳар он чизе ки би-табъ дар инсон вуҷуд дорад ва аз афъол ба ӯ хос аст, он ба ихтиёр сурат мегирад. Ҳар як феъл барои инсон ба ихтиёри ӯ вуҷуд дорад ва ба ғайр аз ӯ, дар анвои дигари ҷисмҳо он ҷой надорад. Афъоли инсонии хосси ӯ он аст, ки ба ихтиёр бошад ва ҳар чизеро, ки инсон ба ихтиёр иҷро мекунад, феъли инсонист ва ҳар гуна феъли инсонӣ феъл ба ихтиёр мебошад [5, с.78].

Дар айни ҳол, ӯ таъкид мекунад, ки феълҳои ҷисмонии инсонӣ новобаста аз ирода, масалан, аз боло ба поён афтидани чизе ҳатман сурат мегиранд, бинобар ин, баррасии онҳоро дар таҳлили масъалаи ҷабру ихтиёр ба як сӯ мегузорад ва ҳамин тариқ, аксари кӯшишҳои ӯ дар ҳаллу фасли он ба баррасии фарқияти феълҳо ва амалҳои инсонӣ ва

ҳайвонӣ равона карда мешаванд, зеро аксари феълҳо ва аъмоли шахс дар доираи чор навъи мавҷудот сурат мегирад. Ибни Боҷа дар бораи тафаккур ва андеша сухан меронад, аммо мисолҳои дар ин қисми китоб овардашуда (шикастани санг ё чӯб ва хӯрдани гелос) нишон медиҳанд, ки ӯ, пеш аз ҳама, ба амалҳои ихтиёрии ҷисмонӣ ё табиии моддӣ, ки бархилофи идоракунӣ ё роҳбарӣ андешаи зиёдро талаб намекунад, таваҷҷуҳ дорад. Чунин амалҳои хайр на ҳамеша дониш ва саъйи васеъро талаб мекунанд, ба шарте ки агар онҳо ба қадри кофӣ одӣ бошанд, ба монанди шикастани чӯб, то ба шахси дигар зарар нарасонад ва ё ба монанди хӯрдани гелос барои солимии инсон муфид бошад. Аммо, қайд мекунад Ибн Боҷа, он чизе, ки амалҳои некро номумкин менамояд, ин – “интихоби амали дуруст дар вақти зарурӣ бо сабаби мувофиқ мебошад”. Аён аст, ки амалҳои инсон ва ҳам ҳайвонот аз рӯйи “фоил ё муҳаррик”-и онҳо, ки фаъолиятҳояшонро бармеангезад, фарқ мекунанд. Барои феълҳо ва амалҳои ҳайвонот қувваи пешбаранда «ҳавасҳоест, ки дар нафси ҳайвонот ба вуҷуд меоянд», ба монанди «хоҳиш, хашм, тарс ва ҳар чизе, ки ба онҳо шабоҳат дорад». Амалҳои инсонӣ бошанд, на аз тариқи ҳавасу хоҳишҳо, балки тавассути андеша анҷом мепазиранд: «Ҳамин тавр, одамро он чизе, ки фикр ҳатмӣ мекунад, ба ҳаракат медарорад ... новобаста аз он ки, ин фикр муайян ё содаю тахминӣ аст [5, с.78]. Мутаносибан, қувваи муҳаррики инсон “раъй ё эътиқодест, ки дар нафс вуҷуд дорад”.

Ибни Боҷа қаблан дар ҳамин китобаш қайд кардааст, ки дар ихтиёри хеш инсон ҳатман ба дурустӣ ва ё иштибоҳ рӯ ба рӯ мешавад. Дар худи фалсафаи машшоия қадамҳои нахустинро дар ин боб Ал-Киндӣ гузошта буд. Бояд қайд кард, ки Ал-Киндӣ дар бораи муътазилиён иттилоъ доштааст ва ба онҳо вокуниш нишон медод, аммо дар сурати онҳо асосан рақибони зеҳниашро медид. Ин муносибати байни онҳоро муҳаррири осори Ал-Киндӣ Муҳаммад Абу Риза ба миён гузошта, дар муқаддимаи китобаш изҳор доштааст, ки Ал-Киндӣ ҳадди ақал дар баъзе масоили илоҳиётшиносӣ бо муътазила мубоҳиса мекунад [8, с.115].

Дар айни ҳол, он ҳукм баровардaнро дар бораи фазилати рафтору кирдор душвор мегардонад, зеро он ба қобилияти мо дар дарк намудани нияти шахси иҷрокунанда вобаста аст ва ба оқибатҳои амалҳои мушоҳидашаванда асос намеёбад. Барои боз ҳам душвортар кардани ин мушкилот, ӯ чунин хулосаи танқидии муносибати байни нафс ва феъли инсонро ба миён мегузорад, ки он фазилатро барои онҳое, ки ҳамеша на бо ҳидояти ақл, балки бо хоҳиши онҳо ба роҳ гузошта мешавад, амалан дастнорас месозад: “Пас, касе ки амалеро бо роҳнамоии андеша ва он чи дуруст аст ва бидуни эътибор ба нафси баҳимӣ иҷро мекунад ва дар он тавлид мешавад, ҳамон инсонест, ки барояш илоҳӣ будани ин амал нисбат ба хусусияти инсонӣ доштани он мувофиқтар аст... Аз ин рӯ, инсони илоҳӣ ҳатман тавассути фазилатҳои расмӣ некукор аст. Аз ин рӯ, агар ӯ тавассути ин фазилатҳо некукор набошад ва нафси баҳимӣ дар вуҷуди ӯ ба феълу амали ӯ мухолифат намояд, пас, ин амал ё иллатнок аст, ё мамнуъ аст ва ё умуман рух намедиҳад... Аз ин рӯ, ҳар касе, ки нафси баҳимӣ нафси оқилаашро чунон фишор додааст, ки хоҳиши ӯ, бархилофи андешаи ӯ, ҳамеша ӯро ба амалҳои маҷбурӣ мебарад, чунон инсонест, ки даҳшатноктарин ҳайвони ваҳшӣ аз ӯ беҳтар аст [6, с.78].

Аз ин рӯ, зарур аст, ин инсон дар робита бо фазилатҳои расмӣ некукор бошад, то вақте ки нафси оқила дар бораи чизе ҳукм кунад ва он хосси мавҷуди ҳайвонӣ набуда, дар бораи ин масъала аз тариқи андешаҳои мантиқӣ ҳукм меронад. Аз ин ҳукмҳо бармеояд, ки Ибн Боҷа инсонро ҳамчун мавҷуди ахлоқӣ муаррифӣ мекунад, ки дар рафтору кирдораш қувваи ақлонӣ нақши асосӣ дорад. Тавассути ақл инсон имконият пайдо мекунад, ки худро аз ҳайвоноти дигар фарқ кунад, ҳарчанд ки онҳо низ баъзе хусусиятҳои инсонӣ, ба монанди узвҳои эҳсос ва ғизогирӣ доранд. Инсон, ба ақидаи мутафаккир, дар зоташ, масалан, баъзе ҷузъҳои дониш (мафҳумҳо)-ро ҳосил мекунад, ки тавассути онҳо фарқияти неку бад, муфид ва зарарро ҷудо мекунад ва ё баъзеи онҳоро ҳақиқӣ ва дигари онҳоро тахминӣ ва дурӯғ баҳо медиҳад. Ниҳоят, тавассути таҳқиқи сабабҳои зуҳур намудани ин ё он чиз ва ё падида инсон ба ихтиёр ё интихоби онҳо майл мекунад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки Ибни Боҷа дар ҷараёни ин баҳсҳо ҳамвора, ба Арасту ва китоби машҳури ӯ “Ахлоқи Никомах” истинод меорад.

Ибни Боҷа дар вобастагӣ бо ин матлабҳо ба ҳастии инсон руҷуъ намуда, дар феълу атвораш ихтиёрро дар доираи ифодаи "он афъоле, ки аз рӯйи табъ барои инсон даст медиҳад, хосси ӯст", ихтиёрро тавзеҳ медиҳад. Манзураш аз ихтиёр иродаест, ки аз рӯйи андеша ё тааммул пайдо шудааст. Афъоли ҳайвоноти ғайринотиқ ҳама пас аз инфиоле дар нафси онҳо (нафси баҳимӣ) рӯй медиҳад ва инсон низ гоҳо бе ихтиёри худаш он гуна афъол ва аъмолро аз ин ҷиҳат анҷом медиҳад, чунонки масалан, аз як кори ҳаросангез мегурезад ё монанди касе, ки санге ё чӯберо ба ӯ расида, баданашро харошидааст, мешиканад, - инҳо ҳама афъоли ғайриихтиёрии баҳимӣ мебошанд; аммо касе, ки чӯберо мешиканад, барои ин ки, мабодо шахси дигареро бихарошад, ё аз ин рӯйи андешае, ки шикастани онро воҷиб месозад, ба ин кор мепардозад, ин як феъли инсонӣ мебошад [5, с.78].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳо ва баррасии назарияи ҷабр ва ихтиёр дар таълимоти машшоиёни шарқӣ муқоисаи бо ақоиди мутаносиби он дар афкори файласуфони Юнони қадим, пайравони мактабҳои ақлонии исломӣ, монанди муътазила, чунин хулоса кардан мумкин аст: аввалан, мубоҳисаҳое, ки дар бораи мафҳуми ҷабр ва ихтиёр дар осори онҳо мушоҳида мешаванд, сирф хусусияти ақлонӣ дошта, ҳам дар ҷанбаи метафизикӣ ва ҳам равоншиносию иҷтимоии ҳаёти инсон муайян мегарданд; сониян, масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар иртибот бо таносуби ҷабр ё ихтиёри илоҳӣ бо иродаи инсон баррасӣ мешаванд; сеюм, тибқи ин консепсия, амалҳои инсон бояд озод ва хусусияти детерминистӣ дошта бошанд ва ақли инсон барояш нишон диҳад, ки дар байни ин ду мафҳуми он – сабаб ва натиҷа ягон зиддияте вуҷуд надорад ва консепсияи ҷабр ва ихтиёр ба қонунҳои умумии рушди олам ва инсон муқобил намебароядн.

**Муқарриз: Амондуллоев Б. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты. Перевод с арабского. - Алма-Ата: Наука, 1985. -622 с.
2. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. Пер. с арабского. - Алма-Ата: Наука, 1973. -398с.
3. Ал-Форобӣ, Абунаср. Фусулал-мунтазиа. – Теҳрон, 1371. -342 с.
4. Ибни Боҷа. Тадбир ул-мутаваҳҳид. – Бейрут, 2010 (ба арабӣ). -94 с.
5. Ибни Сино. Таълиқот. -Ҷ. 3. – Қум, 1379 (ба арабӣ). -480 с.
6. Ибни Сино. Илоҳиёт мин китоб "аш-Шифо". – Қум, 1374 ҳ. (ба арабӣ).
7. Ибни Сино. Ан-Наҷат. - Теҳрон, 1364 (ба арабӣ). -649 с.
8. Қурбоншоев И. Масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар таълимоти машшоияи шарқӣ / И.Қурбоншоев, Ҳ.Зикирзода //Ахбори Институти фалсафа сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. -2023. -№2. - С. 113-118.



**МОҲИЯТИ МАСЪАЛАИ ФАРМОНБАРДОРӢ ВА ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ДОИРАИ КОНСЕПСИЯИ ҶАБР ВА ИХТИЁР ДАР ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЁНИ ШАРҚӢ**

1) Очная форма обучения: Эта форма образования является традиционной и чрезвычайно востребованной, особенно среди молодежи. Молодые люди чаще выбирают очную форму, так как они обеспечены родителями и чувствуют поддержку в процессе обучения. Образовательная среда в этом случае формируется на базе вуза и предполагает ежедневные занятия, дополнительные курсы, исследовательские работы и профессиональные практики. Студенты очного отделения подвергаются интенсивному учебному процессу, что создает здоровую образовательную среду и способствует их профессиональному развитию.

2) Заочная форма обучения: Студенты заочной формы обучения, уже являясь специалистами в своей области, выбирают этот формат для получения высшего образования. Они обучаются в учебных центрах, где изучают новые направления и приобретают необходимые навыки. Образовательная среда в заочной форме организована с учетом работы студентов, что предоставляет им возможность применять полученные знания на практике в своей профессиональной деятельности. Это создает специфическую заочную образовательную среду, где студенты-практики получают знания в соответствии с требованиями их сферы деятельности.

3) Дистанционная форма обучения: Современные технологии предоставляют возможность дистанционного обучения, которое предполагает использование высокотехнологичных средств связи. Этот метод требует финансовых ресурсов для обеспечения доступа к современным технологиям, владения ими, а также знания нескольких языков. Дистанционное обучение предоставляет студентам гибкость в учебном процессе, но требует активной самодисциплины и навыков работы с современными технологиями. Эта форма обучения формирует образовательную среду, основанную на использовании современных средств информации и коммуникации, создавая уникальные условия для получения образования вне зависимости от места и времени.

Разнообразные формы получения дополнительного образования отвечают различным потребностям и возможностям студентов, предоставляя гибкость и выбор в образовательном процессе. Успешное освоение этих форм в зависимости от личных и профессиональных целей индивида содействует развитию образовательной среды и способствует профессиональному росту в обществе.

Следует отметить, что таджикской образовательной системы также необходимо фокусироваться на вопросе эффективного применения методов обучения в контексте курсов дополнительного образования, учитывая наличие у человека высшего образования. Вопрос обоснован важностью эффективного использования учебных методик и программ для достижения желаемого результата в обучении.

Важным аспектом является адаптация образовательных программ в зависимости от образовательного уровня слушателей. Если у человека уже есть высшее образование,

необходимо разрабатывать индивидуальные образовательные программы, исключая дисциплины, которые не представляют интереса для слушателя. Эти программы, специально разработанные для лиц с высшим образованием, предоставляют уникальные образовательные возможности, ориентированные на практическое применение теоретических знаний в реальной сфере деятельности.

Оценка успеваемости на занятиях является важным инструментом, позволяющим анализировать уровень освоения теоретических знаний и их успешное внедрение в практику. Индивидуальная оценка позволяет учитывать потребности каждого слушателя, что важно при разработке персонализированных образовательных программ.

Выбор методов обучения зависит от различных факторов, таких как доступное время и уровень подготовки группы слушателей. Учитывая эти параметры, преподаватель должен стремиться к тому, чтобы все участники овладели учебным материалом. Активные студенты и те, кто предпочитает пассивный подход, должны иметь возможность индивидуализированного планирования занятий.

Индивидуализация обучения оправдана как для студентов, активно стремящихся к углубленному изучению, так и для тех, кто предпочитает более спокойный темп. Даже при ограниченных возможностях, преподаватель должен уделять внимание каждому студенту, обсуждать возникающие трудности, предоставлять дополнительные задания и поддерживать их в решении возникших проблем.

Эффективность преподавания также зависит от использования современных студентоцентрированных методов, где студенты активно участвуют в учебном процессе. Преподаватель выступает в роли руководителя или гида, ориентируя студентов на самостоятельное обучение и исследование.

Повышение квалификации преподавателей является неотъемлемой частью обеспечения качественного образования. Регулярные курсы повышения квалификации обновляют методологический арсенал преподавателей, предоставляя им возможность следовать современным требованиям рынка труда и внедрять инновации в учебный процесс.

Следует подчеркнуть важность сбалансированного сочетания базовых знаний и профессионального опыта преподавателей. Эти факторы являются важными "строительными материалами" в образовательном процессе, и их взаимодействие определяет успешность обучения.

Таким образом, обновление образовательных программ и методик, учет уровня подготовки студентов, индивидуализация обучения, применение современных методов и повышение квалификации преподавателей - все эти меры содействуют эффективному развитию образования и успешному внедрению выпускников на рынок труда. Систематический анализ и внесение корректив в образовательный процесс обеспечивают устойчивость образования в условиях быстрого развития современного общества.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Закон Республики Таджикистан об образовании взрослых (24 февраля 2017 года, №1394).
2. Закон Республики Таджикистан о дополнительном образовании. город Душанбе, 15 февраля 2012 года, №695 Постановление Маджлиси Милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан.
3. Ирина Шашкина «Образование на всю жизнь: как онлайн превращает обучение в элемент личной «инфраструктуры» https://www.forbes.ru/tehnologii/345797-obrazovanie-na-vsyu-zhizn-kak-onlayn-prevrashchaet-obuchenie-v-element-lichnoy.
4. Леститко И.В. Дополнительное образование взрослых: международные тенденции и национальные приоритеты /
   Сборник научных статей Международной научно-практической конференции, посвященной 105-летию БГПУ. Изд. БГПУ, Минск. 2019


## ЗАРУРАТИ ТАШКИЛИ МУҲИТИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ БАРОИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТИ ОЛӢ


Дар мақола аҳаммияти муҳити муосири таълимӣ муҷаҳҳаз барои гирифтани маълумоти ибтидоӣ ва иловагӣ ҳам барои ҷавонон ва ҳам калонсолон баррасӣ шудааст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон намуду шаклҳои гуногуни маълумоти олӣ муҳокима карда мешавад. Муаллифон дар бораи навовариҳо дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ маълумоти муфассал дода, онро бо мисолҳо нишон медиҳанд. Илова бар ин, навъҳои таҳсилоти олӣ ва нақши онҳо дар ҷомеаи муосир оварда шудаанд. Дар мақола инчунин шаклҳои

алтернативии таълим барои гурӯҳҳои синну соли гуногун баррасӣ карда мешаванд. Маълумот ва таҳлилҳои пешниҳодшуда барои беҳтар фаҳмидани тамоюлҳои имрӯзаи таҳсилоти олӣ ва асоснок кардани аҳамияти равишҳои муосир ба раванди таълим мусоидат мекунанд.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти олӣ, таҳсилоти олии калонсолон, таҳсилоти рӯзона, таҳсилоти ғоибона, таҳсилоти фосилавӣ, муҳити муосири таълимӣ муҷаҳҳаз ва усули ба донишҷӯӣ нигаронидашуда.

## НЕОБХОДИМОСТЬ ОРГАНИЗАЦИИ СОВРЕМЕННОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ ДЛЯ ПОЛУЧЕНИЯ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

Статья рассматривает значимость современно-оснащенной образовательной среды для получения первоначального и дополнительного образования как для молодежи, так и для взрослых. В контексте условий Республики Таджикистан обсуждаются различные виды и формы высшего образования. Автор предоставляет подробную информацию о нововведениях в мировом образовательном пространстве, иллюстрируя ее примерами. Дополнительно приводятся типы высшего образования и их роль в современном обществе. В статье также рассматриваются альтернативные формы образования для различных возрастных групп. Предоставленные данные и анализ помогают лучше понять текущие тренды в области высшего образования и обосновывают важность современных подходов к образовательному процессу.

**Ключевые слова**: высшее образование, высшее образование для взрослых, очная форма образования, заочная форма образования, дистанционна форма образования, современно-оснащенная образовательная среда и студентоцентрированный метод.

## THE NECESSITY OF THE ORGANIZATION OF THE MODERN EDUCATIONAL ENVIRONMENT FOR THE GETTINGHIGHER EDUCATION

In article is given information of importance of the modern-equipped educational environment for receiving an compulsory and an additional education both for youth, and for adults. In a context of conditions of Republic Tajikistan various kinds and higher education forms are discussed. The author gives the detailed information on innovations in world educational space, illustrating its examples. In addition there are information about types of higher education and their role in a modern society. In article there are also alternative forms of formation for various age groups. The given data and the analysis help to understand better current trends in the field of higher education and prove importance of modern approaches to educational process.

**Keywords**: a higher education, a higher education for adults, formal education, the full-time education, the part-time educational, distance form education, modern equipped educational environment and student centered method.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Байдуллоев Аъзамҷон Ибодуллоевич* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
E-mail: **azam.ap27@mail.ru**.
***Шодиев Рустам* - -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **919270791**. E-mail: **Shodirys@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Байдуллоев Аъзамджон Ибодуллоевич* –** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра стилистики и теории перевода, кандидат педагогических наук, доцент **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. . E-mail**: azam.ap27@mail.ru.**
***Шодиев Рустам* -** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент.
**Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **919270791**. E-mail: **Shodirys@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Baidulloev Azamjon Ibodulloevich*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Stylistics and Theory of Translation, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. E-mail: **azam.ap27@mail.ru.**
***Shodiev Rustam* -** Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone:**919270791**. E-mail: **Shodirys@mail.ru**

ТДУ:372.800.8 (575.3)

# ДУРНАМОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ТАВАССУТИ ФАРҲАНГИ ЭТНОПЕДАГОГӢ

***Шаропов Ш.А., Аҳророва Г.У.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар шароити азнавсозии куллии ҷомеа муайян намудани қонуниятҳои пайдоиш, ташаккул, инкишоф ва фаъолияти фарҳанги этнопедагогии халқҳои сокини мамлакати мо аҳаммияти махсус пайдо мекунад. «Андешаҳои тарбиявии ҳар як халқ аз ҳама бештар дар хусусияти миллӣ доштани он зоҳир мегардад» [2,с.10].

Инро бо «қоидаи тиллоӣ»-и этнопедагогика, ки аз ҷониби Г.Н.Волков ифода гардидааст, тасдиқ кардан мумкин аст: бе хотираи таърихӣ анъана вуҷуд надорад, бе анъана фарҳанг нест, бе фарҳанг тарбия нест, бе тарбия маънавиёт вуҷуд надорад, бе маънавиёт шахсият нест ва бе шахсият халқ чун шахсияти таърихӣ вуҷуд надорад. Ҳалқаи ҳалкунанда дар ин робита - хотира - анъана - фарҳанги тарбия - маънавиёт - шахсият - одамон - тарбия аст, ки дар робита ба он ҳама унсурҳои сохторӣ тобеанд ва дар маркази он тарбия қарор дорад [3,с.7]. Ҷовидонии тарбияро ҳамчун категорияи устувортарини иҷтимоӣ тамоми рафти тараққиёти таърихии инсоният тасдиқ мекунад.

Аз як тараф, бидуни таълиму тарбия нигоҳ доштани хотираи таърихии мардум ғайриимкон аст, аз тарафи дигар, воқеаҳои таърихие, ки маълумот дар бораи онҳо дар хотираи мардум маҳфуз аст, муассиртарин омили таъсири тарбиявӣ ба насли наврас мебошанд.

Дар давраи гузариш аз як марҳилаи инкишофи фарҳанг ба марҳилаи дигар - нигоҳдорӣ, мустаҳкамшавӣ ва ташаккули таърихии фарҳанг ба амал меояд. “Фарҳанг аслан як илми ҷудогона нест, балки як ҷузъи мукаммали рӯзгори башарият аст, ки кулли муносибатҳои ӯро танзим менамояд” [8,с.3].

Ҷанбаҳои асосии ҳамкории мураккаби шахсияти ташаккулёбанда бо ҷомеа дар фазои фарҳангӣ сурат мегирад, шахс як қисми фарҳангро дар бар мегирад, дар заминаи фарҳанг инкишоф меёбад ва ба он чизи наву хосси худро ҷорӣ мекунад. Муносибати фарҳангӣ ба робитаи объективии инсон бо фарҳанг ҳамчун низоми арзишҳо вобаста аст.

Арзишҳои этникӣ инчунин метавонанд дар чаҳорчӯбаи арзишҳои умумибашарӣ ҳамчун дастури аксиологӣ хизмат кунанд: тавассути анъанаҳо ва ғояҳои мардумӣ бояд ба мафҳуми ҷаҳони ба ҳам вобаста ва мутақобила гузаштан, дидани чизи умумие, ки инсониятро муттаҳид мекунад, омӯхтан лозим аст. Дар татбиқи ин равиш ба фарҳанги этникии мардум, аз ҷумла фарҳанги этнопедагогӣ мавқеи муҳим дода мешавад.

Фарҳанги этнопедагогӣ саҳми асосии худро дар ташаккули маънавиёт мегузорад, ки бо беғаразӣ, озодӣ, ҳамдардӣ, дастгирии ҳамдигар, амалҳои ҳамбастагӣ, меҳрубонӣ, эҳсосотӣ вобастаанд.Маънавият бо ахлоқи суннатии мардумӣ алоқаманд аст, ки пеш аз ҳама, дар покии ботинӣ, оромӣ, хоксорӣ ва фармонбардорӣ ифода меёбад. Ҳамаи инро халқи тоҷик дар давоми таърихи чандинасраи худ то имрӯз дар бисёр анъанаҳо, расму оинҳо, ақидаҳои асил ба вуҷуд оварда, нигоҳ доштааст.

Фарҳанги этнопедагогии ҳар як миллат на танҳо ҳамчун таҷрибаи таърихию фарҳангӣ, балки ҳамчун ганҷинаи маънавие, ки ба воситаи он дар бораи халқ баҳо додан мумкин аст, барои дигар халқҳо аҳаммияти муҳим дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб, онро “таҷассумгари ҳаёти маданӣ ва маънавӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, тарғибгари анъанаҳои инсонгароёна ва маҳкумкунандаи зулму ситам, зӯроварӣ, беадолатиҳо ва хислатҳои нопоки одамӣ номидаанд. Бинобар ин, омӯхтан ва дастраси умум гардонидани арзишҳои муҳимтарини педагогикаи халқӣ бояд аз вазифаҳои муқаддастарини мутахассисони ин соҳа бошад [1,с.22].

Барои донистани олами маънавию ахлоқии ҳар миллат бояд фарҳанги этнопедагогии онро омӯхт. Ворид гардидан ба олами ботинии халқ ва намояндагони он танҳо дар

заминаи фарҳанги этнопедагогӣ имконпазир аст. Дар баробари ин, бояд ёдовар шуд, ки солҳои охир наслҳое пайдо шуданд, ки фарҳанги мардумии худро намедонанд ва арзишҳои маънавии онҳо аз байн рафта истодаанд. Зимнан, ба эътибор нагирифтани омили этникӣ, фаромӯш кардани фарҳанги этнопедагогии халқ окибатҳои хуб надорад.

Пешравии ҷомеа ва шахс бо роҳи эҳёи фарҳанги этнопедагогии халқ тавассути бедор кардани шавқу ҳавас ба расму оинҳои халқи худ, мероси фолклорӣ имконпазир аст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи иқтидори воситаҳои тарбиявӣ, ки шуури этникии халқи тоҷикро ташкил медиҳанд, пеш аз ҳама, дар захираҳои маънавию ахлоқии фарҳанги этнопедагогӣ, ки мавҷудияти шахсият, ояндаи тамаддун аз он вобаста аст, аҳаммияти махсус дорад. Равандҳои таълиму тарбияи насли наврас дар шароити муосир омӯзиши тамоми омилҳои иҷтимоиеро, ки ба ташаккули шахсияти инсон таъсир мерасонанд, тақозо менамояд. Шуури ҷамъиятӣ, ақидаҳо, эътиқоди одамон на танҳо дар шароити иҷтимоию иқтисодии ҳаёти имрӯза ташаккул меёбанд, балки ба онҳо урфу одатҳо, мафҳумҳо, ғояҳое, ки дар гузашта инсоният инкишоф дода буд, таъсир мерасонанд.

Аз ин лиҳоз, эҳёи фарҳанги этнопедагогии мардуми тоҷик аҳаммияти бунёдӣ дорад, ки иқтидори он асли фарҳанги миллии онро ифода мекунад. "Бинобар ин, имрӯз барои мо, тоҷикистониён, зарур аст, ки ин арзишҳои фарҳангиву маънавии халқамон-амонату мероси гаронбаҳои аҷдодиро ба беҳтарин шакл ҳифз дар бороварии он талош намуда, онро баояндагон супорем [7,с.10].

Тамоюли мактаб ба фарҳанги миллӣ муҳимтарин шарти ҳифз ва рушди фарҳанги этникӣ, ташаккули худшиносии миллӣ мебошад. Тадқиқоти донишмандону педагогҳои гузашта барои омӯзиши фарҳанги этнопедагогӣ заминаҳои назариявӣ фароҳам овардаанд. Сухан дар бораи мероси педагогии мутафаккирони машҳури гуманист Я.А.Коменский, Д.Л.Локк, Р.Оуэн, И.Г.Песталотси, Ж.Ж.Руссо, ақидаҳои педагогии бораи маорифи халқ В.Г.Белинский, А.И.Герсен, Н.А.Добролюбов, андешаҳои педагогҳои барҷаста Н. К. Крупская, А. С. Макаренко, В. А. Сухомлинский, С. Т. Шатский ва дигарон меравад.

Фарҳанги этнопедагогии таълиму тарбия яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти инсон мебошад. «Аз тамоми анъанаҳое, ки аз насл ба насл мегузаранд, бешубҳа, анъанаҳои фарҳанги педагогӣ муҳимтаранд» [3,с.8].

Фарҳанги этнопедагогӣ ба имкони истифодаи анъана ва расму оинҳои қадима дар таҷрибаи муосири тарбия нигаронида шудааст, бо вуҷуди он ки унсурҳои нав суботкорона дохил мешаванд.

Агар мо ба нуктаи назари олимон, ки дар шароити муносибатҳои ҷамъияти сотсиалистӣ асоснок карда шудаанд, назар андозем, мебинем, ки ба инкишофи анъанаҳои миллии тарбия кам диққат дода мешуд, пас бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар шароити ҳозира анъанаҳои халқии тарбия нақши халкунанда мебозанд. Чунин нуктаи назарро дар бораи вазифаҳои пешбарандаи низоми анъанавии тарбия барои наслҳои минбаъда олимон дар асоси ду тамоюли рушд, ки ба раванди ҷаҳонии муосир хос аст, асоснок кардаанд:

1) ташаккул ва инкишофи миллатҳо, ҳаракат ба сӯйи баробарӣ ва истиқлолият, мавҷудияти давлати соҳибихтиёр;

2) ба ҳамдигар наздик шудани миллатҳо, байналмилаликунонии ҳаёти онҳо, шикастани сарҳадҳои миллӣ ва пурзӯр гардидани равандҳои интегратсия [4, с.16].

Ҳардуи ин тамоюлҳо воқеияти объективиро ифода мекунанд ва дар рушди ҷаҳони муосир бо ҳам вуҷуд доранд.

Дар баробари ин бояд гуфт, ки ба ҳам наздик шудани миллатҳо, байналмилаликунонии ҳаёти онҳо, шикастани сарҳадҳои миллӣ ва пурзӯр гардидани раванди интегратсия ифодаи умумият ва муколамаи фарҳангҳои этнопедагогӣ, инчунин ҳамаи фарҳангҳои миллии халқҳо мебошад.

Тадқиқоти муаммои умумияти фарҳангҳои педагогӣ моро бовар мекунонад, ки дар бисёр мавридҳо маҳз умумият хусусияти фарҳанги халқҳои гуногунро бештар таъкид мекунад. Аз ин рӯ, танҳо муколамаи фарҳангҳо созанда аст, зеро ҳеҷ фарҳанг, аз ҷумла бузургтарин фарҳангҳо наметавонанд худро ҳифз намоянд. Дар баробари ин, дар ҷаҳон

ягон низоми этникии тарбия вуҷуд надорад, ки барои халқҳои дигар манфиат надошта набошад ва арзиши умумибашариро ифода накунад.

Аз ин рӯ, дурнамои рушди фарҳанги башарӣ дар бораи роҳҳои самаранок истифода бурдани арзишҳои маънавию ахлоқие, ки дар анъанаҳои халқии таълиму тарбия ифода ёфтаанд, воқеист. Ин фикрро академик Лутфуллоев М. хуб баён кардааст: "Мо фалсафаи тарбия, умуман педагогикаи ниёгонамонро таҳқиқ ва эҳё менамоем, то ба оламиён бифаҳмонем, ки мо тоҷикон, дар тарбия ҳам фалсафа ва симои хосси худро дорем ва дар ҳаёти ҳамарӯзаамон, дар низоми таълиму тарбияи мардумамон, дар тарбияи наслҳои ҷавонамон истифода барем" [5,с.76].

Анъана ва расму оинҳоро ҳамчун унсурҳои асосии фарҳанги этнопедагогӣ ва ҳамчун роҳи нигоҳ доштани таҷрибаи гузашта, хиради наслҳои калонсол дар таҷрибаи худ бисёр олимону мутафаккирон, адибони барҷаста истифода бурдаанд. Педагоги бузурги чех Я.А.Коменский фаъолияти худро ҳамчун тадқиқотчии анъанаҳои мардумӣ, расму оинҳо ва эҷодиёти халқ оғоз кардааст. К.Д.Ушинский бовар дошт, ки намунаҳои сурудҳои мардумӣ, зарбулмасалу мақол, афсона кувваи бузурги маърифатӣ дошта, тарбиятгари чандинасраи халқ мебошанд. «Ҳар як халқ дар адабиёти худ, — навишта буд ӯ, — аз суруд, зарбулмасал, афсона сар карда, эътиқоди худро дар бораи он ки инсон бояд чӣ гуна бошад, бо драма ва роман анҷом медиҳад» [9, с.7].

Дар байни мардуми тоҷик қатъиян риоя кардани урфу одатҳои наслҳои калонсол ба ҳукми анъана даромадааст. Ба ин қоида бачагону наврасон, писарону духтарон риоя мекунанд. Бо инкишофи фарҳанг намуди зоҳирии либос, пойафзол, ороиши мӯй тағйир меёбад. Аммо дар деҳот, махсусан дар кӯҳистон, одамеро ёфтан душвор аст, ки ба меъёрҳои анъанавӣ содиқ набошанд. Инҳо дар намуди зоҳирӣ, одоби муошират ва риояи меҳмоннавозӣ зоҳир мешаванд.

Одатан инсонҳои соҳибмаълумоти ҷомеа бар ин назаранд, ки мардуми зиёӣ камтар зери таъсири урфу одат ва расму оинҳо қарор доранд. Ин комилан дуруст нест. Тамоми ҷамъият, иктисодиёт, маданияту санъат тамоюли тараққиёт ва пешравӣ доранд. Ин қонуни тараққиёти ҷомеа аст. Анъана ва расму оинҳо ҳамчун унсурҳои фарҳанг низ инкишоф меёбанд. Анъанаҳои қадима ва ё баъзе унсурҳои онҳо, инчунин тамоми меъёру қоидаҳои рафтору зиндагӣ, ки дар шароити тағйирёбанда ба тарзи нав амал мекунанд, ба тағйиру такмил дучор мешаванд. Анъана ва расму оинҳо мисли мӯд ҳастанд, танҳо тафовут дар он аст, ки аввалӣ дар муддати тулонӣ эҷод шуда, садсолаҳо боқӣ мемонанд, дар ҳоле ки дувумӣ дарҳол пайдо мешавад ва зуд дар як мавсим ё сол аз байн меравад.

Воқеият ва таъсирбахшии анъанаҳо, расму оинҳо дар интиқоли таҷрибаи наслҳои калонсол ба ҷавонон далели махсусро талаб намекунанд. Инро таърих исбот кардааст ва мардум онҳоро аз сар гузаронидаанд. Инсон бе қоидаю меъёрҳои муайян, ки ба фарҳанги ин ё он халқ мансуб аст, зиндагӣ карда наметавонад. Вақте фарҳанг аз байн меравад, эҳтимолияти аз байн рафтани миллат ба вуҷуд меояд. Аммо ин ҳанӯз имконнопазир аст, зеро тараққиёти инсоният ба рушди ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, ба пешравӣ нигаронида шудааст.

Боиси хушнудист, ки омӯзгорон таҷрибаи педагогии наслҳои калонсолро амиқ таҳлил намуда, он арзишҳои маънавию ахлоқии ниёгонро, ки ба ташаккули насли солим мусоидат мекунанд, истифода мебаранд. "Таҳсилот бояд неруи худро барои муттаҳидсозии ҷомеа, ҳифзи фазои ягонаи иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ, аз байн бурдани низоъҳои этникӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ истифода барад. Дар ин замина бояд ҳуқуқи шахсият, баробарҳуқуқии фарҳангҳои миллӣ ва эътиқодҳои мухталиф ва маҳдудсозии нобаробарии иҷтимоӣ афзалият дошта бошанд"[6, с.76].

Ҷавонони имрӯза санъату ҳунари қадимаро дӯст медоранд, ба ҳунарҳои заргарӣ ва қолинбофӣ ва нақши онҳо дар тарбияи эстетикӣ ва меҳнатии насли наврас бахои баланд медиҳанд. Духтарон дар маъруза ва баромадҳо дар бораи занони пешсафу фаъол, ки дар соҳаи фарҳанг, маориф, илм, тандурустӣ, инчунин дар мақомотҳои давлатӣ ба мансабҳои баланд ноил гардидаанд, мисолҳо меоранд. Аксарияти донишҷӯён бо намояндагони миллатҳои дигар, ба монанди рус, ӯзбеку қирғиз дӯстанд. Дар суҳбату гуфтугузорҳо қайд мекунанд, ки бо донишҷӯёни миллатҳои гуногун ҳамдигарфаҳмӣ ва иртибот барқарор

кардан, дӯстӣ кардан бо онҳо, донистани фарҳангу маданият, расму оин ва анъанаҳои онҳо барояшон боиси фараҳмандист. Донишҷӯён дар хислат ва рафтори мардумони миллатҳои гуногун тафовути махсусро намебинанд, асолат ва хусусияти равонии ҳар як миллатро эҳсос ва қадр мекунанд.

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, омӯзгорон дар тарбияи ватандӯстии писарону духтарон аз таҷрибаи бойи аҷдоду осори халқи худ истифода мебаранд. Дар он маҳалҳое, ки аз замонҳои қадим хунармандӣ ривоҷ ёфтааст, ҷавонон касбҳои қолинбофӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, кордсозӣ, бофандагӣ, ресандагӣ ва ғайраро бомуваффақият аз худ мекунанд, ки ин барои тарбияи эстетикии онҳо мусоидат мекунад.

Вазъи рушди фарҳанги этнопедагогӣ дар марҳилаи ҳозира ва раванди татбиқи мазмуни он дар ташаккули шахсият аз афзалияти низоми анъанавӣ дар тарбияи насли наврас шаҳодат медиҳад, ки 95%-и сокинони кишвар мехоҳанд тарбияи фарзандони худро дар асоси арзишҳои маънавию ахлоқии этнопедагогии халқи тоҷик ба роҳ монанд. Дар баробари ин, мардуми тоҷик аз арзишҳои фарҳангҳои дигари этникӣ, дастовардҳои илми педагогӣ истифода мебаранд, ки бидуни онҳо таҳсилоти муосирро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ва ҳам аслии маънавию ахлоқӣ ба роҳ монда шуда, татбиқи он дар раванди таълиму тарбия натиҷаи мусбат медиҳад ва ба ташаккули шахсияти комил мусоидат мекунад. На танҳо дар гузашта, балки дар шароити муосир низ қариб 90 фоизи шахсиятҳои барҷастаи Тоҷикистон (олимон, арбобони давлатӣ, нависандагон ва шоирон, бастакорон, сарояндагон ва ғайра) дар зери анъанаҳои ахлоқии халқи тоҷик ташаккул ёфтаанд. Ҳамаи ин аз натиҷаҳои хуби инкишофи фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик шаҳодат медиҳад.

Таҳлили технологияҳои педагогӣ ва механизмҳои татбиқи он, ки дар фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик инкишоф ёфта, ба мазмуни тарбия мувофиқ аст, боиси ташаккули хулосаҳои зерин мегардад:

- технологияҳои педагогии тарбия (шаклҳо, усулҳо, воситаҳо, омилҳо) ва механизмҳои татбиқи онҳо (ид, ҷашн, маросими тӯй ва дафн, бозиҳо ва ғ.) барои ҷалби наврасону ҷавонон ба раванди тарбия нигаронида шудаанд;
- механизмҳои тарбия, ки дар асоси таҷрибаи халқ инкишоф ёфтаанд, ба хате шабоҳат доранд, ки дар раванди муттасил ҳамаи наслҳо ба он ҷалб карда шудаанд ва тарбия меёбанд (ҳангоми тарбияи хурдсолон калонсолон худро тарбия мекунанд);
- раванди татбиқи технологияҳои педагогии мардумӣ бо ёрии механизмҳои аслии тарбия дар асоси принсипи мутобиқати фарҳангии тарбия, ки ҷузъҳои асосии онро забони модарӣ, урфу одатҳои мардумӣ, расму оинҳо ташкил медиҳанд;
- самаранокии фаъолияти технологияҳои мардумии тарбия дар шароити деҳот ба амал меояд, зеро дар тули асрҳо низом ва сохторҳои анъанавӣ бенуқсон амал мекунанд;
- технологияҳои этнопедагогӣ ва механизмҳои татбиқи онҳо барои назарияи педагогӣ ҳамчун раванди интегралии педагогӣ арзиши бузург доранд, ки дар он тамоми низомҳо ва сохторҳои анъанавии ташаккули шахсият иштирок мекунанд. Бо ёрии онҳо мазмуни тарбия, ки дар асоси таҷрибаи халқ муқаррар карда шудааст, бомуваффақият татбиқ шуда, аз тарафи этнопедагогика асоснок карда шуда, барои ташаккули шахсият дар шароити муосир қобили қабул мегардад. Аз ин рӯ, фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик ҳамчун парадигма амал мекунад, ки равишҳои методологӣ ва ғояҳои назариявии тарбия ва таълими ҳам анъанавӣ ва ҳам муосирро муттаҳид мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Атахонов Т. Очеркҳои афкори педагогӣ (воситаи таълимӣ) / Т.Атахонов Т., М.Лутфуллоев, Ф.Шарифов. -Душанбе, 2005. – 224 с.
2. Ақидаҳои педагогии К.Д.Ушинский. Тартибдиҳанда И.П.Гимелштейн. Сталинобод, 1948.-108 с.
3. Волков Г.Н. Этнопедагогика / Г.Н. Волков. - Москва, 1999. -168с.
4. Гасанов З.Т. Педагогика межнационального общения / З.Т. Гасанов. - Махачкала, 1999).
5. Лутфуллоев М. Осор. -Ҷ.5. Инсон ва тарбия / М.Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён, 2013. – 464с.
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи башар / М.Лутфуллоев.-Душанбе, 2008. – 143 с.

7. Сайидзода Зафар. Густариши ахлоқи миллӣ - посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. Нашри дуюм. - Душанбе, 2015. -266с.
8. Солиҷонов Н. Ҳувияти фарҳангӣ /Н. Солиҷонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. -260 с.
9. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании / К.Д. Ушинский //Собр. Сочинений. -Т.2., -С.161.

## ДУРНАМОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ТАВАССУТИ ФАРҲАНГИ ЭТНОПЕДАГОГӢ

Дар мақола аҳаммияти тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар асоси донишҳои этнопедагогӣ баррасӣ гардидааст. Ҳар як халқ анъанаҳои миллӣ, расму оин, урфу одат ва эҷодиёти шифоҳии худро дорад, ки барои тарбиятдиҳанда ва тарбиятгирандагон воситаи муҳимми тарбияи ахлоқӣ мебошанд. Фарҳанги этнопедагогии ҳар як миллат на танҳо ҳамчун таҷрибаи таърихию фарҳангӣ, балки ҳамчун ганҷинаи маънавие, ки ба воситаи он дар бораи халқ баҳо додан мумкин аст, барои дигар халқҳо аҳаммияти муҳим дорад. Дар мақола қайд шудааст, ки мардуми тоҷик аз арзишҳои фарҳанги этникӣ, дастовардҳои илми педагогӣ истифода мебаранд, ки бидуни онҳо таҳсилоти муосирро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ва ҳам аслии маънавию ахлоқӣ ба роҳ монда шуда, татбиқи он дар раванди таълиму тарбия натиҷаи мусбат медиҳад ва ба ташаккули шахсияти комил мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, муаллифон ба хулосае меоянд, ки ахлоқ ва маънавият, ғояҳои инсондӯстӣ ва зебоишиносӣ, намунаҳои қаҳрамонӣ, далерӣ, ҷасорат, меҳнатдӯстӣ, камолоти ҷисмонӣ дар байни халқ бо зарбулмасалу мақолҳо, сурудҳо, афсонаҳо, ривоятҳо ва эпосҳо ифода мешаванд.

**Калидвожаҳо:** ахлоқ, тарбия, анъана, педагогикаи мардумӣ, зарбулмасалу мақол, расму оин, дурнамо, фарҳанг.

## ПЕРСПЕКТИВЫ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ ПОСРЕДСТВОМ ЭТНОПЕДАГОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

В статье подчеркивается важность нравственного воспитания учащихся на основе этнопедагогических знаний. Каждый народ имеет свои национальные традиции, обряды, обычаи и устное творчество, что является важным средством нравственного воспитания молодёжи. Этнопедагогическая культура каждого народа представляет собой не только историко-культурный опыт, но и духовную сокровищницу, по которым можно судить о нации. В статье отмечается, что таджикский народ использует ценности этнической культуры, достижения педагогической науки, без которых невозможно представить современное образование. Этнопедагогическая культура таджикского народа создается на основе общечеловеческих и самобытных духовно-нравственных ценностей, а ее применение в процессе воспитания и обучения дает положительные результаты и способствует формированию целостной личности. С этой точки зрения авторы приходят к выводу, что нравственность и духовность, представления о человеколюбии и эстетике, примеры героизма, мужества, отваги, трудолюбия, физической зрелости в народе выражаются пословицами и поговорками, песнями, легендами, былинами.

**Ключевые слова***:* нравственность, воспитание, традиция, народная педагогика, пословицы и поговорки, обряды, перспектива, культура.

## PROSPECTS FOR INCREASING THE LEVEL OF MORAL EDUCATION OF YOUTH THROUGH ETHNO-PEDAGOGICAL CULTURE

The article emphasizes the importance of moral education of students on the basis of ethnopedagogical knowledge. Each nation has its own national traditions, rituals, customs and oral art, which is an important means of moral education of youth. The ethno-pedagogical culture of each nation is not only a historical and cultural experience, but also a spiritual treasury by which one can judge a nation. The article notes that the Tajik people use the values of ethnic culture, the achievements of pedagogical science, without which it is impossible to imagine modern education. The ethnopedagogical culture of the Tajik people is created on the basis of universal and original spiritual and moral values, and its application in the process of education and training gives positive results and contributes to the formation of an integral personality. From this point of view, the author comes to the conclusion that morality and spirituality, ideas about philanthropy and aesthetics, examples of heroism, courage, courage, diligence, physical maturity among the people are expressed by proverbs and sayings, songs, legends, epics.

**Key words***:* morality, education, tradition, folk pedagogy, proverbs and sayings, rituals, perspective, culture.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға**: 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
E-mail:**sharofzod1954@mail.ru** Телефон: **(+992)927717870.**
***Ахророва Гулчеҳра Усмоновна***- Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169. E-mail: **g_ahrorova@iet.tj**. Телефон: **(+992)927422565.**

**Сведения об авторах:** ***Шаропов Шавкатджон Ахмадович*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор, кафедра социальной и профессиональной

педагогики. **Адрес**: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова 1.E-mail:**sharofzod1954@mail.ru** Телефон: **(+992)927717870.**
***Ахророва Гулчехра Усмоновна*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес**:735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоили Сомони, 169**.** E-mail: **g_ahrorova@iet.tj**. Телефон: **(+992)927422565.**

**Information about the authors:** ***Sharopov Shavkatjon Akhmadovich*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Department of Social and Professional Pedagogy. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage 1. E-mail: **sharofzod1954@mail.ru** Phone: **(+992)927717870.**
***Ahrorova Gulchehra Usmonovna-*** Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce, candidate of philological sciences, assistant professor, Tajik and Russian Languages Department, **Adress**: 735700, Khujand city,,Republic of Tajikistan, Ismoili Somoni Avenue169**.** E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Phone:(**+992)927422565.**

ТДУ:372.800.4(575.3)

# ҲАДАФ ВА ОМӮЗИШИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

*Азизов А.А., Рузиева М.Д.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар бобати масъалаи густариш ва тақвияти ҳама намуди ҳунарҳои бадеии халқӣ Эмомалӣ Раҳмон дар муқаддимаи китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» чунин нигоштааст: «Мо ҳарчи бештар мероси пурғанои маънавии гузаштаро омӯзем, ҳамон қадар ба насли ояндаи худ ғизои маънавӣ мебахшем. Зеро аз чунин як чашмандози таърихӣ маълум мешавад, ки тамаддуни ориёии мо мисли чашмаи ҷӯшоне будааст, ки аз оби мусаффои он бисёр халқҳои ҷаҳон шодоб гардидаанд» [21, с.3].

Ҳунарҳои бадеии халқи тоҷик фарогири шохаҳои зиёд буда, мунтазам бо хусусиятҳои хосси худ тараққӣ ва рушд карда истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки таърих ва ҳолати ҳунарҳои мардумии тоҷикон аз ҷониби муҳаққиқони рус П.И.Пашино, М.И.Бродовский, А.Д. Гребенкин, А.Ф.Костенко, В.К.Розвадовский, Н.А.Кирпичников, Н.А.Маев, Н.И. Габбин, И.И. Гейер ва дигарон дар нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX мавриди омӯзиш карор гирифтааст [22, с.3].

Дар китобу асарҳои бунёдии В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, А.Ю. Якубовский, А.М. Беленитский, И.П.Петрушевский, Е.М. Пешерева, А.С. Давидов, Н.Н. Ершов, О.А.Сухарева, Б.А.Литвинский инчунин муҳаққиқони ватанӣ Н.О.Турсунов, А.К.Мирбобоев, И.М. Ҷаббаров, Р.Г.Мукминова, Н.Н.Неъматов, Р.Л.Неменова, М.А.Рузиев, Л.Бахтоваршоева, Б.Х.Кармишева, С.М.Маҳкамова, Ҳ.Ҷ.Ҷӯразода ва дигарон таҳаввулоти ҳунарҳои миллӣ ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд [22, с.4].

Таҳлили сарчашмаву асарҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар пайдоиш ва густариши ҳунарҳои миллӣ мақом ва мавқеи шаҳрҳои асосии тоҷикнишин Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Истаравшан, Балх, Ҳирот ва ғайра хеле бузург мебошанд. Мардумшинос, муҳаққиқи варзидаи таърихи шаҳрҳои Осиёи Миёна О.А.Сухарева ҳунарҳои миллии тоҷикони Бухороро аз рӯи дараҷаи рушди таърихии ҳунарҳо (истеҳсолоти хонагӣ, истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ аз рӯйи фармоиш, косибӣ ва мануфактура), аз рӯйи дараҷаи техникаву коркарди маснуот, аз рӯйи объекти фаъолият ва вобаста ба маҳсулоти истеҳсолшаванда муқаррар намудааст. Н.О.Турсунов бошад, таснифоти пешаву ҳунарҳоро аз рӯйи ҷойи фаъолият, тарзи коркард, аҳаммияти он дар соҳаҳои иқтисодиёту фарҳанги маҳал амалӣ намудааст.

Ковишҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки матоъҳои кадимтарини пахтагӣ ва пашмин дар водии Фарғона (нимаи 2-юми ҳазорсолаи то милод) дар наздикии Исфара ёфт шудаанд. Дар экспедитсияе, ки бо роҳбарии А.А.Фрейман (1934) доир шуда буд, матоъҳои абрешимии гулдор ва рангкардашуда дарёфт шудааст, ки хеле маълуму машҳур буда, аз технологияи баланди шоҳибофӣ ва коркарди он дарак медиҳад.

Тадқиқоти олимон нишон медиҳад, ки дар асрҳои IV-V истеҳсоли абрешим дар Суғд равнақу ривоҷ ёфтааст. Дар асрҳои V-VI абрешими суғдӣ бо абрешими дигар давлатҳо рақобатпазир буд. Ороиши матоъҳоро мо аз тасвирҳои деворӣи Тупроққаъла (асри III), Балаликтеппа (асри V), хусусан Варахша, Панҷакент мебинем, ки сару либоси тасвиршавандагон рангоранг буда, бо накшу гулҳо зеб дода шудааст. Дар ороиши матоъҳои Осиёи Миёна тасвири паранда, одамон ва ҳайвонотро дидан мумкин аст. Ороиши матоъҳо бо услубҳои “сосонӣ” ва “эронӣ” маъмулу машҳур мебошанд [21, с.106].

Дар Самарқанд истеҳсоли барқут, абрешими парча, намудҳои гуногуни матоъҳои пахтагӣ - карбос ва хелҳои он, фӯта ва саллабандӣ, читҳои якранга ва гулдор дида мешаванд. Дар натиҷаи такмили технологияи бофандагӣ матоъҳои абрешимин, аз қабили дебо - парчаи гулдор, камка – шоҳии ранга, нимабрешими хоро, мисрӣ, банорас, барқути

гули нор, истеҳсол карда мешуданд, ки дар ёддоштҳои Заҳириддини Бобур таъкид шудааст.

Ҳунармандони соҳаи бофандагӣ санъати баланди коркарди ранг доштанд. Ранги матоъҳо аз растаниҳои ҷойдорӣ, решаи дарахтон, баргҳо ва навдаҳо тайёр карда мешуданд, ки бо номҳои рӯён, испарак, пӯсти анор, тухмак, гули хайрӣ ва дигарон маъруф буданд.

Дар охирҳои асри XIX ба технологияи рангуборкунӣ моеи анилин дохил мешавад ва кори ҳунармандонро осон мегардонад. Ранги матоъҳои ба офтоб ва ҷомашӯйӣ тобовар пайдо мешавад.

Дар асри XIX бофандагӣ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Намангон, Марғелон, Шаҳрисабз, Хуҷанд, Қаротоғ хеле нашъунамо меёбад. Дар натиҷаи равобити тиҷоратӣ бо Русия ва сохтмони роҳи оҳани назди Каспий ва Тошканд савдои беруна хеле авҷ мегирад ва истеҳсоли соҳаи бофандагӣ торафт васеъ мешавад.

Тадқиқоти олимон А.Вамбери (1865), М.Бекчурин (1872) нишон додааст, ки дар баробари матоъҳои пахтагӣ, карбос, матоъҳои нимабрешимӣ ва абрешимӣ истеҳсол мешуданд [20].

Масалан, карбос дар намудҳои карбоси сафед ва малла, солори булӯр, хоса, қаламӣ, алоча, алочаи қаламӣ, батиси катак, парипашша, ялангдаврон бофта мешуд. Матоъҳои нимабрешимӣ, ба монанди адрас, беқасаб, зирагӣ, парипашша, банорас ва хелҳои беқасаби сидами сабз, сидами зангор, сидами симобӣ, қараалло; матои абрешимӣ чучунча шоҳӣ, шоҳии сафед, шоҳии кумуч, шоҳии товлава, шоҳии сабз, мошӣ ва матоъҳои гуногун барои салла истеҳсол мешуданд. Дар Хуҷанд маҳаллаҳои Подшоҳибофон, Тубохон, Читгарон, Заргарон, Пахтакашон, Наққошон, Қоқибофон, Хосабофон, Тӯпидӯзон, Фӯтабофон, Кудунгарон фаъолият доштанд [21, с.111].

Дар коркарди матоъҳои шоҳигӣ ва пахтагӣ устоҳои шоҳибофи хуҷандӣ, ба монанди Мулло Усмон, Мир Маруфов, К. Ҳусенбоев, Миркомил Мирюнусов, Мирзоҳамид Мирсалимов дар намоиши истеҳсоли матоъҳои ҳунармандон дар шаҳри Петербург иштирок намуда, соҳиби ҷоизаи биринҷӣ гардиданд. 60 навъи гуногуни матои абрешимӣ ва пахтагӣ, 20 намуди абрӣ, 10 намуди беқасаб, адрас, дороӣ, матои пахтагии булур, ялангдаврон, матоъ барои салла ва камарбанд истеҳсол карда мешуд.

Дар Бухоро матои абрешимӣ – шоҳӣ (канус), ки ороишоти бой дошт, хеле машҳур буд. Истеҳсоли матоъҳое, ба монанди, чит, малла, фалга, фӯта дар Самарқанд ба роҳ монда шуда буд.

Дар Истаравшан матоъҳои машҳури тибитӣ барои салла ва миёнбанд ва моҳут аз мӯинаи уштур бофта мешуд. Ҳунармандони читгар ҳунари худро аз насл ба насл чун анъана ба авлоди худ мерос мегузоштанд. Миробиди читгар (Истаравшан), усто Мирсаиди читгар бо фарзандону набераҳои худ, усто Шароф Саидов (1918) набераҳо Мирамин (1956), Азим, Мирмаъруф Саидовҳо намунаи он мебошанд. Усто Ниёзӣ читгарии Канибодомӣ аз қабили онҳо буда, дар инкишофи ҳунари читгарӣ саҳм гузоштаанд [21, с.112].

Ҳунармандони асбобсоз - чархчиҳо, дукчиҳо, дӯконсозҳо, қолибтарошон, харротон барои саноати ҳунармандии ба меҳнати дастӣ асосёфта, алалхусус истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ, тибитӣ ва пашмини Истаравшан як навъ вазифаи дастгоҳсозон, муҳайёкунандагони техникаи ҳунармандонро иҷро мекарданд, ки он бо номи «дӯкони мошина», дастгоҳҳои наддофӣ, шерозбофӣ, ҷиҳакбофӣ, мӯйтобӣ барин намунаҳои техникаи халқиро месохтанд.

Шумораи зиёди устоҳои дукгар ё худ дукчӣ дар се гузари Сорбон мезистанд. Аз ҷумла, усто Бобоҷон ва усто Азимбой аз Сорбони Қазоқон, усто Мамадкарим, усто Ҷӯра бобо аз Сорбони поён, усто Олимбой, усто Ортуқ бобо, усто Малла бобо, усто Тош бобо аз Сорбони заргарон буданд. Усто Оғолуқ Аваз ва усто Носирбой, инчунин тамоми аҳли ҳунари ноҳияи Ғончиро бо дук, чарх, ҳаллоҷӣ ва дигар дастгоҳҳои бофандагӣ таъмин менамуданд. Таъкид кардан равост, ки аксари дукчигарҳо дар айни ҳол устодони забардасти созандаи асбобҳои мусиқии халқӣ, алалхусус дутор, танбур, ғиҷҷак буданд.

Усто Расул аз деҳаи Қалъаи Дӯсти Чор Басманда дар дуторсозӣ ном баровaрда буд [6, с.166].

Дар Тоҷикистон иншооти бузурги бофандагии шаҳри Хуҷанд, фабрикаи бофандагӣ ва ресандагии шаҳри Душанбе ва филиалҳои он дар истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ ва пахтагӣ ҷойи намоёнро ишғол мекарданд.

Дар комбинати шоҳибофии Хуҷанд матоъҳои миллӣ ва аврупоӣ- духоба, крепдешин, "Камзӯл", "Элегия", "Мечта", "Суғдиён", "Шан-Ҷан", "Сапфир" ва ғ., ки ба тамоми ҷумҳурияҳои шуравӣ, Шарқи Дур ва Сибир ба фурӯш бароварда мешуданд, истеҳсол мешуданд.

Дар Хуҷанд истеҳсоли атласҳои "Хосиятхон", "Гули намошом", "Хонатлас", "Барги карам", "Бодом," "Дарахт", "Фарғонанусха", "Тоҳир ва Зӯҳро", "Кремл", "Спутник" ва "Ситора" ба роҳ монда шуда буд. Дар ороиши матоъҳо аз нақшҳои ислимӣ, гиреҳӣ ва зооморфӣ истифода бурда мешуданд [21, с.113].

Ҳунарҳои мардумии тоҷикон ба соҳаҳои мухталиф, аз қабили бофандагӣ (истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ - карбосу алоча, қаламӣ, хоса, дока, чит; абрешимӣ - атласу адрас, беқасаб, банорас, шоҳӣ, дороӣ; пашмӣ - рағза, босма, тибитӣ, қатма); ресандагӣ, кулолгарӣ, коркарди фулузот (оҳангарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, сӯзангарӣ, кордсозӣ, рехтагарӣ), даббоғӣ, чӯбтарошӣ, кандакорӣ, наққошӣ ва ғайра тақсим мешаванд.

Яке аз намудҳои ҳунармандӣ бофандагӣ маҳсуб меёбад. Бофандагӣ яке аз касбҳои суннатии халқи тоҷик буда, дар шаҳру навоҳии тоҷикнишини Осиёи Марказӣ аз замонҳои қадим маъмул буд. Бофандагон тавассути олоти кории худ - ҳаллоҷӣ, чарх, дӯкон ва ғайра асосан, аз ресмонҳои пахтагин, абрешимӣ, пашмин, канабӣ ва зағирпоягӣ матоъҳои гуногун мебофтанд. Ҳар як матоъ аз бофтаҳои амудиву уфуқӣ - тору пуд иборат мебошад. Тайёр кардани тору пуд аз амалҳои нахпечонӣ, тортанӣ, оҳардиҳӣ ва фарққушоӣ иборат аст. Торро дар дастгоҳ ё дукон таранг мебанданд ва пудҳоро аз байни риштаҳо бо як тартиби муайян гузаронида, устувор мекунанд. Ҳангоми бо тартиби гуногуни бофтани тору пуд матоъҳои ҳархела тавассути бофтан бо риштаҳои рангҳояшон мухталиф нақшҳои рах-рах, катак ва гулдору суратдор ба вуҷуд меоянд [12, с.7].

Карбос матои сафеди ҳамвор буд, ки аз он либоси занона, куртаву шалвори мардона медӯхтанд. Карбосро инчунин барои миёнбанд, дастор, пайтоба ва ғайра низ истифода мебурданд.

Карбос- яке аз намуди матои пахтагӣ маҳсуб меёбад. Матои мазкурро қариб дар тамоми шаҳрҳо ва деҳаҳои Осиёи Миёна истеҳсол мекарданд. Инчунин, дар Афғонистон низ карбосбофӣ мавҷуд буд [1, с.192].

Ҳанӯз дар асри XIX мувофиқи маълумоти Н.Турсунов, карбосро истеҳсол мекарданд. Матои мазкур аз 5 банд, яъне 1000 ришта иборат буд, ки онро панҷӣ меномиданд. Агар банд аз 200 ришта иборат бошад, дубанда, аз 250 ришта иборат бошад, дурбанда меномиданд. Солҳои 60-уми асри XIX карбоси асосаш дубанда истеҳсол мешуд. Матои тайёрро бо болғачаи ороишӣ мезаданд [22, с.25].

Кори мазкурро худи бофанда анҷом медод. Чуноне ки дар боло ишора рафт, карбос аз рангҳои сафед ва малла иборат буд. Дар муқоиса аз Хуҷанд, дар Дарвоз бештар карбоси малларо истеҳсол мекарданд. Бо рангубори он мутахассисони махсус, яъне рангуборчиён машғул мешуданд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи амалиёти зерин карбоси пахтагӣ барои ҷомадӯзӣ омода мешуд.

Дар китобҳои дарсӣ аз фанни "Технология" (таълими меҳнат барои духтарон) барои синфҳои 5-ум ва 6-ум (муаллифон М.Д. Рӯзиева (Даврони), М.Н. Алиева, Р.Рустамова, К.Обидова.) – Душанбе, 2022. – 192 с., нашри сеюм)), инчунин дар дастури таълимӣ "Роҳнамо барои омӯзгорон" фанни "Технология" (таълими меҳнат барои духтарон) барои синфҳои 5-ум ва 6-ум (муаллифон М.Д.Рӯзиева, М.Н. Алиева – Душанбе, 2017. – 180 с.), муаллифон саъю кӯшиш кардаанд, ки бо ёрии расмҳо, матнҳои мухталиф, корҳои амалӣ, истифодаи методҳои интерактивӣ оид ба муносибати салоҳиятнокӣ дар раванди таълим ва дигар намудҳои адабиёти бадеӣ хонандагонро бо нозукиҳои касбҳои бофандагӣ ва ихтисосҳое, ки дар ин соҳа машғуланд инчунин истеҳсоли навъи нахҳо ва матоъҳои

пахтагӣ, абрешимӣ ва ҳунарҳои миллӣ, ба монанди: калобаресӣ, ресандагию пилларесӣ шинос намоянд, масалан касби бофандагӣ инчунин доир ба ҳунарҳои бофандагӣ, раванди истеҳсоли навъи матоъҳо, ҳунар ва касбӣ ресандагӣ, сафедкунӣ, рангдиҳӣ, нақшпартоӣ, сифатҳои муҳимми касби бофандагӣ ва ғайра дар саҳифаҳои 70 то 76 чунин омодааст: "Дар истеҳсоли бофандагӣ сифатҳои муҳимми касби бофандагӣ ба назар гирифта мешаванд: бодиққатӣ, чолокии дастон, покизакорӣ, маҳорати дастӣ, пуртоқатии ҷисмонӣ, чашмони тез, эҷодкорӣ, нававарӣ, таҳаммулпазирӣ, аз ҷиҳати квалификатсия ихтисосманд бошад. Бо баробари талаботу вазифаҳо касби бофандагӣ инчунин маҳдудиятҳои тиббиро низ дорад: бемории узвҳои ҳаракат; бемории ирсии дил; бемории буғумҳо; варами рагҳо; бемории чашм; бемории бехудшавӣ, беморӣ ва ё нуқсон дар даст, ангуштон ва пой" [14, с.76].

Инчунин, дар китобҳои дарсӣ аз фанни "Технология" (таълими меҳнат, синфи 6, барои духтарон) оид ба касбҳо ва ҳунарҳои миллӣ чунин омадаст: "Барои коркарди матоъ касби бофандагӣ фаъолият мебарад. Касби бофандагӣ яке аз касбҳои масъулиятнок ва пуршараф мебошад. Он баробари тараққиёти илму техника ҳам мукаммал гашта истодааст. Асоси кори касби бофандагӣ бо даст ҳис кардани ресмонҳо дар дастгоҳи бофандагӣ ва истеҳсоли матои гуногун аст. Касби бофанда бодиққатӣ, пуртоқатӣ, маҳорати дар ҳолати мушкил худро гум накардан, асаби ором ва мустаҳкамро талаб менамояд. Инчунин, шахси бофанда бояд инсони эҷодкору навовар, зебоипараст, тозаю озодакор, меҳнатдӯсту масъулиятнок бошад. Бофанда дониши хуб дошта, оид ба технологияи бофиши матоъ, хусусияти он маълумоти пурра доштанаш лозим аст. Агар бофанда хусусияти технологӣ ва коркарди ҳосил кардани матоъро донад, матоъҳои ҳосилшуда бо сифати баланд ба даст оварда мешавад.

Касби бофандагиро дар худи корхона бо омӯзиши хусусӣ ё бригадавӣ аз худ кардан мумкин аст. Ба коргарони оянда мутахассисони ботаҷрибаи корхона вобаста карда мешавад. Касби бофандагиро дар омӯзишгоҳи касбию техникӣ низ аз худ намудан мумкин аст. Барои он ки омӯзишгоҳҳо бо корхонаҳо алоқаи зич дошта, аз тараққиёти онҳо ҷудонопазиранд. Дар омӯзишгоҳ касбҳои ресанда, бофанда, ёрдамчии устои ресандаю бофанда, рангурезу гулпарто механикон ва ғайра тайёр мекунанд. Барои соҳиб шудан ба касби бофандагӣ бояд дониши хуб аз фаннҳои химия, физика, биология, нақшакашӣ, математика, технология (таълими меҳнат) ва ғайра ба бофанда дар раванди кор кумаки калон мерасонад" [15].

Дар заминаи андешаҳои болозикр хулоса баровардан мункин аст, ки тоҷикон дар мақоми миллати саноатӣ, шаҳрдор ва эҷодкор дар офариниши мероси бузурги тамаддуни башарият саҳми босазо гузоштанд. Аз ҷумла, халқи тоҷик кошиф ва ихтироъкори абрешим, матоъҳои абрешимин, минҷумла атласи оламшумул ҳамчун яке аз рукнҳои арзиши бебаҳои миллӣ дар ҷаридаи олам шуҳрат ёфтанд.

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам карда, насли наврасу ҷавонро дар руҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст. Онҳо бояд шахсони соҳибмаърифат, бофарҳанг, мутамаддин, эҷодкор, номбардори миллати қадима ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Вавилов Н.И. Земледельческий Афганистан Составлен по материалам экспедиции государственного Института Опытной Агрономии и всесоюзного Института прикладной Ботаники в Афганистане. Все Института Прикладной Ботаники и новых культур при СНК. ССР. И Государственного Института опытной Агрономии НКЗ. РСФСР / Н.И.Вавилов, Д.Д. Букинич. - Ленинград, 1929. -318с.
2. Гребенкин А.Д. Ремесленная деятельность таджиков Зеравшанского округа / А.Д. Гребенкин // Материалы для статистики Туркестанского края. Ежегодник. - СПб., 1873.
3. Кушакевич А.А. Сведения о Ходжентском уезде. /Записки рус. Имп. Географического общества по общей географии/ А.Д. Гребенкин. - СПб, 1871. -С. 175 - 265.
4. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. - Душанбе: Эр-граф, 2017. - 280 с.
5. Мирбабаев А.К. Историческое наследие Худжанда / А.К. Мирбабаев. Душанбе, 1995.
6. Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан (шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ). -Душанбе: Ирфон, 1992. - 208 с.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 21.12.2021.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.12.2022.
10. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) /Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон- С. 228.
11. Раджабова Д.К. Историческая эволюция народного костюма таджиков (трансформация верхней одежды): дис.канд.наук / Д.К.Раджабова. - Душанбе, 2016.
12. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон (маълумоти мухтасари этнографӣ) / Д.Раҳимов. - Душанбе, 2014.-160 с.
13. Рӯзиев М. Декоротивно-иприкладное искусттво таджиков / М.Рӯзиев. - Душанбе, 2003. -185с.
14. Давронӣ (Рӯзиева) М.Д. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 5–уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри 3-юм / М.Д.Давронӣ (Рӯзиева), М.Алиева, Р.Рустамова, К.Ҳ. Обидова. – Душанбе: Маориф, 2022. - 192с.
15. Давронӣ (Рӯзиева) М.Д. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 6 –уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри 3-юм / М.Д. Давронӣ (Рӯзиева), М. Алиева, Р.Рустамова, К.Ҳ. Обидова. –Душанбе: Маориф, 2022. -192с.
16. Рӯзиева М.Д. Роҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат барои духтарон), барои синфи 5 –ум / М.Д.Рӯзиева, М.Алиева. Душанбе: Маориф, 2017. -180с.
17. Рӯзиева М.Д. Роҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат барои духтарон), барои синфи 6–ум / М.Д.Рӯзиева, М.Алиева. - Душанбе: Маориф, 2017. 180с.
18. Турсунов Н. Деревообделочные ремесла и промыслы Худжанда и его пригородов в конце XIX - начале XX вв./ Н.Турсунов, Д.Исомитдинов. - Худжанд, 2012, - 284с.
19. Турсунов Н. Этнокультурные аспекты использования традиционных ножей у таджиков (в свете данных письменных источников и литературы на русском языке периода Х1-начала XX вв.) / Н. Турсунов // Вестник ТГУПБП. Серия гуманитарных наук. -2014. -№3 (59). -С.165-174.
20. Турсунов Н.О. Из истории городского ремесла современного Таджикистана / Н.О. Турсунов. - Душанбе: Дониш, 1974.- 201с.
21. Ҳасанов С. Таърихи мухтасари ташаккули санъати миллии тоҷикон (китоби дарсӣ) / С. Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.- 124 с.
22. Ҷӯразода Ҷ.Ҳ. Аз таърихи ҳунарҳои мардумӣ / Ҷ.Ҳ. Ҷӯразода, Ҷ.Б.Исомитдинов, И.У. Раҳимов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. - 240 с.

## ҲАДАФ ВА ОМӮЗИШИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

Дар мақола ба яке аз мавзӯҳои муҳим оид ба ҳунарҳои мардумии тоҷикон, аз қабили бофандагӣ (истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ - карбосу алоча, қаламӣ, дока, чит; абрешимӣ - атласу адрас, беқасаб, дороӣ; пашмӣ) ва ғайра маълумот оварда шудааст, бахшида шудааст. Ба андешаи муаллифон, дар гузашта техникаи истеҳсоли ҳунарҳо, дар сатҳи паст, содаву номураккаб қарор дошт. Бо вуҷуди ин, ҳунарҳои миллии тоҷикон ба дараҷаи баланди санъати амалӣ расидаанд. Масалан, дар бофандагӣ усулу равандҳои технологии гуногун, ба монанди пиллакашӣ, аштобчигӣ, даврагарӣ, нақшандозӣ, абрабандӣ, теғбандӣ, ишқоркунӣ, рангрезӣ, рангубор, кабудгарӣ ва дигар корҳоро анҷом медоданд. Дар мақола қайд гардидааст, ки, бофандагӣ яке аз касбҳои суннатии халқи тоҷик буда, дар шаҳру навоҳии тоҷикнишини Осиёи Марказӣ аз замонҳои қадим маъмул буд. Бофандагон матоъҳои гуногун мебофтанд. Ҳангоми бо тартиби гуногуни бофтани тору пуд, матоъҳои ҳархела, тавассути бофтан бо риштаҳои рангҳояшон мухталиф нақшҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Устоҳо ин усулро моҳирона истифода бурда, матоъҳои ҷилодору хушнамуд истеҳсол менамуданд.

**Калидвожаҳо:** ҳунар, ҳунармандӣ, ҳунари мардумӣ, касб, касби бофандагӣ, матоъҳо, истеҳсол, истеҳсоли матоъ, эҷодкор, бодиққат, технология.

## ЦЕЛИ И ЗАДАЧИ ИЗУЧЕНИЯ НАРОДНЫХ РЕМЕСЕЛ НА ЗАНЯТИЯХ ПО ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОЕ ОБУЧЕНИЕ)

В статье представлены сведения об одном из важнейших предметов народных промыслов таджиков, таком как ткачество (производство хлопчатобумажных тканей - карбос алоча, калами, дока, чит; шелковых - атлас и адрас, бекасаб, дорой; шерстяных) и др. По мнению авторов, в прошлом техника ремесленного производства находилась на низком уровне, была простой и бесхитростной. Несмотря на это, национальные ремесла таджиков достигли высокого уровня практического искусства. Например, при ткачестве использовались различные технологические приемы и процессы, такие как коконирование, плетение, прядение, рисование, вышивка, резка, крашение, крашение, крашение, роспись и другие работы. В статье отмечается, что ткачество является одной из традиционных профессий таджикского народа и издревле было популярно в городах и регионах Средней Азии. Ткачи ткут разные ткани. Различные узоры создаются путем переплетения различных видов тканей нитками разного цвета. Мастера умело использовали этот метод и получали блестящие и красивые ткани.

**Ключевые слова**: ремесло, ремесленничество, народный промысел, профессия, ткацкая профессия, ткани, производство, производство тканей, творчество, точность, технология.

## GOALS AND OBJECTIVES OF STUDYING FOLK CRAFTS IN TECHNOLOGY CLASSES (LABOR TRAINING)

The article presents information about one of the most important subjects of Tajik folk crafts, such as weaving (production of cotton fabrics - karbos alocha, kalami, doka, chit; silk - satin and adras, bekasab, dora; woolen) etc. According to the authors, in In the past, craft production techniques were at a low level, simple and unsophisticated. Despite this, the national crafts of Tajiks have reached a high level of practical art. For example, weaving used various techniques and processes such as cocooning, weaving, spinning, drawing, embroidery, cutting, dyeing, dyeing, dyeing, painting and other works. The article notes that weaving is one of the traditional professions of the Tajik people and has been popular since ancient times in the cities and regions of Central Asia. Weavers weave different fabrics. Different patterns are created by weaving different types of fabrics with threads of different colors. Masters skillfully used this method and obtained shiny and beautiful fabrics.

**Key words:** craft, handicraft, folk craft, profession, weaving profession, fabrics, production, fabric production, creativity, precision, technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович***- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи технология ва методикаи таълимӣ они факултети санъати тасвирӣ ва дизайн, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. . **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1

***Рӯзиева Мавлюда Давроновна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи назария ва методикиа тарбияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент . **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1

**Сведения об авторах:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович***- Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кафедра технологи и методики её предподования факултета изобразительного искусства и дизайна, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова 1

***Рузиева Мавлюда Давроновна*** – Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кафедра теории и методики дошкольного воспитания факултета психологии и дошкольного образования, кандидат педогогических наук, доцент. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова 1

**Information about the authors:** ***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich*** - Khujan State University named after academician B. Gafurov, Department of Technology and Methods of its Teaching, Faculty of Fine Arts and Design, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue 1

***Ruzieva Mavlyuda Davronovna*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Department of Theory and Methods of Preschool Education, Faculty of Psychology and Preschool Education, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue 1

ТДУ:372.874

# АҲАММИЯТИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДӢ ДАР ТАҲСИЛ ВА ҲАЁТИ ОЯНДАИ ХОНАНДАГОН

*Дадобоева М.Н,*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Масъалаи ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон кайҳост, ки диққати олимон-педагогонро ба худ ҷалб месозад. То замони муосир мутафаккирон, нависандагон, олимон-тадқиқотчиён нисбати ин масъала корҳои назаррасро иҷро намуда, методҳои гуногунро баҳри хубу босифат гузаронидани дарсҳои ба эҷодкорӣ вобастаро пешниҳод намудаанд.

“Шарафмандтарин, бузургтарин ва маҳбубтарин шахси ҷомеа омӯзгор аст, зеро ӯ чароғи фурӯзони муҳит асту ҳамагонро ба некию накукорӣ, ба ободкорию созандагӣ, ба дӯстию рафоқат ва ба омӯзишу эҷод ҳидоят мекунад” [8, с.148].

Имкониятҳои эҷодӣ новобаста аз синну сол зуҳур мекунад (бачагӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва калонсолӣ), инчунин ҳатто дар синни томактабӣ.

Дар ҳолати охирон эҷодкорӣ то дохилшавӣ ба мактаб мушоҳида гардида, дар оянда барои таълим ва ташаккули ояндаи эҷодиёти хонанда раҳнамун месозад. Ҳамин тариқ, ташаккули қобилияти эҷодии хонанда барои таҳсил ва ҳаёти ояндаи ӯ аҳаммияти муҳим дорад.

Таълиму тарбияи насли наврас яке аз мақсадҳои асосии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат буда, тараққиёти ояндаи ҷомеаро бидуни ҳалли дурусти он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Завқи зебоипарастӣ қобилияти арзёбии чизҳо, падидаҳо, ҳолатҳо аз дидгоҳи сифатҳои зебоипарастӣ мебошад. Он принсипҳои умумӣ, идеалҳои бадеӣ, ақидаҳои инсонро таҷассум менамояд. Завқи зебоипарастӣ метавонад вобаста ба қобилияти фардӣ ба дарки анъанаву оинҳо тобишҳои гуногун бахшад. Муҳим аст, ки завқи зебоипарастӣ зери таъсири асарҳои санъат ташаккул ёбад, ки саршори ғояҳои инсонпарварона буда, орзуву омоли наҷиби инсониятро ифода мекунанд.

Санъати мардумӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии шахсият фаъолона иштирок менамояд, зимни коркарди методикаи тарбияи зебоипарастӣ фаҳмиши амиқи моҳияти он аҳаммият дорад. Хусусияти синнусолии психологиро ба ҳисоб гирифта, сифати инфиродӣ ва психологии хонандаро саҳеҳ баҳогузорӣ накарда, омӯзгор воситаи таъсирбахши педагогиро дуруст интихоб карда наметавонад. Синну соли наврасӣ дар тарбияи ахлоқӣ нисбатан душвортар аст. Дар ин ҷо сифати хайрхоҳонаи омӯзгор, муроҷиати навозишомез ба хонанда ва риояи одоби педагогӣ муносибати мусбати хонандаро бо омӯзгор нигоҳ медорад.

Дар «Фарҳанги забони русӣ»-и С.И.Ожегов мафҳуми «эҷодӣ» чун «эҷод», ҳамчунин «созанда, мустақилона ягон чизи нав, аслӣ офаранда» шарҳ дода шудааст. Мафҳуми «эҷод» бошад, «офариниши арзишҳои фарҳангӣ ва моддии аз лиҳози ният нав» шарҳ ёфтааст [13, с.678].

Тибқи ақидаи Л.С.Виготский, «эҷодиёт танҳо насиби доҳиёне, ки асарҳои бузурги адабӣ таълиф кардаанд, нест. Дар ҳамаи он ҷойҳое, ки инсон тахайюл мекунад, комбинатсия мекунад, ягон чизи нав меофарад, эҷодиёт вуҷуд дорад» [3, с.9].

Саъю кӯшиш ба озодии шахсӣ бояд қоидаи асосии маъниофари ҳар инсон гардад. Эҷодиёт метавонад яке аз роҳҳои худшиносӣ бошад, зеро он ба инсон имкон медиҳад, ки аз доираи ҳаёти ҳамарӯза берун рафта, худро татбиқ намояд. Н.А. Бердяев дар ин бора навиштааст: “... эҷодиёт як ҷӯшу хурӯш ва сууд аст, он аз ҳаёт боло меравад, марзу худудҳоро убур мекунад, ба малакут мерасад... Дар олами эҷодиёт ҳама чиз нисбат ба ҳаёти воқеӣ, нисбат ба таърих ё олами рефлексию таҷаллиҳо ҷолибтар, муҳимтар, асилтар, амиқтар аст” [2, с. 45].

Замони муосир, ки дар он зиндагӣ мекунем, дар назди мактаб вазифа гузоштааст, ки шахсияти озод, эҷодкор, бомаърифат, бомаданият ва фаъол тарбия карда шавад.

Проблемаи актуалӣ масъалаи инкишофи қобилиятҳои эҷодии инсон мебошад. Дар ин бобат мактаб ва оила нақши муҳим мебозанд. Омӯзгор ва волидайн дар ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон ҳиссаи саҳми назаррас. Охир, инкишоф додани қобилияти эҷодии одам, пеш аз ҳама, парваридани муносибати эҷодӣ ба меҳнат мебошад. Мушоҳидаҳои гуногун исбот намудаанд, ки тарбияи зебоипарастии волидайни меҳнатдӯст дар кӯдакон ҳисси меҳнатдӯстии онҳоро бедор сохта, ҳангоми эҷод намудани ҳунарҳои дастӣ қобилияти эҷодкории онҳоро рушд медиҳад. Бо омӯзиши нозукиҳои ин ё он намуди ҳунар, ҳангоми гирифтани маълумотҳои назариявӣ аз муаллими худ, алоқамандгардонӣ ва муқоисакунии методҳои омӯзиши тарафайн дар муҳассилин қобилияти эҷод намудани асари мустақилона пайдо мегардад.

Дар баробари ин, меҳнат ҳамчун манбаи ташаккули фаъолияти маърифатӣ, муносибати мустақилона ба вазифа ҳисоб карда мешавад. Муносибати эҷодӣ ба меҳнат ҳам тарбияи меҳру муҳаббат ба меҳнат ва ҳам майли донистани хислатҳои он мебошад, ки дар навбати худ, онҳоро барои санҷидан ва ноил шудан ба муваффақиятҳо водор мекунад. Дар раванди муносибати эҷодӣ ба меҳнат чунин хислатҳои пурқимат, ба монанди суботкорӣ, кунҷковӣ, мақсаднокӣ, ташаббускорӣ, мустақилӣ, маҳорати интихоб кардани роҳ ва усули беҳтарини кор ташаккул меёбанд, яъне он хислатҳое, ки бе онҳо эҷодкорӣ имконнопазир аст.

Идеяи пешбарандаи педагогӣ инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон мебошад. Дар раванди таълими фан вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд: ҷорӣ намудани донишу малака дар хоҷагӣ, ташаккули донишҳои политехникӣ ва фарҳанги экологӣ, ташаккули мустақилият ва маҳорати ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, фароҳам овардани имконияти худшиносии касбӣ — азму ирода, тарбияи меҳнатдӯстӣ ва маданияти меҳнат, инкишоф додани ҳисси зебоишиносӣ ва ташаббуси бадеӣ.

Дар ибтидои солҳои 80-ум муҳаққиқони шӯравӣ Г.С.Алтшуллер ва И.М.Верткин дар назди худ чунин масъала гузошта буданд, ки инсон барои эҷодкор будан кадом хислатҳоро дошта бошад? Моҳияти ин қарорҳо аз он иборат буд, ки одами эҷодкор бояд хислатҳои аз ҳад зиёд дошта бошад, ки мақсаднок тарбия кардани онҳоро душвор мегардонд. Илова бар ин, бархе аз олимон чунин мавқеъро риоя мекарданд, ки қобилияти эҷодӣ аз падару модар ба фарзандон мерос мондааст ва тарбияи онҳо имконнопазир аст. Барои ҳалли ин масъала Г.С.Алтшуллер ва И.М.Верткин зиёда аз ҳазор тарҷумаи ҳоли шахсиятҳои эҷодкорро таҳлил кардаанд.

Қобилияти эҷодӣ ба қобилиятҳои умумии равонӣ асос меёбад. Зарур нест, ки дараҷаи баланди инкишофи қобилиятҳои интеллектуалӣ қобилиятҳои хуби эҷодиро дар назар дошта бошад. Аз ин рӯ, агар талабагони дараҷаи хонишашон паст ташаббус, эҷодкорӣ нишон диҳанд, ин танҳо дастгирӣ карда мешавад.

Инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон натиҷаи истифодаи унсурҳои эҷодкорӣ дар ташкили раванди таълиму маърифат тавассути кори эҷодӣ, лоиҳаҳо, ҳолатҳои проблемавӣ, бозӣ ва ғайра мебошад. Ин таҷриба ба мо имкон медиҳад, ки меъёрҳои сифатии иҷроишро ба вуҷуд орем: бароҳатии мусбати эмотсионалӣ дар дарс, шавқи баланди маърифатӣ, аксарияти хонандагон метавонанд дониш ва малакаҳои қаблан гирифтаашонро ба вазъияти нав интиқол диҳанд, муносибати мусбӣ ба мавзуъ, муаллим. Ҳар як кӯдак қобилият ва истеъдоди табиӣ дорад. Кӯдакон табиатан кунҷкоб ва хоҳиши омӯхтан доранд. Барои он ки онҳо истеъдоди худро нишон диҳанд, роҳнамоии дуруст лозим аст.

Яке аз воситаҳои ташаккули шавқу ҳаваси наврасон ба тартиб додан ва ба нақша даровардани ҳаётиояндаи худ мебошад, ки ба ин синну сол хос аст. Сабаби ба миён омадани шавқи наврас ба оянда дар он аст, ки вай барои ягон соҳаи илм бештар дониш гирифтан мекӯшад, ки он донишҳо аз барномаи таълимии мактабӣ берун бошад. Бо ин мақсад онҳо ба кофтану хондани адабиётҳои лозимӣ, аз шахсони ба ин фаъолият машғул буда маслиҳатҳо мегиранд ва роҳу воситаҳои аз худ кардани онро меҷӯянд. Барои сохтани қолабҳои ягон хели техника, кашидани расмҳои гуногун, кандакорию наққошӣ ба музей, намоишгоҳҳо рафта, илҳом мегиранд ва бештари вақти холии худро ба он сарф мекунанд.

Мустақилона аз худ намудани донишҳо барои худтакмилдиҳии наврас воситаи хеле муҳим мебошад. Гарчанде ки фаъолияти мустақилонаи наврасон ҳоло характери эҷодкорӣ надошта бошад ҳам, барои донистагирӣ ва бою ғанӣ гаштани равандҳои маърифатии онҳо аҳаммияти калон дорад, барои фаъолияти минбаъдаи эҷодии онҳо замина тайёр мекунад [1].

Дар баробари ташаккули шавқу ҳавас ва рағбат дар зери таъсири корҳои таълиму тарбия дар мактаб ва муассисаҳои беруназмактабӣ дар наврасон қобилияти эҷодӣ зина ба зина инкишоф меёбад. Пеш аз ҳама, қобилияти мусиқӣ, бадей-эҷодӣ, адабӣ-бадей мушоҳида карда мешавад.

Агар ба шахс зарур бошад, ки маҷмуи муайяни амалҳоро иҷро кунад, як масъалаи муайянро ҳал кунад, аммо шароити ҳозира ба ӯ дар ҳалли ин масъала имконият намедиҳад ва тамоми таҷрибаи ҷамъовардаи гузашта ягон ҷадвали тайёреро дар бар намегирад, ки барои онҳо мувофиқ бошад, барои пайдо кардани роҳи баромадан аз чунин вазъият, шахс бояд стратегияи нави фаъолиятеро эҷод кунад, ки қаблан надошт, яъне амали эҷодӣ анҷом диҳад. [17, с.20].

Тамоюли материалистӣ дар тафсири қобилиятҳо дар асарҳои файласуфони давраи баъдӣ низ зуҳур ёфт. Фрэнсис Бэкон навишта буд: «Истеъдодҳои модарзод ба монанди... растанӣ ҳастанд ва онҳоро бо ёрии донишҳои илмӣ парвариш кардан лозим аст». Ба ҳамин тариқ, файласуф зарурати бо роҳи муҳайё кардани шароити муайян дидаю дониста ташаккул додани қобилияти организми инкишофёбандаро қайд кардааст [4, с.68].

С.Л.Рубинштейн қоидаи асосии инкишофи қобилиятҳоро бо ҳамин тарз ифода мекунад: «Инкишофи қобилият дар радифи амалишавии имконият сурат мегирад, ки қобилияти як сатҳро ифода менамояд ва барои инкишофи минбаъдаи қобилият дар сатҳи баландтар имконият фароҳам меорад " [15, с.3].

Агар қобилиятҳо бо ҳам алоқаманд бошанд, фаъолият муваффақ хоҳад шуд. Ғайр аз ин, барои фаъолияти бомуваффақияти педагогӣ як “ансамбл”-и том лозим аст. «Мо ибораи «ансамбли хосиятҳоро» истифода мебарем, — менависад А. Г. Ковалев, — зеро мо на ҳамзистии одии хосиятҳоро, балки алоқаи органикии онҳоро бо ҳамдигар, таъсири мутақобилаи онҳоро дар системаи муайяне дар назар дорем, ки дар он баъзеҳо ба нақшаи аввал мебароянд ва роҳбарикунанда мешаванд, дигарон – такягоҳ, сеюмин нақши ёрирасонро мебозанд» [9, с.168].

Дар баробари ин, А.Н.Леонтев чунин мешуморад, ки барои аз худ намудани объектҳое, ки қобилиятҳои инсониро дар ҷараёни инкишофи амалияи ҷамъиятию таърихӣ ташаккул додаанд, фард бояд нисбат ба онҳо фаъолияти фаъол ва мувофиқ анҷом диҳад. Аз худ кардани комёбиҳои рушди ҷамъият, ба қобилиятҳои «худ» табдил додани онҳо ба воситаи одамони дигар, яъне дар раванди муошират сурат мегирад. «Дар ин раванд кӯдак, шахс фаъолияти мувофиқро меомӯзад. Ҳамин тариқ, ин раванд дар вазифаи худ раванди тарбия аст» [11, с.7].

Қобилияти кӯдак ҳар қадар зудтар мушоҳида шавад, ошкор шавад, ҳамон қадар имкони барвақттар оғоз намудани инкишофи мақсадноки онҳо вуҷуд дорад. Дар рафти таҳлили инкишоф ё ташаккули қобилиятҳо ба ақидаҳои гуногун дучор омадан мумкин аст: инкишофи қобилият майли модарзодест, ки кӯдак бо он ба дунё меояд. Дар баробари ин, хосиятҳои ирсии биологии одам қобилиятҳои ӯро муайян намекунанд. Мағзи сар қобилиятҳои муайяни мушаххаси инсониро дар бар намегирад, балки танҳо қобилияти ташаккул додани ин қобилиятҳоро дорад [15, с.652].

Дараҷаи инкишофи қобилиятҳо вобаста аст: 1) аз сифати дониш ва малакаҳои мавҷуда (дуруст ё дурӯғ, мустаҳкам ё ноустувор ва ғайра), аз дараҷаи ба як бутуни ягона пайвастани онҳо; 2) аз тамоюли табиии шахс, сифати механизмҳои асабии модарзодии фаъолияти равонии элементарӣ; 3) аз каму беш «тамрин»-и худи сохторҳои майна, ки дар амалисозии равандҳои маърифатию психомоторӣ иштирок мекунанд [5, с.42].

Маҳорати касбие, ки шахс ба даст меорад, на танҳо сифати фаъолияти меҳнатии ӯро муайян мекунад, балки ба зуҳури қобилиятҳои эҷодии ӯ низ мусоидат мекунад. «Қобилияти меҳнатӣ асоси ҳар таълимот аст», гуфта буд И. Е. Репин. «Ташаккули

маҳорат ба маҳорат вобаста аст. Сохтори он дар баробари донишу малака тафаккури эҷодиро дар бар мегирад ва асоси фаъолияти эҷодиро ҳамчун дараҷаи олии фаъолият дар асоси тафаккури равонӣ ташкил медиҳад» [6, с.221].

Доштани "моликият" дар одамон ҳисси масъулиятро ба он ташаккул медиҳад ва ба ташаккули тафаккури мустақил мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, волидон бояд ба кафолати дахлнопазирии моликияти хусусӣ эҳтиром гузоранд. Он чизе, ки ба кӯдак тааллуқ дорад, метавонад танҳо аз ҷониби ӯ идора карда шавад [12, с.42].

Инкишофи эҷодии хонандагон танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар барои онҳо шароит фароҳам оварда шавад, ки ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат мекунад, дар айни замон рушди бомуваффақияти қобилиятҳои эҷодӣ ҳангоми ба талаба додани имконияти зиёди озодӣ дар интихоби фаъолият, дар иваз намудани намуди машғулиятҳо ва интихоби усулҳо ифода меёбад.

Вазъи иҷтимоию иқтисодие, ки имрӯз Тоҷикистон дар он қарор дорад, ба назар гирифтани тамоюлҳои рушди ҷомеаи муосирро дар шароити гузариш ба роҳи инноватсионии рушди ҷумҳурӣ тақозо мекунад, ки меъёру талаботи омодасозии захираҳои меҳнатиро хеле зиёд мекунад. Дар назди низоми таҳсилоти олии касбӣ дар шароити кунунӣ вазифаи муҳимми стратегии тайёр кардани мутахассисоне гузошта шудааст, ки дар шароити доимо тағйирёбанда қобилияти рушди минбаъдаи мустақилият ва маҳорати касбӣ ва дорои салоҳияти касбӣ мебошанд.

Бинобар ин, вазифаи омӯзгорон дар ин ҷода тарбия намудани мутахассисони қобилиятнок аз овони кӯдакӣ то наврасию ҷавонӣ мебошад, ки дар оянда касби худ, дар ҳаёт мавқеи дурустро интихоб карда метавонанд. Дараҷаи эҷодкорӣ ба кормандони оянда имкон медиҳад, ки касби худро озодона инкишоф кунанд, ба ихтироот машғул шаванд, дар соҳаи дизайн кашфиётҳо анҷом диҳанд, то маҳсулоти нав, рақобатпазир ва серталаб дар бозор эҷод кунанд. Албатта, ҳамаи ин дар сурати ба истеҳсолот дохил шудани шахсияти эҷодкор бо тамоми хислатҳои дар боло зикршуда муяссар мешавад.

Ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон дар айни замон хусусияти махсусро касб намудааст. Ба ҷамъият на танҳо шахсони маълумотдоштаи одие, ки чун коргар-иҷрокунанда фаъолият мебаранд, балки мутахассисоне, ки корро тез, хубу босифат, зебо ва эҷодкорона иҷро менамоянд, лозиманд.

Нисбати хонандагони одӣ, роҳҳои ташаккули маҳорати эҷодии онҳо борҳо аз тарафи олимону муҳаққиқони соҳавӣ дида баромада шудаанд. Аммо ба ғайр аз онҳо хонандагоне вомехӯранд, ки талаботи махсус доранд. Исбот карда шудааст, ки бачагони талаботи махсуси таълимидошта низ мисли ҳамсолони муқаррарии худ аз рӯйи қонуниятҳои мавҷуда инкишоф меёбанд. Муносибат бо табиат, шиносоӣ бо асарҳои санъат, маснуоти ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунармандӣ ба шахсияти ташаккулёбанда таъсири мусбӣ мерасонад. Ғайр аз ин, бачагон бояд на танҳо мушоҳидакорони ғайрифаъол, балки боз эҷодкорон дар раванди табдил додани маводҳои табиӣ ба маснуотҳои оличаноб бошанд.

Касе инкор карда наметавонад, ки чи гуна дар ҳаёти инсон нигоҳ доштани таҷрибаҳои андӯхта зарурият дорад, чи гуна онҳо дар роҳи мутобиқшавӣ ба муҳити атроф корро осон мегардонанд.

Виготский Л.С. дуруст қайд менамояд, эҷодиёт ки танҳо ба шахсони алоҳида мансуб нест. Барои исботи ин гуфтаҳо ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки раванди эҷодиёт дар қувваи баланди худ аллакай дар хурдсолӣ зоҳир мегардад. Яке аз масъалаҳои асосии психология ва педагогикаи бачагона – ин масъалаи эҷодиёт, ташаккулёбии он ва моҳияти кори эҷодӣ дар инкишофи умумӣ ва ба камол расидани бачагон аст.

Фаъолияти тасаввуроти эҷодӣ бисёр мафҳуми душвор ва вобаста аз омилҳои гуногун мебошад. Бинобар ин маълум аст, ки ин фаъолият дар кӯдакон ва калонсолон якхела буда наметавонад, зеро ин ҳама омилҳо намудҳои гуногунро дар ҳама давру замони кӯдакӣ ба худ мегиранд. Ана барои ҳамин ҳам дар ҳар як марҳилаи инкишофи кӯдак тасаввуроти эҷодӣ дар шакли махсуси мувофиқ ба дараҷаи инкишоф, ки дар айни ҳол ӯ қарор дорад, кор мекунад.

Ба ҳама маълум аст, ки таҷрибаи ҳаётии кӯдак нисбат ба одами калон заифтар аст, завқи ӯ сода, элементарӣ, муносибати ӯ бо муҳит инчунин он душвориҳо, дақиқият, гуногуншаклиро надорад, ки дар рафтори калонсолон ба мушоҳида мерасад. Ин факторҳои асосиеанд, ки кори тасаввуротро муайян месозанд. Дар раванди инкишофи кӯдакон тасаввурот низ инкишоф ёфта, такмили он баъди ба синни камолот расидани одами калон ба мушоҳида мерасад. Ана барои чӣ маҳсули ҳақиқии тасаввуроти эҷодӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ, ба фантазияи пухта расида мансубанд. Бо меъёри наздикшавӣ ба камолот тасаввуроти эҷодӣ низ пухта мерасад.

Эҷодиёти кӯдак раванди кашфи ҷаҳон аст, фаъолияти ин раванд ба таври беандоза меафзояд, агар бача зарурати амал, таҷассуми нақшаро дар ягон натиҷа ҳис кунад, ҳатто агар аз назари калонсолон бозёфти ҳақиқӣ набошад ҳам. Дар ин ҷо чизи дигар муҳим аст: дар ҷараёни чунин фаъолият шахс, шахси эҷодкоре ба вуҷуд меояд, ки ҳаёт аз ӯ қобилияти эҷод кардани чизи нав, ғайримуқаррарӣ, оригиналро талаб мекунад.

Барои ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ барномаи иҷтимоӣ лозим аст, ки тавассути таълим интиқол меёбад, мураккабтар мегардад ва бо ҳар насли нав инкишоф меёбад. Вай дар кӯдакӣ нақши махсус мебозад. Барои рушди пурраи худ майнаи инсон на танҳо ғизои мувофиқ, балки ҳавасмандкуниро низ талаб мекунад. Ин ҳавасмандкуниро бояд системаи тарбияе ба вуҷуд оварад, ки имкон медиҳад қобилияти эҷодии бачагон сари вақт ва пурра инкишоф ёбад.

Аз ин рӯ, омӯзгорон даъват ба амал оварда мешавад, ки неруи эҷодии насли наврасро бедор ва роҳнамоӣ намуда, майлҳои фардии мактаббачагонро ба таври мақсаднок инкишоф диҳанд, қобилияти эҷодкориро тарбия намоянд. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки ташаббуси эҷодӣ ва мустақилияти талабагон, роҳбари моҳир ва хушмуомила ба коллективи талабагон ва саъю кӯшиши эҷодии ҳар як талаба бошад. Ҳалли ин масъала танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки талабагон ба машғулиятҳое ҷалб карда шаванд, ки шавқу ҳаваси маърифатии мактаббачагон, муносибати фаъолонаи онҳоро ба ҳаёт, майли эҷодкориро бедор мекунанд.

Аҳаммияти ин мавзуъ дар он аст, ки мутахассиси оянда дар раванди омодасозии касбӣ бояд ба шарофати фаъолияти эҷодӣ қобилияти худро мустақилона амалӣ созад. Баръакси таълим, фаъолияти эҷодӣ ба аз худ кардани донишҳои аллакай маълум нигаронида нашудааст. Он ба зуҳури мутахассисиояндаи ҳунари ҳаваскорӣ, худшиносӣ, таҷассуми идеяҳои худ, ки ба эҷоди идеяи нав нигаронида шудааст, мусоидат мекунад[16, с.374].

Тавре доктори илмҳои равоншиносӣ, профессор, академики Академияи маорифи Русия Дубровина И.В. муайян менамояд, эҷодкорӣ ҳамчун қобилиятест, ки шахс тавассути он чизи нав, аслӣ эҷод мекунад [7, с.278].

Доктори илмҳои равоншиносӣ Крутетский В.А. эҷодкориро бо эҷоди чизи нав, бо дарёфти роҳҳои нави иҷрои фаъолиятҳо мепайвандад [10, с.220].

Тафаккури мушаххас, эҷодкорӣ ба одамон ҳам дар муносибатҳо ва ҳам дар кор кумак мекунад, аммо муҳимтар аз ҳама, одамони эҷодкор метавонанд шахсияти худро баён кунанд, ки барои ноил шудан ба муваффақият дар ҳама гуна тиҷорат мусоидат мекунад.

Дар луғати психологӣ мафҳуми эҷодкорӣ чунин маънидод шудааст: «қобилияти эҷодӣ – хусусияти инфиродии сифатҳои шахс, ки муваффақияти иҷрои фаъолиятҳои гуногуни эҷодиро муайян мекунад» [14, с. 332].

Инкишофи қобилияти эҷодӣ, тафаккури эҷодии талабагон дар марҳалаи ҳозира аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Руҳияи доимии эҷодӣ, ташнаи дониш, муҳити ҷустуҷӯйи пурҷӯшу хурӯш ба тарбияи маданияти баланди тафаккури хонандагон мусоидат мекунад. Онҳо дар хонандагон шуур ва фаъолияти ҳақиқӣ, майлу хохиши чизи навро бедор мекунанд.

Ҳамин тариқ, эҷодкорӣ дар такмили шахсияти инсон нақши бузург дорад. Шахсият қувваи пешбаранда ва созандаи маданият, инчунин мақсади асосии ташаккули он

мебошад. Муҳимтарин меъёри огоҳӣ ва маҳсулнокии рушди касбии шахс қобилияти эҷоди ҳаёти касбии ӯ мебошад.

**Муқарриз: Исломов О.А.- д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

## АДАБИЁТ


1. Ахмедов Б. Шавқу ҳавас ва инкишофи қобилияти наврасон https://www.durahshon.tj/fan/view_post.php.id=923
2. Бердяев Н.А. Смысл творчества. Опыт оправдания человека / Н.А. Бердяев. –М.: Просвещение, 1916.-213 с
3. Выготский Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. - М.: Астрель, 2008. -671с.
4. Дадобоева М.Н. Формирование творческих способностей студентов художественно-графического факультета в кружках художественной вышивки: Дисс. … кан. пед.наук / М.Н. Дадобоева.- Москва, 2004. - 152с.
5. Додонов Б. И. Структура и динамика мотивов деятельности / Б. И. Додонов // Вопросы психологии. – 1985. - № 5.
6. Додонов Б. И. Эмоциональные характеристики личности и художественная одаренность. Художественное творчество / Б. И. Додонов. –Л., 1983. -С. 205.
7. Дубровина И.В. Психология: Учебник для студентов сред. пед. учеб. заведений / И.В. Дубровина и др. – 2-е изд., стереотип. – М.: Издательский центр «Академия», 2002. – 464с.
8. Исоев А.Б. Рӯзгори ибратомӯз / А.Б.Исоев, С.Ҳасанов. – Хуҷанд, 2019, Нури маърифат. -С. 148.
9. Ковалёв А.Г. Психология личности / А.Г. Ковалёв. Изд. 3-е. -М., 1970. –С. 238
10. Крутецкий В.А. Психология: Учеб. для учащихся пед. училищ / В.А Крутецкий. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Просвещение, 1986. – 336 с.
11. Леоньтьев А. Н. Формирование способностей / А. Н. Леоньтьев //Вопросы психологии. -1960. - №1. -С.7.
12. Нематов Л.Х. Педагогические основы экономического воспитания учащихся 5-7 классов на уроках технологии (на материалах школ Согдийской области) – Дисс. … кан. пед.наук / Л.Х.Нематов. – Душанбе, 2014, - 181с.
13. Ожегов С.И. Словарь русского языка/ С.И. Ожегов. Под ред.корр. АН СССР Н.Ю. Шведовой. -М.: Русс. яз., 1988.-750 с.
14. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии: Учеб. для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений / С. А. Смирнов, И. Б. Котова, Е. Н. Шиянов и др.; Под ред. С. А. Смирнова. – 4-е изд., - испр. – М.: Издательский центр «Академия», 2003. – 512 с
15. Рубинштейн С. Л. Проблема способностей и вопросы психологической теории / С. Л. Рубинштейн //Вопросы психологии, 1960. - №3. -С.3.
16. Сайдаматов Ф. Р. Развитие творческих способностей студентов в процессе профессиональной подготовки / Ф. Р. Сайдаматов // Молодой ученый. — 2012. — №8. — С. 374-375.
17. Пушкин В. Н. Эвристика – наука о творческом мышлении / В. Н. Пушкин. - М., 1967. -С.22.


## АҲАММИЯТИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДӢ ДАР ТАҲСИЛ ВА ҲАЁТИ ОЯНДАИ ХОНАНДАГОН


Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои актуалии соҳаи таълиму тарбияи насли наврас -ташаккул додани қобилияти эҷодӣ дар раванди таҳсил ва ҳаётиояндаи онҳо баррасӣ гардидааст. Қайд карда шудааст, ки дар баробари ташаккули шавқу ҳавас ва рағбат дар зери таъсири корҳои таълиму тарбия дар мактаб ва муассисаҳои беруназмактабӣ дар наврасон қобилияти эҷодӣ зина ба зина инкишоф меёбад. Қобилияти кӯдак ҳар қадар зудтар мушоҳида шавад, ошкор шавад, ҳамон қадар имкони барвақттар оғоз намудани инкишофи мақсадноки онҳо вуҷуд дорад. Инчунин, қайд карда шудааст, ки дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии шахсият санъати мардумӣ фаъолона иштирок менамояд, зимни коркарди методикаи тарбияи зебоипарастӣ фаҳмиши амиқи моҳияти он аҳаммият дорад. Хусусияти синнусолии психологиро ба ҳисоб нагирифта, сифати инфиродӣ ва психологии хонандаро саҳеҳ баҳогузорӣ накарда, омӯзгор воситаи таъсирбахши педагогиро дуруст интихоб карда наметавонад.Тибқи андешаи муаллиф, дар ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон мактаб ва оила нақши муҳим мебозад. Омӯзгор ва волидайн дар ин раванд саҳми назаррас мегузоранд, зеро инкишоф додани қобилияти эҷодии одам, пеш аз ҳама, парваридани муносибати эҷодӣ ба меҳнат мебошад. Натиҷаи ташаккул ёфтани қобилияти эҷодӣ дар оянда ба интихоби дурусти касбу ҳунар ва ёфтани мавқеи худ дар ҷомеа раҳнамун месозад.



**Калидвожаҳо***:* метод, таълим, зебоишиносӣ, санъати ороишӣ-амалӣ, маҳорат, қобилият, ташаккул, ҳаёт, фаъолият, насли наврас


## ЗНАЧЕНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ В УЧЕБЕ И В ДАЛЬНЕЙШЕЙ ЖИЗНИ УЧАЩИХСЯ


В данной статье одним из актуальных вопросов в области образования и воспитания подрастающего поколения является формирование творческих способностей в процессе их обучения и дальнейшей жизни. Отмечено, что наряду с формированием увлеченности и энтузиазма под влиянием воспитательной деятельности в школе и внешкольных учреждениях поэтапно развиваются творческие способности подростков. Чем раньше будут замечены, выявлены способности ребенка, тем раньше есть шанс приступить к его целенаправленному развитию. Также отмечается, что народное творчество активно участвует в формировании культуры личной красоты, при разработке методики воспитания красоты важно глубокое понимание ее сущности. Без учета психологических

возрастных особенностей, без точной оценки индивидуально-психологических качеств учащегося педагог не может правильно выбрать эффективное педагогическое средство. По мнению автора, школа и семья играют большую роль в формировании творческих способностей учащихся. Большую роль в этом процессе играют педагоги и родители, ведь развитие творческих способностей человека – это, прежде всего, воспитание творческого отношения к труду. Результат формирования творческих способностей в дальнейшем приводит к правильному выбору профессии и поиску своего положения в обществе.

**Ключевые слова***:* Метод, эстетика, декоративно- прикладное искуство, мастерство, способность, образование, жизнь, деятельность, молодое поколение

**THE IMPORTANCE OF THE FORMATION OF CREATIVE ABILITIES IN STUDIES AND IN THE LATER LIFE OF STUDENTS**

In this article, one of the topical issues in the field of education and upbringing of the younger generation is the formation of creative abilities in the process of their education and later life. It is noted that along with the formation of enthusiasm and enthusiasm, under the influence of educational activities in school and out-of-school institutions, the creative abilities of adolescents gradually develop. The sooner the child's abilities are noticed, revealed, the sooner there is a chance to start his purposeful development.It is also noted that folk art is actively involved in the formation of a culture of personal beauty; when developing a methodology for educating beauty, it is important to deeply understand its essence. Without taking into account the psychological age characteristics, without an accurate assessment of the individual psychological qualities of the student, the teacher cannot correctly choose an effective pedagogical tool.According to the author, the school and the family play a big role in shaping the creative abilities of students. Teachers and parents play an important role in this process, because the development of a person's creative abilities is, first of all, the upbringing of a creative attitude to work. The result of the formation of creative abilities in the future leads to the correct choice of profession and the search for one's position in society.

**Key words***:* Method, aesthetics, arts and crafts, craftsmanship, ability, education, life, activity, young generation

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Дадобоева Муҳарам Наимҷоновна*-,** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, кафедраи технология ва методикаи таълими он, факултети санъати тасвирӣ ва технология. **Суроға**:735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторе:** ***Дадобоева Мухарам Наимджановна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент, кафедра технологии и методики её преподавания, факультет изобразительного искусства и технологии. **Адрес**: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the author:** ***Dadoboeva Muharam Naimjonovna*** **-** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Technology and Methods of Teaching, Faculty of Fine Arts and technology. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage 1.

ТДУ:372.800.4 (575.3)

# ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ

*Табаров Н.С.*

**Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам –Абуҳанифа**

Вазъи имрӯзаи муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷустани роҳҳои нави корӣ ва фаъолияти инноватсиониро тақозо дорад. Ин раванд шахсро дар муҳити интихоби озод, қарор додааст, яъне шахс метавонад, ҳар амалеро, ки боиси пешрафт ва дарёфти донишҳо мегардад, пайгир бошад.

Онҳо барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ ва мақсадҳои худ ба муассисаҳои мазкур меоянд. Муассисаҳои фарҳангие низ ба мушоҳида мерасанд, ки аз сабаби надоштани тамошобин барномаҳои пешбинишуда гузаронида намешаванд. Проблемаи асосии муассисаҳои фарҳангӣ ба ҳамин асос меёбад. Яъне, аз надоштани тамошобин ё мухлис қисмати зиёди муассисаҳои фарҳангӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда наметавонанд.

Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ танҳо дар он сурат тамошобинонро ба худ ҷалб месозад, ки чорабиниҳои омода намудани онҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда бошанд. Рисолати ҳар як муассисаи фарҳангӣ аз он иборат аст, ки бояд макони дӯстдоштаи ҷавонон, вохӯрӣ бо дӯстон, шиносон ва самаранок гузаронидани вақти холӣ бошад. Аз ин лиҳоз, проблемаи номбурда ҳамон вақт роҳи ҳалли худро меёбад, ки агар муассисаҳои фарҳангӣ аз роҳҳову усулҳои муосири фаъолият, яъне рӯ ба фаъолияти инноватсионӣ оранд.

Ба андешаи муҳаққиқ Кнзилова И.Н., «усулҳои инноватсионии идоракуниро ҳамчун усулҳои таъсиррасонии бевосита, инчунин усулҳои ҳавасмандгардоние мешуморем, ки ба тамоми соҳаи фарҳанг таъсир мерасонанд. Усулҳое, ки дар системаи идоракунии соҳаи фарҳанг иқтидори бузурги нановарона доранд, инҳо мебошанд:

- усули барнома-лоиҳа;
- усули амали мутақобилаи ташкилӣ;
- усули навсозии ҳамаи системаҳои идоркунанда» [12, с.14].

Барои он ки фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ҷолибу диданӣ ва тамошобоб бошад, мутахассисони он бояд аз тарзи дурусти фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ бархӯрдор бошанд. Яъне, онҳо аз методҳо, усулҳо, тарзи дурусти фаъолият ва шаклҳои корӣ бамаврид истифода баранд. Методикаи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ такя ба қонуниятҳои педагогӣ ва психологӣ намуда, вазифаҳо ва хусусиятҳои хосси худро дорад [9, с.2].

Мутахассисони муассисаҳои фарҳангиро лозим аст, ки шавқу завқ ва талаботи фарҳангии ташрифоварандагонро омӯхта, дар асоси он чорабиниҳои худро омода созанд. Ёдовар бояд шуд, ки ин раванд эҷодкорона ва дар баъзан маврид инфиродӣ сурат мегирад.

Дар низоми муосири тарбия, ки ба ташаккули арзишҳои ҷавонон нигаронида шудааст, мавқеи асососиро муассисаҳои фарҳангӣ ишғол мекунанд. Ин муассисаҳо барои муоширати ҳамарӯза бо робитаҳои васеи иҷтимоӣ ва интихоби афзалиятҳои гуногуни фароғат имкон фароҳам меоваранд. Муассисаҳои фарҳангӣ як фазои кушоди ҷамъиятӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, рушди неруи эҷодӣ ва қонеъ кардани талаботи фарҳангӣ мебошанд. Муассисаҳои фарҳангии муосир як навъ ҷойи фаъолияти сеюми шахс, яъне байни хона ва кор ба ҳисоб рафта, барои қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ-эстетикии аҳолӣ, хизматрасонии баланди фарҳангӣ ва макони муошипату шиносоӣ шинохта шудаанд.

Ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ ва ташкили фароғати ҷавонон имрӯзҳо актуалӣ буда, аз чунин раванд ояндаи муассисаҳои мазкур ва рушди минбаъдаи онҳо вобастагии калон дорад. Зеро дар марҳилаи имрӯзаи навсозӣ, ки

дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият дида мешаванд, ояндаи ҷомеа аз захираҳои зеҳнӣ-маънавӣ ва шахсони дорои муносибати баланди фарҳангӣ-ахлоқӣ вобаста мебошад.

Асоси пешрафти соҳаҳои фарҳанг ва маориф гузариш ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Ин раванд имконият медиҳад, ки талаботи аҳолӣ ба тарзи дилхоҳ қонеъ гардонида шавад.

Инноватсия – роҳҳои самараноки фаъолият мебошад, ки пештар онҳо истифода нашудаанд.

«…дар ҳар давру замон вобаста ба шароит ва имкон навгониҳо вуҷуд дошта, он аз насл ба насл бо андаке таҷдид интиқол дода мешавад» [11,с.102].

Маънои вожаи инноватсия асосан ворид намудан дар фаъолият тарҳ, нигоҳ ва диди нав мебошад. Дар зери мафҳуми тарҳ, нигоҳ ва диди нав сохтору низоми навро фаҳмидан мумкин аст.

Фаҳмиши сохтор ва низоми нав маънои дигар ҳам дорад, яъне дар ин раванд ба даст овардани сифат ва амали ҷадид низ ба чашм мерасад.

Асосан вожаи инноватсия қариб сад сол қабл дар илмҳои иқтисодӣ пайдо гардида буд. Дар аввали солҳои 30-юми асри гузашта, баъди «депрессияи бузург», ки корхонаҳои Америка рӯ ба рӯ гардида буданд, вожаи инноватсия ба миён омад. Яъне, ба онҳо лозим омад, то роҳҳои нави кориро ҷустуҷӯ намоянд, ки моли худро дар бозор ба фурӯш бароварда тавонанд. Пас аз ин, инноватсия дар солҳои 60-70 дар Европа пайдо гардид. Ширкатҳои бузурги Европа барои талаботи аҳолиро қонеъ гардонидан дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нави корӣ гардиданд. Ҳукумат ҳам асоси пешрафт ва ояндаи худро маҳз дар ворид намудани инноватсия медид.

Маъмулан мафҳуми инноватсия дар охирҳои солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX дар илм ва фаъолияти ҳаррӯза ворид гардида, ин вожа бо калимаҳои «навгонӣ», «навоварӣ» ва «идоракунии нав» дида мешуд.

Ба ақидаи Мамамтова Н.А., навоварӣ (инноватсия) натиҷаи дар амал истифода бурдани идея мебошад. Мақсади инноватсия қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулот, хизматрасонии сатҳи баланд ва сифати он ба шумор меравад, ки дар солҳои пешин дида намешуд [14,с.5].

Мисли дигар соҳаҳои фаъолият инноватсия дар соҳаи фарҳанг ва маориф дар даврони Шуравӣ кам ба назар мерасид. Сабабҳо гуногун ҳам бошанд, аммо сабаби асосӣ ҳамон буд, ки бештари муҳаққиқон ба дастовардҳои педагогони машҳури дунё дастрасӣ ва аз тарзи корию усулҳои пешрафтаи онҳо огаҳӣ надоштанд. Гуфтан нодуруст аст, ки педагогони даврони Шуравӣ роҳҳои нави фаъолиятро ҷустҷӯ намекарданд. Вале монеаҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки муҳит ва фазои онҳоро маҳдуд мекард.

Тағйироти демократии солҳои охир ба педагогҳо ва кормандони муассисаҳои фарҳангӣ шароит муҳайё намуда истодааст, то аз дастовардҳои соҳаи педагогика бархӯрдор гарданд. Тарзи кории мамолики пешрафтаро омӯзанд ва дар таҷрибаи амалии худ мавриди истифода қарор диҳанд.

Паҳншавии раванди инноватсия дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ба он оварда росонид, ки моҳият ва сохтори ин раванд на танҳо дар соҳаи иқтисодиёт, балки дар дигар соҳаҳо, ба мисли идоракунӣ, фарҳанг ва маориф низ мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Дар замони муосир бе истифода аз роҳҳои инноватсионӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда наметавонем.

Фаъолияти инноватсионӣ фаъолияте маҳсуб меёбад, ки самти асосии он ҷустани ашколи нави корӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ мебошад.

Фаъолияти инноватсионӣ гуфта фаъолияти илмӣ, техникӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратиро мегӯянд, ки маҳсулоти навро ба истеъмолкунандагон мерасонад [3,с.23].

Истифодаи фаъолияти эҷодии инноватсионӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ омили пешрафт гардида, бартарияти ин муассисаҳоро нишон медиҳад.

Бартарияти фаъолияти фарҳангӣ ҳамон вақт зоҳир мегардад, ки агар чунин сифатҳои фаъолият амалӣ гарданд:

- фаъолияти озодонаи интихоб, ки омили рушди шахсият мегардад;
- тағйиротҳои куллӣ дар мундариҷа ва шаклҳои фаъолият;

- дастрасии маълумот барои ҳар як иштирокчӣ;
- мутобиқ шудан ба тағйирот.

Фаъолияти инноватсионӣ имконият медиҳад, ки муассисаҳои фарҳангӣ муваффақиятҳои худро нисбати дигар муассисаҳо муайян созанд.

Агар ба таҷрибаи баъзе аз давлатҳои мутараққии дунё назар афканем, шоҳиди он мегардем, ки онҳо бо истифода аз методҳои инноватсионӣ то кадом андоза ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштаанд. Мисол: дар Русия осорхонаи виртуалӣ вуҷуд дорад, ки ба воситаи он шахс метавонад бо фаъолияти осорхона ба тариқи интернет шиносоӣ пайдо намояд. Бояд қайд кард, ки дар Россия миллатҳои гуногун бо урфу одатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Ва ин барнома ё худ осорхонаи виртуалӣ имконият фароҳам меовард, ки шахс аз тамоми паҳлуҳои осорхона бо таври намоиш дидан намояд.

Ҳар сол ба воситаи сомонаи осорхона конференсия вобаста ба санаҳои муҳимми таърихӣ гузаронида мешавад, ки дар он ҳар гуна бозиҳо, викторинаҳо баргузор мегарданд. Дар интернет-конференсия на танҳо шаҳрвандони як маҳалли муайян, балки тамоми шахсони шавқманд метавонанд иштирок намоянд.

Ғайр аз ин, семинарҳо дар мавзуъҳои гуногун таҳия мешаванд, ки баҳри баланд бардоштани савияи дониши иштиродорон нақши калон доранд.

Дар Америка Моллҳо (марказҳои савдо, ки дар он ҷо шахс метавонад ҳам хӯрок хӯрад ва ҳам харид ва ҳам истироҳат намояд) дар ҷомеа мавқеи муайянро касб кардаанд [15].

Дар ин гуна марказҳо шахс метавонад, бо аҳли оила ва дӯстон омада истироҳат намояд ва аз интернет ё утоқҳои махсусгардонидашуда, истироҳати худро ба роҳ монад. Мисли муассисаҳои фарҳангӣ шахс дар интихоби шуғл озод буда, ҳамзамон, истифодабаранда ва офарандаи фарҳанг буда метавонад.

Дар Хитой ҳар сол шумораи осорхонаҳо зиёд гардида истодааст. Дар шароити кунунӣ дар Хитой ба 250 ҳазор нафар 1 осорхона рост меояд. Давлати Хитой нақша дорад, то соли 2020-ум, шумораи осорхонаҳоро зиёда аз 4140 расонад [5].

Нақши осорхонаҳо дар фаъолияти давлатҳои мутамаддин хеле муҳиму назаррас аст. Беҳуда нест, ки тамоми меҳмонону сайёҳоне, ки дохили мамалакат мешаванд, сараввал аз осорхонаҳо ва ҷойҳои таърихӣ дидан менамоянд [8,с.81].

Дар шароити имрӯза ҷорӣ намудани китобҳои электронӣ боиси якбора кам гардидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти нашри китобҳо гардида истодааст. Ин тамоюл мавқеи китобхонаҳоро то андозае танг карда, ташрифоварандагони он ҳам кам шуда истодаанд.

Нуфузи китобхонаҳоро бо чунин роҳҳои инноватсионӣ баланд бардоштан мумкин аст:

- нигоҳдорӣ, хидматрасонӣ ва шуъбаҳои нав. Дафтари хадамоти иттилоотию библиографӣ, синфҳои компютерӣ ва интернетӣ, китобхонаҳои медиавӣ, гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ ба воситаҳои муосири алоқа – телевизиони интерактивӣ – пурсиш, SMS – пурсиш;
- шаклҳои худбаамалбароии хонандагон - фестивалҳо ва озмунҳои эҷодӣ;
-аксияҳо - таблиғ, хайрия, марафон;
- ярмаркаҳои китоб – ҳамкорӣ бо ташкилоти савдои китоб;
- озмунҳои нависандагони маҳаллӣ - беҳтарин китоб барои хонандагон;
- PR-маъракаҳо – тарғибу ташвиқи мавзуъҳои актуалӣ;
- автобусҳои иттилоотӣ - намоиш ва фурӯши китобҳо;
- хизматрасониҳо барои хонандагони китобхона - нусхабардорӣ, сканер, ҳарфчинӣ дар компютер ва тарҳрезии матн, навиштани маълумот дар диск, истифодаи почтаи электронӣ, факс, интиқоли электронии китобҳо аз китобхона.

Бояд гуфт, ки муассисаҳои клубӣ низ аз шаклҳои нави фаъолият имрӯзҳо фаровон истифода менамоянд. Шаклҳои нави инноватсионии фаъолияти клубҳо чунин намудҳои чорабиниҳоро дар бар мегиранд:

- аксияҳои гуногун;
- флешмоб;

- батл;
- тимбилдинг;
- рақсҳои гуногун – брек-данс, хип-хоп, шафел ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки барномаҳои шавқовар, шоу барномаҳо, озмунҳо, ки дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нақши назаррас доранд, торафт мавқеи намоёнро ишғол мекунанд.

Маврид ба зикр аст, ки фаъолияти инноватсионӣ омили рушди муассисаҳои фарҳангӣ гардида, дар ин замина, талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти онҳо ба пуррагӣ қонеъ гардонида мешаванд. Яъне, инноватсия, бешак, дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ тағйироти мусбӣ ворид намуда, омили рушду нумуи муассисаҳои номбурда мегардад. Ба шарофати инноватсия лоиҳаҳо ва барномаҳои муаллифӣ пайдо гардида, гузариш аз ҳолати вазифавӣ ба ҳолати худидоракунӣ мегардад. Дар ин замина, сатҳи корҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва касбияти кормандон батадриҷ баланд мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқ Булавина Д.М., «муҳиммияти барномаҳои муаллифӣ бо шакли универсалӣ ва бо мавҷудияти сохтори равшан сохташудаи он муайян карда мешавад. Истифодаи принсипҳои идоракунии лоиҳа имкон медиҳанд, ки вазифаҳо ва ҳадафҳои пешбинишуда бомуваффақият ҳал карда шаванд» [4,с.13].

Муассисаҳои фарҳангии муосир кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо ташрифоварандагони муассиса ба тариқи озодона муносибат кунанд. Ва дар ин раванд аз усулу шаклҳои гуногуни корӣ, ки аз дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ва соҳаҳои ҳаётӣ ба даст омадаанд, истифода баранд. Ба мисли: фаъолияти аниматсионӣ, интерактивӣ, лоиҳакашӣ ва тарҳрезӣ, иттилоотӣ ва интернетӣ. Шаклҳои фаъолияти бар боло овардашуда равандҳои инноватсионие мебошанд, ки татбиқи онҳо ба рушди муассисаҳои фарҳангӣ замина гузошта, ба замони нав созгор мебошанд. Таъсиси сомонаи муассисаи фарҳангӣ низ яке аз қисматҳои раванди инноватсионӣ ба шумор меравад. Ва муассиса метавонад, ба тариқи он аз рӯйдодҳо, навгониҳо, чорабиниҳо ва нақшаҳои минбаъдаи худ ба аҳолӣ иттилоот диҳад. Инчунин, ба воситаи сомонаи муассиса метавон ба саволҳо ва пешниҳодҳои аҳолӣ ҷавоби мушаххас дод. Яъне, ин як майдони иттилоотӣ ба шумор рафта, ба ин васила ҷалби аҳолӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ низ роҳи ҳалли худро меёбад.

Системаи маориф ва фарҳанг – институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятие мебошанд, ки вазифаи асосии онҳо таълим ва тарбияи шахси худогоҳ, хештаншинос, бофарҳанг, кордон, бомасъулият ва амсоли инҳо мебошанд [1].

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷода, барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ монеаҳои зиёд низ вуҷуд доранд. Ба мисли набудани меъёр ва нишондодҳои ягонаи инноватсия, таҷрибаҳо ва таълифи адабиёт дар ин самт ва амсоли инҳо.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки барои он ки роҳҳои иннвоатсионӣ натиҷаи хуб диҳанд, бояд онҳо идорашаванда бошанд, дар ин замина аз мадди назар дигар вазифаҳои идорашавандаро, ба мисли пешгӯйӣ, банақшагирӣ, ташкил, назорат ва ташхис нодидагирӣ кардан лозим нест.

Тарафи дигари масъала ин аст, ки барои дар амал татбиқ намудани дилхоҳ инноватсия сарчашмаи он нақши муҳим дорад, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, яъне тағйирот дар дохил ё берун аз муҳити фарҳанг ва таълимгоҳ.

Вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон, аз он ҷумла, фарҳанг ва маориф рушди бемайлон дида мешавад. Ин ҳам бошад, аз ҳисоби ворид намудани инноватсия дар фаъолият мебошад. Инсонро дар ин маврид на танҳо иҷрокунанда ва бароҳмонандаи роҳҳои инноватсионӣ, балки эҷодкунандаи шаклҳои нави корӣ дидан мумкин аст. Навоварӣ омили рушд ва баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолият мегардад.

Хушбахтона, бо эълон гардидани солҳҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди муассисаҳои фарҳангӣ, аз он ҷумла, дар деҳот рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст. Таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба соҳаи фарҳанг рӯз аз рӯз бештар ба назар мерасад. Ва беҳуда нагуфтаанд, ки

«Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат аст». Аз ин рӯ, бе рушди фарҳанг, иқтисодиёт ва маориф ягон давлати дунё тараққӣ намекунад.

Барои рушди муассисаҳои фарҳангӣ омилҳое вуҷуд доранд, ки монеаҳо эҷод мекунанд. Ба мисли:

1. Надоштани мутахассисони баландихтисос. Дар шароити кунунӣ сатҳи дониши кормандони муассисаҳои фарҳангӣ хеле паст буда, аз муваффақиятҳо ва роҳҳои нави кории ин соҳа бархӯрдор нестанд. Кормандони соҳа шахсони калонсол мебошанд. Синну соли онҳо аз 50-сола боло буда, аз компютер ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон огаҳӣ надоранд.

2. Базаи моддӣ-техникии заиф. Надоштани нақлиёт, таҷҳизоти барқии тақвияти овоз, компютерҳои ҳозиразамон, сабти овоз ва ғайра. Асосан ин камбудиҳо дар деҳот зиёд ба чашм мерасанд. Бисёри биноҳо кухна ва ба таъмир ниёз доранд. Биноҳои истифодашаванда низ таъмири ҷориро талаб доранд.

3. Тағйирот дар мундариҷа ва амалияи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ. Пас аз солҳои 90-уми асри гузашта дар фаъолияти муассисаҳои мазкур дигаргуниҳо пайдо гардиданд. Чорабиниҳои онҳо хислати оммавӣ пайдо карда, ҷанбаҳои равшаннамоии он дуюминдараҷа гардиданд. Яъне, онҳо чорабиниҳои худро тавре омода месохтанд, ки мардум бештар истироҳат кунанд. Ҷиҳатҳои тарбиявии чорабиниҳо ба эътибор гирифта намешуд.

4. Кам гардидани маҳфилҳо дар муассисаҳои фарҳангӣ. Агар дар солҳои даврони Шуравӣ маҳфилу гурӯҳҳои худфаъолияти бадеӣ зиёд амал мекарданд, пас аз солҳои 90-ум сафи маҳфилҳо кам гардида истода, шумораи иштирокчиёни он ҳам коҳиш ёфтааст.

5. Ҷалб нагардидани табақаи коргар ва ҷавонон ба муассисаҳои фарҳангӣ. Агар ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ назар афканем, мушоҳида мекунем, ки иштирокчиёни ин муассисаҳо асосан кӯдакон, наврасон, хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва пиронсолон мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҷавонон ва табақаи коргар майлу шавқ ва завқи ба ин муассисаҳо омаданро надоранд. Яъне, чорабиниҳои таҳиягардидаи ин муассисаҳо талаботи фарҳангии онҳоро қонеъ гардонида наметавонанд.

Омилҳои дар боло оварда шуда, садди роҳи рушди муассисаҳои фарҳангӣ гарданд ҳам, вале омили дигар ин аст, ки мутахассисон ва кормандони муассисаҳои мазкур бо технологияи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ва роҳҳои инноватсионӣ шинос нестанд. Сатҳи касбияти паст, рақобатпазирӣ карда натавонистан дар баробари муассисаҳои фарҳангии хусусӣ ва дигар омилҳо дар пешрафти муассисаҳои фарҳангӣ монеа эҷод мекунанд.

Хулоса, дар шароити муосири иқтисодӣ муассисаҳои фарҳангӣ ба таҷдиди ҷиддии сохтори фаъолият, ки мутобиқ ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд, эҳтиёҷ доранд. Коркарди технологияҳои пешбурди маҳсулоти иҷтимоӣ, шаклҳои нави ҳамкорӣ бо тамошобинон, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ҷалби фондҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои пулакӣ, аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки самаранокии фаъолияти муассисаҳои номбурдаро тақвият мебахшанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки омили асосии баланд бардоштани нуфузу эътибори муассисаҳои фарҳангӣ ин дар фаъолияти худ истифода намудани роҳҳои инноватсионӣ ва ҷустани шаклҳои нави корӣ мебошад.

**Муқарриз: Худойқулова Қ.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алиева Л. В.Культурологический подход к воспиатнию – ценностная основа и перспектива развития учреждений дополнительного образования детей в системе образования. [Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/kulturologicheskiy-podhod-k-vospitaniyu-tsennostnaya-osnova-i-perspektiva-razvitiya-uchrezhdeniy-dopolnitelnogo-obrazovaniya-detey-v. (Санаи муроҷиат 14-04-2023)
2. Андреева Г.М. Социальная психология: учеб пособие / Г.М. Андреева. -М.: Наука, 1994.-340с.
3. Андреев В. Е. Инновационный менеджмент: учеб. пособие -Яросл. гос. ун-т им. П. Г. Демидова / В. Е. Андреев. – Ярославль: ЯрГУ, 2011. – 160 с.
4. Булавина Д.М. Проектная деятельность в сфере культуры как механизм реализации культурной политики: Автореф. ...канд.пед.наук / Д.М.Булавина. – М., 2007. -24с.

5. Ван В. Диффузия инновация в музейном мире Китая. [Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/diffuziya-innovatsiy-v-muzeynom-mire-kitaya (Санаи муроҷиат 12-04-2023)
6. Воронова, Е.Н. Экономика культуры: учеб пособие / Е.Н. Воронова. -Рязань, 1997. -349с.
7. Ерасов, Б.С. Социальная культурология: учеб пособие / Б.С. Ерасов. - М.: Аспект Пресс, 2000. - 423с.
8. Иброҳимзода З. Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва дастовардҳои он дар замони истиқлолияти давлатӣ // Паёмномаи фарҳанг. Душанбе, 2017. – №2(38). - 127с.
9. Инновационные формы культурно-досуговой деятельности. –Колпашево. – 2017. -25с.
10. Камерон К. Диагностика и изменение организационной культуры: учеб пособие / К. Камерон, Р. Куинн. -СПб.: Питер, 2001. - 647с.
11. Камолова Х. Равандњои инноватсионї дар фаъолияти театрњои шањрњњои Конибодом ва Хуљанд // Паёмномаи фарњанг. -Душанбе, 2017. – №2(38) -127с.
12. Кнзилова И.Н. Формирование инновационных методов управления в сфере культуры: Автореф. ...дисс.канд.пед.наук / И.Н. Кнзилова. –СпБ.:2011. -24с.
13. Круглова, Л.Г. Дефицит культуры: пути преодоления / Л.Г. Круглова. - Л.: Знание, 1990. -453с.
14. Маматова Н.А. Теории инноваций: учеб. пособие / Н.А. Маматова, А.В. Маматов. - Белгород: ИД «Белгород» НИУ «БелГУ», 2017. - 100с
15. Монастырская М.В. Влияние инновационных технологий культурно-досуговой деятельности в условиях торгово-развлекательных центров комплексного типа на досуг населения [Манбаи электронӣ]: https://www.dissercat.com/content/vliyanie-innovatsionnykh-tekhnologii-kulturno-dosugovoi-deyatelnosti-v-usloviyakh-torgovo-ra (Санаи муроҷиат 16-04-2023)

## ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ

Вазъи имрӯзаи муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷустани роҳҳои нави корӣ ва фаъолияти инноватсиониро тақозо дорад. Ин раванд шахсро дар муҳити интихоби озод қарор додааст, яъне шахс метавонад, ҳар амалеро, ки боиси пешрафт ва дарёфти донишҳо мегардад, пайгир бошад. Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ танҳо дар он сурат тамошобинонро ба худ ҷалб месозад, ки чорабиниҳои омода намудани онҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда бошанд. Рисолати ҳар як муассисаи фарҳангӣ аз он иборат аст, ки онҳо бояд макони дӯстдоштаи ҷавонон, вохӯрӣ бо дӯстон, шиносон ва самаранок гузаронидани вақти холӣ бошанд. Аз ин лиҳоз, проблемаи номбурда ҳамон вақт роҳи ҳалли худро меёбад, ки агар муассисаҳои фарҳангӣ аз роҳҳову усулҳои муосири фаъолият истифода намоянд, яъне рӯ ба фаъолияти инноватсионӣ оранд. Муассисаҳои фарҳангии муосир кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо ташрифоварандагони муассиса ба тариқи озодона муносибат кунанд. Ва дар ин раванд аз усулу шаклҳои гуногуни корӣ, ки аз дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ва соҳаҳои ҳаётӣ ба даст омадаанд, истифода баранд. Ба мисли: фаъолияти аниматсионӣ, интерактивӣ, лоиҳакашӣ ва тарҳрезӣ, иттилоотӣ ва интернетӣ. Шаклҳои фаъолияти зикршуда усулҳои инноватсионие мебошанд, ки татбиқи онҳо ба рушди муассисаҳои фарҳангӣ замина мегузорад.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, муассисаҳои фарҳангӣ, ҷавонон, роҳҳо, усулҳо, муносибат, шакл, тамошобинон, ташрифоварандагон, таҳлил, пажуҳиш, ахлоқ, маънавиёт, китобхона, осорхона, фарҳанг, маориф.

## ИННОВАЦИОННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ КУЛЬТУРЫ

Современное состояние учреждений культуры и образования в условиях глобализации требует поиска новых способов работы и инновационной деятельности. Этот процесс помещает человека в среду свободного выбора, то есть человек может следовать любому действию, которое ведет к прогрессу и приобретению знаний.Культурно-развлекательная деятельность привлекает аудиторию только в том случае, если подготовленные мероприятия интересны и доставляют удовольствие. Миссия каждого учреждения культуры – быть любимым местом встречи молодежи с друзьями и знакомыми и эффективного проведения свободного времени. С этой точки зрения указанная проблема будет решена, как только учреждения культуры начнут использовать современные способы и методы деятельности, т.е. перейдут к инновационной деятельности.Современные учреждения культуры стараются свободно общаться с посетителями заведения. И в этом процессе использовать разные методы и формы работы, полученные из других источников информации и полей жизни. Таких как: анимация, интерактив, дизайн, информационная и интернет деятельность. Вышеуказанные формы деятельности являются инновационными процессами, реализация которых закладывает основу для развития учреждений культуры и совместима с новой эпохой.

**Ключевые слова:** инновации, учреждения культуры, молодежь, пути, методы, отношение, форма, аудитория, посетители, анализ, исследование, этика, духовность, библиотека, музей, культура, образование.

## INNOVATIVE ACTIVITY AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF CULTURAL INSTITUTIONS

The current state of cultural and educational institutions in the context of globalization requires the search for new ways of working and innovative activities. This process places a person in an environment of free choice, that is, a person can follow any action that leads to progress and the acquisition of knowledge.Cultural and entertainment activities attract an audience only if the prepared events are interesting and enjoyable. The mission of each cultural institution is to be a favorite place for young people to meet friends and acquaintances and spend their free time effectively. From this point of view, this problem will be solved as soon as cultural institutions begin to use modern methods and methods of activity, i.e.

move on to innovation.Modern cultural institutions try to freely communicate with visitors to the institution. And in this process, use different methods and forms of work obtained from other sources of information and fields of life. Such as: animation, interactive, design, information and Internet activities. The above forms of activity are innovative processes, the implementation of which lays the foundation for the development of cultural institutions and is compatible with the new era.

**Key words:** innovations, cultural institutions, youth, ways, methods, attitude, form, audience, visitors, analysis, research, ethics, spirituality, library, museum, culture, education.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Табаров Нурулло Сафаралиевич* -**Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам –Абуҳанифа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгон. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Шодмони, 58/1.Телефон: **904-03-09-34**

**Сведения об авторе**: ***Табаров Нурулло Сафаралиевич* -** Таджикский *исламский университет* имени Имама Азама – Абуханифы, кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой педагогики и наследия предков. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Шодмони, 58/1. Телефон: **904-03-09-34**

**Information about the author: *Tabarov Nurullo Safaralievich*** - Tajik Islamic University named after Imam Azam - Abukhanifa, candidate of pedagogical sciences, head of the department of pedagogy and ancestral heritage. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Shodmoni street, 58/1. Phone: **904-03-09-34**

ТДУ:372.8 (575.30

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ХУДКОРСОЗИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Саидзода И.М., Давлатов А.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар солҳои охир ба масъалаи худкорсозии иттилоот ва низоми иттилоотии корхонаҳо доимо дучор мешавем. Зеро дар ҷомеаи имрӯза барои самаранок ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба низоми худкор гузаштан тақозои замон аст.

Дар системаи таҳсилот ва идоракунии он, сол то сол ба масъалаи татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим, таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Худкорсозии раванди таълим дар назорат ва корбарии тамоми хизматрасониҳои зинаи таҳсилот муҳим буда, барои расидан ба салоҳиятнокии баланди дониши муҳассилин замина фароҳам меорад.

Бо пешрафт ва рушди техникаҳои ҳисоббарор мо метавонем сифати хизматрасониҳоро дар самти таълим беҳтар намуда, раванди фаъолиятҳои таълимиро якчанд маротиба осон гардонем. Осон намудани хизматрасониҳо аз самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ вобастагӣ дорад.

Масъалаи худкорсозӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна, миёнаи касбӣ ва олӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он фаъолияти муассисаҳои таълимӣ баҳодиҳӣ карда мешавад. Истифодаи барномаҳои худкор дар муассисаҳои таълимӣ, хусусиятҳои функсионалӣ ва сохтори таркибии раванди таълимро муайян менамоянд. Маҳз бо имкониятҳои васеи ин барномаҳо замина фароҳам меояд то сохтори муассисаҳои таълимӣ ва идоракунии онро хуб ба роҳ монем.

Ба масъалаи идоракунӣ ва татбиқи системаи худкор дар раванди таълим аз ҷониби муҳаққиқони зиёди хориҷию ватанӣ корҳои илмӣ нашр шудааст. Масалан, дар ин самт: В.В. Андреев, Н.В. Герова [1], М.А. Бермант, Л.Н. Семёнов, В.Н. Сулитский [3], Т.А. Беляева [2], В.В. Биковский [4], И.М. Варнавина [5], Е.Ю. Василева [6], А.В. Зафиевский [7], П.П. Олейник [8], Ф.С Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода [9], Б.Ф. Файзализода [14], И.М. Саидзода [13] ва дигарон корҳои илмии зиёд нашр намудаанд.

Идора намудани раванди таълим дар низоми худкор, яке аз масъалаҳои асось буда, имрӯз дар соросари олам ба он таваҷҷӯҳ намуда, бо роҳҳои гуногун раванди коргузориҳоро ба роҳ мемонанд. Маҳз бо самаранок истифода намудани низоми худкор, имконияти сари вақт муайян намудани фаъолияти кории муассисаҳои таълимӣ, ба монандӣ: бақайдгирии маҳассилин, пардохти шартнома, баҳогузориҳо, муайянсозии рейтинги илмии муассисаҳо, гардиши электронии ҳуҷҷатгузорӣ ва ғайра арзёбӣ мешавад.

Низоми идоракунии худкор маҷмуи хизматрасониҳои ба ҳам алоқамандро дар бар гирифта, барои расидан ба дастовард ва натиҷаи назаррас аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо ташкил карда мешаванд. Барои хуб ба роҳ мондани раванди таълим, вобаста аз муассиса ва шакли таҳсил дар он низоми худкори мувофиқ таҳия карда мешавад.

Дар раванди худкорсозӣ, бояд тамоми он хизматрасониҳои таълимие, ки дар муассисаҳо ва донишгоҳҳо мавҷуд аст ба инобат гирифта шаванд. Инчунин, ба масъалаи ҳифзи иттилоот дар барномаи таҳияшаванда диққати аввалиндараҷа бояд дода шавад. Зеро дар ҳолати таъмин набудани амнияти иттилоотии низоми худкор эҳтимолияти дигаргунсозии санадҳо пеш омада, боиси нофаҳмӣ ва дигар омилҳои манфӣ мешаванд [12].

Баъд аз таҳлилҳои чандинкаратаи худ, дар масъалаи худкорсозии иттилоот дар раванди таълим В.В. Андреев ва Н.В. Герова [1] ба хулосае омадаанд, ки на ҳамаи низомҳои иттилоотии идоракунии раванди таълим ба стандартҳои ягона мутобиқат мекунанд. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки ҳар як муассиса ва ё донишгоҳ низоми худкорро аз диди худ омода месозад.

Аз ин лиҳоз, қайд менамоем, ки гарчанде тамоми низоми худкори таҳияшудаи раванди таълим гуногуншакл бошанд ҳам, бояд сохтори онҳо масъалаҳои зеринро фарогир бошад:

- ✓ оммафаҳм ва дастрас будан ба тамоми сохторҳои муассисаҳо;
- ✓ эътимоднокӣ дар нигоҳдории иттилоотҳои захирашуда;
- ✓ имконият дар баҳодиҳии сифати таҳсилот;
- ✓ дастрасӣ доштан ба навгониҳои муассисаҳо ва донишгоҳҳо;
- ✓ махзани ягонаи иттилоотии тамоми кормандони муассисаҳо;
- ✓ таҳияи бонки маълумот оид ба дастовардҳои илмии хонандагон дар ҷараёни таълим;
- ✓ бо таври фаврӣ расонидани ёрии аввалияи илмию методӣ (дастрасӣ ба маводҳои таълимӣ, огоҳ шудан аз масъалаҳои баҳсталаби илмӣ);
- ✓ худкорсозии фазои ягонаи иттилоотӣ дар раванди интиқол додани парвандаҳои дохилӣ;
- ✓ дастрасӣ доштан ба тамоми фармону амрҳои дохилӣ ва ғайра [12;13].

Имрӯз, ки дар марҳилаҳои рушдёбии низоми иттилоотӣ қарор дорем, барои таҳия намудани барномаи худкор ҷиҳати ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда, мутахассиси баландихтисос лозим аст. Масалан, агар танҳо системаи иттилоотии раванди сессияи санҷишу имтиҳонии як факултетро барои худкорсозӣ дар алоҳидагӣ тарҳрезӣ намоем, бояд раванди гардиши иттилоот дар намуди амсилаи расми 1 амалӣ шавад.




***Расми 1 – Амсилаи амалишавии раванди имтиҳонҳо***

Амсилаи таҳияшудаи расми 1 имкон медиҳад, то дар асоси он барномаи мукаммалеро ҷиҳати худкорсозии равнади санҷишу имтиҳонҳо таҳия намоем, ки он бо таври фаврӣ дониши хонандагонро нисбати фанни таълимӣ муайян намояд. Аз амсилаи таҳияшуда бармеояд, ки барои худкор сохтани раванди имтиҳонҳо ҳамаи маводҳои лозимӣ ва маълумотҳо ба барнома ворид шуда, коркард карда мешаванд.

Имрӯз барои раванди таълимро худкорсозӣ намудан садҳо нармафзорҳои тайёр таҳия шудаанд, аммо на ҳамаи онҳо талаботи моро қонеъ карда метавонад. Зеро ҳар як муассиса ва ё донишгоҳ дар пешбурди раванди коргузории таълимии худ метод ва талаботҳои идоракунии худро дорад, ки ҳамаи онҳоро аз диди нав мувофиқи талаботҳои мавҷуда тарҳрезӣ намудан лозим аст.

Барномаҳои худкор имкон медиҳанд низоми ягонаи иттилоотии муассисаҳо таъсис дода шавад. Инчунин, ҳама намуди маълумотҳо дар як пойгоҳи додаҳо нигоҳдорӣ шуда, мубодилаи иттилоотии байни зерсохторҳои муассиса ва ё донишгоҳҳо бо ҳам алоқамндӣ пайдо мекунанд.

Худкорсозии низоми иттилоотии муассисаҳои таълимӣ пеш аз ҳама бо мақсади самаранок идора намудани раванди таълим ташкил карда мешаванд. Онҳо имконияти боло бурдани сифати хизматрасониҳои таълимиро муҳайё месозанд.

Агар танҳо масъалаи системаи назоратии сифати таҳсилот худкор карда шавад, он мафҳумҳои зеринро дар бар мегирад:

- ✓ назорати мунтазами меъёрҳои баҳогузорӣ;
- ✓ таҳлили маълумотҳои дар муассисаҳо ҷойдошта ва санҷиши эътимоднокии онҳо;
- ✓ назорати фаъолияти муассисаҳо, донишгоҳҳо, факултет, кафедра, омӯзгорон ва хонандагон;
- ✓ муайянсозии тартиби ташкили кор дар байни сохторҳои муассисаҳо;
- ✓ пешниҳод намудани роҳҳои нав ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ғайра [9;12].

Мафҳумҳои номбаршуда имкон медиҳанд то низоми баҳодиҳии ҳамаи раванди таҳсилот ва салоҳиятнокии дониши муҳассилин арзёбӣ шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди истифодабарии системаҳои худкори муассисаҳои таълимӣ, ду гурӯҳи нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд. Нишондиҳандаҳои умумӣ ва хусусӣ, ки сохтори онҳо дар расми 2 пешниҳод шудаанд.

Дар вобастагӣ аз меъёрҳои муайяни низомиҳои иттилоотии худкор 7 нишондиҳандаи умумӣ ва 5 нишондиҳандаи хусусиро истифода намудан мумкин аст [7].




***Расми 2 – Нишондиҳандаҳои низоми иттилоотии худкори раванди таълим***

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои умумиро барои низомҳои худкори иттилоотии соҳаҳои гуногун истифода намудан мумкин аст. Нишондиҳандаҳои хусусӣ бошанд, дар ҳолатҳои мушаххас вобаста аз талаботи муассисаҳое, ки дар онҳо система татбиқ мешавад, истифода мешаванд.

Раванди идоракунии таълим дар муассиса ва донишгоҳҳо дар шакли бисёрзинагӣ сурат мегирад. Зеро дар идоракунии раванди таълим тамоми ҷузъҳои система ба инобат гирифта шуда, дар шакли мушаххас тарҳрезӣ мешаванд. Ҳангоми дуруст ба роҳ мондани низомҳои иттилоотӣ ва гардиши иттилоот дар раванди таълим имконияти бо таври фаврӣ назорат намудан аз рӯи ҳамаи зинаҳои таҳсилот пеш меояд. Ба монандӣ:

- ✓ назорат ва муайянсозии нақшаҳои таълимӣ бо таври электронӣ;
- ✓ муайянсозӣ ва назорати ҷузъҳои муҳими барномаҳои таълимӣ. Масалан, сарбории омӯзгорон, миқдори кредитҳо, семестрҳо, соатҳои дарсӣ ва ғайра;
- ✓ назорати стандартҳои давлатӣ оид ба таҳсилот;
- ✓ бо таври худкор тақсимоти сарбориҳо;
- ✓ назорати ҷадвалҳои дарсӣ;
- ✓ муайянсозии мутобиқати фанҳо ба ихтисосҳои мавҷуда ва ғайра.

Ҳадафи ягонаи худкорсозии раванди таълим ин осон намудани сарбориҳои зиёдатии таълимӣ мебошад, зеро маҳз тавассути низоми худкор сарбориҳои зиёдатӣ кам гашта, назорати пурраи ҷараёни таълим таъмин мешавад. Низомҳои иттилоотии худкор

имконият медиҳанд то тамоми хонандагон ба маводҳои электронии омӯзишӣ дастрасӣ пайдо намуда, мавзӯъҳои дарсиро амиқтар аз бар намоянд [11].

Масалан, дар тамоми муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тақсимоти сарбориҳо яке аз мушкилоти аввалиндараҷа мебошанд. Ин мушкилотро гарчанде баъзе аз муассисаҳо бо роҳи худкорсозӣ ҳал намуда бошанд ҳам, ин қонеъкунанда нест. Агар масъалаи тақсимоти сарбориҳои таълимӣ ба пуррагӣ дар саросари муассисаҳои ҷумҳурӣ худкор карда шаванд, мушкилоти мавҷуда ҳалли худро меёбад.

Яке аз масъалаҳои дигар ин назорати бевоситаи сарбории омӯзгорон аст. Дар ҳолати ба қайд гирифтани сарбории ҳар як омӯзгор, аз ҷадвали дарсӣ то барномаҳои таълимӣ дар система ин мушкилӣ ҳам ҳал мешавад. Зеро сохторҳои назораткунанда имконият пайдо мекунанд, то аз фаъолияти ҳар як омӯзгор ва рафти иҷрошавии сарбориҳои ӯ маълумоти заруриро аз система пайдо намоянд.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки тавассути низомҳои худкор ва истифодаи самараноки он дар раванди тақсимоти сарбориҳо, кори омӯзгорон хеле осон мегардад. Зеро таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳанд, ки раванди тақсимоти сарбориҳо бо таври анъанавӣ хеле давомнок сурат гирифта, баъзан моҳҳо давом мекунад.

Низоми баҳогузории корҳои мустақилона ҳам яке аз масъалаҳои муҳим мебошад, ки ҳангоми худкорсозӣ ҳалли худро меёбад. Зеро тавассути системаи худкор тамоми супоришҳои иҷрошуда бо таври мушаххас сабт шуда, баҳогузорӣ мешаванд. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки тамоми марҳилаҳои баҳогузорӣ бо таври шафоф сурат гиранд. Хонанда дарк мекунад, ки танҳо бо пешниҳод намудани кори мустақилона, система имкони баҳогузориро ба ӯ медиҳад ва барои ин ҳама вақт кӯшиш менамояд.

Имконияти дигари системаҳои мазкур, ин дастрасии бевоситаи муҳассилин ба маводҳои дарсӣ аст. Дар ҳолати тавассути низом раванди таълимро ба роҳ мондан, омӯзгорро зарур аст, тамоми маводҳои дарсиро дар барнома ҷойгир намояд (маводҳои лекисонӣ, рӯнамоҳои таълимӣ, барномаҳо ва силлабусҳо). Хонанда бо имкониятҳои мавҷудаи барнома пеш аз оғоз шудани машғулиятҳои дарсӣ муайян месозад, ки мавзуи дарсӣ чист ва бояд аз кадом адабиётҳо истифода намояд. Ин раванд боиси он мегардад, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда дар рафти баргузории дарсҳо фаъолона иштирок намоянд.

Ҷорӣ намудани Низомҳои худкор дар раванди таълим тақозои замон аст. Аммо мутаассифона барои ба пуррагӣ ба ин низомҳо гузаштан, донишҳои компютерии тамоми ташкилкунандаҳои зинаҳои таҳсилотро бояд ба инобат гирифт. Ҳолатҳое вомехӯранд, ки қисмати зиёди омӯзгорон аз технологияҳои компютерии навин бехабар буда, дар низоми худкор корро дуруст ба роҳ монда наметавонанд. Ин ҳолат боиси нофаҳмӣ ва эҷод шудани монеаҳо дар раванди таълим мегардад [4;14].

Амсилаҳои тарзи истифодабарии системаҳои худкор гарчанде гуногунсохт бошанд ҳам, мақсади кории онҳо як аст, самаранок ба роҳ мондани раванди таълим.

Агар алгоритми раванди воридсозии маводҳои дарсиро ҳамчун намуна қабул намоем, омӯзгори дарсиро зарур аст, чунин амалҳоро дар ситема иҷро намояд:

1. Воридшавӣ ба мундариҷаи барнома, интихоби фанни таълимӣ ва гурӯҳи дарсӣ;
2. Мутобиқсозии ҷадвали дарсӣ бо соатҳои пешбинишудаи фанни таълимӣ;
3. Тартиб додани барномаи корӣ;
4. Воридсозии маводҳои дарсӣ (бонки лексияҳо, рӯнамоҳо, китобҳои дарсӣ);
5. Тартиб додани рӯйхати корҳои мустақилона барои ҳар як хонанда;
6. Пешниҳоди рӯйхати адабиётҳои иловагӣ оид ба фанни таълимӣ ва ғайра.

Алгоритми воридсозии маводҳои дарсӣ ҳам дар низоми компютерӣ сурат мегирад. Барои дар система ворид намудани маводҳои таълимӣ, омӯзгор бояд донандаи хуби барномаҳои компютерӣ бошад. Яке аз сабабҳои асосии қаноатбахш арзёбӣ нашудани низомҳои худкор маҳз бо қадри кофӣ надоштани донишҳои компютерии омӯзгорон ва хонандагон аст.

***Хулоса***, дар раванди таълим татбиқ намудани низомҳои худкор яке масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, татбиқи самараноки онҳо тақозои замон аст. Дар раванди таҳқиқи

масъалаи мазкур баъзе аз ҷанбаҳои назариявии системаҳои худкорро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додем. Инчуни, дар намуди блокнақша алгоритми амалишавии гардиши иттилоот дар низоми иттилиотии худкори таълимӣ мавриди баррасӣ ва бозбинӣ қарор гирифт.

## АДАБИЁТ


1. Андреев, В. В. Адаптация автоматизированной системы организационного управления учебным процессом на основе анализа управления документацией высшего учебного заведения / В. В. Андреев, Н. В. Герова // Педагогическое образование в России. – 2013 . – № 5. – С. 25-29.
2. Беляева, Т.А. Формирование системы управления качеством труда преподавателя в сфере высшего образования/ Беляева Т.А. // Автореферат дисс. на соискание ученой степени канд. эк. наук: 08.00.05. Краснодар, 2007. – 280с.
3. Бермант, М.А. Математические модели и планирование образования / М. А. Бермант, Л. Н. Семёнов, В. Н. Сулицкий // Центр. эконом. -матем. ин-т – М.: Наука, – 1972. – 112 с.
4. Быковский, В.В. Информационно-аналитическая система университета / Быковский В.В. // Высшее образование в России. – 2010. – № 7. – С. 125-131.
5. Варнавина, И.М. Методические основы мониторинга качества образования в общеобразовательном учреждении / Варнавина И.М. // – Салехард: ЯНОИПКРО, 2006. – 260 с.
6. Васильева, Е.Ю. Подходы к оценке качества деятельности преподавателя вуза / Е.Ю. Васильева // Унив. упр.: практика и анализ. – 2006. – №2. –С.74-78.
7. Зафиевский, А.В. Автоматизация управления учебным процессом в ВУЗе / Зафиевский А.В. // Успехи современного естествознания. – 2010. – №1. – С.115-117.
8. Олейник, П.П. Корпоративные информационные системы: Учебник для вузов. Стандарт третьего поколения / П.П. Олейник. – СПб.: Питер, 2012. – 176 с.
9. Раҳмонзода, З. Ф. Истифодаи методологияи идоракунии умумии сифат (TQM) дар густариши хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ / З. Ф. Раҳмонзода, Ф. С. Комилиён // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-1(95). – Р. 148-152.
10. Саидзода, И.М. Методикаи омӯзиши забонҳои барномасозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ/ Саидзода И.М., Мирзоев С.Ҳ., Ҳайётов Қ.// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. – Душанбе, 2021. –№3-4(7-8). – С.208-214.
11. Саидзода, И. М. Методикаи омӯзиши қисмҳои техникӣ ва барномавии компютер / И. М. Саидзода, Қ. Э. Ҳайётов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – № 1(42). – Р. 111-117.
12. Саидзода, И. М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / И. М. Саидзода, Қ. Э. Ҳайетов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №3. – Р. 293-300.
13. Саидов, И. М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / И. М. Саидов, А. И. Саидҷахфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №1. – Р. 220-227.
14. Файзализода, Б. Ф. Роҳҳои ташкил ва амалигардонии шакли таҳсили фосилавӣ / Б. Ф. Файзализода // Монография, – Бохтар: ҶДММ «Матбаа», 2022. – 194 с.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ХУДКОРСОЗИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ


Мақола ба масъалаи худкорсозии хизматрасониҳои таълимӣ бахшида шуда, дар он ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.Бо пешрафт ва рушди техникаҳои ҳисоббарор мо метавонем сифати хизматрасониҳоро дар самти таълим беҳтар намуда, раванди фаъолияти таълимиро якчанд маротиба осон гардонем. Осон намудани хизматрасониҳо аз самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ вобастагӣ дорад.Дар раванди таълим татбиқ намудани системаҳои худкор яке масъалаҳои муҳим баҳисоб рафта, татбиқи самараноки онҳо тақозои замон аст. Дар раванди таҳқиқи масъала баъзе аз ҷанбаҳои назариявии системаҳои худкорро маврити таҳлил ва омӯзиш қарор додем. Инчуни, дар намуди блокнақша алгоритми амалишавии гардиши иттилоот дар ситемаи иттилиотии таълимӣ мавриди баррасӣ ва бозбинӣ қарор гирифт.



**Важаҳои калидӣ:** иттилоот, худкорсозӣ, раванди таълим, самаранокӣ, салоҳиятнокӣ, барнома, хонанда, таҳсилот, технология.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ АВТОМАТИЗАЦИИ УЧЕБНОГО ПРОЦЕССА


Статья посвящена вопросу автоматизации образовательных услуг, исследованы теоретические аспекты.С прогрессом и развитием компьютерных технологий мы можем улучшить качество услуг в сфере образования и в несколько раз облегчить процесс образовательной деятельности. Упрощение услуг зависит от эффективного использования информационных технологий.В образовательном процессе внедрение автоматических систем считается одним из важнейших вопросов, а их эффективное внедрение актуальной задачей. В процессе исследования проблемы мы решили проанализировать и изучить некоторые теоретические аспекты автоматических систем. Также в виде блок-схемы был разработан и рассмотрен алгоритм реализации информационных потоков в образовательной информационной системе.

**Ключевые слова:** информация, автоматизация, процесс обучения, эффективность, компетентность, программа, обучаемый, обучение, технология.

**THEORETICAL FOUNDATIONS OF EDUCATIONAL PROCESS AUTOMATION**

The article is devoted to the issue of automation of educational services, the theoretical aspects of this issue are investigated.With the progress and development of computer technologies, we can improve the quality of services in the field of education and facilitate the process of educational activities several times. Facilitating services depends on the effective use of information technology.In the educational process, the introduction of automatic systems is considered one of the most important issues, and their effective implementation is an urgent task. In the process of researching the problem, we decided to analyze and study some theoretical aspects of automatic systems. Also, in the form of a block diagram, an algorithm for the implementation of information flows in the educational information system was developed and considered.

**Key words:** information, automation, learning process, efficiency, competence, program, learner, learning, technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидзода Исроил Маҳмад*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент, кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **(+992) 904485555,** E-mail: **isroil-84@list.ru**
***Давлатов Амриддин Иноятуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон**: (+992) 000801010**, E-mail: **d.amriddin.10@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Саидзода Исроил Махмад*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат технических наук, доцент, кафедра информатики. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904485555,** E-mail: isroil-84@list.ru
***Давлатов Амриддин Иноятуллоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра информатики. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 000801010**, E-mail**: d.amriddin.10@gmail.com**
.
**Information about the authors:** ***Saidzoda Isroil Mahmad*** – Tajik National University, Candidate of Technical Sciences, Associate Professor, Department of Computer Science. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) **904485555,** E-mail: **isroil-84@list.ru**
***Davlatov Amriddin Inoyatulloevich*** – Tajik National University, PhD student, Department of Informatics. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. TNU. Phone: **(+992) 000801010,** E-mail: **d.amriddin.10@gmail.com**
.

УДК 372.8+524.33

# ИСТИФОДАИ ДАСТОВАРДҲОИ АСТРОНОМҲОИ ТОҶИК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ. I. ОМӮЗИШИ СИТОРАҲОИ ТАҒЙИРЁБАНДА

***Файзов Ш.Б., Раҳимов Б., Сафаров А.Ғ., Миникулов Н.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Муқаддима.** Астрономия бо талаботи моддии инсоният пайдо гашта, куҳантарин илм ба шумор меравад ва давра ба давра ривоҷ ёфтааст. Астрономияи давраи қадимро мушоҳидаҳо ташкил медоданд, ки асосан навъҳои гуногуни тақвим бо назардошти ҳаракати ҷирмҳои мунир (Офтоб, Моҳ, сайёраҳо ва ситораҳои равшан) дар маҳаллаҳои гуногун аз тарафи олимон татбиқ карда шуда буданд.

Астрономия дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои Осиёи Миёна таърихи қадима дорад. Тасаввуротҳои мардуми қадими сарзамин доир ба Кайҳон дар китоби муқаддаси Авесто оварда шудаанд [1]. Олимони Институти таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ва Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иншооти астрономиеро дар Помири Шарқӣ ошкор намуданд, ки 2500 сол пеш сохта шудааст ва дар ҷаҳони имрӯза ҳамчун Стоунхенҷи Тоҷикистон машҳур аст [2].

Дар замони Сомониён илм, аз он ҷумла таҳқиқоти астрономӣ вусъат ёфт. Аз ҷумла, натиҷаҳои илмии фарзандони миллат Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абдураҳмони Суфӣ, Умари Хайём, Ибни Сино ва дигарон дар ҷаҳон маълуманд. Хизматҳои беҳамтои ин олимон ва пайравони онҳо боис гардиданд, ки баъдтар мактаби машҳури астрономӣ дар шаҳри Самарқанд ташаккул ёбад [3].

**Таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.** Фанни астрономия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун фанни мустақил дар синфи 11-ум ҷорӣ карда шудааст ва доираи мавзуъҳои он ниҳоят маҳдуд аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсей, гимназияҳо, мактабҳои президентӣ ва амсоли инҳо) вобаста ба равияҳо таълими астрономия гуногун ба роҳ монда шудааст. Мавзуъҳои алоҳидаи астрономия аллакай дар синфҳои ибтидоӣ (фанни табиатшиносӣ) таълим дода мешаванд, баъдан дар синфҳои 5-9 мавзуъҳои алоҳида дар фанҳои таърих, ҷуғрофия ва физика ҷорӣ карда шудааст.

Мақсади таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ он аст, ки хонанда бояд доир ба Кайҳони имрӯза тасаввуроти комил дошта бошад. Фарҳанги илмӣ-астрономии ӯ баланд бошад, ҳодисаҳои астрономияро дуруст дарк намуда, онҳоро шарҳ дода тавонад.

Китоби дарсие (“Нуҷум”, муаллифон Ҳ. Маҷидов ва О. Нозимов), ки имрӯзҳо ҳамчун адабиёти асосӣ чи дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, чи дар литсейҳо ва коллеҷҳо истифода мешавад, аз камбудиҳо холӣ нест. Китоб бори охир соли 2008 ба табъ расидааст ва боиси нигаронӣ ҳам ҳаст, чунки то имрӯз дар астрономия кашфиётҳои нав ба нав шуда истодаанд. Муаллифон бояд аз сари нав китобро таҳия кунанд. Баъдан сабаби нигаронӣ дар он аст, ки аксар масъалаҳои дар китоб овардашуда, нодуруст таҳия шудаанд, аз ин рӯ омӯзгор ҳангоми ҳалли масъала бо душворӣ рӯ ба рӯ мешавад, чунки ҷавоби вай ба ҷавоби додашуда дар китоб мувофиқат намекунад. Ногуфта намонад, ки муаллифон мутахассиси самти астрономия нестанд ва хуб мешавад, ки аз ин пас чунин китобҳо аз ҳисоби мутахассисони соҳа таҳия ва ба чоп пешниҳод шавад.

**Оғози тадқиқоти астрономӣ дар Тоҷикистон.** Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 1932 дар пойтахти мамлакат Расадхонаи астрономии Тоҷикистон таъсис ёфт [4].

Масъалаи ташкил намудани Расадхонаи астрономӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ бо омадани экспедитсияи илмӣ аз Донишгоҳи давлатии Ленинград (ДДЛ) соли 1932 оғоз ёфт. Директори ДДЛ профессор С.Г. Натансон, инчунин ходими калони илмии Саррасадхонаи астрономии Академияи илмҳои ИҶШС дар Пулково ва ходими илмӣ Д.О. Мохнач барои омӯзиши иқлими астрономӣ, мавқеъҳои гуногуни Тоҷикистонро омӯхтан, сафарбар карда шуда буданд. Дар асоси ҳисоботи профессор С.Г. Натансон бо қарори Шурои комиссариати халқии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1932 Расадхонаи астрономии

Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки базаи ҷанубии Расадхонаи астрономии Донишгоҳи давлатии Ленинград шуморида мешуд [4,с. 5].

Мақсади асосии Расадхонаи астрономии Тоҷикистон масъалагузории мушоҳидаҳои астрономӣ вобоста ба иқлими Тоҷикистон, мушоҳидаи ситораҳои тағйирёбанда, кометаҳо ва метеорҳо, инчунин бурдани корҳои таблиғотӣ байни мардуми муқимии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани маърифати илмӣ шуморида мешуд. Аллакай дар соли 1933 аз тарафи ДДЛ як қатор асбобҳои илмӣ барои гузаронидани мушоҳидаҳои астрономӣ ҷудо карда шуданд. Баъдан ин иқдомро Институти давлатии астрономии ба номи Штенберги назди Донишгоҳи давлатии Москва давом дод. Аввалин директори Расадхонаи астрономии Тоҷикистон астрономи машҳур – Игор Станиславович Астапович таъин шуда буд [5, с.6].

Шароити ҷуғрофӣ, релеф ва иқлими астрономии Тоҷикистон барои мушоҳидаҳои астрономӣ бениҳоят мувофиқ мебошанд. Барои ҳамин ҳам Шурои астрономии Академияи илмҳои ИҶШС ба чунин қарор омад, ки дар Тоҷикистон яке аз марказҳои рӯизаминии таҳқиқоти кайҳонӣ ташкил карда шавад. Соли 1958 Расадхонаи астрономии Сталинобод ба Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Дар як муддати кӯтоҳ дар Тоҷикистон 3 расадхонаи астрономии муосири Институти астрофизикаи АИ ҶТ (Ҳисор, Санглох ва Помир) ва расадхонаи дигар – Банди оптикию электронии «Норак» барои назорати муҳити атрофизаминии кайҳон сохта шуданд [4, 7, 8].

Институти астрофизикаи АМИТ маркази илми кайҳоншиносӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа дар мамлакат мебошад. Ҳоло дар Институт табиати кометаҳо, астероидҳо, метеорҳо, эффектҳои сейсмоионосферӣ омӯхта мешаванд [8].

**Тавсифи физикии асбобу олотҳои астрономӣ дар Расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон.** Баъд аз ташкил шудани Институти астрофизика се базаи мушоҳидавии замонавӣ сохта шуданд:

1. Расадхонаи астрономии Ҳисор, ки дар масофаи 14 километри самти Ҷанубу Шарқии ш. Душанбе ҷойгир аст. Дар манораҳои он телескопҳои АЗТ - 8 барои мушоҳидаҳои ситораҳои тағйирёбанда ва кометаҳо, астрографи 40-сантиметраи Сейс барои мушоҳидаи сайёраҳо, ситораҳои думдору паррон, рефрактори қутраш 20 см ва астрографи каратӣ, ВАУ (дастгоҳи астрономии фавқулдақиқ, D = 1 м, F = 75 см) барои мушоҳидаи ҳамсафарони сунъии Замин, ситораҳои думдор ва ситораҳои паррон гузошта шудаанд. Дар расадхонаи астрономии Ҳисор яке аз калонтарин нозири метеории аккосӣ гузошта шудааст. Он аз 6 дастгоҳ, ки 16 камераи фарохзовияи МК-75 (F = 75 см, d/F = 1:3,5) ва 24 камераи МК-25-ро (F = 25 см, d/F = 1:2,5) пайваст мекунад, иборат аст. Мушоҳидаҳои метеорҳо ба воситаи камераҳои телевизионӣ ва болидии бо объективи “fish-eye” ҷиҳозонида шуда гузаронида мешавад.

2. Расадхонаи байналхалқии “Санглох”, ки дар масофаи 90-километрии самти ҷанубу шарқии Душанбе ҷойгир аст, соли 1980 сохта шудааст. Вай дар кӯҳи Санглох, ки астроиқлими беҳтаринро дорад, сохта шудааст (ҷадвали 1). Дар ин ҷо телескопи системаи Ричи-Кретйени қутри оинааш 1 метраи бо спектрографи “UAGS”, фотометр-поляриметр, камераи Шмидт (110/150) ҷиҳозонида шуда ва телескопи 60-сантиметраи Карл Сейсс гузошта шудааст.

3. Расадхонаи баландкӯҳи Помир дар баландии 4350 м бо миқдори 250 шабҳои тобон аз сатҳи баҳр дар ҳудуди ноҳияи Мурғоби ВМБК ҷой гирифтааст ва онро “Комплекси астрономии заминии офтобӣ (КАЗО) меноманд. Дар ин ҷо телескопи РТ 700 (бо қутри оинаи 70 см, системаи оптикии Кассегрен) ва телескопи офтобии масофаи фокуси эффективиаш 200 м гузошта шудааст. Миқдори солонаи боришот дар давоми сол ҳамагӣ 100 мм буда, суръати миёнаи шамол дар давоми моҳ қариб 6 м/с аст. Дар ҷадвали 1 характеристикаи асосии астроиқлими расадхонаҳои Институти астрофизика оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Тавсифи физикии расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон**

| Расадхонаҳои астрономӣ | λ, град. | φ, град. | H, M | N, соат | A″ | P |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Санглох | 69, 0 | 38, 2 | 2300 | 1700 | 0, 54 | 0, 78 |
| Помир | 74 | 38 | 4350 | 1820 | 0, 54 | 0, 86 |
| Ҳисор | 68, 6 | 38, 5 | 730 | 1620 | 2, 10 | 0, 72 |

Дар ҷадвал λ - тули ҷуғрофӣ, φ - арзи ҷуғрофӣ, H - баландӣ нисбат ба баҳр, N - миқдори соатҳои шаби соф, A″ - индекси астроиқлим (сифати тасвир), P - коэффитсиенти шаффофияти атмосфера оварда мебошанд.

**Омӯзиши ситораҳои тағйирёбанда дар Тоҷикистон**. Омӯзиши ситораҳои тағйирёбанда дар Тоҷикистон аз таъсисёбии Расадхонаи астрономии Тоҷикистон 13 ноябри соли 1932 оғоз меёбад. Тобистони соли 1933 барои мушоҳидаи ситораҳо аз ДДЛ ба Тоҷикистон В.А Домбровский ва Л.Н. Радлова омаданд. Мушоҳидаи бевоситаи ситораҳои тағйирёбанда дар охири соли 1933 ба омадани профессор В.П. Тсесевич ба Тоҷикистон шуруъ гардид. Тсесевич яке аз машҳуртарин мушоҳидачиёни ситораҳои тағйирёбанда ба шумор мерафт. Ҳангоми омадани ӯ ба Тоҷикистон мушоҳидаҳои доимии ситораҳои тағйирёбанда оғоз ёфт ва “хадамоти Анталголей” шуруъ шуд. Бо Қарори 4-умин конференсияи умумииттифоқӣ мушоҳидаҳои ситораҳои тағйирёбанда ба уҳдаи астрономҳои Тоҷикистон вогузор карда шуд. Дар ин муддат кормандони бастии РАТ аз ҳисоби мушоҳидачиёни касбӣ зиёд мегардид. Аз ҷумла, бо омадани Г.А. Ланге, А.В. Соловёв, С.М. Селиванов мушоҳидаҳои сефидҳои кӯтоҳдавр, метеорҳо ва кометаҳо вусъат ёфтанд.

